ISSN 2075 – 9584

Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТОҶИКИСТОН
ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

ТАДЖИКИСТАН
И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan

TAJIKISTAN
AND CONTEMPORARY WORLD

№ 2 (70) 2020

Душанбе – 2020

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2003 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

Учредитель: Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан
Журнал основан в 2003 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

Founder: Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan
The journal was founded in 2003. The journal is published four times per year.

Главный редактор: ЗИЁЙ Х.М

Редколлегия: *Мухаммадзода П.А., доктор политических наук, М. Диноршоев, доктор философских наук, академик АН Республики Таджикистан, К. Олимов, доктор философских наук, академик АН Республики Таджикистан, Ш. Рахимзода, доктор экономических наук, Курбонов А., доктор философских наук, Р. Нуриддинов, доктор политических наук, Дж.С. Пирзода, доктор экономических наук, профессор, Л.Саидмурадов, доктор экономических наук, профессор, чл.корр. АН Республики Таджикистан, Р.Р. Кудратов, доктор экономических наук, профессор, К.К.Давлатзода, доктор экономических наук, профессор, Хаким А., кандидат политических наук, З. Давлатов (ответственный секретарь),*

Перевод и редактура таджикских текстов: З. Давлатов

Перевод и редактура русских и английских текстов: Т. Мирзоева

Технический редактор: А. Музаффаров

Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони мирӯз”ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2020 таҳти №96 ворид карда шуд. Инчунин маҷалла дар индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад.

Журнал «Таджикистан и современный мир» включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. А также журнал входит в индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 135/МҶ - 97 от 24 июля 2019 года).

Подписной индекс журнала: 77968
Адрес редакции: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 40. Тел: (992 37) 221-11-00, 221-16-36; e-mail: info@mts.tj

МУНДАРИҶА
СИЁСАТШИНОСӢ

МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН,
САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ
НЕРУИ ҲУШМАНД ВА ДУРНАМОИ ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ.....11

НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН
БАЗАИ МАЪЛУМОТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ
ИТТИЛООТӢ-ТАҲЛИЛӢ.....24

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА
ОМИЛҲОИ ХАТАРНОКИ ТАФАККУРИ КЛИПӢБА МАЪРИФАТИ ЗЕҲНӢ.....31

САФА4РАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ
ВОҚЕИЯТҲОИ «НЕРУИ НАРМ»: ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ВА ДУРНАМОИ МУБОРИЗА БО ТАҲДИДҲОИ НАВИ ЗАМОНИ МУОСИР.....39

МУҲАММАД САЪДӢ АБДУРАҲМОН
РАМЗҲОИ СИЁСӢ ҲАМЧУН НИШОНАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОМ ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ.....56

САФАРОВ БАҲРОМ РАҲМАТУЛЛОЕВИЧ
ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ СИЁСӢ: ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ОНҲО ДАР ИЛМ.....62

МИРЗОЗОДА ИБРОҲИМ ХОЛМУРОД
СИЁСАТИ КАДРӢ ДАР НИЗОМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ
ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ АФЗОИШЁБИИ АҲОЛӢ.....70

МИРЗОЕВА ФАРАНГИС БАДРИДДИНОВНА
ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДҲОИ МУХАДИР ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ.....78

ИҚТИСОДИЁТ

ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА
ТАШАККУЛЁБИИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ ТУРИСТӢ-РЕКРЕАТСИОНӢ.....86

ОДИНАЕВ АМИН ИБРОҲИМОВИЧ
ОЯНДАБИНИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……92

ҲАБИБУЛЛОЕВ МУҲРИДДИН ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,
ХОЛИҚОВ ШОҲРУХҶОН АМИРШОЕВИЧ
ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА НИЗОМИ ЭЛЕКТРОНИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....101

АШУРОВ СУБҲОНИДИН БУРҲОНОВИЧ
БА МАСЪАЛАИ ҚУВВАБАРЗИЁДИИ ИҚТИСОДИЁТ.....108

ВАЛИЕВ НИЗОМИДДИН ШАРОБИДДИНОВИЧ
ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР САВДОИ ЧАКАНА.....115

БАРФИЕВ ҚОБИЛҶОН ХУШВАХТОВИЧ,
МИРЗОЕВ САЙАЛИ САЙВАЛИЕВИЧ,
ОДИНАЕВ МЕҲРУБОН АБДУРАҲМОНОВИЧ
ИСТИФОДАИ УСУЛИ ИНДЕКСӢ ДАР ОМӮЗИШИ СОХТОРИ ТАВАЛЛУД.....128

ХОЛМАТОВ МУАЗАМ МУҲАМАДАМИНОВИЧ
ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИИ ТОҶИКИСТОН.....135

ДАВЛАТОВ НАСИМҶОН САИДАҲТАМОВИЧ
БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ХУСУСИГАРДОНИИ АМВОЛИ ДАВЛАТӢВА РУШДИ БАХШИ ХУСУСӢАЗ ТАШАККУЛИ ФАЗОИ МУСОИДИ ФАЗОИ МУСОИДИ СОҲИБКОРИЮ САРМОЯГУЗОРИЮ САРМОЯГУЗОРӢ.....147

ПИРИЗОДА ҶАЛИЛ САФАР,
НЕЪМАТОВ БЕҲРУЗ ИКРОМИДИНОВИЧ
САМТҲОИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ МАМЛАКАТ ДАР ҶОДАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ.....153

РАҲИМОВ НОЗИМҶОН ҚОСИМОВИЧ
БАРОБАРНАМОИИ АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНИ ВОБАСТА БА БУЗУРГИИСАРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР СОХТОРИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ВА ДАРАҶАИ БЕҚУРБШАВИИ АСЪОР.....161

ҚАЮМОВ СУҲРОБ ТУХТАБОЕВИЧ,
ДАМИНОВ ШАМШОД РАШИДОВИЧ
НАҚШ ВА ҶОИ АЛОҚА ВА КОММУНИКАТСИЯ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....174

РАСУЛОВ ҒАФУР,
ОЙМАҲМАДОВ ГУЛМАҲМАД НИГМАМАТОВИЧ,
РАСУЛОВ МАНУЧЕҲР ҒАФУРОВИЧ

ҲАМКОРИҲОИ СТРАТЕГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН.....184

КОМИЛОВ СИРОҶИДДИН ҶАЛОЛИДДИНОВИЧ,
ШАРИПОВ БАҲРОМ КАРОМАТУЛЛОЕВИЧ,
САИДОВА ТАХМИНА САДРИДИНОВНА
НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИ ДАР РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТИ МАҲСУЛОТ.....196

ҶОМЕАШИНОСӢ

ЗИЁӢ ХУРШЕД МАХШУЛЗОДА
ҶАҲОНИ МУЛТИПЛЕКСӢВА ҶОМЕАИ ГУНОГУНҒОЯ.....206

ХУДОЙДОДОВА ФАРЗОНА ИСЛОМИДИНОВНА
НЕРУИ КАДРӢ – ОМИЛИ МУҲИММИ СОЛИМИИ МИЛЛАТ.....216

НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА
ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ.....229

ТАВАЛЛОЕВ МУЗАФФАР ТАВАКАЛШОЕВИЧ,
МАЙСАРА ШАРОФ
ҶЕНТРИФИКАТСИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАҒЙИРДИҲИИ МУҲИТИ ШАҲР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН.....241

САИДЗОДА ШУҲРАТ ШУКУР,
ШАЪБОНОВ НОРАЛӢ НОРМИРЗОЕВИЧ
МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСӢ 250

СОДЕРЖАНИЕ
ПОЛИТОЛОГИЯ

МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН,
САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ
УМНАЯ СИЛА И ПЕРСПЕКТИВА ЗАЩИТЫ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ…….11

НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН
БАЗА ДАННЫХ В ИНФОРМАЦИОННО – АНАЛИТИЧЕСКОЙ РАБОТЕ……..24

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА
НЕГАТИВНЫЕ УГРОЗЫ КЛИПОВОГО МЫШЛЕНИЯ НА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ.....31

САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ
РЕАЛЬНОСТИ «МЯГКОЙ СИЛЫ»: ЗАЩИТА НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ И ПЕРСПЕКТИВА БОРЬБЫ С НОВЫМИ УГРОЗАМИ СОВРЕМЕННОСТИ…..39

МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН
ПОЛИТИЧЕСКИЕ СИМВОЛЫ КАК АТРИБУТ ПОЛНОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ……56

САФАРОВ БАХРОМ РАХМАТУЛЛОЕВИЧ
НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕХНОЛОГИЙ: ИХ ФОРМИРОВАНИЕ И ЭВОЛЮЦИЯ В НАУКЕ……62

МИРЗОЗОДА ИБРОХИМ ХОЛМУРОД
КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В УСЛОВИЯХ ПРИРОСТА НАСЕЛЕНИЯ……70

МИРЗОЕВА ФАРАНГИС БАДРИДДИНОВНА
НЕЗАКОННЫЙ ОБОРОТ НАРКОТИКОВ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА БЕЗОПАСНОСТЬ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОГО РЕГИОНА……78

ЭКОНОМИКА

ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА
ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ТУРИСТСКО-РЕКРЕАЦИОННЫМ КОМПЛЕКСОМ……..86

ОДИНАЕВ АМИН ИБРАГИМОВИЧ
ПРОГНОЗИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН…….92

ХАБИБУЛЛОЕВ МУХРИДДИН ХАБИБУЛЛОЕВИЧ,
ХОЛИКОВ ШОХРУХДЖОН АМИРШОЕВИЧ
ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕХОДА НА ЭЛЕКТРОННУЮ СИСТЕМУ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ УСЛУГ НАСЕЛЕНИЮ.....101

АШУРОВ СУБХОНИДИН БУРХОНОВИЧ
К ВОПРОСУ О ТРУДОИЗБЫТОЧНОСТИ ЭКОНОМИКИ ……..108

ВАЛИЕВ НИЗОМИДДИН ШАРОБИДДИНОВИЧ
АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И РАЗВИТИЯ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ТОРГОВЛЕ 115

БАРФИЕВ КОБИЛДЖОН ХУШВАХТОВИЧ,
МИРЗОЕВ САЙАЛИ САЙВАЛИЕВИЧ,
ОДИНАЕВ МЕХРУБОН АБДУРАХМОНОВИЧ
ПРИМЕНЕНИЕ ИНДЕКСНОГО МЕТОДА ПРИ ИЗУЧЕНИИ СТРУКТУРЫ РОЖДАЕМОСТИ.....128

ХОЛМАТОВ МУАЗАМ МУХАМАДАМИНОВИЧ
ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА……...135

ДАВЛАТОВ НАСИМДЖОН САИДАХТАМОВИЧ
НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРИВАТИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА И РАЗВИТИЯ ЧАСТНОГО СЕКТОРА В УСЛОВИЯХ СОЗДАНИЯ БЛАГОПРИЯТНОГО ДЕЛОВОГО И ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА.....147

ПИРИЗОДА ДЖАЛИЛ САФАР,
НЕЪМАТОВ БЕХРУЗ ИКРОМИДИНОВИЧ
НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В КОНТЕКСТЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ.....153

РАХИМОВ НОЗИМДЖОН КАСЫМОВИЧ
ИНДЕКСИРОВАНИЕ СТОИМОСТИ УСЛУГ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ВЕЛИЧИНЫ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В СТРУКТУРЕ ОСНОВНЫХ СРЕДСТВ И УРОВНЯ ДЕВАЛЬВАЦИИ……161

КАЙЮМОВ СУХРОБ ТУХТАБОЕВИЧ,
ДАМИНОВ ШАМШОД РАШИДОВИЧ
РОЛЬ И МЕСТО ИНФОКОММУНИКАЦИИ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН……174

РАСУЛОВ ГАФУР,
ОЙМАХМАДОВ ГУЛМАХМАД НИГМАМАТОВИЧ,
РАСУЛОВ МАНУЧЕХР ГАФУРОВИЧ
СТРАТЕГИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ КАЗАХСТАН…….184

КОМИЛОВ СИРОДЖИДДИН ДЖАЛОЛИДДИНОВИЧ,
ШАРИПОВ БАХРОМ КАРОМАТУЛЛОЕВИЧ,
САИДОВА ТАХМИНА САДРИДИНОВНА
РОЛЬ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКЦИИ……...196

СОЦИОЛОГИЯ

ЗИЁИ ХУРШЕД МАХШУЛЗОДА
МУЛЬТИПЛЕКСНЫЙ МИР И МУЛЬТИИДЕЙНОЕ ОБЩЕСТВО……...206

ХУДОЙДОДОВА ФАРЗОНА ИСЛОМИДИНОВНА
ЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ РЕСУРСЫ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР ЗДОРОВЬЯ НАЦИИ.....216

НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА
ОСНОВНЫЕ ЗАДАЧИ И ПРЕИМУЩЕСТВА СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ В РАЗВИТИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА……...….229

ТАВАЛЛОЕВ МУЗАФФАР ТАВАКАЛШОЕВИЧ,
МАЙСАРА ШАРОФ
ДЖЕНТРИФИКАЦИЯ КАК СПОСОБ ИЗМЕНЕНИЯ ГОРОДСКОГО ПРОСТРАНСТВА И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ……..241

САИДЗОДА ШУХРАТ ШУКУР,
ШАЪБОНОВ НОРАЛИ НОРМИРЗОЕВИЧ
ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ……250

CONTENT
POLITICAL SCIENCE

MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON,
SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI
SMART POWER AND PERSPECTIVE OF PROTECTING NATIONAL INTERESTS ……11

NURIDDIN PARVIN RAIMALIKHON
DATABASE IN INFORMATION AND ANALYTICAL WORK.....24

NAZRIEVA OYNIYOL SHARIFOVNA
NEGATIVE THREATS OF CLIP THINKING TO INTELLECTUAL COGNITION..31

SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI
REALITIES OF «SOFT POWER»: PROTECTION OF NATIONAL INTERESTS AND THE PERSPECTIVE OF THE FIGHT AGAINST NEW THREATS OF MODERNITY…….39

MUHAMMAD SADI ABDURAHMON
POLITICAL SYMBOLS AS ATTRIBUTE OF FULL INDEPENDENCE AND STRENGTHENING OF NATIONAL STATE…….56

SAFAROV BAHROM RAKHMATULLOEVICH
SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS OF POLITICAL TECHNOLOGIES: THEIR FORMATION AND EVOLUTION IS SCIENCE ……..62

MIRZOZODA IBROHIM KHOLMUROD
HUMAN RESOURCES POLICY IN THE SYSTEM OF STATE YOUTH POLICY IN THE CONDITIONS OF POPULATION GROWTH.....70

MIRZOEVA FARANGIS BADRIDDINOVNA
ILLEGAL DRUG TRAFFICKING AND ITS INFLUENCE ON
THE SECURITY OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES…….78

ECONOMY

ODILOVA RUKHSHONA KOMILOVNA
FORMING A MANAGEMENT SYSTEM OF
TOURIST- RECREATIONAL COMPLEX……86

ODINAEV AMIN IBRAGIMOVICH
FORECASTING OF DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN…….92

HABIBULLOEV MUHRIDDIN HABIBULLOEVICH,
KHOLIQOV SHOHRUKHJON AMIRSHOEVICH
PROBLEM OF TRANSITION TO ELECTRONIC SYSTEM OF PROVIDING STATE SERVICES TO POPULATION……101

ASHUROV SUBHONIDIN BURHONOVICH
TO THE ISSUE OF THE LABOR REDUNDANCY OF THE ECONOMY.....108

VALIEV NIZOMIDDIN SHAROBIDDINOVICH
ANALYSIS OF THE CURRENT SITUATION AND DEVELOPMENT OF SMALL BUSINESS IN TRADE……..115

BARFIEV ҚOBILJON KHUSHVAKHTOVICH,
MIRZOEV SAYALI SAYVALIEVICH,
ODINAEV MEHRUBON ABDURAHMONOVICH
APPLICATION OF THE INDEX METHOD IN THE STUDY OF THE STRUCTURE OF BIRTHRATE……...128

KHOLMATOV MUAZAM MUHAMADAMINOVICH
INSTITUTIONAL ASPECTS OF DEVELOPMENT OF DIGITAL ECONOMY OF TAJIKISTAN……135

DAVLATOV NASIMJON SAIDAHTAMOVICH
SOME ISSUES OF STATE PROPERTY PRIVATIZATION AND PRIVATE SECTOR DEVELOPMENT WITHIN THE CREATION OF A FAVORABLE BUSINESS AND INVESTMENT CLIMATE……...147

PIRIZODA JALIL SAFAR,
NEMATOV BEHRUZ IKROMIDINOVICH
DIRECTION OF AGRICULTURAL DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF FOOD SECURITY.....153

RAHIMOV NOZIMJON KASYMOVICH
INDEXING THE COST OF SERVICES DEPENDING ON THE AMOUNT OF FOREIGN INVESTMENTS IN THE STRUCTURE OF FIXED ASSETS AND THE LEVEL OF DEVOLUTION……161

KAYUMOV SUHROB TUKHTABOEVICH,
DAMINOV SHAMSHOD RASHIDOVICH
THE ROLE AND PLACE OF INFOCOMMUNICATION IN THE DIGITAL ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN……174

RASULOV GAFUR,
OYMAKHMADOV GULMAKHMAD NIGMAMATOVICH,
RASULOV MANUCHEHR GAFUROVICH
STRATEGIC COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF KAZAKHSTAN……184

KOMILOV SIRODZHIDDIN JALOLIDDINOVICH,
SHARIPOV BAHROM KAROMATULLOEVICH,
SAIDOVA TAKHMINA SADRIDINOVNA
ROLE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES IN THE PRODUCTION PROCESS.....196

SOCIOLOGY

ZIYOI KHURSHED MAKHSHULZODA
MULTIPLEX WORLD AND MULTI-IDEA SOCIETY……..206

KHUDOYDODOVA FARZONA ISLOMIDINOVNA,
HUMAN RESOURCES AS AN IMPORTANT FACTOR OF HEALTH OF THE NATION ……...216

NAZIROVA MARKHAMAT NAZAROVNA
MAIN OBJECTIVES AND BENEFITS OF EDUCATION SPHERE IN HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT……229

TAVALLOEV MUZAFFAR TAVAKALSHOEVICH,
MAYSARA SHAROF
GENTRIFICATION AS MEANS OF CHANGING URBAN SPACES AND ITS PECULIARITIES……241

SAIDZODA SHUHRAT SHUKUR,
SHABONOV NORALI NORMIRZOEVICH
THEORETICAL PROBLEMS OF POLITICAL SOCIALIZATION……250

УДК: 327.8: 321.022

НЕРУИ ҲУШМАНД ВА ДУРНАМОИ ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН,
доктори илмҳои сиёсӣ, муовини директори
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: 992-372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru

САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи
равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
тел.: +992 98-812-73-83; e-mail: quddusov@mail.ru

Тӯли солҳои охир дар зери таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва тавозуни қувваҳо ба дигаргунии ҷиддӣ рӯбарӯ гардида истодаанд. Дар ин раванд на танҳо таъсири ширкатҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, балки таъсири ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ бамаротиб афзун гардида истодааст. Ин гуна вазъият барои давлатҳои миллӣ мушкилоти навро эҷод намуда, таҳдиду хатарҳои гуногунеро ба вуҷуд овардааст. Аз ҳама муҳим ин аст, ки дар шароити мустаҳкамшавии мавқеи субъектҳои ғайридавлатӣ амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ хеле мушкил мегардад. Дар ҳамин гуна шароит сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най консепсияи «неруи ҳушманд»-ро пешниҳод менамояд, ки он дар якҷоягӣ истифода бурда тавонистани «неруи нарм» ва «неруи сахт»-ро дар бар мегирад. Ҷ.Най чунин тарзи муносибатро бо мураккабии ҷаҳони муосир асоснок менамояд. Ӯ ҷаҳони муосирро аз лиҳози неруҳои ҳарбӣ якқутба, аз лиҳози неруҳои иқтисодӣ бисёрқутба ва аз лиҳози неруҳои дигар, махсусан неруҳои иттилоотию компютерӣ беқутб ва бетартиб муаррифӣ намуда, пешниҳод менамояд, ки вобаста ба вазъияти баамаломада дар мавридҳои зарурӣ неруҳои мувофиқ ва мутобиқ бояд истифода бурда шаванд, то ки мақсадҳо ва натиҷаҳои интизорӣ ба даст оянд. Албатта, бо чунин андешаҳо розӣ шудан мумкин аст, аммо воқеияти муҳимми «неруи ҳушманд» ин аст, ки ҳар як мамлакат онро бо дарназардошти авлавиятҳо ва имкониятҳои худ бояд ташаккул диҳад, зеро барои баъзе давлатҳо «неруи нарм, барои давлатҳои дигар «неруи сахт» ва барои давлатҳои боқимонда «неруи фаъол» натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Аммо кам давлатҳое қодир ҳастанд, ки аз иқтидори ҳамаи неруҳо истифода бурда тавонанд.

Калидвожаҳо: *«неруи ҳушманд», «неруи нарм», «неруи сахт», «неруи фаъол», стратегияи ҳушманд, маданияти стратегӣ, манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳои фаромиллӣ, муборизаҳои геополитикӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ.*

Муқаддима

Ҳарчанд «неруи ҳушманд» консепсияи нав бошад ҳам, он падидаи нав нест. Муаллифи консепсияи «неруи ҳушманд» Ҷ.Най онро ҳамчун қобилияти бо ҳам пайваст намудану якҷоя истифода бурда тавонистани «неруи сахт» ва «неруи нарм» [8, с.18] муаррифӣ кардааст, ки онро бо дарназардошти вазъият барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ истифода бурдан мумкин аст. Яъне «неруи ҳушманд» ин қобилияти дар мавридҳои зарурӣ

истифода бурда тавонистани «неруи сахт» ва «неруи нарм» мебошад. Ба ибораи дигар, баъзе масъалаҳо ба воситаи «неруи сахт» дар шакли маҷбурнамоӣ ва баъзе масъалаҳои дигар ба воситаи «неруи нарм» дар шакли боваркунонӣ ва ҷалбнамоӣ ҳаллу фасл мегарданд, аммо ин падидаи нав ва сухани нав нест. Дар чунин шакл рафтор намудан аз ҷониби файласуфони давраҳои гуногуни таърихӣ гуфта шудаанд. Масалан, мутафаккири италиявӣ Н.Макиавелли дар ин маврид андешаҳои хеле ҷолиб дорад. Ба ақидаи ӯ, «бо душманон ва рақибон бо ду роҳ мубориза бурдан мумкин аст: якум, ба воситаи қонунҳо; дуюм, ба воситаи неруи сахт. Воситаи аввал хоси инсонҳост, воситаи дуюм бошад, хоси дарандаҳо мебошад. Аммо аз он сабабе, ки воситаи аввал дар аксар маврид барои ҳалли масъалаҳо кофӣ нест, истифодаи воситаи дуюм зарур дониста мешавад» [6, с.91]. Дар идомаи баррасиҳои худ ӯ иброз медорад, ки «аз миёни ҷонварон бигузор подшоҳ ба шер ва рӯбоҳ монанд карда шавад. Шер аз дом метарсад ва рӯбоҳ бошад аз гургон. Бояд рӯбоҳ шуд, то ки хатари дар дом афтодан эҳсос гардад ва дар мавридҳои зарурӣ мисли шер бояд рафтор кард, то ки гурон тарсонида шавад. Касоне, ки доимо мисли шер рафтор мекунанд, хатари дар дом афтоданро шояд дарк накунанд» [6, с.92]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо дарназардошти вазъият амал намудан ва ба инобат гирифтани мавқеи истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм» дар тӯли таърих инсониятро ҳамроҳӣ намудааст. Аммо бо дарназардошти воқеиятҳои ду даҳсолаи охир на танҳо коркарди назариявию методологии «неруи ҳушманд» муҳим мебошад, балки истифодаи он дар раванди давлатдории миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ хеле зарур аст. Консепсияе, ки зери унвони «неруи ҳушманд» аз ҷониби Ҷ.Най пешниҳод гардидааст, лоиҳаи ҷадиди амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо мебошад. Аз ин рӯ, модернизатсияи он барои мутобиқ сохтани сиёсати давлатӣ бо воқеиятҳои замони муосир зарур аст. Воқеиятҳои замони муосир ин аст, ки дар шароити имрӯза рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал омада, онҳо на танҳо аз ҷониби давлатҳо ва ширкатҳои фаромиллӣ, балки аз тарафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ истифода гардида истодаанд. Инчунин, раванди глобализатсия, тезутунд гардидани муборизаҳои геополитикӣ, ба амал омадани ҷангҳои иттилоотӣ ва дар раванди муборизаҳои геополитикӣ истифода бурдани дастовардҳои навини илму техника барои давлатҳои тозаистиқлол таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд оварда истодаанд. Бо дарназардошти чунин шароит, дар мақолаи мазкур масъалаҳои зерин таҳлилу баррасӣ мешаванд:

– нишон додани воқеиятҳои «неруи ҳушманд» дар шароити муосир. «Неруи ҳушманд» дар қолабҳои назариявию методологии илмҳои сиёсӣ консепсияи нав мебошад ва аз ин рӯ, то ба имрӯз ба он таваҷҷуҳи зарурӣ дода нашудааст. Махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала муҳаққиқони ватанӣ эътибори чандон зиёд надодаанд;

– бо дарназардошти тағйироти замони муосир ва дигаргуншавии низоми муносибатҳои байналмилалӣ давлатҳои гуногуни олам барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии худ ва барои ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию берунӣ роҳу усулҳои мувофиқ ва ба талаботи замона ҷавогӯро истифода менамоянд. Дар зери таъсири чунин тамоюлот мундариҷаи «неруи ҳушманд» дигаргун гардида, хусусияти миллию минтақавӣ касб менамояд, ки нишон додани чунин воқеияти «неруи ҳушманд» зарур дониста мешавад;

– то ба имрӯз аксари муҳаққиқон «неруи ҳушманд»-ро унсури таркибии маданияти стратегӣ меҳисобанд, аммо воқеият баръакс аст. Маданияти стратегӣ унсури таркибии «неруи ҳушманд» мебошад. Аз ин рӯ, асоснок намудани ин фарзия хеле муҳим аст.

Заминаҳои пайдоиши консепсияи «неруи ҳушманд»

Муаллифи консепсияи «неруи ҳушманд» олими амрикоӣ Ҷ.Най ба шумор меравад. Ӯ ин мафҳумро соли 2004 дар китоби навбатии худ истифода намуда буд [15]. Аммо қабл аз ин ӯ консепсияи «неруи нарм»-ро ташаккул медод. Сабабҳои пайдоиши консепсияи «неруи ҳушманд» аз дигаргуниҳо ва равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ вобастаанд. Ба ҳар ҳол, консепсияи «неруи нарм» барои пайдоиши консепсияи «неруи ҳушманд» шароити илмию назариявӣ фароҳам овардааст. Бо дарназардошти воқеиятҳои замони муосир ва ташаккулёбии консепсияҳои мазкур гуфтан мумкин аст, ки «неруи нарм» на танҳо бо «неруи ҳушманд» алоқамандии зич дорад, балки унсури таркибии он мебошад. Ба ибораи дигар, «неруи нарм» мундариҷаи «неруи ҳушманд»-ро мукаммал мегардонад. Ин аст, ки онро баъзан «стратегияи ҳушманд» низ меноманд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар охири солҳои 80-ум консепсияи «неруи нарм» ташаккул ёфта, дар аввал на ҳамчун консепсияи илмӣ, балки барномаи сиёсие буд, ки барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсати хориҷии ИМА бояд хизмат менамуд. Мақсади асосии ташаккулдиҳии консепсияи мазкур коркарди роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятии кишварҳои узви Созишномаи Варшава ва кишварҳои пасошӯравӣ маҳсуб меёфт. Дар муддати ду даҳсола (солҳои 1980–2000) консепсияи мазкур самаранокии худро барои сиёсати хориҷии ИМА нишон дод. Масалан, анҷомёбии «ҷанги сард», пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, инқилобҳои махмалин дар Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ, дар миёни ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба имзо расонидани Созишнома дар бораи нест намудани мушакҳои кӯтоҳпарвоз ва миёнапарвоз, инқилобҳои Чехословакия, Руминия, аз байн бурдани девори Берлин ва даҳҳо воқеаву ҳодисаҳои дигар натиҷаи истифодаи «неруи нарм» мебошанд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ низ истифодаи «неруи нарм» яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишварҳои ғарбиро ташкил медод, аммо дар ибтидои солҳои 2000-ум равандҳое ба амал омаданд, ки норасоии консепсияи «неруи нарм»-ро инъикос менамуданд. Яъне маълум гардид, ки ба воситаи «неруи нарм» ҳалли ҳамаи масъалаҳо номумкин аст. Барои мисол, баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 ИМА боз ба истифодаи неруи сахт рӯ оварда, муборизаи бо терроризми байналмилалиро эълон намуд. Чунин таҳаввулот дар сиёсати байналмилалӣ боиси он гардид, ки сиёсатшиносони ғарбӣ ба таҳияи консепсияҳои навин машғул шаванд. Дар муддати хеле кӯтоҳ Ҷ.Най тавонист, ки ба тағйиротҳои навин боз посух гардонад. Чи гунае, ки қайд гардид, соли 2004 ӯ консепсияи «неруи ҳушманд»-ро пешниҳод намуд. Ӯ вобаста ба зарурати ташаккулдиҳии консепсияи нав таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб намуда, иброз медорад, ки «дар шароити навин танҳо ба «неруи нарм» такя намудан, натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. «Неруи ҳушманд» ҳамчун қобилияти якҷоя намудан ва бо ҳам омезиш додани «неруи сахт» ва «неруи нарм» мебошад, ки самаранокии нақшаи амалро таъмин менамояд» [8,с.59]. Муҳаққиқи рус Е.В.Пименова иброз медорад, ки «консепсияи «неруи ҳушманд» дар ИМА ҳамчун барномаи сиёсии ба воқеиятҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ дониста шуд. Натиҷаҳои амалии консепсияи нав каме дертар аз худ дарак доданд. Ба амал омадани «инқилобҳои ранга» дар кишварҳои пасошӯравӣ, «баҳори Араб» дар Шарқи Наздик, пайдоиши ташкилоти террористии «Давлати исломӣ», ташкил гардидани майдоннишиниҳо дар Украина ва ғайра натиҷаи амалигардонии консепсияи «неруи ҳушманд» мебошанд» [10, с.63]. Агар ба ибораи дигар гӯем, «неруи нарм» барои истифодабарии «неруи сахт» шароити зарурӣ муҳайё менамояд, ки чунин тарзи муносибат ва чунин стратегияи амалро «неруи ҳушманд» номидан мумкин аст. Дар ин маврид ёддоварӣ намудани яке аз қонуниятҳои сиёса-

ти давлатӣ хеле муҳим мебошад ва ҳамзамон, воқеиятҳои «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд»-ро то андозае равшан менамояд. Моҳияти ин қонуният дар он аст, ки ҳар як кашфиёт, махсусан, коркардҳои стратегӣ, ки сирф хусусияти сиёсӣ доранд, дар навбати аввал дар ихтиёри давлатҳо ва ҳукуматҳо қарор мегиранд. Консепсияҳои «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» низ бояд дар доираи чунин қонуният баҳогузорӣ карда шаванд. Яъне то охири солҳои 80-ум консепсияи «неруи нарм» ҳамчун стратегияи неруи нарм дар сиёсати хориҷии ИМА ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шуд. Сипас Ҷ.Най ва пайравони ӯ ба тағйироти ҷаҳонӣ баҳои илмию назариявӣ дода, стратегияи мазкурро аз лиҳози методологӣ коркард намуда, дар шакли консепсияи илмӣ пешкаши аҳли илму адаб намуданд. Ба қавле ин консепсия ҳамчун стратегия ва технологияи куҳнашуда ба намоиш гузошта шуд. Сипас баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ истифодаи стратегияи ҳушманд ва технологияи ҳушманд оғоз гардид. То воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 аллакай стратегияи мазкур рисолати худро иҷро намуда буд. Бинобар ин, ба мисли консепсияи «неруи нарм» соли 2004 консепсияи «неруи ҳушманд» пешкаши олимон гардид.

Аммо худи Ҷ.Най сабаб ва зарурати ташаккули «неруи ҳушманд»-ро, пеш аз ҳама, аз вазъияти баамаломадаи байналмилалӣ вобаста медонад. Ӯ дар таҳқиқоти худ ду иборaи хеле муҳимро истифода менамояд: якум, аз як даст ба дасти дигар гузаштани ҳокимият ва дуюм, пошхӯрӣ ё худ паҳну парешон гардидани ҳокимият [8, с.339]. Ӯ эътироф менамояд, ки масъалаи якум таърихи хеле қадима дорад, аммо масъалаи дуюм падидаи нав мебошад. Воқеан ҳам, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию компютерӣ ва тавсеаи миқёси истифодабарии шабакаи интернет раванди паҳну парешон гардидани ҳокимиятро мушоҳида кардан мумкин аст. Маҳз чунин ҳолатро ба инобат гирифта, ӯ иброз медорад, ки «ҷаҳон айни замон на якқутба, на бисёрқутба ва на бекутб аст, дар як вақт ҳамаи ин хусусиятҳо дар он дида мешавад. Бинобар ин, стратегияи ҳушманд бояд қодир бошад, ки дар шароити мавҷудияти чунин гуногуншаклии неруҳо дар соҳаҳои гуногун истодагарӣ карда тавонад. Дар ин маврид аз мавқеи реалистон баҳогузорӣ намудани ҷаҳони муосир нодуруст мебошад. Дар бозиҳои сесатҳа бозингаре, ки танҳо ба яке аз сатҳҳо таваҷҷуҳ намуда, сатҳҳои дигарро мадди назар менамояд, бе шакку шубҳа мағлуб мегардад» [8, с.347]. Маънои бозии сесатҳа ин аст, ки ҷаҳон аз лиҳози истифодаи неруҳои ҳарбӣ якқутба аст, аз лиҳози неруҳои иқтисодӣ – бисёрқутба ва аз лиҳози неруҳои боқимонда, махсусан, неруҳои иттилоотию компютерӣ бекутб ва бетартиб аст. Ин аст, ки ӯ дар идомаи баррасиҳои худ андешаҳояшро вобаста ба муҳиммияти «неруи ҳушманд» ба таври зерин асоснок менамояд: «Беҳтарин стратегияи ҳарбӣ дар гумон аст, ки масъалаҳо ва мушкилиҳои бозингарони ғайридавлатии сатҳи сеюми (сатҳи поёнии) тахтаи шоҳмот ва ё чунин таҳдидҳои фаромиллӣ, ба монанди бемориҳои сироятӣ ва ё тағйирёбии иқлимро ҳал карда тавонад. Масъалаҳои номбурда ба монанди таҳдидҳои ҳарбӣ ба амнияти миллионҳо нафар таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳалли чунин масъалаҳо ба воситаи ҳамкорӣ имконпазир мегардад» [8,с.347-349]. Бо дарназардошти чунин вазъият Е.В.Пименова «неруи ҳушманд»-ро натиҷаи модернизатсияи «неруи нарм» медонад [10, с.62]. Ба иборaи дигар, дар натиҷаи ташаккулдиҳӣ ва ба шароитҳои навин мутобиқ намудани «неруи нарм» он ба «неруи ҳушманд» табдил дода шудааст. Ӯ чунин хулосаронии худро бо он асоснок менамояд, ки муаллифи консепсияи «неруи нарм» аз охири солҳои 80-ум то ба имрӯз нисбат ба моҳияти он чандин маротиба фикру андешаҳои худро тағйир додааст ва ҳар маротиба ба мундариҷаи «неруи нарм» унсури наверо ворид кардааст.

Чӣ тавре, ки дар боло зикр гардид, сабаби асосии таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба стратегияи «неруи ҳушманд» бо тағйироти сифатию миқдории ду даҳсолаи охир

алоқаманд аст. Махсусан, рушди технологияҳои иттилоотию комютерӣ ва тавсеаи шабакаи интернет на танҳо шумораи акторҳои ҷаҳониро зиёд намуд, балки мавқеи онҳоро мустаҳкамтар кард. Аз ин рӯ, дар консепсияи Ҷ.Най ба масъалаи неруи компютерӣ низ диққат дода мешавад. Қобили қайд аст, ки асоси ҳама гуна неруро манбаъҳо ташкил медиҳад. Бо дарназардошти тағйиротҳои солҳои охир гуфтан мумкин аст, ки иттилоот ҳамчун манбаи неруи компютерӣ яке аз манбаҳои муҳимтарини рақобатҳои геополитикӣ гардидааст. Маҳз рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ иттилоотро ҳамчун манбаи стратегӣ дастраси ташкилотҳои ғайридавлатӣ гардонид, ки мушкилии асосӣ дар ҳамин аст. Яъне дар шароити ба амал омадани инқилобҳои иттилоотӣ идора намудани ташкилотҳои фаромиллӣ бинобар сабаби хусусияти шабакавӣ доштанашон, ғайриимкон гардидааст. Чунин ҳолатро дар ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст. Ба андешаи олими рус М.А.Неймарк, «Мушкилии асосии мубориза бо терроризми байналмилалӣ дар он аст, ки фаъолияти онҳо хусусияти шабакавӣ доранд» [9,с.69]. Бинобар ин, дар шароити муосир на танҳо бо ташкилотҳои террористию экстремистӣ, балки бо ширкатҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ рақобат намудану бо таъсири манфии онҳо мубориза бурдан хеле мушкил гардидааст. Воқеияти «неруи ҳушманд» дар ин маврид аз он иборат аст, ки вобаста ба таҳдиду хатарҳои замони муосир, ки гуногунсатҳу гуногуншаклу гуногунсамт мебошанд, стратегияи мувофиқ ва стратегияи ҳушманд зарур аст.

Ташаккулёбии стратегияи ҳушманд

Дар тӯли таърих файласуфону сипаҳсолорон дар бобати сиёсати оқилона ва стратегияи оқилона кӯшишу талош варзидаанд. Ҳанӯз дар асри VI пеш аз милод файласуфи Чини қадим Сун Тзи иброз намуда буд, ки «ҳангоми банақшагирии музаффарият бо дарназардошти шароит ва вазъият амал намоед ва омилҳои хориҷиро истифода баред. Вобаста ба вазъият амал намудан имкон медиҳад, ки афзалиятҳои нақшаи интихобшуда пурра истифода бурда шаванд» [12,с.18]. Ё ин ки дар асри XV мутафаккири италиявӣ Н.Макиавелли вобаста ба муваффақият ва музаффарият чунин андешаронӣ намуда буд: «Дарвоқеъ, хоҳиши ба даст овардани муваффақият амали табиӣ ва муқаррарӣ мебошад: касонеро, ки дар ин маврид имкониятҳои худро ба инобат гирифта, амал мекунанд, ҳама меписанданд ва ҳеҷ гоҳ мазаматашон намекунанд, аммо таънаву мазамматро касоне мешунаванд, ки имкониятҳои худро ба инобат нагирифта, бо ҳар роҳу восита мехоҳанд ба муваффақият ноил шаванд» [6,с.19]. Ба ҳамин монанд, дар раванди амалӣ намудани мақсадҳои стратегӣ ба инобат гирифтани имкониятҳо шарти асосии «неруи ҳушманд» мебошад, ки дар шароити муосир онро ҳам аз лиҳози назариявию методологӣ ва ҳам аз лиҳози консептуалӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда истодаанд. Омӯзиши «неруи ҳушманд» имкон медиҳад, ки моҳияти як қатор масъалаҳои дигар, аз ҷумла маданияти стратегӣ ва банақшагирии стратегӣ низ ошкор карда шаванд ва ҷойгоҳи онҳо дар раванди шинохти таҳдидҳо ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо нишон дода шавад. Банақшагирии музаффарият ҳамон банақшагирии стратегие мебошад, ки бояд бо дарназардошти имкониятҳо ва инчунин бо дарназардошти вазъияти дохилию берунии мамлакат амалӣ карда шавад. Дар замони муосир олимону муҳаққиқони зиёд дар ташаккули консепсияи «неруи ҳушманд» саҳми худро гузошта истодаанд, аммо сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най ҳанӯз ҳам дар ин самт дар ҷойи аввал қарор дорад ва

коркардҳои назариявии ӯ ҳанӯз ҳам аз ҷониби олимон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода мешаванд.

Дар муқоиса бо «неруи нарм», ки механизмҳои ташаккулдиҳии он нишон дода нашудааст, стратегияи ташаккули «неруи ҳушманд» аз ҷониби Ҷ.Най пешниҳод мегардад. Ба андешаи ӯ, стратегияи «неруи ҳушманд» ё худ «стратегияи ҳушманд» бояд бо дарназардошти масъалаҳои зерин ташаккул дода шавад:

Якум, муайян намудани мақсадҳои афзалиятнок. Дар ҳаёт ҳар он чизеро, ки инсон мехоҳад, наметавонад ба даст оварад. Чунин вазъият ба давлатҳои соҳибистиқлол низ марбут аст. Аз ин рӯ, мақсадҳо бояд бо имкониятҳо мувофиқат намоянд, вагарна онҳо амалинашаванда мебошанд. Ба ғайр аз ин, ташкил намудани мақсадҳои сохторӣ низ хеле муҳим аст, зеро ба воситаи онҳо амалӣ гардидани мақсади умумӣ имконпазир мешавад.

Дуюм, барои амалӣ намудани мақсадҳои афзалиятнок кадом манбаъҳо дар ихтиёри субъект қарор доранд ва онҳоро дар кадом маврид истифода бурдан имконпазир аст. Бояд тамоми манбаъҳои мавҷуда баҳогузорӣ карда шаванд, то муайян гардад, ки кадоме аз манбаҳо метавонанд қобили истифода бошанд ва истифодаи онҳо вобаста ба тағйирёбии вазъият то кадом андоза қобили қабул аст.

Сеюм, дар муносибат ба объекти таъсиррасонӣ мавқеи субъект чӣ гуна аст, яъне барои таъсиррасонӣ намудан чӣ гуна талош меварзад ва то кадом сатҳ майлу хоҳиш дораду омода аст. Бояд дар бораи имкониятҳо ва ниятҳои рақиб маълумоти дуруст ва пурра ба даст оварда шавад.

Чорум, муайян намудани он, ки кадом навъи рафтор метавонад ба муваффақият оварда расонад. Нуқтаи асосии истифодабарии «неруи ҳушманд» ин аст, ки мавридҳои истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм» муайян карда шавад. Яъне бояд муайян карда шавад, ки дар вазъияти бамаломада истифодаи кадоме аз неруҳо афзалияти бештар дорад, ҳатто камтару зиёдтар намудани ҳаҷми онҳо низ хеле муҳим аст.

Панҷум, муайян намудани эҳтимолияти расидан ба муваффақият. Боварии аз меъёр зиёд низ метавонад, ки амалишавии ҳатто мақсадҳои наҷибро ғайриимкон гардонад, аммо дидаву дониста нисбат ба амалишавии мақсадҳо бетарафӣ зоҳир намудан, оқибатҳои ногувор дошта метавонад [8, с.338-340].

Муҳаққиқи рус О.Г.Леонова андешаҳои Ҷ.Найро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки «агар «неруи нарм» фалсафаи рафтори давлат дар сиёсати хориҷӣ бошад, пас «неруи ҳушманд» технологияи босамар ва маҷмӯи воситаҳои дар амал татбиқ намудани мақсадҳо мебошад» [4, с.28]. Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки неруи ҳушманд яке аз талаботи муҳимтарини ташаккулдиҳии стратегияҳои замони муосир мебошад, зеро пайдоиши консепсияи «неруи нарм» ва сипас пайдоиши консепсияи «неруи ҳушманд» ивазшавии анаъанаҳои стратегие мебошанд, ки корношоям гардидани анъанаҳои стратегии қаблан мавҷударо асоснок менамоянд. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки ҳар як давлату ҳукумат дар замони муосир барои хубтару беҳтар амалӣ намудани манфиатҳои миллии худ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда тавонистани ҳимояи онҳо маҷбур аст, ки ба анъанаҳои стратегии замони муосир рӯ оварад. Чунки анъанаҳо ва қолабҳои стратегии қаблан мавҷудбуда дар шароити мураккабшавии муносибатҳои ҷаҳонӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонанд. Ҷ.Най дар ин маврид аналогияи хуберо нишон додааст. Ба ақидаи ӯ, «агар шумо моли бесифат дошта бошед, ҳатто рекламаи хуб низ барои ба фурӯш баровардани он кумак расонида наметавонад. Ба ҳамин монанд, стратегияи нохуби маъмурияти давлатӣ ва истифодаи бемавриди манбаҳои ҳокимият ба сарфи бефоидаи захираҳои «неруи сахт» ва «неруи нарм» оварда мерасонад. Қадами аввал дар самти самаранок истифода бурдани

«неруи ҳушманд» аз дарки шаклҳо ва мавридҳои истифодабарии неруҳо оғоз мегардад» [8, с.56]. Ба ибораи дигар, дар шароити тағйирёбии вазъият муносибатҳо ва стратегияҳо низ бояд тағйир дода шаванд. Чунин тағйирот дар замони муосир тез-тез ва хеле босуръат ба амал омада истодаанд, ки чунин ҳолат вазъиятро низ тағйир медиҳад. Махсусан, бо мақсадҳои ғаразнок истифода намудани иттилоот ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки онро муҳаққиқони Ғарб «sharp power» ё худ «неруи фаъол» номидаанд, ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд.

«Sharp power» ё худ «неруи фаъол» унсури ҷадиди «неруи ҳушманд»

Ба ақидаи Ҷ.Най, «истифода намудани иттилооти тақаллубӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои ғаразнок моҳияти «Sharp Power»-ро ташкил медиҳад» [16]. Олими рус О.Леонова иброз медорад, ки «неруи фаъол технологияе мебошад, ки барои ҷалби диққати одамон ва анҷом додани назарфиребӣ истифода бурда мешавад. Бо шарофати «Sharp Power» ғояҳо ва андешаҳои камарзиш дар назари одамон ҷолиб вонамуд мешаванд ва бо ин роҳ ба мамлакати мавриди назар таъсири манфӣ мерасонанд. Субъектҳои мушаххас технологияи мазкурро истифода намуда, ҳеҷ гоҳ нияти тасхир намудани ақлу ҳуши одамонро надоранд, зеро ин вазифаи «неруи нарм» аст. Баръакс, онҳо бо роҳи тағйир додани мазмуну мундариҷаи иттилоот ҳаҷми маълумоти тақаллубиро афзун намуда, ба шуури ҷамъиятӣ таъсиррасонӣ менамоянд» [5, с.22]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки «неруи фаъол» технологияе мебошад, ки барои таъсири манфӣ расонидан ба симои мароқангези рақибон нигаронида шудааст. Инчунин монеа эҷод намудан дар самти амалишавии ҳадафҳои стратегии рақибон низ яке аз вазифаҳои неруи фаъол мебошад. Ба андешаи О.Леонова, «неруи фаъол ё худ «Sharp Power» технологияи таъсиррасонӣ дар даврае мебошад, ки дар он иттилоот ҳамчун яроқ истифода бурда мешавад» [5, с.22].

Агар «неруи нарм» барои зиёд намудани дӯстдорӣ ва ба даст овардани ҳусни таваҷҷуҳ нигаронида шуда бошад, пас «неруи фаъол» баръакс, барои зиёд намудани бадбинӣ ва коҳиш додани эътибору эътимоди рақиб равона гардидааст. «Неруи фаъол» ё худ «Sharp Power» маҷмӯи воситаҳо ва технологияҳое мебошад, ки метавонад ҳам фоидаовар ва ҳам зараровар бошад. Дар мавриди самаранок истифода намудани он барои субъекти «неруи фаъол» он фоидаовар ва барои рақибон зараровар аст.

Неруи фаъолро мо шартан яке аз унсурҳои неруи ҳушманд муаррифӣ менамоем. Бо дарназардошти нишонаҳо ва хусусиятҳои «неруи фаъол» гуфтан мумкин аст, ки он барои паст намудани иқтидори «неруи нарм»-и рақибон равона гардидааст. Албатта, чунин вазифаро «неруи нарм» низ метавонад дар шакли «неруи нарм»-и як ҷониб дар муқобили «неруи нарм»-и ҷониби дигар» иҷро намояд. Аммо вақте ки «неруи нарм»-и як ҷониб дар муқобили дигарон иқтидори камтар дорад, метавонад аз «неруи фаъол» истифода намояд, ки чунин амал бо дарназардошти вазъият анҷом дода мешавад ва аз ин рӯ, унсури таркибии «неруи ҳушманд» донистани он қобили қабул аст.

Яке аз хусусиятҳои «неруи фаъол» дар он ифода меёбад, ки вай пурра ба таври пинҳонӣ анҷом дода мешавад. Бинобар ин, чунин падидаҳо, ба монанди кибертерроризм, ҳуҷумҳои кибернетикӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотиро ҳамчун шаклҳои зоҳиршавии «неруи фаъол» муаррифӣ менамоянд. Масалан, кибертерроризм амалҳое мебошад, ки ба воситаи технологияҳои компютерӣ анҷом дода шуда, мақсади он вайрон намудани системаҳои гуногуни хизматрасонӣ ва зарар расонидан ба хоҷагидорӣ мебошад. Ҳуҷумҳои кибернетикӣ

низ барои паҳн намудани ҳар гуна барномаҳои компютерии зарарнок, рахна намудани пойгоҳҳои иттилоотӣ, дуздидани иттилоот ва монанди инҳо анҷом дода мешавад. Ҳуҷумҳои иттилоотӣ бошанд, барои паҳн намудани иттилооти тақаллубӣ ва ба таври нодуруст шарҳ додани воқеият, нишон додани камбудиҳои рақиб, нодуруст шарҳ додани муваффақиятҳои рақиб ва ғайра нигаронида шудаанд. Ҳамаи ин гуна амалҳо ба воситаи ҷониби сеюм анҷом дода мешаванд, ки муаллифони онҳо дар аксар маврид маълум нестанд. Масалан, кибертерроризм ва ҳуҷумҳои кибернетикӣ (хакерӣ) бо истифодаи технологияҳои навин ва тариқи серверҳои кишварҳои хориҷӣ анҷом дода мешаванд. Ин гуна ҳуҷумҳо метавонад дар қитъаи Осиё анҷом дода шаванд, вале дар ин раванд серверҳои аврупоӣ ва ё амрикоӣ метавонанд истифода шаванд, ки дар чунин шароит муайян намудани ҷинояткорон ва тахрибкорон кори осон нест. Ҳуҷумҳои иттилоотӣ дар шакли «неруи фаъол» бо исми мустаор ва аз номи шахсони маҷозӣ амалӣ карда мешаванд. Тайи солҳои охир аз ҷониби мутахассисони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барномаҳои компютерие сохта шудаанд, ки ин амалро дар шабакаи интернет ба таври автоматӣ бе кумаки одамон анҷом медиҳанд. Дар ин гуна вазъият барои муқовимат нишон додан бо «неруи фаъол»-и тахрибкорон ва ё барои муборизa бурдан бо онҳо ба инобат гирифтани маданияти стратегӣ ё худ стратегияи ҳушманд хеле муҳим аст.

Маданияти стратегӣ унсури муҳими «неруи ҳушманд»

Шояд баъзеҳо «неруи ҳушманд»-ро падидаи нав дониста, онро унсури таркибии маданияти стратегӣ тасаввур намоянд. Аммо чунин нест. Баръакс, маданияти стратегӣ унсури таркибии «неруи ҳушманд» мебошад. Чунин фарзия бо он асоснок карда мешавад, ки «неруи ҳушманд», пеш аз ҳама, ҳамчун қолаби зеҳнӣ ва интеллектуалӣ мебошад ва асоси онро ҷаҳонбинии сиёсӣ ташкил медиҳад. Барои мисол, дар самти амалишавии мақсадҳои сиёсӣ муваффақияти сарварон аз ҷаҳонбинии сиёсии онҳо, дар самти амалигардонии манфиатҳои миллӣ, муваффақияти давлатҳо ва миллатҳо низ аз ҷаҳонбинии сиёсии онҳо вобаста аст. Стратегия бошад, дар заминаи донишҳо ва таҷрибаҳо, ки асоси ҷаҳонбинии инсонро ташкил медиҳанд, ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, стратегияи коршоям ва корношоям, стратегияи хуб ва бад, стратегияи муваффақ ва ноқисро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст. Гузашта аз ин, маданияти стратегӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсӣ мебошад. Асоси маданияти сиёсиро низ ҷаҳонбинии сиёсӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки маданияти стратегӣ ҷузъи таркибии «неруи ҳушманд» мебошад.

Аммо бояд иқрор шуд, ки ҳам «неруи ҳушманд» ва ҳам тафаккури стратегӣ падидаҳое мебошанд, ки пайдоишашон таърихи қадима доранд. Аввал ин, ки худи мафҳуми «стратегия» бори аввал дар Юнони қадим дар маънои «санъати сипаҳсолор» ва «санъати пешбурди ҷанг» истифода бурда шудааст. Масалан, Фукидид на танҳо нест кардани рақиб, балки аз байн бурдани фарҳанг ва арзишҳои ахлоқии онро низ ҳадафи асосии стратегия медонист [13]. Чунин андешаҳо дар таълимоти Клаузевитс ҳам дида мешаванд. Ба андешаи ӯ, «стратегия–моҳирона истифода намудани муҳориба бо мақсади ғолиб шудан дар ҷанг мебошад. Сарвари сиёсӣ ва ё сипаҳсолоре, ки вобаста ба мақсадҳо ва воситаҳои дарихтиёрдоштаи худ медонад, ки ҷангро чӣ гуна ташкил намояд, қудрати худро нишон медиҳад» [2, с.188-189; 3, с.40-41]. Н.Макиавелли бошад, барои мағлуб намудани рақибон ва бартараф сохтани таҳдидҳо стратегияи ояндабинӣ ва бо дарназардошти вазъият амал намуданро пешбинӣ кардааст [6]. Файласуфи Чини қадим Сун Тзи низ стратегияи муҳо-

физатӣ ва стратегияи расидан ба муваффақиятро моҳирона ташаккул додааст [12]. Дар маҷмӯъ, стратегия алоқамандии ҳадафҳо ва воситаҳоро дар бар мегирад, ки онро барои ба даст овардани музаффарият ва ё натиҷаҳои дилхоҳ истифода мебаранд.

Ҳарчанд бо гузашти марҳалаҳои гуногуни таърихӣ ва дар натиҷаи ба амал омадани дигаргуниҳои ҷамъиятӣ мундариҷаи стратегия дигаргун гардида бошад ҳам, ғояи марказии он ҳанӯз ҳам побарҷост. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Л.Гиддс иброз медорад, ки «стратегия раванде мебошад, ки ба воситаи он мақсадҳо бо воситаҳо, ниятҳо бо қобилиятҳо, ҳадафҳо бо манбаъҳо алоқаманд гардонида мешавад [14, с.225]. Муаллифи консепсияи «неруи ҳушманд» Ҷ.Най вобаста ба моҳияти стратегия қайд менамояд, ки «стратегия мақсадҳо ва воситаҳоро дар бар мегирад, аммо чунин ҳолат возеҳу равшан будани мақсадҳои гузошташуда, манбаҳо ва роҳу усулҳои истифодабарии онҳоро тақозо менамояд» [8, с.338]. Чи тавре ки мушоҳида намудан мумкин аст, моҳияти стратегияро дар алоқамандии мақсадҳо ва воситаҳо шарҳ додан, сухани нав нест ва онро ҳамчун қонунияти асосии ташаккулёбии стратегия кайҳо асоснок намудаанд. Дар пайравӣ аз ин анъана файласуфи рус Т.А. Алексеева иброз медорад, ки «ба таври стратегӣ фикр кардан ва ё амал намудан маънои онро дорад, ки шумо мувофиқат ва ё мухолифати мақсадҳо ва воситаҳоро муайян кардан мехоҳед. Мақсадҳо ва воситаҳо дар ихтиёри шахсоне қарор доранд, ки онҳо бевосита ба қабули қарор машғул ҳастанд ва дар шароити камбуди манбаъҳо, ки барои амалӣ намудани мақсадҳо нокифоянд, зиёд кардани ҳаҷми манбаҳоро ҳамчун амали тактикӣ интихоб менамоянд» [1, с.132]. Дар ин маврид низ дидан мумкин аст, ки алоқамандии мақсадҳо ва воситаҳои мавҷуда ҳамчун нишондоди асосии стратегия муайян гардида истодааст, аммо дар шароити муосир стратегия на танҳо бо мақсадҳо ва воситаҳо, балки бо таҳлили вазъият, ояндабинӣ, баҳогузорӣ, банақшагирӣ, моделсозӣ ва таъмини амнияти миллию давлатӣ низ алоқаманд аст. Дар чунин шароит навъи махсуси тафаккур – тафаккури стратегӣ пайдо мегардад, ки дар худ ҷаҳонбинии консептуалӣ ва системавиро нигоҳ дошта, барои таъмин намудани фаъолияти бомароми ташкилотҳои сиёсӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид банақшагирии стратегӣ ва ояндабинии стратегӣ аҳамияти махсус дорад. Бо дарназардошти хусусиятҳои муҳимми замони муосир ва тағйироти босуръати равандҳои сиёсӣ, ки ояндабинии онҳо хеле мушкил гардидааст, барои баҳогузорӣ намудани таҳдидҳо ва барои пешгирии онҳо маданияти стратегӣ ва тафаккури стратегӣ хеле аҳамиятнок аст, зеро муайян намудани таҳдидҳо ва ба вуҷуд овардани роҳу воситаҳои мубориза ва муқовимат бо онҳо шарти асосии давлатдорӣ мебошад.

Дар бораи маданияти стратегӣ олими рус М.И.Рихтик низ андешаҳои ҷолиби диққат дорад. Ӯ бештар маданияти стратегиро на дар сатҳи роҳбарияти сиёсӣ, балки дар сатҳи ҷомеа таҳлилу баррасӣ намуда, дар заминаи омӯзиши маданияти стратегии ИМА иброз медорад, ки «дар мавриди маданияти стратегӣ сухан дар бораи он меравад, ки ҷомеа дар бораи чӣ фикр мекунад, чӣ мегуяд, чӣ менависад, чӣ гуна филмҳо ба навор мегирад, чи гуна ҳазлу шухӣ менамояд ва монанди инҳо, яъне дар маҷмӯъ, сухан дар бораи тасаввуроти одамон дар бораи амният меравад» [11, с.203]. Андешаҳои М.И. Рихтик ба он хотир ҷолиби диққатанд, ки ӯ тасаввуроти одамон дар бораи амниятро бо маданияти стратегӣ алоқаманд менамояд. Ба андешаи мо, чунин шакли баррасии масъала ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро тасаввурот дар бораи амният, пеш аз ҳама маҷмӯи донишҳои инсон дар бораи манфиатҳои миллӣ, дар бораи роҳу воситаҳои амалигардонӣ ва ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию берунӣ мебошад, ки ҳамагӣ ба хотири нигоҳ доштани мавҷудияти худ, нигоҳ доштани арзишҳои маданиятию маънавии хеш ва таъмин намудани рушду инкишофи ҷомеа заруранд.

Дар шароити давлатдории миллӣ чунин бархӯрд бо маданияти стратегӣ хеле зарур аст. Ба андешаи мо, дар шароити муосир, пеш аз ҳама, барои давлатмардон ва роҳбарияти сиёсии давлат маданияти стратегии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ зарур мебошад. Инчунин, барои хубтару беҳтар амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ ва мубориза бурдан бо таҳдидҳо дар таҷрибаи ҳамаи давлатҳо қабули консепсияҳо, стратегияҳо ва доктринаҳои амнияти миллӣ ба мушоҳида мерасад. «Доктринаи ҳар як мамлакат дар зери таъсири маданияти стратегии роҳбарияти сиёсӣ ташаккул меёбад ва сатҳу сифати он низ аз чунин навъи маданият вобаста мебошад. Маданияти стратегии роҳбарияти сиёсии давлат маҷмӯи таҷрибаҳо ва донишҳо, роҳу усулҳо ва қобилияти истифода намудани имконияту воситаҳо мебошад, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат ба кор бурда мешаванд. Инчунин рушди маданияти стратегӣ аз анъанаҳои миллӣ, мавқеи ҷуғрофии давлат, таҷрибаҳои сиёсию таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии роҳбарияти сиёсии мамлакат вобаста мебошад» [7, с.121].

Дар баррасиҳои худ М.И.Ракитов ба мундариҷаи маданияти стратегӣ низ диққати зарурӣ додааст. Ӯ иброз медорад, ки дар таркиби маданияти стратегӣ ду навъи фаъолнокӣ ва ё ду навъи рафторҳои стратегиро дидан мумкин аст: рафтори якум тасаввуроти ҷомеаро дар бораи воқеиятҳои дохилию берунии мамлакат яксон мегардонад. Масалан, тасаввуроти одамон дар бораи ҷаҳон, дар бораи сиёсати хориҷӣ, нисбат ба артиш, нисбат ба ҷанг ва сулҳ, нисбат ба давлатҳои дигар, дар бораи таҳдиду хатарҳо ва ғайра. Рафтори дуюм бошад, хусусияти оперативӣ дорад. Яъне муайян намудани афзалиятҳои миллӣ, асоснок намудани таҳдиду хатарҳо ва дар муносибат бо онҳо ташаккул додани бовариҳои мардум, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ дахолати мақомоти ҳокимияти давлатиро муҳим ва саривақтӣ шуморанд [11, с.204]. Дар чунин шакл баррасӣ намудани маданияти стратегӣ имкон медиҳад, ки онро шарти асосии таъмини амнияти миллӣ муаррифӣ созем.

Хулоса

Дар раванди дигаргуниҳои ҷаҳони муосир, ки онҳо дар боло номбар гардидаанд, раванди амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ бо мушкилиҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардад. Махсусан, дар ин гуна шароит таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки на танҳо амалишавии манфиатҳои миллиро номумкин месозанд, балки аксари онҳо мустақиман ба рушду инкишофи ҷомеа ва суботи сиёсии мамлакат таъсири манфӣ мерасонанд. Бо дарназардошти чунин вазъият барои хубтару беҳтар гардонидани амалишавии манфиатҳои миллӣ ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нав ва коркарди стратегияҳои нав зарур мебошад. Дар ин маврид консепсияи «неруи ҳушманд» стратегияе мебошад, ки ба талаботҳои замони муосир ҷавобгӯ аст ва самаранокии сиёсати дохилию хориҷии давлат низ аз сатҳу сифати истифодабарии он вобаста мебошад.

Консепсияи «неруи ҳушманд» тақозо менамояд, ки дар мавридҳои мухталиф барои ҳалли масъалаҳои пешомада неруҳои ба он мувофиқ истифода бурда шавад. Ба ибораи дигар, «неруи ҳушманд» маҷмӯи неруҳои то ин дам мавҷудае мебошад, ки вобаста ба шароит истифода бурда мешаванд. Чунин парадигмаро муаллифи ин консепсия Ҷ.Най парадигмаи «реализми либералӣ» номидааст. Ҷавҳари онро фарзияе ташкил медиҳад, ки мувофиқи он истифодаи неруҳои алоҳида дар танҳоӣ наметавонанд ҳамаи масъалаҳоро ҳал намоянд. Аз ин рӯ, вобаста ба шароитҳои пешомада ва бо дарназардошти мураккабшавии фазои сиёсии ҷаҳон истифодаи якҷояи онҳо тавсия мегардад.

«Неруи нарм» ҳарчанд барои ҳалли ҳамаи масъалаҳо мусоидат накунад ҳам, аз он даст кашидан ғайриимкон аст, зеро он яке аз унсурҳои муҳимтарини «неруи ҳушманд»

мебошад. Ба ҳамин монанд аз «неруи сахт» ва «неруи фаъол» низ даст кашидан номумкин аст. Онҳо низ унсурҳои таркибии «неруи ҳушманд» мебошанд. Бо ҳам алоқаманд намудани онҳо ва дар мавридҳои зарурӣ самаранок истифода бурдани онҳо моҳияти «неруи ҳушманд»-ро ташкил медиҳад.

Дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалигардонии манфиатҳои миллӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо истифодаи консепсияи «неруи ҳушманд» асоснок карда нашудааст. Аз ин рӯ, баррасии паҳлуҳои гуногуни ин масъала хеле зарур шуморида мешавад. Дар аввал бояд моҳият, хусусият ва мундариҷаи консепсияи мазкур ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардад ва сипас дар заминаи иқтидори методологии он консепсияи «неруи ҳушманд»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ташаккул дода шавад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин марҳалаи рушду инкишоф бо таҳдиду хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ шуда истодааст, ташаккули чунин консепсия ва коркарди стратегияҳои ҳушманд аз ҳарвақта дида заруртар мебошад.

АДАБИЁТ

1. Алексеева Т.А. Стратегическая культура: эволюция концепции // Полис. Политические исследования. –2012. –№5. –С.130-147.
2. Клаузевиц К. О войне. Пер. с нем. – М.: Логос, 1994. – 451 с.
3. Клаузевиц К. Принципы ведения войны. Пер. с англ. Л. А. Игоревского. – М.: Центрполиграф, 2009. –220 с.
4. Леонова О.Г. Политика «умной силы» – продукт эволюции «мягкой силы» // Социально-гуманитарные знания. – 2019. –№5. –С.25-31.
5. Леонова О. Sharp Power – новая технология влияния в глобальном мире // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т.63. –№2. –С.21-28. DOI: 10.20542/0131-2227-2019-63-2-21-28
6. Макиавелли Н. Государь. О военном искусстве. Пер с итал. Г.Муравьевой. –М.: АСТ, 2019. – 416 с.
7. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. –Душанбе: Империал-групп, 2019. –226 с.
8. Най С.Дж. Будущее власти. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век. Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: АСТ, 2014. –444 с.
9. Неймарк М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. «Умная сила»: к перспективам в мировой политике. Часть 2. // Обозреватель-Observer. –2016. –№2. –С.67-77.
10. Пименова Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 1 (52). –С.57-66. https://doi.org/10.24833/2071-8160-2017-1-52-57-66
11. Рыхтик М.И. Стратегическая культура и новая концепция национальной безопасности США // Вестник Нижегородского государственного университета имени Н.И. Лобачевского. Серия: международные отношения, политология, регионоведение. –2003. –№1. –С.203-219.
12. Сунь Цзы. Искусство войны. Пер. с англ. М.Михайлова. –М.: АСТ, 2019. – 160 с.
13. Фукидид. История. Пер. с греч. Ф.Г. Мищенко и С.А.Жебелева. –СПб.: Наука, 1999. –590 с.
14. Gaddis J.L. Strategies of Containment: A Critical Appraisal of Postwar American National Security Policy. – Oxford: Oxford University Press, 2005. – 512 p.
15. Nye J. The Means to success in World politics. New York: Public Affairs, 2004. 192 p.

16. Nye J.S. Jr. How Sharp Power Threatens Soft Power. The Right and Wrong Ways to Respond to Authoritarian Influence / Foreign Affairs, 2018, January 24. [Electronic resource]. URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2018-01-24/how-sharp-power-threatens-soft-power (accessed: 19.05.2020).

УМНАЯ СИЛА И ПЕРСПЕКТИВА ЗАЩИТЫ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ

МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН,
доктор политических наук, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 40,
тел.: 992-372-27-86-96, e-mail: mts-05022019@mail.ru

САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ,
кандидат политических наук, доцент, докторант кафедры политических процессов в Таджикистане Таджикского национального университета,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17,
тел.: +992 98 812 7383, e-mail: quddusov@mail.ru

Последние годы под влиянием информационно-коммуникационных и компьютерных технологий сильно изменились система международных отношений и баланс силы. В этом процессе повышается влияние не только транснациональных корпораций и негосударственных организаций, но и растет негативное влияние экстремистско-террористических организаций. Такая ситуация создает новые проблемы для национальных государств и станет причиной появления новых вызовов и угроз. Самый важный момент в этом контексте заключается в том, что в условиях усиления места и роли неправительственных организаций станет трудной реализация национальных интересов. Именно в таких условиях американский политологи Дж. Най предлагал концепцию «умной силы», которая включает в себе сочетание твердой силы и мягкой силы. Дж. Най обосновывает такое отношение с учетом трансформации современного мира. Он думает, что современный мир является не однополярным, не многополярным и не хаотичным, одновременно все эти характеристики в нем есть. По поводу военных сил, мир является однополярным, с точки зрения экономической силы является многополярным и по остальным силам является хаотичным. Он предлагает, что для получения ожидаемых результатов и успешной реализации поставленных целей нужно использовать различные виды силы с учетом возникшей ситуации и существующих ресурсов. Конечно, с такими идеями можно согласиться, но реальность «умной силы» заключается в том, что каждое государство с учетом своих приоритетов и возможностей должно разработать свою умную стратегию. Практика показывает, что некоторые государства с помощью мягкой силы, другие государства с помощью твердой силы и остальные с помощью активной силы получают желаемые результаты. Однако не все государства могут использовать одновременно все виды силы.

Ключевые слова: *«умная сила», «мягкая сила», «твердая сила», «активная сила», умная стратегия, стратегическая культура, национальные интересы, транснациональные угрозы, геополитические противоборства, информационные атаки.*

SMART POWER AND PERSPECTIVE OF PROTECTING NATIONAL INTERESTS

MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON,
D. Sc. in Political Science, Deputy Director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 40,
tel.: 992-372-27-86-96, e-mail: mts-05022019@mail.ru

SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI,
Ph.D. in Political Sciences, Associate Professor, doctoral student of the Department of Political Processes in Tajikistan, Tajik National University,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17,
tel.: +992 98 812 7383, e-mail: quddusov@mail.ru

In recent years, under the influence of information and communication and computer technologies, the system of international relations and the balance of power have changed greatly. In this process, the influence of not only transnational corporations and non-governmental organizations is increasing, but the negative influence of extremist-terrorist organizations is also growing. This situation creates new problems for national states, and will cause new challenges and threats. The most important point in this context is that in conditions of strengthening the place and role of non-governmental organizations it will become difficult to realize national interests. It was in these circumstances that American political scientist J.Nye proposed the concept of "smart power," which includes a combination of hard power and soft power. J. Nye substantiates this attitude taking into account the transformation of the modern world. He thinks that the modern world is not unipolar, not multipolar and not chaotic, but all these different aspects emerged in the same. As for the military forces, the world is unipolar, from the economic point of view power is multipolar, and the rest of the forces are chaotic. He suggests that to obtain the expected results and the successful implementation of the goals set, it is necessary to use various types of power, taking into account the situation and the existing resources. Of course, one can agree with such idea, but the reality of "smart power" is that each state taking into account its priorities and capabilities, must develop its own smart strategy. Practice shows that some states with the help of soft power, others with the help of hard power, and others with the help of active force get the desired results. However, not all the states can use all kinds of force at the same time.

Keywords: *«smart power», «soft power», «hard power», «sharp power», smart strategy, strategic culture, national interests, transnational threats, geopolitical confrontations, information attacks.*

УДК:004.65

БАЗАИ МАЪЛУМОТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИТТИЛООТӢ-ТАҲЛИЛӢ

НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
Тел.: (+992 37) 227-70-61, E—mail: panurama@mail.ru

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои базаи маълумот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф, аҳамияти базаи маълумот барои фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ боарзиш аст. Базаи маълумоти ҳақиқӣ ба туфайли нишондиҳандаҳо, ҷадвалҳои дахлдор, маълумоти ҷамъбандишуда ва дигар унсурҳо, барои дарёфти иттилооти лозима имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад. Тартиботи таъминкунандаи фаъолияти базаи маълумот бояд дар марҳалаи ибтидоии таҳқиқот тарҳрезӣ гардад. Таъхир дар ин кор баъдан ба беназмӣ оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, базаи маълумот бояд ба ҳар гуна амал (манипулятсия) мутобиқ бошад. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки технологияи муосир оид ба коркарду таҳлили иттилоот имконият медиҳад, ки аз ҳаҷми бузурги маълумот, ки зоҳиран баъзеашон ба мавзӯъ кам алоқамандӣ доранд, иттилооти зарурӣ барои қабули қарори стратегиро ҷамъоварӣ карда, ҷамъбандӣ намояд ва ҳар гуна фарзия ва гумонҳоро дар бораи омилҳои муҳимтарин, ки ба тарҳ таъсир мерасонанд, ёфта, санҷида, аниқ намояд.

Калидвожаҳо: *баъзаи маълумот, иттилоот, таҳлил, фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ, арзёбӣ, манбаъ, мазмун ва ғ.*

Ҷамъоварӣ, тақсимбандӣ ва нигоҳдории иттилоот ва таъсиси низоми ҷустуҷӯ барои ҳар як мутахассис кори маъмулӣ мебошад, ки ӯ бештари вақт ва неруи худро ба он сарф мекунад. База ё бонки маълумот бояд ҳадди ақал ду таъйинот дошта бошад:

-якум, барои истифодаи ҳаррӯза, ҷиҳати иҷрои амалиёти якхела, монанди ҷустуҷӯи суроға ё рақами телефон мавриди истифода қарор гирад;

-дувум, базаи маълумот бояд чун воситаи дастгирӣ ва таъмини қабули қарор хизмат кунад.

Корманди истихбороти машҳури Иттиҳоди Шӯравӣ Ким Филби навиштааст: «Яке аз мушкилоти асосӣ чӣ хел дастрас кардани иттилоот мебошад ва масъалаи муҳимтар ва мушкилтар аз ин – чӣ гуна амалӣ намудани он мебошад» [14].

Ҳанӯз дар солҳои 1980 муқаррар шуда буд, ки кори таҳлилие, ки дар баъзе пойтахтҳо ва дар Идораи марказии истихбороти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар асоси иттилооту маълумоти ошкоро бурда мешуд, асоси базаи маълумоти ҷамъоварикардаи истихбороти амрикоиро аз рӯйи минтақаҳои алоҳида ташкил додааст. Дар ин база бе истисно нисбат ба ҳамаи кишварҳо картотека тартиб дода шудааст. Ин базаи маълумот, ки сиёсат, кори ҳарбӣ, иқтисод, фарҳанг ва тамоми ҷанбаҳои ин ё он давлатро дарбар мегирифт, мунтазам таҷдид мешуд. Ин мавод ба ғайр аз коршиносон–кормандони истихоротӣ, дар ихтиёри ашхосе, ки расман ба фаъолияти дипломатӣ ва ҳарбии кишварҳои қабулкунанда машғул буданд, низ гузошта мешуд.

Базаи маълумот на танҳо қуттиҳои болои мизи пур аз мақолаҳои буридашуда аз рӯзномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар мебошад. Аҳамияти он барои фаъолияти дипломатӣ

арзишманд аст. Сафир В.М. Фалин бо ҳаяҷон хитоб намуда буд: «Сафир бе базаи маълумоти комил кӣ ҳаст? Фақат як лӯхтаки бесамар».

Базаи маълумоти ҳақиқӣ ба туфайли нишондиҳандаҳо, ҷадвалҳои дахлдор, маълумоти ҷамъбандишуда ва дигар унсурҳо, барои дарёфти иттилооти лозима имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад. Тартиботи таъминкунандаи фаъолияти базаи маълумот бояд дар марҳалаи ибтидоии таҳқиқот тарҳрезӣ гардад. Таъхир дар ин кор баъдан ба беназмӣ оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, базаи маълумот бояд ба ҳар гуна амал (манипулятсия) мутобиқ бошад.

Масъалаи абадии кор бо иттилоот аз он иборат аст, ки бо иттилоот чи бояд кард? Таҳлилгар бояд ба саволҳои номаълум ҷавоб ёбад:

— Кадом маълумотро ӯ метавонад пайдо кунад?

— Эътиборнокии онҳо то кадом андоза аст?

— Аз маҷмӯи маълумот чӣ гуна бояд хулосабарорӣ кард?

— Чӣ гуна иттилоотро равшан, ҷолиб, осонфаҳм ва фоиданок кард?

— Чӣ бояд кард то истифодабарандаи ояндаи иттилоот гумроҳ нашавад?

Дар айни замон, бояд дар назар дошт, ки ҷамъоварии иттилоот нисбат ба таҳлилу коркарди он хушояндтар ва осонтар аст.

Технологияи муосир доир ба коркарду таҳлили иттилоот то андозае заҳмати эҷодии муҳаққиқро осон менамояд. Он имкон медиҳад, ки:

— аз ҳаҷми бузурги маълумот, ки зоҳиран баъзеашон ба мавзӯъ кам алоқамандӣ доранд, иттилооти зарурӣ барои қабули қарори стратегиро ҷамъоварӣ карда, ҷамъбандӣ намояд;

— ҳар гуна фарзия ва гумонҳоро дар бораи омилҳои муҳимтарин, ки ба сарнавишти тарҳ таъсир мерасонанд, ёфта, санҷида, аниқ намояд;

— барои ошкор намудани тамоюлоти ниҳонӣ, ки наметавон онҳоро бо кумаки усулҳои анъанавӣ ва тартиботи таҳлил эҳсос кард, иттилоотро таҳқиқ намояд.

Масалан, вақте ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ғалабаи “ҲАМОС”-ро дар қаламрави фаластиниҳо дар соли 2006 ояндабинӣ карда натавонистанд, гурӯҳи махсуси фавран таъсисдода ба иштибоҳоти таҳлилгарон дар ҷараёни хулосабарорӣ аз пурсиши афкори омма ишора кард.

Бояд таъкид намуд, ки ҳар як ташкилот манбаъҳои маҳдуди иттилоотиро дорад ва аз қобилияти таҳлилии кормандон ба андозаи зиёд сохтори худи базаи маълумот вобаста аст. В. Плэтт таъкид намуда буд: «Бо кори иттилоотӣ одамон сарукор доранд ва муваффақияти он аз дониши онҳо ва аз хислати дониши онҳо вобаста аст».

Ва як омили дигари муҳим – вақт мебошад.Таъмини бамавқеъ ва саривақтӣ будани иттилоот муҳимтарин талабот нисбат ба иттилоот аст ва бештар аз ҳар чизи дигар барои таҳлилгар мушкилот эҷод менамояд. Барои он ки иттилоот саривақтӣ пешниҳод карда шавад, бояд муҳлати ниҳоии анҷоми корро муқаррар кард. Дар айни замон, иштибоҳи маъмулӣ дар он аст, ки барои иҷрои вазифа муҳлати муайян таъйин карда мешавад, аммо дар ҳақиқат онро наметавон дар ҳамин муҳлат анҷом дод.

Ҳадди ақал се чиз метавонанд аз мушкилоти ноҷо ва нолозимӣ дар кор пешгирӣ намоянд:

— тақсимоти дурусти вақт барои кори таҳқиқотӣ ва таҳрири матн;

— риояи муҳлати муқарраршуда ва доштани қобилияти ба нақшагирии харочоти худ;

— ба қадри имкон доштани захираи вақт барои кори эҷодӣ.

М.С. Капитса ба дипломатҳои ҷавон чунин ҳидоят медод: «Ҳангоме ки дар воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Ғарб хабаре нашр шуд, ки гӯё Мао Тзедун вафот кардааст, ман метавонистам бо хотирҷамъӣ ба сафари хидматӣ ё ба рухсатӣ равам, зеро медонам, ки дар сандуқи оҳанини ман чанд ҳуҷҷат, аз ҷумла ёддошт ба Кумитаи марказӣ бо телеграммаи таслият аллакай омода аст» [1].

Барои фаҳмидани вазифаи базаи маълумот бояд тартиботи кор бо иттилоот муқаррар карда шавад:

— интихоби самт;

— ҷамъоварӣ;

— шарҳу тафсир;

— арзёбӣ;

— муқоиса

— фиристодани иттилоот.

Собиқ директори Раёсати Марказии инкишофии ИМА Ален Даллес гуфта буд: «Таҳлилу коркарди иттилооти воридшуда се марҳаларо дар бар мегирад:

-якум, хабарҳо ба навъҳо ҷудо карда мешаванд;

-дувум, бояд маълумот доир ба масъалаҳои калон таҳлил карда шаванд…;

-севум, муқоисакунии тамоми маълумот ва арзёбии ниҳоии онҳо аст»[4].

Интихоби самт маънои вазифаи мушаххаси мушоҳида кардани объекти муайян, муқаррар кардани номгӯйи масъалаҳо барои пурсиш, муайян намудани маҷмӯи калимаҳои калидӣ барои таҳлилро дорад. Бо дарназардошти ин, корманд таваҷҷуҳи худро барои расидан ба ҳадаф ҷалб карда, усулу воситаҳои гуногун: мушоҳида (назорат), пурсиш, ҷустуҷӯи ҳуҷҷатӣ ва ғайраро ба кор мебарад.

Ҷамъоварӣ ва арзёбии маълумот ба марҳалаи тафтишот тааллуқ дорад. Тамоми нуктаҳо ва амали боқимонда ба марҳалаи таҳқиқот дохил мешаванд. Базаи маълумот барои анҷоми тадбирҳои таҳлилӣ манбаи асосӣ ба шумор меравад, – мисли он ки китобхонаи донишгоҳӣ барои донишҷӯ ҷиҳати омодагӣ ба имтиҳонот ё навиштани кори курсию рисолаи дипломӣ хизмат мекунад. Яке аз генералҳои Кумитаи амнияти давлатии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ инро чунин шарҳ додааст: «Базаи маълумоти ягон шахсро мебинем. Ана мулоқоти ӯ, ана атрофиёни вай. Ҳама чиз мисли кафи даст аён аст. Иртиботи пешинаи ӯро таҳлил мекунем ва иртиботи навро ҷустуҷӯ менамоем…» [9].

Таҳти арзёбӣ усули ба тартиб даровардани ҳам манбаи иттилоот ва ҳам худи иттилоот фаҳмида мешавад. Аз сабаби он ки маълумоти ҷамъоваришуда метавонад

зиддиятнок бошад, бояд меъёри босифати тамоми хабарҳое, ки ба базаи маълумот дохил карда мешаванд, тарҳрезӣ гардад. Маъмулан, корманди пуртаҷриба, ки иттилоотро тафтиш мекунад, ба маълумоти ҷамъоваришуда худаш баҳо медиҳад ва онро кодгузорӣ мекунад. Коди системаи аввал ҳарф ва коди системаи дувум рақам мебошанд. Масалан, бо ҳарфи «А» одатан манбаи боэътибор ва бо рақами 1 иттилооти тасдиқшударо ишора мекунанд. Баъзан фақат рамзҳои ҳарфӣ истифода бурда мешаванд.

Дар натиҷа метавон нақшаи зерини арзёбиро ба кор бурд.

Арзёбии манбаъ:

А – манбаи боэътимод;

Б – маъмулан, манбаи боэътимод;

Г – манбаи шубҳанок;

Д – манбаи эътимодаш номаълум;

Е – манбаи беэътимод.

Арзёбии мазмун:

1 – иттилооти тасдиқшуда;

2 – зоҳиран, иттилооти дуруст аст;

3 – эҳтимолан, иттилооти дуруст аст;

4 – иттилооти шубҳанок аст;

5 иттилооти тасдиқнашуда;

6 – иттилооти дурӯғ.

Истифодаи чунин ҷадвал зоҳиран ягона воситаи баҳодиҳӣ ба иттилоот барои таҳлилгар мебошад. Дар ин иртибот ёддошти сардори Идораи истихбороти сиёсии Олмони фашистӣ В. Шелленберг дар бораи фаъолияти намояндаи ҳарбии Югославия дар Берлин ҷолиб аст: «Аз ҳама муаммои бузург барои мо ин буд, ки ӯ аз куҷо ин қадар маълумоту иттилооти дурусту аниқро дарёфт мекард… Маълум шуд, ки ӯ маълумоти ҳарбӣ, сиёсӣ ва техникиро ҷамъоварӣ карда, ба онҳо аз рӯйи холи муайян баҳогузорӣ мекардааст. Ӯ фақат ба он маълумоте ҷалби таваҷҷуҳ мекардааст, ки аз 50 хол бештар баҳогузорӣ шудаанд. Бадин тартиб, ӯ тамоми навигариҳо ва овозаҳои Берлинро, ки ба ӯ мерасиданд, таҳлил мекардааст. Сипас, маълумоти дарёфтшударо ҷамъбандӣ ва муқоиса карда, ба таври аҷиб манзараи аниқро ба даст меовардааст» [9].

Дар хадамоти махсуси давлати Исроил тамоми манбаъҳои иттилоот ба панҷ категорияи асосӣ ҷудо карда мешаванд:

а) манбаи махсусан боэътимод;
б) ин манбаи иттилоот тақрибан боэътимод аст;
в) ба ин манбаъ бисёр эътимод кардан мумкин нест;
г) ба ин манбаъ бояд боэҳтиёт муносибат кард;
д) ба ин манбаъ эътимод кардан лозим нест.

Тамоми иттилооти дарёфтшуда аз рӯйи ҷадвали рақамӣ баҳогузорӣ мешавад:

1) худам донистам;

2) аз дигарон шунидам, ки ба онҳо итминон дорам;

3) аз суҳбати дигарон шунидам ва ғайра.

Ҳатто манбаъҳои боэътимод ҳам баъзан иттилооти дурӯғ медиҳанд ва манбаъҳое, ки пеш беэътимод гуфта шудаанд, маълумоти муҳимму боэътибор медиҳанд. Корманди истихбороти хориҷии рус В. Верников, ки солҳои зиёд дар Амрикои Лотинӣ кор кардааст, навиштааст: «Борҳо чунин шудааст, ки иттилооти дарёфтшуда аз манбаи беэътимод ва тасодуфӣ ба марказ фиристода намешуд, аммо баъдан маълум мегардид, ки он дуруст будааст»[9].

Ба ҳамин сабаб, бояд ҳар ду навъи баҳодиҳӣ ба иттилоот мавриди истифода қарор гиранд. Низоми зикршуда яқинан субъективӣ аст, на объективӣ. Агар ҳар як корманд меъёрҳои гуногун дошта бошад ва онҳоро ба тарзи худ шарҳ диҳад, беназмӣ ба амал меояд. Дар кори таҳқиқотӣ бояд нишондиҳандаҳое муқаррар карда шаванд, ки барои бодиққат баррасӣ ва муҳокима кардани иттилоот кумак намоянд.

Коршиносон бояд дар ҷараёни таҳлил ба мавод баҳо диҳанд, чунки баъзе мавод дар коғаз хеле боэътимод ба назар мерасанд, аммо фақат дар амал эътимоднокии онҳо маълум мешавад. Ба таърихи навин мурочиат мекунем. Мегӯянд, ки «қазияи Афғонистон» дар истихбороти хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ пухта расида буд. Андешаи стратегӣ хуб буд. Яъне доштани як кишвари дӯст – Афғонистон, ҷолиб ба назар мерасид. Он тарафтар Ҳиндустон, паҳнои уқёнуси Ҳинд, Шарқи Наздик ва Миёна … Хулоса, дастрасӣ ба ин маҳдуда ҷолиб буд, зеро аввал гумон бурда мешуд, ки масъала бо роҳи сулҳомез аз тарафи қуввахои пешрафтаи Афғонистон ҳал мешавад, аммо иштибоҳ дар он буд, ки дар амал неруҳои Инқилоби савр заиф баромаданд [2].

Равшан аст, ки коршиносон вазифадоранд ба фоидаи кор, аз он ҷумла, ҳангоми таҳлили самаранокии қарорҳои қабулшуда боэътимодии манбаъҳои иттилоот ва таҳлили худи иттилоотро аниқ намоянд. Аммо мутаассифона, дар амал ҳарфҳо ва рақамҳо бештар чун эҳсосотӣ истифода бурда мешаванд, на ба асоси илмӣ, чунки арзёбиҳои пешина бисёр вақт барои баҳодиҳӣ ба маълумоти нав ба кор намеоянд.

Таҳлил қисмати нисбатан муҳимми раванди таҳқиқот мебошад. Масалан, корманд бо манзарае сару кор дорад, ки дар он як ё якчанд унсури калидӣ вуҷуд надоранд. Ӯ бояд натиҷагирӣ намояд, ки дар сурати комил будани тамоми унсурҳо, ин манзара чӣ гуна ба назар хоҳад расид. Дар ин иртибот Т. Масарик чунин андешаронӣ намудааст: «Бояд чандин бор ба оянда, ба пеш нигарист ва барои он чи ки дар оянда рӯй хоҳад дод, бояд ҳамеша омода буд. Ҳеҷ чиз бояд туро ба ғафлат наандозад. Андешаву мулоҳизот дар бораи ояндаро мо фақат вақте баён карда метавонем, ки ба қадри имкон ҳамаи алоқамандиҳо ва ҳамаи унсурҳоро дар назар гирифта тавонем» [9]. Таҳлилгар усулҳои илмиро ба кор мебарад, аммо бисёр чиз аз фарзия низ вобаста аст ва дар ин ҳеҷ ҷойи аҷобат нест, ки баъзан муҳаққиқон ба ғалату иштибоҳот роҳ медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Азия и Африка сегодня. 2010. – № 11. – С. 58.
2. Алидин В.И. Государственная безопасность и время. – М., 2001. – С. 301.
3. Вопросы истории. 198. – № 2. – С. 111.
4. Даллес А. ЦРУ против КГБ. Искусство шпионажа. – М., 2000. – С. 256.
5. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 340 с.
6. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе, 2020. – 258 с.
7. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР–граф», 2017. – 576 с.
8. Нуриддинов Р.Ш. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – 388 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюми такмилёфта / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: «Эр–граф», 2018. – 490 с.
10. Нуриддинов Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе : «Эр–граф», 2016. – 352 с.
11. Нуриддинов Р.Ш. Геополитика: Учебное пособие / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 352 с.
12. Нуриддин П.Р. Суҳбатҳои дипломатӣ. Воситаи таълимӣ. Нашри дуюми такмилёфта. – Душанбе: «ЭР–граф», 2018. – 246 с.
13. Управление риском. 1997. – № 2. – С. 38.
14. Филби К. Моя тайная война: Воспоминания советского разведчика. – М., 1989. – С. 62.

БАЗА ДАННЫХ В ИНФОРМАЦИОННО-АНАЛИТИЧЕСКОЙ РАБОТЕ

НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,
кандидат политических наук, доцент
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40,
тел.: (+992 37) 227-70-61, e-mail: panurama@mail.ru

В данной статье анализируются и рассматриваются вопросы базы данных. По мнению автора, база данных в информационно-аналитической работе имеет огромное значение. Подлинная база данных представляет широкие возможности для получения справочной информации благодаря перекрестным указателям, таблицам соответствий и обобщенных сведений, а также другим элементам справочного аппарата. Процедуры, обеспечивающие функционирование базы данных, должны быть разработаны в начальный период исследовательских действий. Задержка на этом этапе позже приведет к путанице и беспорядку. Иными словами, база данных должна быть приспособлена для различных манипуляций. Одновременно, автор отмечает, что современные технологии по обработке информации позволяют из огромного объема данных выделять полезные сведения по актуальной проблеме, имеющих к ней самое отдаленное отношение, собирать и обобщать информацию, необходимую для принятия

стратегических решений, находить, проверять и уточнять любые гипотезы и догадки о важнейших факторах, влияющих на проект.

Ключевые слова: *база данных, информация, анализ, информационно-аналитическая работа, оценка, источник, содержание и т.д.*

DATABASE IN INFORMATION AND ANALYTICAL WORK

NURIDDIN PARVIN RAIMALIKHON,
PhD in Political Science, associate professor,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, 40 Rudaki ave.,
phone: (+992 37) 227-70-61, e-mail: panurama@mail.ru

This article analyzes and discusses the issues of the database. According to the author, the database is important in information and analytical work. This database provides a wide range of reference information through cross-references, correspondence tables, and summary information, as well as other elements of the reference tool. The procedures that ensure the functioning of the data Bank should be developed during the initial period of research activities. Delay at this stage later will lead to confusion. In other words, the database must be adapted for various manipulations. At the same time, the author notes that modern technologies for information processing allow us to select useful information on an actual problem from a huge amount of data, which seem to have the most remote relation to it, collect and summarize the information necessary for making strategic decisions, find, check and refine any hypotheses and guesses about the most important factors that affect the project.

Keywords: *database, information, analysis, information and analytical work, assessment, source, content, etc.*

УДК: 328.53

ОМИЛҲОИ ХАТАРНОКИ ТАФАККУРИ КЛИПӢ БА МАЪРИФАТИ ЗЕҲНӢ

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА,
номзади илмҳои фалсафа, муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел: +992 37 2272093.

Мақола ба яке аз масъалаи мубрами рӯз – тафаккури клипӣ ва хатари он ба маърифати зеҳнӣ бахшида шудааст. Дарёфти муаллиф аз он иборат аст, ки омилҳои асосии ба тафаккури клипӣ тобеъ шудани ҷавононро чун насли ояндасоз муайян намуда, барои аз ин хатар раҳоӣ ёфтан чанд пешниҳодҳои мушаххас ироа менамояд.

Муаллиф омилҳои идеологӣ-сиёсии тафаккури клипӣ ва хатари он ба амнияти давлатро низ нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: *фарҳанги зеҳнӣ, тафаккури клипӣ, маърифати зеҳнӣ, қонунҳои объективӣ, шуур ва зершуур, оламу фазои маҷозӣ, вазъи идеологӣ-сиёсӣ, низоми таълим, воситаҳои техникӣ, компютер.*

Маълум аст, ки психологияи ҷамъиятӣ ё ин ки зеҳни мардум ин, пеш аз ҳама, назари мардум ба маҷмӯи муносибатҳои ӯ ба зуҳуроти табиӣ ва воқеияти иҷтимоист. Ташвиқ намудани як идея дар байни мардум бе ба инобат гирифтани психологияи ҷамъиятӣ бемаврид аст ва баъзан оқибатҳои ногувор меорад.

Фарҳанги зеҳнӣ дорои як сохтори печида ва дар сатҳҳои гуногун аз фаҳмиши одӣ, иҷтимоӣ ва то ба илмӣ иборат аст ва он ҳар лаҳза тағйирёбанда аст. Барои таҳқиқ, таҳлил ва хулосабарорӣ дар мавриди психологияи ҷамъиятӣ то ба маърифати зеҳнӣ намудҳои гуногуни огоҳӣ дар шакли тафаккурӣ (ё ҷаҳонбинӣ) то шакли шуури ҷамъиятӣ ба намудҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ғайра, дар умум, фалсафиро ба инобат гирифтан лозим меояд. Ба ғайр аз ин, дараҷаи маърифати зеҳнӣ ба шаклҳои фардии инъикос, вазифаҳои иҷтимоии амалкунанда дар ҷомеа, хусусиятҳои рушди давлат, вобастагии иҷтимоӣ ва муҳити зист низ пайваст аст. Ин ҳамаро дар ягонагӣ сатҳи тафаккури фалсафӣ, ки бевосита ва ё бавосита назар кардан ба воқеияти иҷтимоию табииро таъмин менамояд, ба низом медарорад. Дарки фалсафиро миқдори ками инсоният доро аст, он ҳам бошад, табақаи зиёиён ҳастанд ва мушкилии асосии идеологӣ низ дар ҳамин аст, ки вобастагии қавӣ ба маърифати зеҳнии шахс дорад.

Олами инсонҳо дар тӯли асрҳо аз олами ҳайвонот бо он фарқ мекард, ки инсон зотан дорои ақлу шуур ва маънавият буд. Дараҷаи шуурнокии инсонҳо зина ба зина инкишоф ёфта, олами набототу муҳитро бо ақлу зеҳнияти худ то андозаи муайян тағйир медод ва истифодаи васеъ мекард. Ҳамин гуна, инсон ҳукмрониро ба табиати гуногунранг ва беназир омӯхт ва зеҳнияташ дар вобастагӣ ба он тавсеа ёфт.

Мафкураи инсон низ чун субъекте дар қонунҳои объективӣ бояд дар меъёри муайян ва бо равиши муайян дар инкишоф бошад. Ҳарчанд ки асри 21-ро маҳз худи инсони дорои дарки нав – чун асре ҳаёт дар шакли ғайримантиқӣ – бо суръати тез дар инкишоф «офаридааст» ва аммо ин «шароит» инсониятро дар кулл водор месозад, ки бояд «ҳамадон» бошад. Акнун, азбаски майнаи сари инсонӣ имкон барои таҳзияи дар як вақт бархӯрдор шудан аз тамоми соҳаҳои илмӣ-иҷтимоиро надорад, маҷбур мешавад, ки

моҳият ва мантиқи амиқи навоварӣ ва ё мавзӯи объектро азхуд накарда, танҳо ба қавле «сарсарӣ», аз рӯйи фактҳои ҷудогона онро азбар намояд.

Дигар ин ки, яке аз омили паст шудани қобилияти дуруст қабул накардани олами воқеӣ, ки ба деградатсияи майнаи сар оварда мерасонад, ин аст, ки қариб нисфи аҳолии ҷаҳон дар муҳиту ҳамбастагии на ба оламу фазои табиӣ, балки ба оламу фазои маҷозӣ, яъне интернет ва дигар намудҳои иттилоърасон ба сар мебарад. Масалан, дар соли 2019 муайян шудааст, ки аз 7,7 миллиард аҳолии рӯйи замин 4,4 миллиард инсонҳо ба интернет дастрасӣ доранд, ки ҳар рӯз 6 соат дар онлайн ҳастанд ва умри худро назди он сипарӣ менамоянд[1]. Дар айни замон, агар таваҷҷуҳи ҳикматомезона дошта бошем, мебинем, ки аксари инсонҳо, махсусан табақаи ҷабрдида – наврасон ва ҷавонони ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ин нишастанҳо дар назди интернет «бо дасти худ» тафаккури худро «асири клипӣ» намудаанд. Омили асосӣ ва оқибатҳои ин асирӣ, пеш аз ҳама, аз табиати ташаккулёбандаи инсонӣ дур мондан аст ва барои боло бурдани маърифати зеҳнӣ замина муҳайё намекунад. Таъсири оқибатҳои ногувори ин усули ҳаётгузаронӣ барои инсоният хатари ҷиддии генофондӣ дорад, чунки ин олами маҷозӣ барои рушди солими ақлу рӯҳ ва ҷисмонии махсусан наврасон монеаҳои ҷиддӣ пеш меорад.

Бо ин вазъ, масъалаи ташвишовар, ки дар замони муосир аллакай кишварҳои гуногунро фарогир аст, ин дар майнаи сари аксари мардум шакл гирифтани “тафаккури клипӣ” аст. Пайдоиши мафҳуми тафаккури клипиро баъзе олимон дар солҳои 60-уми асри XX медонанд. Маълум аст, ки дар шакли оммавӣ вусъат гирифтани тафаккури клипӣ даҳсолаҳои охир рӯйи кор омадааст. Аҳли андеша бар он ақидаанд, ки маҳз фазои маҷозӣ барои пайдоиши тафаккури клипӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Мафкураи инсон дорои хусусияте мегардад, ки на танҳо инкишоф намеёбад, балки қабули ахборро ҷудогона ва бепайвастагии ҳамдигар дарбар мегирад. Акнун аҳли илм ин масъаларо ҷиддитар омӯхта, хатари ояндаи онро мавриди пешгӯии илмӣ қарор дода истодаанд.

Истилоҳи тафаккури клипӣ дар адабиёти фалсафӣ-равоншиносӣ дар миёнаҳои солҳои 90-ум (асри гузашта) пайдо шудааст. “Клип” аз калимаи англисӣ гирифта шудааст, ки маънои «гирифтан аз қисматҳое – аз матн, рӯзнома, аз видео ва филмҳо» аст[2.] Дар натиҷа, инсони дорои чунин тафаккур як масъала ва ё як мавзӯъро дарк накарда, ба «омӯзиш»-и дигараш мегузарад. Муҳити шахси дорои тафаккури клипӣ ба калейдоскопе, ки фактҳои парокандашударо дарбар мегирад, мубаддал мегардад. Дар ин ҳолат инсон воқеияти атрофи худро ҳамчун зуҳурот ва падидаҳое мебинад, ки пайдарпайӣ ва алоқамандие ба ҳам надоранд. Аммо маълум аст, ки ҳаёти иҷтимоӣ сохторест бо соҳаҳои бо ҳамдигар пайванд.

Аввалин чизе, ки аксар вақт бо шунидани калимаи «клип» ба назари мардум мерасад, ин образҳое ҳастанд, ки аз ҳам ҷудогона ҳастанд. Аммо дар фаҳмиши фалсафӣ, вақте ки мо аз нигоҳи илмӣ ҳастиро меомӯзем, мебинем, ки олам ягона аст ва чизҳо, ки алоҳида вуҷуд доранд, байнашон робита низ ҳаст. Яъне ҳастии олам ва ҳастии инсон бо қонуни объективӣ–ягонагӣ ва муборизаи зидҳо амал мекунад. Ҳатто робитаи маънавӣ низ вуҷуд дорад. Аммо бо тафаккури клипӣ инсон воқеияти муҳитро чун пайдарҳамии ба якдигар ҳеҷ вобастагӣ надошта қабул мекунад. Бояд сари он андеша намуд, ки ин робита, ки дар ягонагии ҳастӣ ба амал баромадааст, чӣ натиҷае барои ҳастии инсон ва ҳастии олам ба бор хоҳад овард?!

Ба назар чунин мерасад, ки гӯё инсони имрӯза кӯшиш мекунад ҳама чизро донаду аз бар кунад, вале ин «азбаркарданҳо ва донистанҳо»-и зиёда аз меъёри қабул барои майнаи сар то чӣ андоза нафъ дорад, ӯро инсони комил месозад?! Худи табиати инсонӣ,

ки новобаста ба инсон чун ҷузъе аз табиати ҳастӣ низ амал ва рушд мекунад, оё қудрати монеи ба куллӣ дигаргун намудани онро дорад?! Масалан, инсон новобаста аз хоҳиш ба камол мерасад ва пир мешавад, ҳарчанд бовар ҳаст, ки 99 дарсади инсонҳо мехоҳанд ҷавон бимонанд, аммо табиати ӯ, ки объективӣ ҳаст, дар зери таъсири қонунҳои объективӣ «пир» мешавад.

Майнаи сари инсон низ, ки субъективан ҷойи шууараш он ҷост, оё ба ин азбаркарданҳои қолабӣ «розӣ» шуда метавонад? Шаклгирии ҷисми инсон ва майнаи сари ӯ дар тӯли қарнҳо, ки то андозаи каме тавонистааст бо амалигардонии ҳуҷайраҳои майнаи сараш инкишофи тафаккураш ба вуҷуд биёяд, ин тағйироти куллиро чӣ гуна мепазирад? Аз назари дигар, инсон метавонад майнаи сарро бо ин «донистан»-ҳояш (иттилооташ) пур намуда, аз он дар зиндагии ҳаррӯзааш ба манфиат истифода барад?

Ҳарчанд "майнаи сари инсон, табиатан чунин қоидаеро доро аст, ки иттилооти зиёд ва нобасомони воридшударо ба воситаи механизмҳои муҳофизатии худ, аз ҷумла канорагирӣ, радкунӣ, танбалӣ бозмедорад ва гузариш ба фаъолияти онро осонтар ва гуворотар фароҳам меорад. Хусусан, вақте ки сухан дар бораи маҷмӯи иттилооти мураккаб, печида ва гиҷкунанда меравад, ки дарки онҳо саъйи зиёдро аз одам талаб мекунад"[3.] Аммо инсоне, ки тафаккури клипӣ пайдо мекунад, дар ӯ хоҳиши тез-тез донистани иттилооти кӯтоҳмуддат пайдо мешавад ва майнаи сари инсон ба он одат мекунад. Бо ҳамин равиш падидаи номатлуби азбар кардан ва моҳияти пурраи ҳаҷми иттилоот ва амалан онро дарк карда натавонистан то дараҷаву андозае хосияти қариб майнаи сари тамоми ҷавонон ва наврасони даврони муосир гашта истодааст.

Дигар ин ки дар давлате, ки мардумаш ба тафаккури клипӣ гирифтор мешаванд, эҳсосҳои ҳамдардиву ба якдигар дасти ёрӣ расонидан кам мегардад. Дар аксари ин гуна давлатҳо режими бераҳмӣ, тез-тез рух додани ҳодисаҳои нохуш, беэътиборӣ нисбати фоҷиаи дигарон ва масъулиятнопазирӣ вуҷуд дорад, ки аз нашъунамои фарҳанги демотиватсионӣ низ дарак медиҳад.

Фарҳангшинос К.Г. Фрумкин омилҳои пайдоиши тафаккури клипии ҷавононро чунин медонад:

1. Миқдори зиёди воридшавии иттилоот ба майнаи сар;
2. Суръати баланди ҷараёни иттилоот ва ниёз ба таҷдиду вазърасонии он;
3. Маълумоти гуногунҷабҳаву мухталифи воридшаванда;
4. Зиёд шудани миқдори амалҳое, ки шахс дар як вақт анҷом медиҳад;
5. Афзоиши муколама дар фазои иҷтимоӣ[4.]

Аз тарафи дигар бо саъйу кӯшиши худ инсон дар ҳолати муайян метавонад, ки аз ин изофаборӣ худро ҳифз намояд, яъне дар як ҳолате оромӣ дошта бошад ва ба мавзӯи хондааш ва ё объекти таваҷҷуҳ кардааш таваққуфи бештаре намояд, то аз он майнаи сар баҳравар гардад, ки дар натиҷа, зеҳнаш дар тағйироту рушд бошад. Яъне қобилияти майнаи сари инсонӣ ва ғунҷоиши иттилоот, чун объект ва субъект, ҳангоми баҳамомаданҳо дар як меъёри муайни созанда бояд бошад, роҳи дигари ба маърифати баланди зеҳнӣ расидан вуҷуд надорад.

Дар майнаи сар фикри солим ҳам мисли дигар воқеаҳову падидаҳо дар меъёри муайян амалӣ мегардад, вобаста ба ғунҷоиши тафаккур. Аммо фишор ба андозае дар ин маврид майнаи сарро ба фикр кардан такон медиҳад. Инсон, вақте ки меомӯзад, рӯз то рӯз бо як сурати муайян ва зина ба зина миқдори азбар карданро вусъат дода, хоҳиши бештари мутолиа карданро пайдо мекунад. Агар инсон кӯшиш намояд, ки ҳама чизро яку якбора азхуд кунад, ин ҳолат дар майна беназмиро ба вуҷуд меорад. Меъёри муайяни фикр кар-

дан, ки вобаста ба қобилияти инсон аст ва ин меъёрро майнаи сар, ки бо қонунҳои объективие, ки новобаста ба инсон вуҷуд доранд ва амал мекунад, муайянкунанда аст. Ҳиссиёти инсонӣ бошад, дар ҳолати лозима барои бештар азбар кардани иттилоот шароит фароҳам меорад ва ба инсон дарак медиҳад.

Мушкилии дигар он аст, ки дар майнаи сари инсон, азбаски дар ҳоли ба иттилои дигар пур кардани тафаккур, шуур тавони зиёд нигоҳ доштани ахбори қаблан хондаву дидаашро надорад, дар натиҷа, иттилоъ ба зершуур гузашта, майнаи сар наметавонад онро ба хубӣ таҷзия намояд. Ин сарборӣ (яъне дар як меъёри даркорӣ набуда) ба он оварда мерасонад, ки қобилияти таҳлил кардан дар инсон кам мегардад. Дар ҷомеаи имрӯза бошад, таҷзия кардан дараҷаи кулминатсионии ба ҳадаф расидан дониста мешавад. Агар ин меъёр риоя карда нашавад, инсон ва тафаккураш дар як мавқеъ ва ҳолати ногувор мемонад. Аз як тараф, ин иттилооти клипии воридшуда дар ҷомеа бо суръати баланд дар навоварӣ аст ва бояд ба он расид, аз тарафи дигар, ин воридшавии иттилоот майнаи сарро маҷбур менамояд, ки мисли робот онро дар шакли будааш ба мардум расонад, яъне на дар шакли таҷзияшуда дар майнаи сар, ки ба тавлиди идеяи нави манфиатовар оварда мерасонад.

Дар умум, давлате, ки ин гуна тафаккури клипиро доро мешавад, дар ҳолатҳои сиёсӣ наметавонад аз давлатдории худ муҳофизат кунад.

Масъалаи муҳимми идеологӣ аст, ки бозингарони сиёсӣ аз тафаккури клипӣ барои дастакорӣ ё идора кардан (манипулятсия) истифода мебаранд. Инсони дорои тафаккури клипӣ на танҳо аз қисм-қисм қабул кардани иттилооти гирифташуда истифода бурда наметавонад, балки бадтар аз он, имкони моҳияти он чиро шунидааст, ё дидааст, андеша кардан, сарчашма ва манбаи онро баррасӣ карданро надорад. Ин баррасӣ накарданҳо бошад, хаосро дар майнаи сар ба вуҷуд меоранд ва инсон наметавонад, ки хуб ва ё бад, манфӣ ва мусбатро ба таври лозим аз ҳамдигар фарқ кунад. Дар ин ҳолат бозингарони сиёсӣ метавонанд аз тафаккури ин гуна инсон истифода намоянд, дар майнаи сари чунин инсон иттилооти гуногуни идеологии ба манфиати худ лозимаро ворид созанд ва аз ӯ чун «инсон» ва «фарде», ки гӯё намоянда аз ҷомеа ва ё давлате ҳаст, истифода намоянд. Яъне шуур ва тафаккури ӯро барои дастакорӣ ва идора кардан, ҳатто дар ҳолатҳои таблиғоти сиёсӣ истифода мекунанд. Ин масъалаест, дар ҳақиқат боиси ташвиш аст, ки амнияти идеологии кишварро зери хатар мегузорад.

Тафаккури клипӣ боиси заиф гаштани маърифати зеҳнӣ ва дар натиҷа, барои умумигардонии донишҳои гирифта, тағйир ва инкишоф додани шуур ва зеҳни мардум монеа мегардад. Хусусияти хоси он донишҳои гирифташударо ба дурустӣ истифода бурдан натавонистан дар ҳаёти рӯзмарра мебошад, ки ниҳоят хатарнок аст.

Дар замони муосир низомҳои таълимие вуҷуд доранд, ки заминаи бавуҷудоии тафаккури клипӣ мегарданд ва коршиносон бар он назаранд, ки аз ин гуна низомҳои таълим бояд даст кашид ва ё мебояд омӯзиш бо онро ба менталитет ва психологияи миллӣ мутобиқ намуда, дар усули омӯзиш бо ин система дигаргуниҳо ворид карда шавад, то барои баланд бардоштан маърифати зеҳнии донишҷӯён дар муддати таҳсил мусоидат намояд. Чунки махсусан донишҷӯён, ки қувваи асосии пешбаранда ва ояндасози давлат дониста мешаванд, агар дар сатҳи пасти шуурнокӣ ва вобастагии тафаккури клипӣ пайдонамуда қарор дошта бошанд, хатари азиме ба генофонди миллатро доранд. Дар айни замон заминаи тафаккури клипӣ пайдо кардани донишҷӯён дар низомҳои таълими имрӯза, махсусан бо омилҳои зерин бештар густариш пайдо менамояд:

1. Саволҳо ва ҷавобҳои имтиҳонӣ пешакӣ бо роҳнамоии маъмурияти донишгоҳҳо ба донишҷӯён дода мешаванд. Донишҷӯе, ки баъзан шаш моҳи таълимӣ мавзӯъҳои

барномавиро азхуд накарда ва адабиёти фанниро наомӯхтааст, ҷавоби тайёри саволҳоро аз интернет ва ё дигар воситаҳо дастрас намуда, қориазёд мекунад ва дар натиҷа ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дода, баҳои эҳтимолии мусбатро барои худ «ноил мегардад». Яъне роҳнамоии нодурусти маъмурияту муаллим ба донишҷӯ «сабукии кор» меорад ва ӯро ба хондани китоб маҷбур намесозад;

2. Шакли соати кӯтоҳи дарси таълимӣ. Ба аҳли илм маълум аст, ки илм сабру тоқатро талаб менамояд. Донишҷӯ дар ин муддати кам ҳолати равонии худро наметавонад ба мавзӯъ мутобиқ гардонад. Ин ҳам як ҳолати сарсарӣ, яъне ба умқи мавзӯъ ворид нашудан аст, ки ба инкишофи тафаккури клипии донишҷӯ замина мегузорад;

3. Имтиҳон на дар шакли зинда, балки ба уҳдаи корманди техникӣ. Ин гуна қабули имтиҳон аксаран ҳолатҳои дигари ногувору нобахшиданиро ба вуҷуд меорад. Маълум аст, ки муаллим ягона шахсе ҳаст, ки дар равиши дарсҳо ба донишу малакаи донишҷӯён хуб ошноӣ дорад. Аммо имкон дорад корманди техникӣ – идоракунандаи маркази тестӣ, ки ба ӯ саволномаҳо, ҷавобҳои саволномаҳо ва пароли воридшавии донишҷӯён маълум аст, баҳои дилхоҳашонро барои донишҷӯёне, ки дар ҷавоб додан ба саволҳо танқисӣ мекашанд, бо пешакӣ ворид намудани ҷавобҳои дақиқ ба номи ҳар донишҷӯён гузаронад ва баҳои мусбатро барои онҳо сазовор донад. Ин ҳолат, аз як тараф, иштирок накардан ва таваҷҷуҳи дуруст надодан ба лексия ва танбалии иҷрои саривақтии вазифаи додашударо ба миён орад, аз тарафи дигар бошад, барои донишҷӯйи илмталаб дилсардиро ба хондан талқин менамояд, ки асоси ташаккул наёфтани зеҳнияти мутахассис аст.

Масъалаи омӯзиш ба воситаҳои техникӣ низ монеаҳо барои рушди маърифати зеҳнӣ мегардад:

1. Нурҳои компютер инсонро монда мекунад, неру ва масъунияташро суст намуда, дар ӯ қобилияти даркро кам мегардонад. Масалан, коршиносон ба хулосае омаданд, ки агар ҳангоми хондан ба инсон барои дарки як матн дар шакли қаламӣ тахминан 10 дақиқа кифоя бошад, барои хамин матнро хондан ва дарк кардан дар экрани компютер 20 дақиқа лозим мешавад. Аз тарафи дигар, наврас наметавонад ба хондани мазмунӣ ва мантиқӣ дар матнҳои интернетӣ безарар комёб гардад, чунки ин гуна равиши омӯзиш таҳарруки наврас ва ҷавонро номуътадил сохта, ҳиссиёти ӯ ба олами воқеӣ аз ҳад зиёд ҳаяҷонангез, хашмгин ва бадқабулкунанда мегардад:

2. Олимони таҳлилгар ба хулосае омаданд, ки имрӯзҳо маҷмӯае аз китобҳое бо сабки клипӣ дар расонаҳои интернетӣ нашр шудаанд, ки зеҳни хонанда, фикрониашро дигар карда, ба моҳияти мавзӯъҳои гуногун қобилияти фаҳмиш пайдо карда наметавонанд. Агар инсон ба ин гуна хонданҳо одат кунад, фикрониаш давомнок буда наметавонад. Аз тарафи дигар, дар интернет дар баробари олимони соҳибкасб муаллифони гуногун дар доираи донишҳои пасти илмӣ ба навиштан ва гузоштани мақола, китобу дастурҳои аз Шӯрои илмӣ нагузашта даст мезананд. Мутаассифона, дар сайтҳо ин гуна асарҳо зиёд аст, ки аз сарчашмаҳои гуногуни идеологӣ ва ғайриилмӣ маншаъ мегиранд;

3. Барои пароканда нашудани фикр усули ба хондани китобҳои тавсияшуда дар шакли қаламӣ бештар манфиатбахш аст. Дар ин ҳолат зеҳни хонанда ҳам на бо услуби публисистӣ, балки услуби илмӣ ва лоақал илмӣ-публисистӣ одат менамояд. Дар ҳолати давом ёфтани хондани китобҳои илмӣ, ин равиш ба зеҳн ва забони мантиқии инсон таъсири мусбат расонида ва ҳатто ба эҷод, яъне навиштани мақола ва ё китоби илмӣ замина муҳайё менамояд. Аз тарафи дигар, забони илмӣ аз байн намеравад ва дар ин замина, илм инкишоф меёбад. Барои воқиф гаштан аз навовариҳои фаннӣ ба воситаи интернет иттилоъ гирифтан дар муддати кӯтоҳ басанда аст;

4. Дар зиндагии ҳамарӯза бисёр вомехӯрем, ки на танҳо падару модарони хонанишин, балки ҳатто баъзе устодон (албатта, ақаллият) бо ифтихор ҷавононро тавсиф мекунанд, ки онҳо бо техникаи компютерӣ ва дигар намуди анъанавии он, ки “мушкилфаҳм” ҳаст, сарфаҳм мераванд ва аз ин рӯ, ояндаи онҳоро дурахшон мебинанд. Аммо барои аҳли илм маълум аст, ки дар асл ингуна нест: Бо ин гуна техника кор кардан дониш нест, он савод аст, мисли ёд гирифтани хондану навиштан. Барои шахси закӣ ёд гирифтани кор кардан бо техникаю технологияи маъмулӣ на камтар аз як ҳафта муҳлат басанда аст. Таҳлилгарон ба хулосае омаданд, ки аз 10 соате, ки ҷавонон дар як рӯз дар назди интернет мегузаронанд, ҳамагӣ 3%-и (15 дақиқаи) ҳамин вақт барои эҷод ва азбар кардани илм сарф мешудасту халос. 97%-и дигар ба шунидани мусиқӣ, тамошои видеоролик, бозиҳои гуногун, мактубнависӣ дар сайтҳои иҷтимоӣ мегузаштааст.

Дар айни замон аҳли илм ва андешаманди ҷомеаи ҷаҳонӣ барои тобеъ нашудан ба тафаккури клипӣ усулҳои гуногунро коркард карда истодаанд, ки барои таваҷҷуҳ ва диққати инсонро ба ҷамъ кардани фикрҳояш водор менамояд.

Ба мутахассисон маълум аст, ки рӯ овардан ба илм ва саривақт хуб азхуд намудани барномаҳои таълимӣ зершуури инсонро қавӣ гардонида, бо истифода аз шуур бо техникаю технология кор кардан осон мегардад. Дар аксари мамлакатҳои рушдёфта ворид шудани мактабхонони наврас ба интернет таҳти роҳнамоии муаллим ва розигии падару модар сурат мегирад.

Барои раҳоӣ аз тафаккури клипӣ инсон бояд бештар рӯ ба хондани китобҳои қаламии илмиву бадеӣ оварад. Ҳангоми хондан кам аз матнҳои кӯтоҳ истифода намуда, ба мутолиаи асарҳое калонҳаҷм бипардозад. Таъсири ин гуна асарҳо барои фарҳанги зеҳниро ғанӣ гардонидан бештар аст. Инсон хондаашро дар майнаи сар таҷзия намуда, ба таҳлили мавзӯи хондааш низ аҳамият диҳад. Машқ ва тамрини бештари тафаккур метавонад барои баланд бардоштани малака ва зуд азбар кардани иттилооти ягонаи ҳаҷман калон ба майнаи сар ёрӣ расонад. Тасаввурот ва тахайюлот бо усулҳои гуногун барои тармими хотира, бодиққат будан, ангезиши хайюлот, диққати мантиқӣ кардан, ки бештар тафаккурро нозукбин, қаиш, ва мустаҳкам менамояд, аз манфиат холӣ нест.

Тамошои филмҳои мавзӯӣ ва маънодор, ки аз рӯйи асарҳои ҷаҳонгир офарида шудаанд, низ муфид аст, чунки майнаи сари инсонро ба фикр кардан водор менамоянд.

Агар инсон ҷараёни «пешрави»-и техникиро дар мувозинат бо “донишҳои зинда” ба роҳ монда, аз он ба дурустӣ истифода кунад, на танҳо чун робот майнаи сарро “ноҳинҷор” намекунад, балки зинаи дигари инкишофи тафаккураш ба амал меояд. Чун дар гузаштаи таърихӣ, ки “олами инсонҳо”-ро ташаккул додааст, дар майнаи сар пайдоиши тафаккури давомдор амал хоҳад кард. Ҳарчанд, дар айни замон бо ин рушди техникаю технология ва одати равонӣ пайдо кардани инсонҳо ғайриклипона сарукор гирифтан ба объект амри муҳол аст, ба ҳар ҳол, агар диққати асосӣ ба мавзӯъ дода шавад, қадаме барои раҳоӣ аз вартаи тафаккури клипӣ мебуд. Яъне ягонагии фикр боқӣ мемонад ва майнаи сар маҷбур мешавад, ки аз ин гуна «фикрҳои давомнок» як андешаи нав ва ё идея пайдо кунад, ки дар пешбурди иҷтимоӣ ба манфиати инсон бошад. Дар чунин тарзи фикрронӣ иттилооти доир ба мавзӯъ меҳварӣ боқӣ мемонад ва моҳияти онро майнаи сар ягона нигоҳ медорад.

АДАБИЁТ:

1. Назриева О.Ш. ЧЙ БОЯД КАРД? Омилҳои хатарноки экстремизм дар фазои интернет http://khovar.tj/2019/09/ch-boyad-kard-omil-oi-hatarnoki-ekstremizm-dar-fazoi-internet/ (дата обращения: 09.04.2020).
2. Семеновских Т.В. «Клиповое мышление» - феномен современности. 2013. [Электронный ресурс] -URL: http://www.jaki.ru/wpress/2013/02/18/3208/. (дата обращения: 12.03.2020).
3. Старицына О.А. КЛИПОВОЕ МЫШЛЕНИЕ VS ОБРАЗОВАНИЕ. КТО ВИНОВАТ И ЧТО ДЕЛАТЬ? Https://cyberleninka.ru/article/n/klipovoe-myshlenie-vs-obrazovanie-kto-vinovat-i-chto-delat (дата обращения: 12.03.2020).
4. Амиржанова А.Ш. ПРОБЛЕМА КЛИПОВОГО ВОСПРИЯТИЯ СТУДЕНТОВ НАЧАЛЬНЫХ КУРСОВ ФАКУЛЬТЕТА ИСКУССТВ. Https://www.science-education.ru/ru/article/view?Id=28712 (дата обращения: 12.03.2020).

НЕГАТИВНЫЕ УГРОЗЫ КЛИПОВОГО МЫШЛЕНИЯ НА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ

НАЗРИЕВА ОЙНИЁЛ ШАРИФОВНА,

кандидат философских наук, заместитель начальника управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,

734025, Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки 40,

тел: +992 37 2272093

В статье рассматривается одна из наиболее актуальных проблем – проблема клипового мышления и его угроза интеллектуальному просвещению. Автор в статье определяет основные факторы и причины наклонности молодёжи, как перспективное поколение, к клиповому мышлению, и дает конкретные предложения, которые помогут им избежать этой опасности.

Автор так же подчеркивает идеолого-политические факторы клипового мышления и его угрозы безопасности государства.

Ключевые слова: *культура мышления, клиповое мышления, интеллектуальное просвещение, объективные законы, сознание и подсознание, виртуальный мир, идеологическая и политическая ситуация, система образования, технические средства, компьютер.*

NEGATIVE THREATS OF CLIP THINKING TO INTELLECTUAL COGNITION

NAZRIEVA OYNIYOL SHARIFOVNA,
candidate of philosophical sciences, Deputy head of the Department of Domestic Policy Analysis and Forecasting, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki Ave.,
telephone: +992 37 2272093.

The article discusses one of the most pressing problems of clip thinking and its threat to intellectual cognition. The author in the article identifies the main factors and causes of youth's tendency, as a promising generation, to clip thinking, and gives concrete suggestions that will help them avoid this danger.

The author also emphasizes the ideological and political factors of clip thinking and its threats to state security.

Key words: *culture of thinking, clip thinking, intellectual cognition, objective laws, consciousness and subconsciousness, virtual world, ideological and political situation, education system, technical facilities, computer.*

УДК: 327.8: 321.022

ВОҚЕИЯТҲОИ «НЕРУИ НАРМ»: ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ВА ДУРНАМОИ МУБОРИЗА БО ТАҲДИДҲОИ НАВИ ЗАМОНИ МУОСИР

САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел.: +992 98-812-73-83; e-mail: quddusov@mail.ru

Тӯли солҳои охир олимону муҳаққиқон дар атрофи консепсияи «неруи нарм» баҳсҳои гуногун анҷом медиҳанд ва одатан, онро ҳамчун стратегия ва ё воситаи баланд бардоштани самаранокии сиёсати хориҷии давлат медонанд. Аммо агар «неруи нарм» бо дарназардошти қонуниятҳои ташаккулёбии ҳокимият баррасӣ гардад, зарурати истифодаи он дар сиёсати дохилии давлат низ баръало эҳсос мешавад. Агар дар сиёсати хориҷӣ «неруи нарм» дар заминаи симои мароқангези мамлакат барои ҷалб намудани дигарон истифода шавад, дар сиёсати дохилӣ дар заминаи симои мароқангези давлату ҳукумат барои ба ҷониби худ ҷалб намудани шаҳрвадон, зиёд кардани пайравону ҷонибдорон ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ истифода мегардад. Бинобар ин, агар ба қонунияти ташаккулёбии машрӯъияти ҳокимият назар афканем, моҳият ва хусусиятҳои «неруи нарм»-ро пурра ошкор хоҳем кард. Хулоса «неруи нарм» ҳамон ҳокимият ва ҳукмроние мебошад, ки онро дар сатҳи ҷаҳонӣ дар амал татбиқ кардан мехоҳанд ва дар ин самт иқтидори стратегии онро истифода намуда истодаанд. Олимону муҳаққиқон дар атрофи ин масъала мулоҳизаронӣ намуда, дар бисёре аз мавридҳо хулосаҳои нодуруст пешниҳод менамоянд, ки сабаби аслиаш ба инобат нагирифтани қонуниятҳои ҳокимият мебошад. Дар маҷмӯъ, «неруи нарм» барои амалӣ намудани мақсадҳои стратегӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва барои маҳдуд намудани имкониятҳои рақибон истифода бурда мешавад. Инчунин, «неруи нарм» дар баъзе аз мавридҳо барои таъмин намудани машрӯъияти амалҳо ва рафторҳо низ истифода мегардад. Айни замон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳамаи давлатҳо истифода намудани «неруи нарм» хеле муҳим аст. Махсусан, дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зарурат ба истифодаи он хеле зиёд гардидааст. Дар чунин шароит, давлатҳо на танҳо бо «неруи нарм»-и давлатҳои дигар ва ширкатҳои фаромиллию ташкилотҳои ғайридавлатӣ рӯбарӯ мешаванд, балки дар масири ташаккулдиҳии давлатдории миллӣ таъсири «неруи нарм»-и созмонҳои террористию экстремистиро низ эҳсос менамоянд. Аз ин рӯ, «неруи нарм» дар як вақт ҳам воситаи амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳам воситаи мубориза бо таҳдидҳои нави замони муосир мебошад.

Калидвожаҳо: *«неруи нарм», «инқилобҳои ранга», симои мароқангез, симои байналмилалии давлат, ҷалб намудан, манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳо.*

Муқаддима

«Неруи нарм» ҳамчун технологияи ҷалб намудани таваҷҷуҳи дигарон ва баланд бардоштани «машрӯъият»-и ҳокимият таърихи қадима дорад. Дар тӯли таърих кам нестанд ҳолатҳое, ки сарварони сиёсӣ ва ҳокимон барои ба даст овардани маҳбубияти сокинони кишвари худ ва ба ҷониби хеш ҷалб намудани таваҷҷуҳи кишварҳои дигар корнамоиҳо ва амалҳои шоистаи таҳсин анҷом додаанд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки «неруи нарм» бо ҳокимият ва ҳукмронӣ дар як вақту замон пайдо шудааст. Дар асарҳои

олимоне, ки ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳокимият машғул гардида, ба масъалаҳои ҳукмронӣ ва идоракунӣ таваҷҷуҳ кардаанд, унсурҳои ҷудогонаи «неруи нарм»-ро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар шароити муосир дар таҳқиқоти олимон консепсияи «неруи нарм» яке аз унсурҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва самтдиҳии сиёсати хориҷии давлат муаррифӣ мегардад. Ҳамаи муҳаққиқон консепсияи мазкурро дар чунин қолаб таҳлилу баррасӣ намудаанд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон онро яке аз воситаҳои муҳимтарини таҳлили муносибатҳои байналмилалӣ донистаанд [2,с.103]. Ғайр аз ин, то ба имрӯз аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳидаи дунё на танҳо индексҳои рушди соҳавӣ ташкил гардидаанд, балки индексҳои рушди «неруи нарм»-и давлатҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд, ки ба воситаи онҳо мавқеи ин ё он давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ нишон додан мехоҳанд. Аллакай рейтингҳои ҷаҳонӣ, ки ба воситаи индексҳои мазкур ҳамасола ташаккул дода мешаванд, яке аз воситаҳои баҳогузорӣ намудани «неруи нарм» маҳсуб меёбанд [2]. Воқеан ҳам, консепсияи «неруи нарм» дар мазмуни имрӯзаи худ дар заминаи назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ ташаккул дода шудааст ва онро барои таъмин намудани самаранокии сиёсати хориҷии давлат ба вуҷуд овардаанд, аммо ин маънои онро надорад, ки дар сиёсати дохилӣ «неруи нарм» ҳеҷ мавқеъ надошта бошад. Баръакс, «неруи нарм» дар аввал дар сиёсати дохилӣ пайдо гардида буд. Аз он сабабе, ки дар сиёсати хориҷӣ онро аз лиҳози методологӣ ва назариявӣ коркард намуда, механизмҳои ташаккулдиҳиашро ба вуҷуд овардаанд, дар назар хоси низоми муносибатҳои байналмилалӣ вонамуд мегардад. Аммо дар сиёсати дохилӣ онро дар консепсияҳои гуногуни ҳокимият Н.Макиавели, В.Паретто, М.Вебер, Р.Дал ва чанде дигарон кайҳо ташаккул дода буданд, ки ин баҳси дигар аст.

Ҳатто дар консепсияи Ҷ.Най, ки муаллифи мафҳуми «неруи нарм» маҳсуб меёбад, манбаъҳои он бо дарназардошти сиёсати хориҷии давлат шарҳ дода шудааст. Ба андешаи ӯ, «неруи нарми мамлакат аз се сарчашмаи асосӣ иборат аст: фарҳанги он (дар ҷойҳое, ки, яъне дар мамлакатҳое, ки барои дигарон ҷолиби диққат аст), арзишҳои сиёсии он (вақте худи кишвар дар асоси ин арзишҳо амал менамояд ва дар муносибат бо давлатҳои дигар низ онҳоро истифода мебарад) ва сиёсати хориҷии он (вақте давлатҳои дигар сиёсати хориҷии ин давлатро қонунӣ мешуморанд ва дорои ҳуқуқи маънавӣ медонанд) [13, с.152-153]. Ба ҳамин монанд мисолҳои зиёдро нишон додан мумкин аст. Яъне ҳамаи таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта дар пайравӣ аз анъанаҳои Ҷ.Най гуфта мешаванд, танҳо дар таҳқиқоти онҳо ба ҷои ИМА кишвари худро гузошта, таҳлил намудаанд. Дар ин маврид бояд ёдовар шуд, ки назария ва ё консепсияе, ки дар шароити як давлати алоҳида ташаккул дода шудааст, барои давлатҳои дигар дар ҳамон шакл ва мазмун наметавонад истифода бурда шавад. Махсусан, агар давлат аз лиҳози арзишҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, рушду инкишоф ва ғайра аз дигарон тафовут дошта бошад, анҷом додани ин гуна амал иштибоҳ дониста мешавад. Истифодаи назарияҳои олимони амрикоӣ ва аврупоӣ барои кишварҳои пасошӯравӣ низ қариб, ки ҳамин гуна аст.

Дар шароити муосир бо дарназардошти дигаргуниҳои ду даҳсолаи охир гуфтан мумкин аст, ки ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷӣ истифодаи «неруи нарм» афзалияти аввалиндараҷа касб намудааст. Махсусан, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон намедиҳад, ки сарварони сиёсӣ ва давлатҳои алоҳида ба мисли пештара «неруи сахт»-ро истифода намоянд. Дар сатҳи баланд истифода намудани «неруи сахт» машрӯъияти ҳокимиятро коҳиш медиҳад ва баръакс ҳар чи бештар рӯ овардан ба «неруи нарм» ва дар сатҳи зарурӣ истифода намудани он имкон медиҳад, ки

ҷонибдорон ва пайравон бештар гардида, машрӯъияти ҳокимият ва сатҳи эътирофи давлату ҳукумат баланд бардошта шавад. Муҳаққиқи машҳури Венесуэла ва ҳамзамон сармуҳаррири маҷаллаи «Foreign Policy» Мойзес Наим иброз медорад, ки «Президентҳои Чин ва ИМА, роҳбарони ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ J.P. Morgan ва Shell Oil, сармуҳаррири рӯзномаи “New York Times”, роҳбари Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Папаи Рим ба мисли солҳои қаблӣ таъсири хеле зиёд доранд, аммо таъсири онҳо дар муқоиса бо пешгузаштагонашон хеле ночиз аст. Нафароне, ки пештар ин мансабҳоро соҳиб буданд, на танҳо бо чунин миқдори мушкилот ва рақибон мувоҷеҳ нашуда буданд, балки дар фаъолияти худ маҳдудиятҳои камтаре доштанд. Аммо имрӯз фаъолнокии шаҳрвандӣ, тавсеаи шабакаҳои иҷтимоӣ, афзоиши бозорҳои ҷаҳонӣ ва ё диққати бештари ВАО фаъолияти онҳоро маҳдудтар намудаанд. Пешгузаштагон дар мавриди истифодаи ҳокимият озод буданд ва чи гунае, ки зарур мешумориданд, онро истифода мебурданд, вале дар замони муосир ҳатто қавитаринҳои олам низ ба иштибоҳҳои худ ҷиддитару зудтар бояд товон пардохт намоянд» [12, с.16-17]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити муосир истифодаи «неруи нарм» ҳам дар сиёсати хориҷӣ ва ҳам дар сиёсати дохилӣ, ҳам барои сиёсатмадорон ва ҳам барои роҳбарони ширкатҳои иқтисодию тиҷоратӣ зарур дониста мешавад.

Чизи дигаре, ки муҳим мебошад, ин аст, ки гуё давлатҳои абарқудрат метавонанд «неруи нарм» дошта бошанд ва давлатҳои боқимонда чунин иқтидорро надоранд [20], аммо воқеият чунин нест. Давлатҳои гуногуни олам вобаста ба имконият ва манбаъҳои дарихтиёрдоштаи худ метавонанд муайян намоянд, ки «неруи нарм»-ро дар кадом самт – дар сиёсати дохилӣ ва ё сиёсати хориҷӣ, дар кадом ҳаҷм ва дар кадом шакл истифода намоянд. Яъне истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати давлатӣ аз вазъияти сиёсию иқтисодии дохили мамлакат, дар кадом марҳалаи рушду инкишоф қарор доштани он, ҳадафҳои стратегии он ва ғайра вобаста мебошанд. Ба ин масъала муаллифи консепсияи «неруи нарм» Ҷ.Най дар яке аз тафсирҳои худ ба таври зерин ишора намудааст, ки онро дар аксар маврид муҳаққиқон нодида мегиранд: «Ҳарчанд ман консепсияи «неруи нарм»-ро дар раванди мубоҳисаҳои гуногун вобаста ба ташаккули неруҳои амрикоӣ коркард намуда бошам ҳам, ин маънои онро надорад, ки «неруи нарм» танҳо хоси давлатҳо, муносибатҳои байналмилалӣ ва танҳо хоси замони муосир аст. Роҳбарони ҷомеаҳои демократӣ барои пирӯз гардидан дар интихоботҳо ба таъсири симои мароқангези худ доимо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, роҳбарони донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои ғайритиҷоратӣ доимо кӯшиш намудаанд, ки «неруи нарм»-и худро афзоиш диҳанд. Барои таҳлил намудани муносибатҳои байналмилалӣ истифода бурдани «неруи нарм» маънои онро надорад, ки он танҳо хоси сиёсати хориҷӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ аст» [13, с.405]. Бо дарназардошти чунин вазъият дар мақолаи мазкур ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ дода шудаанд, ки ба онҳо то ба имрӯз бо сабабҳои ба мо маълум муҳаққиқон диққати зарурӣ надодаанд:

– қариб, ки ҳамаи муҳаққиқон «неруи нарм»-ро унсури асосии сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дониста, ба масъалаи зарурати истифодаи он дар сиёсати дохилии давлат таваҷҷуҳи зарурӣ надодаанд. Бояд дар назар дошт, ки сиёсати хориҷии давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилии он мебошад. Аз ин рӯ, истифодаи «неруи нарм» низ бояд аз сиёсати дохилӣ оғоз гардад. Гузашта аз ин, агар давлат мушкилиҳои дохилии худро бартараф насозад ва рушди соҳаҳои гуногунро таъмин накунад, на танҳо дар арсаи ҷаҳонӣ, балки дар сатҳи минтақа ва дар назари сокинони худ симои мароқангез дошта

наметавонад ва дар чунин шароит дар сиёсати хориҷии он истифода гардидани «неруи нарм» натиҷаи дилхоҳ ба бор намеоварад;

– то имрӯз истифодаи «неруи нарм» танҳо бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои хориҷии давлат зарур дониста мешавад, аммо истифодаи он барои пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳо қариб, ки ба инобат гирифта нашудааст. Махсусан, дар раванди шинохти таҳдидҳо таъсири манфии «неруи нарм» ба инобат гирифта нашудааст;

– ҳамаи давлатҳо новобаста ба сатҳи рушду инкишофи худ манфиатҳои геополитикии худро доранд. Воқеият ин аст, ки манфиатҳои онҳо аз ҳамдигар тафовут доранд, аммо ин манфиатҳо мавҷуданд. Чунин ҳолат дар яке аз таҳқиқоти анҷомдодаи ман асоснок карда шудааст [21]. Барои амалӣ намудани манфиатҳои мазкур, чи барои давлатҳои абаркудрат ва чи барои давлатҳои рӯ ба инкишоф, истифодаи «неруи нарм» зарур аст.

Дар таҳқиқоти мазкур ҳамаҷониба таҳлил намудани андешаҳои Ҷ.Найро зарур намешуморем, зеро то ин дам як қатор муҳаққиқон аллакай ин корро анҷом додаанд. Масалан, дар мақолаҳои илмии М.А. Неймарк на танҳо андешаҳои Ҷ.Най таҳлил шудаанд, балки мухолифат доштани фикру андешаҳои дигарон бо фикрҳои Ҷ.Най низ таъкид гардидаанд [14; 15]. Дар мақолаи Н.В. Юдин низ чунин таҳлили муфассал анҷом дода шудааст [28]. Мо дар ин таҳқиқот моҳият ва хусусиятҳои консепсияи «неруи нарм»-ро ба инобат гирифта, нақши онро дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ ва пешгирӣ намудани таҳдиду хатарҳо нишон додан мехоҳем. Инчунин, ба амал омадани таҳдиду хатарҳо дар зери таъсири «неруи нарм»-и субъектҳои хориҷӣ ва оқибатҳои ногувори он барои давлат низ масъалаҳое мебошанд, ки дар маркази диққат қарор дода шудаанд.

Баҳсҳо дар атрофи консепсияи «неруи нарм»

Консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най ташаккул дода шудааст. Ӯ ҳамзамон муаллифи ин мафҳум дониста мешавад. Ҷ.Най консепсияи «неруи нарм»-ро бо мақсади хубтару беҳтар ба роҳ мондани сиёсати хориҷии ИМА ва барои мустаҳкам намудани мавқеи ҷаҳонии ин кишвар ташаккул додааст. Вобаста ба ин масъала, муҳаққиқи рус Е.В. Пименова иброз медорад, ки консепсияи «неруи нарм» яке аз унсурҳои муҳимтарини стратегияи Амрико мебошад, ки ба воситаи он ин кишвар ҳукмронии худро дар сатҳи ҷаҳонӣ нигоҳ медорад [16, с.60]. Аммо айни замон «неруи нарм» на танҳо аз ҷониби Амрико, балки аз тарафи ҳар як давлате, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ муваффақият дорад, ҳар як ширкати фаромиллӣ ва ҳатто созмонҳои террористию экстремистӣ низ истифода бурда мешавад. Е.В. Пименова муътақид аст, ки истифодаи «неруи нарм» аз ҷониби давлатҳои дигар барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии онҳо самараи дилхоҳ намедиҳад, зеро консепсияи мазкур бо хусусиятҳои системаи сиёсии Амрико мувофиқ гардонида шудааст [16, с.61]. Шояд чунин бошад, аммо бовар меравад, ки як қатор субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ аллакай чунин ҳолатро дарк намудаву консепсияи «неруи нарм»-ро бо шароитҳои дохилию хориҷии худ мутобиқ сохтаанд. Барои исботи ин гуфтаҳо, мақолаи олимони амрикоӣ Кристофер Уокер ва Джессика Людвигро мисол меорем. Олимони мазкур ноябри соли 2017 дар маҷаллаи «Foreign affairs» мақолаеро зери унвони «Мазмуни Sharp Power, ё худ давлатҳои авторитарӣ чӣ гуна таъсиррасонии худро роҳандозӣ мекунанд» [30] чоп намуданд. Онҳо дар мақолаи худ на танҳо аз пайдоиши «Sharp Power»[1] хабар медиҳанд, балки таъкид менамоянд, ки истифодаи онро дар сиёсати

хориҷии Чин, Россия, Эрон ва ғайра дидан мумкин аст. «Sharp Power»-ро дар забони тоҷикї шартан «неруи фаъол» номидан мумкин аст, ки он бо консепсияҳои «неруи сахт», «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» ҳеҷ монандие надорад. Хусусияти «неруи фаъол» ё худ «Sharp Power» дар он аст, ки онро барои таҳрибкорї истифода менамоянд.

Каме дертар, аниқтараш моҳи январи соли 2018 муаллифи консепсияи «неруи нарм» Ҷ.Най низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мавҷудияти «Sharp Power»-ро эътироф намуда, онро ҳамчун таҳдид ба демократияи ғарбӣ ва воситаи пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ ва кибернетикӣ муаррифӣ менамояд. Ҷ.Най муътақид аст, ки «Sharp Power» ё худ «неруи фаъол» бо роҳи паҳн намудани иттилооти бардурӯғ паст намудани симои мароқангези демократияи ғарбиро ҳадафи худ қарор додааст [29]. Сиёсатшиноси рус О.Леонова иброз медорад, ки «неруи фаъол»-ро айни замон на танҳо давлатҳои алоҳида, балки ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ дар муқобили рақибони худ ба таври васеъ истифода менамоянд [6, с.22]. Ин гуна тамоюлот бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки давлатҳои гуногун на танҳо «неруи нарм»-ро истифода менамоянд, балки дар муқобили «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд»-и кишварҳои ғарбӣ боз «неруи фаъол»-ро ташаккул дода, истифода мебаранд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки «неруи фаъол» ҳамчун аксуламал дар муқобили «неруи нарм» истифода бурда мешавад, ки онро шартан яке аз унсурҳои «неруи ҳушманд» номидан мумкин аст.

Бояд ёдовар шуд, ки тӯли ду даҳсолаи охир дар атрофи консепсияи «неруи нарм» баҳсҳои зиёд сурат гирифта истодаанд. Баъзеҳо дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва баъзеи дигарон дар мақолаҳои илмии худ ин масъаларо таҳлилу таҳқиқ намудаанд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муҳаққиқонеро, ки ба омӯзиши «неруи нарм» машғул шудаанд, ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Гурӯҳи аввалро нафароне ташкил медиҳанд, ки ба моҳияти ин масъала дар сатҳи зарурӣ сарфаҳм нарафтаанд ва аз ин рӯ, онро нодуруст шарҳ медиҳанд. Шумораи чунин муҳаққиқон хеле зиёданд. Онҳо иброз медоранд, ки «неруи сахт» – ин неруҳои ҳарбӣ аст ва «неруи нарм» бошад, неруҳои ғайриҳарбӣ мебошад. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Ирен Ву иброз медорад, ки «неруи нарм – ин қобилияти таъсир расонида тавонистани кишвар ба ҷомеаҳои дигар ва ба воситаи симои мароқангези кишвар ҷалб намудани таваҷҷуҳи дигарон мебошад, ки дар он фишангҳои иқтисодӣ ва неруҳои ҳарбӣ истисноанд» [31]. Дар таҳқиқоти як зумра олимони рус низ чунин навъи баррасиро мушоҳида намудан мумкин аст. Барои мисол, Ю.П. Давидов навъҳои гуногуни неруро таҳлилу баррасӣ намуда, дар охир неруҳои ғайриҳарбиро ҳамчун «неруи нарм» муаррифӣ менамояд [4]. Ҷ.Най чунин ҳолатро мушоҳида намуда, иброз медорад, ки «неруи нарм консепсияи илмие мебошад, ки онро дар саҳифаҳои аввали рӯзномаҳо хеле зиёд чоп менамоянд ва дар нутқи роҳбарияти кишварҳои Чин, Индонезия, Аврупо ва дигар минтақаҳои олам хеле зиёд садо медиҳад. Ҳарчанд ин мафҳум зиёд истифода шавад ҳам, баъзан онро нодуруст тасаввур менамоянд ва онро ҳамчун неруҳои ғайриҳарбӣ медонанд» [13, с.148].

Гурӯҳи дуюми олимон ба моҳияти аслии «неруи нарм» дуруст сарфаҳм рафта, онро бо дарназардошти вазъият ва шарту шароитҳои гуногун шарҳ додаанд. Барои мисол, як қатор олимони рус таъкид менамоянд, ки «PR-и хориҷӣ» ё худ сиёсати иттилоотии давлат дар хориҷи мамлакат воситаи асосии амалигардонии «неруи нарм» мебошад [22; 23]. Баъзе олимони дигар чунин мешуморанд, ки ташаккули робитаҳои фаромиллӣ ба воситаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди дипломатияи мардумӣ воситаи асосии «неруи нарм» аст [17, с.125]. Дар таҳқиқоти Г.Ю. Филимонов, О.Г. Карпович ва А.В. Манойло «неруи нарм» ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани манфиатҳои геополитикии

давлат дониста шудааст. Онҳо «неруи нарм»-ро дар мисоли амалигардонии манфиатҳои геополитикии ИМА ва давлатҳои Ғарб таҳлил намуда, ба амал баровардани «инқилобҳои ранга»-ро бо истифодаи «неруи нарм»-и кишварҳои Ғарб алоқаманд медонанд [24]. Г.Ю. Филимонов на танҳо «неруи нарм»-ро воситаи ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикӣ номидааст, балки онро маҳсули доктринаҳои неолибералӣ медонад [26]. Ҳамзамон, як гурӯҳ муҳаққиқони дигар низ «неруи нарм»-ро хоси доктринаҳои либералӣ медонанд ва онро бо реализм ва идеализм муқобил мегузоранд. Аммо Ҷ.Най иброз медорад, ки «дар миёни реализм ва «неруи нарм» ҳеҷ гуна мухолифат вуҷуд надорад. «Неруи нарм» низ дар навбати худ шаклҳои либерализм ва ё идеализм маҳсуб намеёбад. Ин танҳо яке аз навъҳои неру ва яке аз воситаҳои расидан ба натиҷаҳои интизорӣ дониста мешавад. Қонуният ё худ қонунӣ будани рафтор яке аз воқеиятҳои «неруи нарм» ба шумор меравад. Муборизаи рақобатнок дар атрофи машрӯъият яке аз унсурҳои асосии раванди афзоиш ва ё коҳишдиҳии «неруи нарм»-и бозингарон аст ва ин дар шароити инқилобҳои иттилоотии асри XXI дуруст аст» [13, с.150].

Бояд ёдовар шуд, ки шарҳи моҳияти «неруи нарм» бояд бо дарназардошти мавқеи истифодабарии манбаҳои ҳокимият сурат гирад, зеро манбаҳои ҳокимият метавонанд вобаста ба вазъият ва мавқеи истифодабариашон ҳам сарчашмаи «неруи сахт» ва ҳам сарчашмаи «неруи нарм» бошанд. Дар ин маврид Ҷ.Най иброз медорад, ки «агар неруҳои ҳарбӣ барои ба даст овардани ғолибият дар ҷанг истифода шаванд, онро «неруи сахт» ва агар барои ҳимоя намудани шарикони стратегӣ ва ё дар ҳолатҳои сар задани офатҳои табиӣ барои кумак расонидан ба дигарон сафарбар гардида бошанд, он гоҳ «неруи нарм»-ро ташаккул медиҳанд» [13, с.57-58]. Яъне дар мавриди аввал неруҳои ҳарбӣ ҳисси нафрат ва дар мавриди дуюм ҳисси муҳаббатро ба вуҷуд меоваранд. Ба ибораи дигар, ҳатто неруҳои ҳарбӣ низ вобаста ба мавқеи истифодабариашон метавонанд ҳам сарчашмаи «неруи сахт» ва ҳам «неруи нарм» бошанд. Ба ҳамин монанд, Ҷ.Най мисоли дигареро аз ҳаёти ҳаррӯзаи инсон ёдоварӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ, «хандаи дилчасп метавонад сарчашмаи «неруи нарм» бошад. Масалан, ҳар боре, ки бо шумо вохӯрдам, агар хандаи дилчасп дошта бошам, шумо бо ман хайрхоҳ мешавед ва ҳар кореро, ки аз дастатон биёяд, бароям анҷом медиҳед, аммо агар ман дар ҷанозаи яке аз наздикони шумо ханда намоям, ин гуна амал нисбат ба ман ҳисси нафратро ба вуҷуд оварда, «неруи нарм»-ро пурра аз байн мебарад» [13, с.59].

Барои one, ки моҳияти «неруи нарм» ба таври пурра дарк карда шавад, онро дар муқоиса бо «неруи сахт» бояд омӯхт. Яке аз муваффақиятҳои Ҷ.Най ҳам дар ҳамин буд, ки ӯ аввал неруҳои гуногунро мавриди омӯзиш қарор дода, сипас хусусиятҳои муҳимми «неруи сахт» ва «неруи нарм»-ро нишон додааст. Ба андешаи ӯ, «неруи сахт – ин тела додан (аз худ дур намудан) ва неруи нарм – ба тарафи худ кашидан (ба тарафи худ ҷалб намудан) аст» [13, с.56]. Ин амалҳо бо роҳу усулҳои гуногун анҷом дода мешаванд.

Як қатор муҳаққиқон ба сохтори «неруи нарм» таваҷҷуҳ зоҳир карда, кӯшиш намудаанд, ки унсурҳои таркибии консепсияи мазкурро муайян намоянд. Чунин муносибат дар таҳқиқоти О.Г.Леонова ба мушоҳида мерасад. Ба андешаи ӯ, сохтори консепсияи «неруи нарм» аз чунин унсурҳо иборат мебошад: манбаъҳо (ресурсҳо), воситаҳои истифода намудани манбаъҳо, роҳу усулҳои истифодабарии манбаъҳо, стратегияи сиёсати хориҷӣ (ва ё сиёсати дохилӣ). Ба андешаи ӯ, чунин унсурҳо дар таркиби ҳама гуна неру дида мешавад [5, с.28]. Омӯзиши унсурҳои таркибии «неруи нарм» хеле муҳим аст, махсусан, барои онҳое, ки мехоҳанд ба воситаи он ҳадафҳои стратегии худро амалӣ созанд. Аммо барои муайян намудани таъсири манфии «неруи нарм»-и давлатҳои дигар ва ё ташкилотҳои тер-

рористию экстремистӣ ба инобат гирифтани роҳу усулҳо ва воситаҳои аз ҷониби онҳо истифодашаванда хеле зарур мебошад.

Муваффақият ва норасоиҳои консепсияи Ҷ.Най

Ҷ.Най дар самти ташаккули консепсияи «неруи нарм» заҳмати зиёд кашидааст. Саҳми ӯро дар омӯзиши ин консепсия ба таври зерин нишон додан мумкин аст: ӯ бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию компютерӣ консепсияи «неруи нарм»-ро бо шароити муосир мутобиқ намудааст; тафовути онро аз «неруи сахт» нишон додааст; зарурати онро дар самти татбиқи стратегияҳои дарозмуддат асоснок кардааст, аз ҷумла мавқеи онро дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ хеле хуб нишон додааст ва ғайра. Аммо аз чи сабаб бошад, ки дар таҳқиқоти худ нисбат ба андешаҳои Н.Макиавелли ва М.Вебер беэҳтиромӣ зоҳир намудааст.Агар таълимоти Н.Макиавеллиро мансуб ба асрҳои XV–XVI дониста, ба воқеиятҳои замони муосир номувофиқ шуморида, як сӯ гузорем, чаро консепсияи М.Вебер, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX умр ба сар мебурд, қариб, ки ба инобат гирифта нашудааст. Бояд ёдовар шуд, ки дар таърихи таълимоти сиёсӣ ҳеҷ мутафаккире ё олиме ёфт намешавад, ки ба монанди М.Вебер консепсияи ҳокимиятро таҳлилу таҳқиқ намуда бошад. Маҳз бо шарофати ӯ консепсияи «машрӯъияти ҳокимият» ташаккул дода шудааст, ки «неруи нарм» қисми таркибии ин консепсия аст.

Яке аз норасоиҳои консепсияи Ҷ.Най дар он аст, ки коркардҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ механизми мустаҳкам намудан ва таъмин кардани афзалиятҳои геополитикии Ғарб, пеш аз ҳама ИМА мебошад [18, с.43-44]. Бинобар ин, давлатҳои дигарро лозим аст, ки консепсияи «неруи нарм»-ро аз ҷиҳати методологӣ, консептуалӣ ва назариявӣ пурра коркард намуда, бо имконият ва шароитҳои кишвари худ онро мутобиқ созанд.

Вобаста ба норасоиҳои консепсияи «неруи нарм» як зумра олимону муҳаққиқон низ андешаҳои худро баён намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус О.Г. Леонова онҳоро ба таври зерин нишон додааст:

– дар консепсияи мазкур механизми ташаккул додани симои мароқангези кишвар нишон дода нашудааст. Маълум нест, ки он бо механизмҳои то ин дам мавҷуда чи гуна мувофиқат менамояд;

– ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи татбиқи «неруи нарм» омезиши мафҳумҳои «ҳокимият», «манбаҳо», «таъсиррасонӣ» ва «технологияҳо» дида мешавад, ки чунин ҳолат барои фаҳмидани моҳияти он мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд меоварад;

– дар асарҳои Ҷ.Най ва пайравони ӯ роҳу воситаҳои муайян намудани сатҳу сифати «неруи нарм» дида намешавад;

–ба он нигоҳ накарда, ки дар атрофи ин масъала шумораи зиёди таҳқиқот анҷом дода шудаанд, ҳанӯз ҳам бемавқеъ ва нодуруст истифода шудани мафҳумҳо ба назар мерасанд [5, с.27].

Чунин ба назар мерасад, ки Ҷ.Най ҳамчун муаллифи консепсияи «неруи нарм» дар асарҳои худ дар бораи консепсияи мазкур танҳо маълумоти умумиро пешниҳод намуда, аз мавҷудияти чунин механизми таъсиррасонӣ хабар медиҳад ва худро ҳамчун муаллифи он муаррифӣ менамояд. Қисми асосӣ ва ҷавҳари консепсияи «неруи нарм», махсусан, механизмҳои дар амал татбиқ намудани он ҳамчун сирри давлатӣ дар ихтиёри ҳукуматдорон нигоҳ дошта мешаванд. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, олими рус О.Матвейчев «неруи

нарм»-ро бо иқтидори бомбаи ядроӣ баробар дониста, онро технологияи паҳн намудани вируси иттилоотӣ номидааст [9].

Неруи нарм ҳамчун таҳдид ва ҳамчун воситаи таъмини амният

Ҷ.Най иброз медорад, ки «бозингарон «неруи нарм»-ро бевосита ва ё бавосита истифода бурда, на танҳо ба ҳамдигар таъсиррасонӣ менамоянд, балки барои аз байн бурдани ҷаззобият ва машрӯъияти амалҳои якдигар мубориза мебаранд ва чи дар чашми афкори ҷамъиятии давлатҳои дигар ва чи дар назари ҷониби сеюм вазъиятеро ба вуҷуд меоваранд, ки барои қабули қарорҳо носозгор аст» [13, с.176]. Дар муносибат ба «неруи нарм» ин суханҳо ҳақиқати ҳол мебошанд. Воқеан ҳам, субъектҳои сиёсат барои расидан ба мақсад ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ «неруи нарм»-ро дар муқобили якдигар истифода мебаранд. Дар ин гуна шароит «неруи нарм» қолаби асосии амалишавии стратегияҳои онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, «неруи нарм»-е, ки аз ҷониби субъекти якум дар муқобили субъекти дуюм истифода мешавад, барои субъекти дуюм ҳамчун таҳдид бояд шинохта шавад, зеро барои вай мушкилиҳои гуногун эҷод менамояд ва аз як қатор манбаҳо онро маҳрум месозад. Бо дарназардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки «неруи нарм» барои субъекти якум воситаи амалигардонии манфиатҳои миллӣ ва барои субъекти дуюм ҳамчун таҳдид дониста мешавад. Аммо агар субъекти дуюм «неруи нарм»-и худро дар муқобили субъекти якум истифода намояд, ҳолати баръаксро мушоҳида намудан мумкин аст. Айни замон, давлатҳо дар самти муқобилият бо «неруи нарм» ва пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори он бо субъектҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд. Субъектҳоеро, ки «неруи нарм»-ро истифода мебаранд, ба таври зерин нишон додан мумкин аст: давлатҳои хориҷӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ташкилотҳои террористию экстремистӣ. Ҳар як давлатро зарур аст, ки дар муқобили «неруи нарм»-и ин гуна субъектҳо истодагарӣ намояд, зеро ҳар кадоми онҳо мехоҳанд, ки дар назари шаҳрвандони мамлакат мароқангез ва ҷолиби диққат бошанд. Ба ибораи дигар, имрӯз дар миёни давлат ва субъектҳои дар боло номбаргардида барои ба тарафи худ ҷалб намудани шаҳрвандон, барои ба даст овардани муҳаббати онҳо ва барои тасхир намудани дили онҳо муборизаи беамон сурат мегирад.

Аз тарафи давлатҳои абаркудрат дар муқобили давлатҳои дигар истифода гардидани «неруи нарм» метавонад мушкилоти гуногунро барои кишварҳои тозаистиқлол ба вуҷуд оварад. Махсусан, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва авҷгирии равандҳои ҷаҳонишавӣ чунин вазъиятро мушоҳида намудан мумкин аст. Яке аз онҳо инқилобҳои ранга мебошад, ки одатан онро ба воситаи «неруи нарм» ба амал мебароранд. Олими рус А.А.Вилков дар таҳқиқоти худ иброз медорад, ки «неруи нарм» барои ташаккули симои мароқангези ҳокимият, сохтори иҷтимоию сиёсӣ, арзишҳои идеологӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, тарзи ҳаёти ҷамъиятии ягон мамлакат истифода бурда мешавад.Ин гуна симои мароқангез дар раванди таъсиррасонии иттилоотӣ истифода гардида, дар дохили мамлакатҳои дигар ҷонибдорони ин гуна арзишҳоро афзоиш медиҳад, то ки онҳо арзишҳои мазкурро дар кишвари худ ҷорӣ намоянд [1,с.66]. Муҳаққиқи дигар Е.Г.Пономарёва иброз медорад, ки ба амал омадан ва ба амал баровардани инқилобҳои ранга сирру асрори гуногун дорад. Яке аз асрори онро «неруи нарм» ташкил медиҳад. Ба андешаи ӯ, «консепсияи неруи нарм, ки марҳала ба марҳала бо технологияҳои навтарин муҷаҳҳаз мешавад, ба шуури одамон бо суръати баланд ва хеле осон таъсиргузорӣ намуда, хотираи таърихии онҳоро аз байн бурда, онҳоро ба манқуртони шабакавӣ табдил медиҳад.

Чунин ҳолат замоне рух медиҳад, ки агар дар муқобили он мухолифат ва ё муқовимат нишон дода нашавад» [18, с.59]. Ӯ на танҳо ба амал баровардани инқилобҳои рангаро аз «неруи нарм» вобаста медонад, балки онҳоро технологияи аз байн бурдани давлатдории миллӣ низ муаррифӣ кардааст [19].

«Неруи нарм»-и давлатҳои абарқудрат барои кишварҳои рӯ ба инкишоф боз мушкилоти дигарро низ метавонад ба вуҷуд оварад. Дар ин маврид бояд иқрор шуд, ки яке аз мушкилиҳои асосии давлатҳои ҷаҳони дуюм ва сеюм ин фирори мағзҳо мебошад. Пешрафти илмию технологии давлатҳои тараққикарда на танҳо аз ҳисоби сарватҳои давлатҳои дигар мебошад, балки рушду инкишофи онҳо аслан дар пояи манбаҳои инсонӣ ва донишҳои инсонӣ побарҷост.Давлатҳои тараққикарда барои намояндагони ҷомеаҳои дигар аз он сабаб мароқангезанд, ки онҳо қудрати ҳалли ҳама гуна мушкилотро доранд. Минбаъд низ кӯшиш менамоянд мавқеи худро дар ҳамин сатҳ нигоҳ доранд. Аз ин рӯ, мутахассисон барои кишварҳои тараққикарда хеле зарур ва манфиати ҳаётан муҳим ба шумор мераванд. Мутахассисон ва донишмандон низ кӯшиш менамоянд ба давлатҳое сафар кунанд, ки дар он ҷойҳо барои кору фаъолияташон имконияти хуб фароҳам бошад. Давлатҳои тараққикарда ба воситаи «неруи нарм» имкониятҳо ва шароитҳои худро ба намоиш гузошта, беҳтарин мутахассион, ба ибораи стратегӣ мағзҳои миллӣ ва қобилиятҳои миллиро бе ягон маҷбурнамоӣ кашида мебаранд. Ин аст таъсири амиқи «неруи нарм» дар самти истифодабарии манбаҳои инсонӣ. Ин тамоюлот таҳдиди бузургест ба амнияти миллии кишвар. Барои пешгирӣ намудани ин раванд, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити мусоид барои олимон ва донишмандон, қадрдонӣ намудани заҳматҳо ва баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии онҳо хеле зарур мебошад.

Дар баробари давлатҳо, инчунин, созмонҳои террористию экстремистӣ низ барои зиёд намудани пайравони худ ва пур намудани сафҳои худ «неруи нарм»-ро моҳирона истифода менамоянд, вале дар ин маврид, аввал ба моҳияти геополитикии терроризм бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард. Ба ҳамагон маълум аст, ки терроризм ҳамчун муборизаи сиёсии зӯроварона таърихи қадима дорад. Аммо баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва махсусан, аз ибтидои асри XXI миқёси он васеъ гардида, таваҷҷуҳи оламиёнро ба худ ҷалб намуд. Чаро чунин шуд? Аввал ин, ки дар шароити амалигардонии мустамликадории нав (неоимпериализм) терроризм дар ин марҳалаи таърихӣ ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои геополитикии як зумра давлатҳои абарқудрат дониста мешавад ва ҳамзамон, манбаъҳои «неруи сахт»-и онҳоро ташкил медиҳад. Дар шароити муосир ҳеҷ як давлате наметавонад, ки бе иҷозати Шӯрои Амнияти СММ ба ҳудудҳои давлати дигар ҳуҷуми ҳарбӣ анҷом диҳад, аммо агар чунин иҷозатро дошта бошад ҳам, анҷом додани ин амал баъзан вақт метавонад симои байналмилалии онро коҳиш диҳад. Бинобар ин, ба воситаи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ташкил намудани низоъҳои гуногун ба онҳо имкон медиҳад, ки ба ёрии ҷониби сеюм мақсадҳои стратегии хешро амалӣ созанд. Чунини ибрози андеша маънои онро дорад, ки аз байн бурдани терроризм барои абарқудратҳо кори чандон мушкил нест, аммо дар ин марҳалаи таърихӣ барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии онҳо хеле муҳим аст. Чунин ҳолатро муҳаққиқи рус А.М. Манойло хеле хуб шарҳ додааст. Ба андешаи ӯ, «барои ИМА аз байн бурдани “ДОИШ” ҳеҷ афзалият надорад, барои онҳо ба воситаи ДОИШ аввал аз байн бурдани ҳукумати Башшор Асад муҳим аст, баъд аз ин шарикони ғарбии худро маҷбур менамояд, ки террористонро аз байн баранд. Туркия, ки муддати зиёд аз ҳисоби хариду фурӯши нафти “ДОИШ” ва «Ҷабҳат-ан-Нусра» фоидаи зиёд медид, барои маҳв намудани шарикони тиҷоратии худ манфиатдор нест. Робитаи Қатар низ бо «Ҷабҳат-ан-Нусра» хеле зич аст. Арабистони Саудӣ бошад, ташкилоти террористии

«Ҷайш-ал-Ислом»-ро зери назорати худ нигоҳ медорад. Чунин гурӯҳҳои экстремистию террористӣ лоиҳаҳои тиҷоратии онҳо мебошад, ки барои ташкил намуданашон маблағҳои зиёдро масраф намудаанд ва аз ин рӯ, аз байн рафтани онҳо бар зарари ин кишварҳо анҷом меёбад» [7,с.148]. Ин ва дигар баррасиҳои дар ин маврид гуфташуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар шароити муосир на танҳо созмонҳои террористию экстремистӣ «неруи нарм»-ро истифода мебаранд, балки аксарияти онҳо ҳамчун манбаи «неруи сахт»-и давлатҳои алоҳида ба шумор мераванд. Сиёсатшиноси ватанӣ Муҳаммадзода П.А. дар ин маврид қайд менамояд, ки «ба гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва хаёлпарастони мазҳабӣ истифодаи технологияҳои сиёсӣ ва усули корбариро марказҳои зеҳнии баъзан кишварҳои аврупоӣ ва дигар хоҷагони хориҷии онҳо кӯмак мерасонанд ва онҳо ҳамеша дастнигар ва фармонбардори мафкураи дигаронанд» [10]. Аз ин рӯ, мубориза бо ташкилотҳои террористию экстремистӣ на танҳо бо истифода аз «неруи ҳушманд» (неруи сахт ва неруи нарм) бояд сурат гирад, балки дар назар дошта шавад, ки мубориза ҳам бо ташкилотҳои мазкур ва ҳам бо созмондиҳандагони онҳо бурда мешавад. Гузашта аз ин, қонунияти дигари геополитикӣ ин аст, ки ҳар як абарқудрат мехоҳад дар кишварҳои мавриди назари худ ҷонибдорон ва ҳаммаслакони хешро ба сари қудрат оварад. Аз ин рӯ, созмонҳои террористию экстремистӣ дар аксар маврид бо ин мақсад истифода бурда мешаванд. Агар яке аз роҳҳои ташкил намудани табаддулоти давлатӣ технологияи инқилобҳои ранга бошад, роҳи дигари он бо истифодаи ташкилотҳои террористию экстремистӣ амалӣ намудани ин мақсад аст. Аз инқилобҳои ранга дида, истифодаи террористону экстремистон дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ афзалияти бештар пайдо намудааст. Олими рус А.Гушер низ муътақид аст, ки террористон ва экстремистон аз ҷониби як қатор давлатҳо барои амалӣ намудани стратегияҳои геополитикии онҳо истифода бурда мешавад. Ӯ иброз медорад, ки «стратегияи «неруи нарм» бо кӯшишҳои Амрико барои ҷалб намудани иттифоқчиёни худ ва барои ҳалли масъалаҳои стратегӣ сафарбар намудани онҳо ташаккул дода мешавад. Гузашта аз ин, ИМА кӯшиш менамоянд, ки ташкилотҳои террористию экстремистиро низ ба қисми таркибии стратегияи худ табдил диҳад. Чунин амал дар рафтори як қатор давлатҳои дигар низ дида мешавад» [3].

Агар дар мавриди истифодаи «неруи нарм» аз ҷониби созмонҳои террористию экстремистӣ ҳарф занем, бояд ёдовар шуд, ки паҳн намудани ғояҳои экстремистию террористӣ, таблиғоти идеологӣ ва мағзшӯӣ шаклҳои фаъолияти онҳо мебошад.Террористон ва экстремистон барои ҷолиби диққат намудани ғояҳои худ бештар чунин арзишҳои иҷтимоӣ, ба монанди адолати иҷтимоӣ, баробарӣ, бародарӣ, мубориза бо душманон ва монанди ниҳоро ҳамчун идеалҳои ҷамъиятӣ тарғибу ташвиқ менамоянд. Олими рус А.М.Манойло дар яке аз таҳқиқотҳои худ дар мисоли фаъолиятҳои идеологии ташкилотҳои террористии «Давлати исломӣ», «Ал-Қоида», «Толибон» ва «Ихвон-ул-муслимин» масъалаи истифода шудани «неруи нарм»-ро хеле муфассал шарҳ додааст [8].

Дар мавриди самаранокии «неруи нарм» ба инобат гирифтани мувофиқати «сухан бо амал» ва баръакс, «амал бо сухан» хеле муҳим аст. Дар робита бо ин масъала як қатор олимон иброз медоранд, ки барои ҷавонон боваринок садо додани даъватҳои экстремистон хеле таъсирбахш аст. Террористон дурустии даъватҳои худро ба воситаи амалҳои террористӣ нишон додан мехоҳанд ва бо ин роҳ ҷавононро бовар мекунонанд, ки аз уҳдаи ҳамаи кор мебароянд. Вобаста ба таъсирнок будани «неруи нарм»-и экстремистон А.М. Манойло андешаҳои худро ба таври зерин асоснок намудааст: «Ба сафҳои “ДОИШ” на танҳо ҷавонони камбизоат, ки аз хӯрдӣ дар шароити вазнини зиндагӣ ба воя расидаанд,

ҳамроҳ мешаванд, балки фарзандони шахсони сарватманд низ дар зери таъсири таблиғоти психологӣ мағзшӯӣ гардида, на танҳо бо онҳо мепайванданд, балки тамоми дороиҳои худро низ дар ихтиёри террористон мегузоранд» [7, с.139].

Зарурати ташаккули «неруи нарм» ва истифодаи он дар сиёсати дохилӣ

Бо дарназардошти вазъи мураккаби ҷаҳони муосир истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилӣ низ хеле муҳим аст. Чӣ гунае, ки дар боло иброз намудем, ҳарчанд истифодаи «неруи нарм» танҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлат тавсия гардад ҳам, дар сиёсати дохилӣ низ истифодаи он зарур аст. Чунин ҳолатро бо чанд далел асоснок намудан мумкин аст: якум, ин ки сиёсати хориҷии давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилии он мебошад; дуюм, ин ки давлатҳо ва ҳукуматҳо пеш аз оне, ки дар назари аҳолии ҷомеаҳои дигар мароқангез гарданд, онҳоро лозим аст, ки аввал симои мароқангези худро дар назари шаҳрвандони худ ташаккул диҳанд. Ба ибораи дигар, шаҳрвандони кишвар аз ватани худ ва давлати худ бояд ифтихор намоянд. Масалан, «амрикоиҳо бо ватанашон ифтихор мекунанд. Ҷопониҳо ба режими миллии худ хеле эҳтиром доранд, ки ин анъанаи муқарраршудаи миллӣ буда, на танҳо муҳофизати ватани худро таълим медиҳад, балки дар худ чунин сифатҳои беҳтарин, ба монанди эҳтиром ба шаъну шарафи гузаштагон ва пайдоиши онҳо, арзиши зиндагии онҳоро меомӯзонанд» [11, с.32]. Сеюм ин, ки сатҳу сифати «неруи нарм» аз симои мароқангези давлат ва ҷомеа вобаста аст. Бинобар ин, давлатҳои гуногун барои ташаккули имиҷи худ талош меварзанд. Ҳарчанд дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ имиҷи давлату мамлакат ба воситаи сиёсати хориҷӣ ташаккул дода шавад ҳам, асоси онро нишондодҳои сифатии сиёсати дохилӣ ва ҳаёти ҷамъиятии кишвар ташкил медиҳад. Масалан, сатҳу сифати зиндагии мардум, сатҳи таълиму тарбия, рушди илму техника, рушди иқтисодӣ, сатҳи пасти коррупсия ва ғайра ба онҳо мисол шуда метавонанд. Муҳаққиқони рус Е.Харитонова ва И.Прохоренко низ ба ин масъала ишора намудаанд. Онҳо иброз медоранд, ки «неруи нарм»-и давлат дар ду шакл амалӣ карда мешавад. Якум, ҳамчун сиёсати давлатӣ (сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ), ки ба воситаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин самт давлат як қатор барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатию ғайридавлатиро маблағгузорӣ намуда, дар соҳаи маориф, сайёҳӣ, варзиш, фарҳанг, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дипломатияи мардумӣ ташаббусҳои шаҳрвандиро дастгирӣ менамояд. Дуюм, ҳамчун стратегияи дарозмуҳлате, ки барои беҳтар намудани имиҷи давлат, мустаҳкам намудани нақш ва мавқеи давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва ба берун интиқол додани арзишҳое, ки барои дигарон ҷолиби диққатанд, нигаронида шудааст. Дар маҷмӯъ, симои давлат чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар хориҷи кишвар тавре ташаккул дода мешавад, ки онро аз субъектҳои дигари сиёсати ҷаҳонӣ ба осонӣ фарқ менамоянд [27,с.39-40]. Ҷ.Най дар мавриди ташаккулдиҳии «неруи нарм» онро бо дарназардошти вазъи дохилии мамлакат ба таври зерин тавсиф намудааст: «Абарқудратҳои бузург кӯшиш менамоянд, ки барои ташаккулдиҳии «неруи нарм» фарҳанг ва идеяи миллии худро истифода намоянд, то ки симои мароқангези хешро беҳтар созанд, аммо на ҳама вақт чунин амалро анҷом додан имконпазир аст, махсусан замоне, ки суханҳо ва ғояҳо бо воқеиятҳои дохилии мамлакат номувофиқанд» [13, с.161]. Ин ва дигар баррасиҳо вобаста ба истифодаи «неруи нарм» ва ташаккулдиҳии он бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар сиёсати дохилии мамлакат низ «неруи нарм»-ро истифода намудан зарур аст. Агар барои давлатҳои тараққикарда

истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати хориҷӣ самараи дилхоҳ ба бор оварад, барои давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки дар марҳалаҳои аввал пешрафт қарор доранд, истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилӣ бештар тавсия дода мешавад, зеро дар кишварҳои рӯ ба инкишоф афкори ҷамъиятӣ дар зери таъсири давраи гузариш хеле ҳасос аст ва онро ба осонӣ метавонанд аз берун тағйир диҳанд. Дар чунин шароит коҳиш додани фирори мағзҳо, пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, аз байн бурдани нигилизми сиёсию ҳуқуқӣ, ба ояндаи нек дилгарм намудани сокинони мамлакат ва ғайра маҳз ба воситаи «неруи нарм» имконпазир мегардад.

Дар сиёсати дохилии давлат истифода намудани «неруи нарм» талаботи давру замон аст. Аз ин рӯ, сатҳу сифати онро марҳала ба марҳила беҳтар намудан зарур мебошад, лекин таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки дар ин самт на ҳар давлат метавонад муваффақиятҳои зарурӣ ба даст оварад. Зеро «истифода гардидани «неруи нарм» аз ҷониби ҳукумат бо дарназардошти чанд далел хеле мушкил аст. Аввал ин, ки муваффақият дар шакли натиҷаҳои интизорӣ, пеш аз ҳама, аз объекти таъсиррасонӣ вобаста аст, чи гунае, ки дар шароити истифодаи «неруи сахт» ин ҳолатро дидан мумкин аст. Дуюм ин, ки барои ба даст овардани муваффақият вақти зиёд зарур мешавад, аммо аксари сиёсатмадорон ва фаъолони ҷамъиятӣ шитобкорӣ намуда, мехоҳанд натиҷаи кори худро тезтар бинанд. Сеюм ин, ки сарчашмаҳои «неруи нарм» на ҳама вақт зери назорати ҳукуматҳо қарор доранд. Ҳарчанд сиёсат зери назорати ҳукуматҳо қарор дошта бошад ҳам, фарҳанг ва арзишҳои сиёсию иқтисодӣ дар дасти ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Дар маҷмӯъ, «неруи нарм» дар муқоиса бо неруҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ хубтару беҳтар аст, аммо истифода намудани он мушкил, аз даст доданаш осон ва барқарор намуданаш серхарҷ мебошад» [13, с.151].

Дар маҷмӯъ, вобаста ба масъалаи истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилии давлат ҳаминро бояд таъкид намуд, ки агар мамлакат дар марҳалаҳои аввали рушду инкишоф қарор дошта бошаду онро ҳамчун давлати рӯ ба инкишоф шиносанд, онро зарур аст, ки ба сиёсати дохилии худ таваҷҷуҳи бештар диҳад. Аз ҷумла, истифодаи «неруи нарм»-ро ғолибан, дар сиёсати дохилии худ истифода намояд. Баъди тай намудани якчанд марҳалаҳои рушду инкишоф метавонад истифодаи «неруи нарм»-ро дар сиёсати хориҷии худ бештар намояд. Ин гуфтаҳо маънои онро дорад, ки истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилию хориҷӣ барои ҳамаи давлатҳо шарт аст, аммо давлатҳои рӯ ба инкишоф дар сиёсати дохилии худ ва давлатҳои тараққикарда онро дар сиёсати хориҷии худ метавонанд зиёдтар истифода намоянд.

Хулоса

Консепсияи «неруи нарм»-ро бо тамоми иқтидор ва имкониятҳояш давлатҳои абарқудрат истифода мебаранд, то ки дар сатҳи ҷаҳонӣ мавқеи худро на танҳо уствор намоянд, балки мавқеъҳои баландтареро соҳиб гарданд. Чунин тамоюлотро гуфтан мумкин аст, ки унсури мустамликадории нав мебошад, аммо ин маънои онро надорад, ки «неруи нарм» барои давлатҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф камаҳамият ва нолозим аст. Баръакс, давлатҳои тозаистиқлол барои ташаккули пояҳои давлатдории миллӣ, мустаҳкам намудани истиқлолияти давлатӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, муттаҳид намудани шаҳрвандон, ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикии худ ва билохира, барои мубориза бо таҳдиду хатарҳои навин метавонанд онро ба таври васеъ истифода кунанд. Ин консепсия, чи барои давлатҳои абарқудрат ва чи барои давлатҳои рӯ ба инкишоф, дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешгирии зуҳури таҳдидҳои навин метавонад хизмат намояд.

Консепсияи «неруи нарм» ҳам дар сиёсати хориҷӣ ва ҳам дар сиёсати дохилӣ истифода мешавад, аммо таносуби истифодаи он дар таҷрибаи давлатҳои олам нобаробар аст. Давлатҳои абарқудрат онро дар сиёсати хориҷии худ истифода менамоянд, зеро дар дохили мамлакат системаи сиёсии устувор, арзишҳои сиёсию иқтисодии коршоям ва рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеаро таъмин намудаанд, ки дар чунин шароит истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилии онҳо камаҳамият гардидааст. Чунин тамоюлот маънои онро дорад, ки онҳо низ як замон истифодаи «неруи нарм»-ро аз сиёсати дохилии худ оғоз намуда буданд. Яъне пеш аз оне, ки давлат мехоҳад дар чашми ҷаҳониён мароқангез бошад, аввал дар пеши назари шаҳрвандони худ бояд ҷолиби диққат ва қобили дастгирӣ шуда тавонад. Аз ин рӯ, давлатҳои рӯ ба инкишоф бояд иқтидори асосии «неруи нарм»-ро дар сиёсати дохилии худ баҳри мубориза бо таҳдиду хатар ва бартараф намудани мушкилот ва камбудиҳои ҷойдошта равона созанд, то ки аввал симои мароқангези давлатро дар дохили кишвар ва сипас онро ба ҷаҳониён муаррифӣ созад.

Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ «неруи нарм» зоҳиран барои амалӣ намудани манфиатҳои хориҷии давлат истифода мегардад. Инчунин ба воситаи он имкониятҳои рақиб маҳдуд, мавқеи он ноустувор ва симои мароқангези вай коҳиш дода мешавад. Яъне, консепсияи «неруи нарм» ҳамчун стратегияи сиёсати хориҷии давлат на танҳо барои ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ, балки барои таъсири манфӣ расонидан ба манфиатҳои миллии дигарон низ истифода мешавад. Ба ибораи дигар, «неруи нарм» ханҷаре мебошад, ки бо як тарафи теғи он тасхири дилҳо ва бо тарафи дигари теғ кӯтоҳ намудани дасти рақибон анҷом дода мешавад.

Ҳамин тариқ, воқеиятҳои «неруи нарм» ин аст, ки онро барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии худ субъектҳои гуногуни сиёсат ба таври васеъ истифода менамоянд, то ки ҷонибдорон, ҳаммаслакон ва ҳаводорони худро зиёд намоянд ва амалу рафторҳои онҳо аз ҷониби пайравон дастгирӣ ёбанд. Ҳамзамон, «неруи нарм» яке аз унсурҳои муҳимтарини пешгирӣ намудан ва мубориза бурдан бо таҳдидҳои нави замони муосир мебошад, ки онро аслан барои коҳиш додани таъсири манфии таҳдидҳо, ба ибораи дигар барои ноком гардонидани душманон ва рақибон истифода намудан мумкин аст. Дар чунин маврид «неруи нарм» мушти рамзие мебошад, ки ба даҳони террористон, экстремистон ва умуман, рақибону душманон зада мешавад.

АДАБИЁТ

1. Вилков А.А. «Мягкая сила» как элемент имиджевых технологий во внутренней и внешней политике // Известия Саратовкого университета. Серия: Социология. Политология. – 2014. –Т.14. –№2. –С.66-74.
2. Галларотти Дж. Как измерять мягкую силу в международных отношениях // Полис. Политические исследования. –2020. –№1. –С.89-103. DOI: 10.17976/jpps/2020.01.07
3. Гущер А. «Мягкая сила» и терроризм как инструменты политики и стратегии некоторых государств [электронный ресурс]. URL: https://nic-pnb.ru/articles/myagkaya-sila-i-terrorizm-kak-instrumenty-politiki-i-strategii-nekotoryh-gosudarstv/ (дата обращения: 17.05.2020 г.)
4. Давыдов Ю.П. Понятие «жесткой» и «мягкой» силы в теории международных отношений // Международные процессы. –2004. –Т.2. –№1 (4). –С.69-80.
5. Леонова О.Г. Политика «умной силы» – продукт эволюции «мягкой силы» // Социально-гуманитарные знания. – 2019. –№5. –С. 27. (25-31).
6. Леонова О. Sharp power – новая технология влияния в глобальном мире // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т. 63. –№ 2. –С.21-28. DOI: 10.20542/0131-2227-2019-63-2-21-28
7. Манойло А.М. «Мягкая сила» террористов // Россия и мусульманский мир. – 2017. –№3 (297). – С.137-149.
8. Манойло А.В. Модели «мягкой силы» сетевых террористических организаций (на примере запрещенных в Российской Федерации «Исламского государства», Аль-Кайды, Талибана и «Братьев-мусульман») // Конфликтология / nota bene . – 2016. – № 1. – С. 11 - 19. DOI: 10.7256/2409-8965.2016.1.18626
9. Матвейчев О. Информационные войны XXI века. «Мягкая сила» против атомной бомбы. –М.: Книжный мир, 2016. –350 с.
10. Муҳаммадзода П.А. Муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонии каронавирус [манбаи электронӣ]. URL: http://khovar.tj/2020/05/munosibat-oi-bajnalmilal-dar-sharoiti-bu-roni-a-onii-koronavirus-andesha-oi-parviz-mu-ammadzoda-muovini-direktori-mts-dar-in-mavz/ (санаи истифодабарӣ: 26.05.2020)
11. Муҳаммад С.А. Нақши рамзҳои сиёсӣ дар раванди низоъҳои сиёсӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. –№1 (69). – С.31-36.
12. Наим М. Конец власти. От залов заседаний до полей сражений, от церкви до государства. Почему управлять сегодня нужно иначе / Пер. с англ. Н.Мезина, Ю.Полещук, А.Сагана. –М.: АСТ, 2016. –512 с.
13. Най С.Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век. Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: АСТ, 2014. –444 с.
14. Неймарк М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. К уточнению проблемного поля. Часть 1. // Обозреватель-Observer. –2016. –№1. –С.31-42.
15. Неймарк М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. «Умная сила»: к перспективам в мировой политике. Часть 2. // Обозреватель-Observer. –2016. –№2. –С.67-77.
16. Пименова Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 1 (52). –С. 57-66. DOI: 10.24833/2071-8160-2017-1-52-57-66
17. Погорельская С.В. Неправительственные организации и политические фонды во внешней политике ФРГ. – М.: Наука, 2007. –207 с.

18. Пономарева Е.Г. Секреты «цветных революций» // Свободная мысль. – 2012. –№3-4. –С.43-59.
19. Пономарева Е.Г. Секреты «цветных революций» // Свободная мысль. – 2012. –№5-6. –С.38-48.
20. Радиков И., Лексютина Я. «Мягкая сила» как современный атрибут великой державы // Мировая экономика и международные отношения. – 2012. –№2. –С.19-26.
21. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои фаромиллӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва дурнамои таъмини амнияти миллӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. –№8. – С.275-282.
22. Смирнова А.Г. Образ государства во внешней политике и международных отношениях. – СПб.: Издательство СПБГУ, 2011. –230 с.
23. Федякин А.В. Зарубежный опыт политики формирования позитивного образа государства: сравнительный анализ теории и практики. – М.: МИИТ, 2009. – 256 с.
24. Филимонов Г.Ю. Технологии «мягкой» силы на вооружении США: ответ России. Монография / Г.Ю. Филимонов, О.Г. Карпович, А.В. Манойло. –М.: РУДН, 2015. – 581 с.
25. Филимонов Г.Ю. Технологии «мягкой» силы на вооружении США: ответ России. Монография / Г.Ю. Филимонов, О.Г. Карпович, А.В. Манойло. –М.: РУДН, 2015. – 581 с.
26. Филимонов Г.Ю., Цатурян С.А. «Мягкая сила» как форма непрямой аппликации «национального интереса» // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: международные отношения. –2012. –№2. –С.21-30.
27. Харитонова Е., Прохоренко И. «Мягкая сила» бывших империй: сравнительный опыт Великобритании и Испании // Мировая экономика и международные отношения. – 2018. –Т.62. –№3. –С.39-49. DOI: 10.20542/0131-2227-2018-62-3-39-49
28. Юдин Н.В. Жесткий взгляд на «мягкую силу»: критический анализ монографии Дж.Ная «Будущее власти» // Вестник Московского университета. Серия 25. Международные отношения и мировая политика. –2013. –№4. –С.134-162.
29. Nye J.S. Jr. How Sharp Power Threatens Soft Power. The Right and Wrong Ways to Respond to Authoritarian Influence / Foreign Affairs, 2018, January 24. [Electronic resource]. URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2018-01-24/how-sharp-power-threatens-soft-power (accessed: 19.05.2020).
30. Walker Ch., Ludwig J. The Meaning of Sharp Power. How Authoritarian States Project Influence / Foreign Affairs, 2017, November 16. [Electronic resource]. URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2017-11-16/meaning-sharp-power (accessed: 19.05.2020).
31. Wu I.S. The Wu Rubric for Soft Power: Measuring Russia and China's Social Network [Electronicresource].URL: https://www.arcgis.com/apps/MapSeries/index.html?appid=c2085de7ac0d47cfade2aa26ec665dcc (accessed: 15.05.2020).

РЕАЛЬНОСТИ «МЯГКОЙ СИЛЫ»: ЗАЩИТА НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ И ПЕРСПЕКТИВА БОРЬБЫ С НОВЫМИ УГРОЗАМИ СОВРЕМЕННОСТИ

САФАРАЛИЗОДА ХУДЖАМУРОД КУДДУСИ,
кандидат политических наук, доцент,
докторант кафедры политических процессов в Таджикистане Таджикского национального университета,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17,
тел.: +992 98 812 7383, e-mail: quddusov@mail.ru

Последние годы среди ученых и исследователей идут бурные обсуждения вокруг сущности и особенности концепции «мягкой силы», и обычно ее определяют как стратегия или средство повышения эффективности внешней политики государства. Однако если рассмотреть «мягкую силу» с учетом закономерностей формирования власти, не только ощущается, но и определяется значимость и необходимость ее использования во внутренней политике государства. Если во внешней политике государства «мягкая сила» используется на основе привлекательного образа государства для привлечения других стран, то во внутренней политике государства она используется на основе позитивного имиджа государства и правительства для увеличения своих сторонников и приверженцев. Поэтому, если посмотреть на закономерности формирования легитимности власти, можно определить сущности и особенности «мягкой силы». Таким образом, «мягкая сила» тесно связана господством и властью, которую попытаются реализовать на мировом уровне и в этом направлении используется ее стратегический потенциал. Ученые и исследователи, рассматривая «мягкую силу», в большинстве случаев не учитывают закономерности формирования власти, в результате этого предлагают неверные выводы. В целом, «мягкая сила» используется для реализации стратегических целей, защиты национальных интересов и для ограничения возможностей противников и конкурентов. Также, в некоторых случаях «мягкая сила» используется для легитимации запланированных поведений и действий. В настоящее время каждое государство должно использовать мягкую силу в своей внутренней и внешней политике, особенно в условиях развития информационно-коммуникационных технологий ее использование имеет важное значение. В таких условиях государство ощущает не только «мягкую силу» других государств, транснациональных корпораций или негосударственных организаций, но и в процессе формирования национального государства чувствует негативное влияние «мягкой силы» экстремистско-террористических организаций. Поэтому «мягкая сила» одновременно является и средством реализации национальных интересов и инструментом борьбы с новыми угрозами современности.

Ключевые слова: *«мягкая сила», «цветные революции», привлекательный образ, международный имидж государства, привлечение, национальные интересы, угрозы.*

REALITIES OF «SOFT POWER»: PROTECTION OF NATIONAL INTERESTS AND THE PERSPECTIVE OF THE FIGHT AGAINST NEW THREATS OF MODERNITY

SAFARALIZODA KHUJAMUROD QUDDUSI,
Ph.D. in Political Sciences, Associate Professor, doctoral student of the Department of Political Processes in Tajikistan, Tajik National University,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17,
tel.: +992 98 812 7383, e-mail: quddusov@mail.ru

In the recent years, there have been heated discussions among scientists and researchers around the essence and features of the concept of «soft power», which is usually defined as a strategy or means of increasing the effectiveness of a state's foreign policy. However, if we consider the «soft power» taking into account the laws of the formation of power, not only is it felt, but the significance and necessity of its use in the domestic policy of the state is determined. If in the foreign policy of the state «soft power» is used on the basis of an attractive image of the state to attract other countries, then in the domestic policy of the state it is used on the basis of the positive image of the state and government to increase its supporters and adherents. Therefore, if you look at the laws governing the formation of the legitimacy of power, you can determine the nature and characteristics of «soft power». Thus, the «soft power» is closely linked by domination and power, which they will try to realize at the world level and its strategic potential is used in this direction. Scientists and researchers, considering the «soft power», in most cases do not take into account the laws of the formation of power, as a result of this offer the wrong conclusions. In general, «soft power» is used to implement strategic goals, protect national interests and to limit the capabilities of opponents and competitors. Also in some cases, «soft power» is used to legitimize planned behaviors and actions. Currently, each state should use «soft power» in its domestic and foreign policy, especially in the context of the development of information and communication technologies, its use is important. In such conditions, the state feels not only the «soft power» of other states, transnational corporations or non-governmental organizations, but also in the process of forming a national state it feels the negative influence of the «soft power» of extremist-terrorist organizations. Therefore, «soft power» is at the same time means of realizing national interests and tool to combat the new threats of our time.

Keywords: *«soft power», «color revolutions», attractive image, international image of the state, attraction, national interests, threats.*

УДК: 323.1

РАМЗҲОИ СИЁСӢ ҲАМЧУН НИШОНАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОМ ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

МУҲАММАД САЪДӢ АБДУРАҲМОН,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фаннҳои ҷамъиятии
Академияи ВКД ҶТ, подполковники милитсия.
Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов 3,
тел.: 992 904196960, e-mail: mahmadov.2014@mail.ru.

Муаллиф дар мақолаи мазкур рамзҳои сиёсиро ҳамчун нишонаи соҳибистиқлолӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ мавриди таҳлил қарор дода, паҳлуҳои мухталифи онҳоро таҳқиқу баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар сатҳи инфиродӣ, омӯзиши рамзҳо ба мо имкон медиҳад, ки услуб ва моделҳои гуногуни рафтори сиёсиро муайян намоем. Аломатҳо бошанд, ба рафтори муайян ангеза медиҳанд ва худи онҳо намунае мебошанд, ки шахсро аз зарурати ҷустуҷӯи иттилоот ва қабули қарорҳои мустақил наҷот медиҳад. Гузашта аз ин, омӯзиши рамзҳои сиёсӣ ба дарёфти робита байни сатҳҳои гуногуни таҳлил кумак мерасонад, яъне алоқамандии назариявии байни макро ва микрои рафторро ошкор мекунад. Бояд гуфт, ки аломатҳои сиёсӣ муносибатҳои шахс ва системаи сиёсиро танзим мекунанд ва барои тафриқа, ҳамкорӣ ва дар ниҳоят барои ҷомеа заминаи фаъол мегузоранд. Рамзҳои сиёсӣ бояд ҳамчун инъикосгари истиқлолият ва таҳкими давлатдории миллӣ шинохта шаванд.

Калидвожаҳо: *рамзҳои сиёсӣ, нишон, истиқлолият, давлатдории миллӣ, манфиати рамзӣ, ҷомеа, тартиботи сиёсӣ,ҳаёти сиёсӣ, тақсимоти иҷтимоии нуфуз, аломатҳо ва рамзҳо.*

Рамзи сиёсӣ ин як маънои рамзии ба вуҷудории воқеияти иҷтимоию сиёсӣ мебошад. Тавассути рамзҳои сиёсӣ тафсири воқеияти сиёсӣ, ки аз ҷониби тафаккури ҷомеа сурат мегирад ва таҷдиди ғоявӣ, сиёсӣ ва амалии фазои сиёсӣ таъмин карда мешавад. Нишони сиёсӣ бошад, як ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсат ва идеологияҳои ба он монанд аст. Бидуни рамзҳо ва аломатгузории беруна, сиёсат ҳамчун раванди иҷтимоӣ наметавонад таъсиргузор бошад. Дар байни онҳо ҷойгоҳи марказиро рамзҳои давлатдории миллӣ ишғол мекунанд. Рамзҳои давлатӣ – Нишон, Парчам, Суруди Миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи соҳибихтиёрӣ, нишонаи истиқлолият ва пешрафти давлат мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки моҳияти тағйироти иҷтимоӣ метавонад ҳамчун раванди фурӯпошии куҳна ва пайдоиши рамзҳои нав муаррифӣ шавад. Аломат на танҳо нишонаест ба мундариҷае, ки онро рамзӣ мекунад, балки дорои як неруи бузурги тарканда мебошад, ки дар давраи тезутунд шудани шадиди иҷтимоӣ раҳо шудааст. Дар ҳолатҳои буҳронӣ, рамзҳои мавҷуда аввал мавриди ҳамлаи қуввахои мухолиф ва иҷтимоие, ки ба қудрат саъй мекунанд қарор мегирад.

Дар масири таърих мисолҳои зиёде ба назар мерасанд, ки дар он ҳама рамзҳои иҷтимоии режими куҳна дар давраи инқилобҳои иҷтимоӣ несту нобуд карда шуда буданд. Тасвири инқилоби рус як сарбоз буд, ки уқоби дуқанотаро бо қундоқи милтиқ дар боми Қасри Зимистона мезад, рамзи Коммунаи Париж, бошад сарнагун кардани ҳайкали Наполеон аз болои сутуни Вендом буд. Нобудкунии як рамз, рамзи навро ба миён меорад. Системаҳои рамзӣ дар таърихи ҷомеа муносибатҳои ҳокимиятиеро, ки дар паси онҳо пинҳон аст, нишон медиҳад [1, с.114].

Қайд кардан ба маврид аст, ки рамз чӣ қадаре, ки аз вазъияти воқеӣ дуртар гардад, ҳамон қадар мундариҷаи он номуайян мегардад. Ҳамин тавр, рафтори омма аз рафтори нухбагон (элита) камтар аз воқеият вобаста аст. Ғайр аз он, маънои рамзи сиёсӣ нисбат ба гурӯҳҳои нобаробари аҳолӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили мардум комилан ва яктарафа қабул карда мешавад. Ин мундариҷаи пурраи сохторӣ ба сохтори воқеӣ, ки дар он рамз истифода мешавад, бештар мувофиқат мекунад.

Замоне ки сиёсатмадорон дар бораи маънои рамзҳои сиёсӣ баҳс мекунанд, ин маънои онро дорад, ки рамз воситаи махсусест, ки барои мутаҳид намудану ҳувият сохтан бояд мавриди истифода қарор гирад. Аломату нишонаҳо на танҳо дар низоъҳои дохилӣ, балки дар низоъҳои байналмилалӣ низ нақши муҳим доранд. Тадбирҳои аз ҷониби ҳукуматҳо ба манфиати миллат ва давлатҳо андешидашудаи аксар вақт тавассути истифодаи аломатҳои мувофиқ бо маънои муайян дастгирӣ карда мешаванд. Ҳамин тавр, муболиға кардани нақши худи шахс (нақши миллат) сурат мегирад ва ҳамзамон, қарорҳои руякӣ ва ғалат дар бораи миллати дигар эҷод карда мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқ Холсти рамзҳо дар ташаккули муносибатҳои байни миллатҳо нақши муҳим мебозанд [6,с.25]. Дар байни гурӯҳҳои даргир ихтилофот камтар мешаванд, ҳарчанд аломатҳои дорои мундариҷаи бад, вале таъсири баланди эҳсосотӣ истифода мешаванд.

Ҳангоми ба хулоса омадани он ки рамзҳо ва аломатҳои сиёсӣ дар раванди низоъҳои сиёсӣ, сафарбаркунӣ ва ҳамгироӣ нақши муҳим доранд, ин далели он аст, ки онҳо ба муносибатҳои ҳокимият таъсир мерасонанд. Аломат ва рамзҳо дар машрӯъияткунонии тақсимоти ҳокимият низ нақши муҳим доранд. Манбаъҳои ҳокимият ҳарчи бештар ва дуртар бошанд, ҳамон қадар зарурати истифодаи аломатҳо зиёдтар мешавад ва имкониятҳои истифодаи онҳо барои асоснок кардани ин ҳокимият зиёд мегардад. Чуноне Мерриам ибрози ақида менамояд, ки нишонаҳо самаранокии ҳокимиятро тақвият мебахшанд ва «ҳукуматдорон одатан дар атрофи худ як қатор чизҳоеро нигоҳ медоранд, ки ба онҳо бовар кардан мумкин аст. Ягон сохтори ҳокимиятӣ танҳо ба зӯроварӣ асос намеёфт, зеро танҳо қувва барои нигоҳ доштани обруйи ҳукумат ва фишор додани қувваҳои мухолифон кифоя нест”[8, с.3].

Аломатҳо ва рамзҳое, ки дар ҳокимият мавҷуданд ва онро қонунӣ менамоянд, на танҳо вазифаҳои берунии мақом (атрибут), балки ишора ва рафтори мансабдоронро нишон медиҳанд. Ҳангоме, ки асотир ва расму оинҳо барои нигоҳ доштани ҳокимияти сиёсӣ дар ҳама гуна система хидмат мекунанд, қонунияти амали он бо таассуроти мусбати вазифаҳои иҷрошуда тасдиқ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, сарварӣ мустақиман аз амалҳое вобаста аст, ки барои тарафдорон ва пайравон як намунаи рафтор мебошанд. Тавассути ин амалҳо ҳокимият таъсис ва нигоҳ дошта мешавад. Ин амалҳо набояд дар амалҳои баъдӣ такрор карда шаванд ва дар ҳолате, ки роҳбар қудрати назоратро дорад, дар бораи амалҳои худ огоҳӣ дошта бошад, дар доираи салоҳияти худ амал кунад ва дар сурате, ки мардум ба вай эътимод доранд.

Илова бар он, ки рамзҳо тақсимоти ҳокимиятро асоснок мекунанд ва амали онро қонунӣ менамоянд, онҳо ба рафъи мушкилот, ҳангоми супоридани ҳокимият аз як роҳбар ба тарафи дигар дучор мегарданд. Маросимҳои гузаришиқудрати барои қонунӣ кардани қудрат роҳбарони нав таҳия шудаанд ва ҳамчун далели зистпазирӣ ва идомаи тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ хизмат мекунанд. Ин маросимҳо масъулияти роҳбарро бар дӯш мегиранд ва бовару эътимод мебахшанд, ки ӯ вазифаҳои худро дуруст иҷро мекунад.

Омӯзиши рамзҳои сиёсӣ дар ҷомеа аз аҳамият холӣ нест, онҳо дар сатҳи систематикӣ, дар дарки равандҳои сафарбаркунии сиёсӣ, тақсимоти фарқкунандаи нуфузи сиёсӣ ва асосҳои қонунияти сиёсӣ кумак мерасонанд [9, с.554].

Дар сатҳи зерсистемавӣ бошад, омӯзиши рамзҳои сиёсӣ барои равшанӣ андохтан ба динамикаи низоъҳои гурӯҳӣ ва дар дарки равандҳои ҳамгироии гурӯҳӣ кумак мекунад [4, с.366].

Сарфи назар аз потенсиали бузурги фаҳмондадиҳӣ, ки дар омӯзиши рамзҳои сиёсӣ мавҷуданд, ин масъала на чандон хуб фаҳмида нашудааст. Дар ин масъала консепсияҳои гуногун тартиб дода нашудаанд, тағйирёбандагони мушаххас тавсифи тафриқавӣ надоранд ва назарияҳои пешниҳодшуда ба рушди минбаъда ва тасдиқи таҷрибавӣ ниёз доранд.

Маълум аст, ки равиши таҳияшуда аломатҳои сиёсиро ҳамчун як объекти муҳими дарки инфиродӣ баррасӣ мекунад. Монандӣ ва фарқҳои байни фардҳо ва гурӯҳҳо дар ин дарк ҳамчун манбаи потенсиали рамз барои муътақид ва бедор кардани таваҷҷуҳ ба назар гирифта мешаванд. Ҷузъҳои зерини дарки аломатҳо фарқ мекунанд: мундариҷаи маърифатӣ ва аҳамияти системавӣ. Онҳо бо сохтори иерархии типологияи аломатҳои сиёсӣ тавассути як қатор гипотезаҳо, ки тамоюлҳои шинохти рамзии табақаҳои гуногуни аҳолиро вобаста ба навъи он муайян мекунанд, алоқаманданд.

Аломатҳо аз ҳисоби таносуби одии маъно ё арзёбӣ бо ашё, ашхос, имову ишора пайдо мешаванд. Вобаста ба ин, муҳақиқи ҷомеашинос Уайт менависад, ки «Рамзро ҳамчун ашёе муайян кардан мумкин аст, ки арзиш ё аҳамияти он аз ҷониби истифодабарандагон муайян карда мешавад ... Арзиш ё аҳамияти рамз ба ҳеҷ ваҷҳ бо хусусиятҳои хоси шакли ҷисмонии худ истеҳсол ё муайян карда намешавад. Аломатҳо, ба гуфтаи Ҷон Локк, «ба одам маънои шартӣ доранд» [10, с.25].

Мо ба он рамзҳое таваҷҷуҳ дорем, ки онҳоро метавон тасниф кард, зеро ки ҳар як системаи сиёсӣ дар лаҳзаи муайян шумораи муайяни объектҳои аломатиро дорад. Дар асл, ин маҷмӯи объектҳои аломатӣ унсурҳои асосии фарҳанги сиёсиро ифода мекунанд. Гарчанде ки рамзҳо бояд иваз карда шаванд, унсурҳои марказӣ нисбатан устувор боқӣ мемонанд ва оҳиста иваз мешаванд. Дар баробари ин, маҷмӯи аломатҳо объектҳоеро ба вуҷуд меорад, ки асоси ақидаҳои умумӣ ва шинохти мутақобила бо ин ё он нуқтаи дигари сиёсиро ташкил медиҳанд. Ин асоси рамзӣ барои ҷомеа аз рӯйи таҷриба муайян карда мешавад ва аз манфиат ё қаноатмандии ба даст овардаашон вобаста аст.

Муҳаққиқ Мерелман пешниҳод менамояд, ки динамикаи қонуният дар ин замина бояд баррасӣ карда шавад. Вай чунин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунад, ки асоси қонуният самарабахшии тақсимоти захираҳои моддӣ мебошанд. Баланд бардоштани қаноатмандӣ аз нишонаҳо мустаҳкам карда мешавад, ки онҳо асоси қонунӣ мешаванд ва манбаъҳои қаноатмандиро иваз мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳадди ақал ду асоси қонуният мавҷуд аст. Якум, асосан рамзӣ аст, яъне вафодорӣ асосан ба эҳсосот ва эҳсосоти марбут ба рамзҳои дурахшон асос ёфтааст. Сарчашмаи дигари қонуният ба меъёри вазифавӣ ё утилитарии арзёбии моддӣ ва фоида асос ёфтааст.

Тафовутҳои манфиати рамзӣ ва воқеӣ дар кори Эделман оид ба таҳлили ҷараёни сиёсӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Эделман ба он андешаест, ки раванди сиёсӣ ба интиқоли манфиатҳои воқеӣ ба доираи манфиатдори мардум равона карда шудааст ва ҳамзамон, ба омма эътимоди рамзӣ медиҳад. Вай инчунин қайд мекунад, ки амалҳои сиёсӣ, ки дорои аҳамияти бузурги рамзӣ мебошанд, ба тақсимоти захираҳои моддӣ таъсири назаррас надоранд [5, с.7].

Аммо чунин амалҳо эътимоди мардум ва қабули шартҳоеро, ки барои нигоҳ доштани тартиботи сиёсӣ имкон фароҳам меоранд, дастгирӣ мекунад. Ин шароитҳо ба нухбагон (элита) дар ба даст овардани манфиатҳои моддии онҳо кумак мерасонанд ва ба тақсимоти манфиатҳои воқеие, ки системаи сиёсӣ таъмин мекунад, таъсир мерасонанд.

Гусфилд бар он андешаест, ки дар баробари манфиатҳои моддӣ дар сиёсат, манфиатҳои камтар аз рамзӣ вуҷуд надоранд: "Мо дар ҷомеаи инсонӣ зиндагӣ мекунем, ки имову ишораи рамзӣ дар ташаккули ҳисси ғурур, ғазаб ва шараф нақши муҳим дорад. Ихтилофоти иҷтимоӣ ва шиддат боиси вайрон кардани тартиботи рамзӣ ва харобшавии дигар соҳаҳои ҳаёт мегарданд. Агар чунин аксуламалҳо «оқилона» ҳисобида нашаванд, ин таҳлилро душвортар мекунад ва боиси сарфи назар кардани ҳодисаҳое, ки барои одамон аҳамияти калон дорад мешаванд [7, с.183].

Аломатҳо на танҳо арзишманд мебошанд, балки метавонанд омили муҳими ба даст овардани манфиатҳои моддӣ бошанд. Ҳукумат ҳатман дар тақсимоти иҷтимоии нуфуз, тасдиқи аҳамият, арзиши чизе, қонунигардонии тарзи зиндагӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ манфиатдор мебошад. Нодида гирифтани ихтилофи мундариҷаи шабеҳ, ҳатто агар онҳо мустақиман ба тақсимоти захираҳои моддӣ таъсир нарасонанд, маънои рад кардани як қисми назарраси ҳаёти сиёсиро дорад [2].

Қайд кардан бамаврид аст, ки баъзе рамзҳо аз ҷиҳати эмотсионалӣ ранг карда мешаванд, дар ҳоле ки дигарон бетараф мебошанд, аммо фаҳмидан муҳим аст, ки ин фарқият аз хусусиятҳои сифатии худи аломатҳо вобаста нест. Худи аломатҳо ягон маънои дохилиеро, ки бо шаклаш муайян карда шудааст, надоранд. Баъзеи онҳо камтар возеҳанд ва нисбат ба дигарон аксуламалҳои пурқуввати эмотсионалӣ ба миён меоранд. Аммо ин ба маънои ё ишорае, ки онҳо доранд, аст, на аз сабаби хусусиятҳои сифатии худи рамз. Ин равандро метавон чунин тавсиф кард: "Аъзоёни ҷомеа як объектро интихоб мекунанд, аммо дар айни замон ҳар як шахс он хусусиятҳоеро, ки барои ӯҷолиб аст, ба назар мегирад. Ҷанбаҳои пайдошаванда таассуроти ҳамон рафтори ҷамъиятиро медиҳанд"[1].

Маълум аст, ки аломатҳоро метавон ҳамчун воситаи сиёсӣ истифода бурд. Инчунин, ин ба он ниҳодҳое дахл дорад, ки метавонанд ба олами рамзӣ муроҷиат кунанд.

Маълум аст, ки гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар доираи ҷомеаи сиёсӣ бо истифода аз рамзҳои сиёсӣ муошират мекунанд. Ҳато даъват кардани шахсиятҳо ё воқеаҳои таърихӣ низ рамзи соҳибихтиёрии давлат мебошанд. Аломатҳо метавонанд қисми он чизе бошанд, ки «хурофот» ном дорад, ки маҳсули таъсири таърих тавассути урфу одат мебошад.

Хулоса хусусиятҳи бевоситаи аломат ва рамзҳоро дарҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа таҳқиқ намуда, хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки хусусияти рамз бо моҳияти он на танҳо нишон додани чизе (хусусияти аломат), балки мансубият, инчунин, ба шинохт ва муаррифии рамзҳо алоқаманд аст. Албатта, маълум аст, ки "рамз" чизест, ки на бо мундариҷаи худ, балки тавассути "мавҷудият" амал мекунад, яъне санадест, ки аз ҷониби аъзоёни ягон ҷомеа эътироф карда мешаванд. Ин хоҳ рамзи динӣ бошад ва хоҳ рамзи дунявӣ, аз қабили нишон, варақаи мушаххас, дар ҳар сурат, маънои рамз ба мавҷудият ва муаррифии он асос меёбад.

Бояд гуфт, ки ҳар як сиёсатмадор ба нишонаҳои давлатӣ муроҷиат мекунад, аммо худи ӯ низ рамзист. Ин дарвоқеъ, маънои онро дорад, ки сиёсат бояд ба рамзҳо муносибати худро дошта бошад. Ин объектҳо дар бисёр ҳолатҳо мазмуни намояндагиҳои дастаҷамъиро, ки рафтори ҷомеаро танзим мекунанд, ташкил медиҳанд. Вазифаи асосии рамзро мумкин аст, ки дар мазмуни мушаххаси ашё ва ё предмет муайян намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеашиносон мустақиман дар бораи “тамаддуни рамзҳо” сухан мегӯянд ва охирин заминаи комил барои дарки онҳо имову ишора низ ба ҳисоб меравад. Дарки сиёсатмадор ба хусусиятҳои бевоситаи рамзҳо як унсури бесобиқа ва муҳим барои касб ва муваффақиятҳои ӯ мебошанд. Аз ин бармеояд, ки дар замони муосир аҳамияти рӯзафзуни рамзҳо ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар соҳаи сиёсат афзоиш меёбад.

АДАБИЁТ

1. *Бурлачук В.*Символ и власть: Роль символических структур в построении картины социального мира. - К.: , 2002.-С.114.
2. Aberbach J., Walker J. The meanings of black power: a comparison of white and black interpretations of a political slogan // Amer. Pol. Sci. Rev. 1970. 64 (June).
3. Brown S. Consistency and persistence of ideology: some experimental results // Public Opinion Q. 1970. 34 (Spring). P.-68.
4. Brown S., Ellithorp J. Emotional experiences in political groups: the case of the McCarthy phenomenon // Amer. Pol. Sci. Rev. 1970. 64 (June). P.- 366.
5. Edelman M. The Symbolic Uses of Politics. - Urbana: Univ. of Illinois Press, 1964.P.-7.
6. Finlay D. et al. Enemies in Politics. - Chicago: Rand McNally, 1967.25.
7. Gusfield J. Symbolic Crusade. - Urbana: Univ. of Illinois Press, 1963.- P.183.
8. Lasswell H. et al. The Language of Politics. - Cambridge, Mass.: MIT Press, 1965.C.3.
9. Merelman R. Learning and legitimacy // Amer. Pol. Sci. Rev. 1966. 60 (September). P. 554.
10. White L. The Science of Culture. - New York: Grove, 1949.- P.25.

ПОЛИТИЧЕСКИЕ СИМВОЛЫ КАК АТРИБУТ ПОЛНОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ И УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН,
кандидат политических наук, доцент кафедры общественных дисциплин Академии МВД РТ, подполковник милиции,
Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова 3,
тел.: 992 904196960, e-mail: mahmadov.2014@mail.ru

В данной статье автор анализирует политические символы как атрибут полной независимости и укрепления национальной государственности, а также исследует их различные аспекты. Автор отмечает, что на индивидуальном уровне изучение символов позволяет выявить разные стили и модели политического поведения. Символы, с другой стороны, мотивируют определенное поведение и сами являются примерами, которые избавляют человека от необходимости поиска информации и принятия независимых решений. Более того, изучение политических символов помогает найти связь между различными уровнями анализа, то есть выявлять теоретическую связь между макро- и микроповедением. Следует отметить, что политические символы регулируют отношения между человеком и политической системой и обеспечивают активную основу для дифференциации, сотрудничества и, в конечном итоге, для общества. Политические символы должны быть признаны как отражение независимости и укрепление национальной государственности.

Ключевые слова: *политические символы, символ, независимость, национальная государственность, символический интерес, общество, политический порядок, политическая жизнь, социальное распределение влияния, знаки и символы.*

POLITICAL SYMBOLS AS ATTRIBUTE OF FULL INDEPENDENCE AND STRENGTHENING OF NATIONAL STATE

MUHAMMAD SADI ABDURAHMON,
candidate of political sciences, associate professor of the Department of Social Sciences of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police lieutenant colonel,
Tajikistan, Dushanbe, st. Mastongulova 3,
tel.: 992 904196960, e-mail: mahmadov.2014@mail.ru

In this article, the author analyzes political symbols as an attribute of full independence and the strengthening of national statehood, and also explores their various aspects. The author notes that at the individual level, the study of symbols allows us to identify different styles and models of political behavior. Symbols, on the other hand, motivate certain behavior and themselves are examples that save a person from the need to search for information and make independent decisions. Moreover, the study of political symbols helps to find a connection between different levels of analysis, that is, to identify the theoretical relationship between macro- and microbehavior. It should be noted that political symbols regulate the relationship between a person and the political system and provide an active basis for differentiation, cooperation and, ultimately, for society. Political symbols should be recognized as a reflection of independence and the strengthening of national statehood.

Keywords: *political symbols, symbol, independence, national statehood, symbolic interest, society, political order, political life, social distribution of influence, signs and symbols.*

УДК: 001:061.(100)

ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ СИЁСӢ: ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ОНҲО ДАР ИЛМ

САФАРОВ БАҲРОМ РАҲМАТУЛЛОЕВИЧ,
унвонҷӯйи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
Тел.: 935-23-10-00; e-mail: sbmfa@mail.ru

Технологияҳои сиёсӣ ҳамчун василаҳои муҳимми татбиқи иродаи ҳокимият ва идоракунӣ ҷанбаҳои қавии назариявӣ дошта, тавассути коркардҳои илмӣ ва асоснок ташаккул меёбанд. Самарабахшии онҳо низ аз бисёр ҷиҳат маҳз аз ҳамин омил вобаста буда, бо талаботи замон ва макон онҳо метавонанд моҳияти худро такмил диҳанд. Вобаста ба ин назарияҳои мавҷудаи илмӣ тамоми ин хусусиятҳоро дар бар гирифта, баҳри маънидодкунӣ ва асосноккунии моҳияти онҳо нақши калон доранд.

Калидвожаҳо: *технологияҳои сиёсӣ, технологияҳои идоракунӣ, таъсиррасонӣ, инжинерияи иҷтимоӣ, иштироки сиёсӣ, рафтори сиёсӣ, раванди сиёсӣ, нуфуз, мақом, ташаккули технология, рушди ҷомеа.*

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои сиёсат ва идоракунӣ, ки асоси танзими ҳаёти ҷамъиятиро ташкил медиҳанд, масъалаи технологияи сиёсӣ аҳамияти калидӣ дорад. Маълум аст, ки ҳар як раванд, хоҳ идоракунӣ бошад, хоҳ итоат бе истифодаи усулҳои муайяни таъсиррасонӣ, роҳнамоӣ, боваркунонӣ, эътимодбахшӣ ва зуроварӣ наметавонад амалӣ гардад. Бо ин маънӣ илми сиёсӣ низ собит намудааст, ки механизмҳое, ки дар раванди ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода бурда мешаванд, хусусияти маҷмуъӣ дошта, дар баъзе ҳолатҳо бо робитаҳои мазмунӣ ва дар дигар ҳолатҳо бо робитаҳои сохторӣ ва амалӣ ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, усулҳои таъсиррасонӣ ва танзимнамоӣ бо мақсади амалӣ намудани иродаи ҳокимият истифода бурда шуда, дар шакли умум ва ба ҳам алоқаманд технологияҳои сиёсиро ташкил медиҳанд, ки муҳаррик ва ҷузъи асосӣ дар тамоми равандҳои сиёсӣ ва амалӣ намудани ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб меёбанд.

То ба имрӯз дар илми сиёсӣ мафҳуми «технологияи сиёсӣ» бо маъниҳои гуногун тафсир шудааст. Ин гуногунмазмунӣ аз табиати мушкили иҷтимоию сиёсӣ ва сохторию функсионалии он бармеояд. Чуноне ки муҳаққиқ А.Соловев қайд мекунад: «Равандҳои воқеии сиёсӣ дар дилхоҳ ҷомеаи дорои сохтори мураккаб ва давлат шаклҳои гуногун доранд. Аз як тараф ба онҳо ҳамчун ба инъикоси махсуси соҳаи ҷамъиятӣ, ки дорои сарҳадҳои иҷтимоӣ, робитаҳои дохилию берунӣ, теъдоди муайяни иштирокчиён, ҷиҳатҳои фарқкунанда ва ғайраҳо мебошанд, назар кардан мумкин аст. Аз ҷониби дигар бошад, робитаҳои ҳокимиятро ҳамчун маҷмуи масъалаҳои мушаххас, ки ҳалли худро аз тарафи давлат ва дигар субъектҳои сиёсӣ талаб менамоянд, фаҳмидан мумкин аст, ки аз ҷониби онҳо бо истифодаи усул ва воситаҳои муайян амалӣ карда мешаванд» [3].

Маҳз «усул ва воситаҳои муайян» дар тавсифи муайяннамудаи А. Соловев ҷузъҳои муҳимме баромад мекунанд, ки тавассути онҳо муносибатҳои ҳокимият ва дигар робитаи байниҳамдигарии сулбъектони сиёсат амалӣ карда мешавад. Аз нигоҳи технологӣ маҳз

истифодаи дурусти «усул ва воситаҳои» номбаршуда метавонанд самаранокии амали иҷрошавандаро таъмин намоянд.

Хусусияти хоси истифодаи ин усул ва воситаҳо дар он аст, ки тавассути онҳо ҳадафҳои муайяни сиёсӣ ба даст оварда мешаванд. Дар робита ба ин фазои амалишавии ҳадафҳо ҳудуди муайяни худро дорад ва тақозо мекунад то ҳама роҳу восита ва усулҳо маҳз дар ҳамин доира амалӣ карда шаванд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки «сатҳи дигари вобастагиҳо» ин худ натиҷаи технологияи муайяне мебошад, ки робитаҳои иҷтимоиро аз як дараҷа ба дараҷаи дигар, ба сатҳи нисбатан пешрафта ва мукаммалтар боло мебардорад. Дар натиҷа муносибатҳои иҷтимоӣ шакли ба худ хосро соҳиб гашта, дар доираи муайяни фазо ва вақт фаъолият мекунад. Қайд намудан зарур аст, ки технологияҳои сиёсӣ барои ҳама гуруҳҳо ва ҳама мавридҳо ягона нестанд. Сохтори онҳо бозгӯйи он аст, ки маҳдудиятҳои замонӣ ва ҳудудӣ мавҷуданд, ки самаранокии истифодаи усул ва воситаҳоро дар раванди амалӣ намудани муносибатҳои ҳокимият муайян мекунанд.

Соҳаи татбиқи технологияҳои сиёсӣ сиёсати расмӣ, ё худ сиёсате ба шумор меравад, ки тавассути он дар мафкураи ҷомеа нақши мусбати идеологияи муайяни сиёсӣ, ғоя ва мақсадҳои сиёсӣ, сиёсатмадор ҷойгир карда шуда, ҳадафи онҳо таъмини ҷонибдории оммавии шаҳрвандон аз ин ғояҳо ва ё сиёсатмадорон мебошад [1].

Лозим ба ёдоварист, ки омӯзиши технологияҳои сиёсӣ ҷанбаҳои гуногун дорад, аз қабили ҷанбаҳои сохторӣ, аҳлоқӣ, технологӣ ва назариявӣ. Ҳар як ҷанбаи он хусусияти хоси худро доро буда, дар маҷмӯъ,технологияи сиёсии истифодашавандаро мукаммал мегардонад. Паҳлуи дигари масъала дар он аст, ки ин ҷанбаҳо дар мавридҳои муайян ва вақту замони мувофиқ ҳар кадом мақоми махсуси худро соҳиб мебошад. Аз ҷумла, омӯзиши раванди татбиқи ҳокимият собит месозад, ки бо дарназардошти муракаб будани сохтори ҳокимият ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ, ба инобат гирифтани тамоми ҷанбаҳо зарур мебошад. Раванди қабули қарор тақозо менамояд, ки қарорҳо дар заминаи донишҳои қавӣ ва таҷрибаи мавҷуда бо дарназардошти ҷанбаҳои ахлоқӣ қарорҳои дурусти сиёсӣ қабул карда шаванд.

Технологияҳои сиёсӣ аз диди сохторӣ маҷмӯъи мураккаб ва ҳам алоқаманди васила ва усулҳое мебошанд, ки дар доираи ҳадафҳои муайян танзим гашта, ба онҳо мунтазамӣ, силсиланокӣ, баҳампайвастагӣ, азҳамвобастагӣ ва мақсаднокӣ хос мебошад. Тавассути ба инобат гирифтани хусусиятҳои номбаршуда технологияи сиёсӣ ягонагии сохториро соҳиб гашта, метавонад ҳамчун механизми самарабахш дар раванди сиёсӣ татбиқ карда шавад. Масалан, вобаста ба ин масъала Е.Малкин ва Е.Сучков қайд мекунанд, ки «усулан технологияҳои сиёсӣ бо он сабаб мавҷуданд ва фаъолият менамоянд, ки ҳокимияти сиёсӣ вуҷуд дорад. Маъракаҳои интихоботӣ соҳаи асосии истифодаи технологияҳои сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Интихобот ин нуқтаи олии ҳокимияти сиёсӣ мебошад, ки дар он рақобатҳо ба авҷи олии худ мерасанд. Барои василаҳои технологияҳои сиёсӣ ин лаҳзаи ҳақиқат аст, вақте, ки ҳар яки онҳо санҷиши охирини коршоямӣ ва самаранокиро дар барҳӯрд бо дигар технологияҳо мегузаранд» [1]. Аз ин нуқтаи назар коркардҳои технологии дар ин самт истифодашаванда водор месозанд, то хусусияти ҳар як давра ба инобат гирифта шавад. Масъалаи дигар ин ташкили раванди таъсиррасонӣ ва ё таъсирнокии чорабиниҳои амалишаванда ба ҳисоб меравад, ки ба рафтор ва иродаи интихобкунандагон бояд таъсири амиқ расонад. Дар робита ба ин, ба инобат гирифтани пайдарҳамии истифодаи амалҳо ва усулҳои татбиқшаванда низ зарур мебошад.

Лозим медонем, ки дар бобати коркарди технологияҳои истифодашаванда, инчунин, омили инсонӣ, бахусус, рафтори сиёсӣ ва иштироки сиёсӣ, ҳамчун маҷмӯи вокунишҳои субъекти сиёсӣ, баъзе андешаҳоро мавриди таҳлили илмӣ қарор диҳем.

Дар доираҳои илмӣ маънидодкуниҳои гуногуни рафтори сиёсӣ мавҷуданд, ки ҳар кадом дар доираи назария ва консепсияҳои муайян рафтори сиёсиро маънидод намуда, моҳият ва мазмуни онро бо дарназардошти хусусиятҳои хосаш таҳлил намудаанд. Дар сиёсат гурӯҳҳои калони одамон фаъолият доранд, ки онҳо нафақат дорои манфиатҳои умумӣ, усулҳои ягонаи фаъолият ва мақсадҳо, балки мавқеъҳои мухталиф низ мебошанд, ки дар марҳалаҳои муайяни равандҳои сиёсӣ якдигарро инкор мекунанд, ё ба мавқеи ҳамдигар мухолифат мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо буҳрони равандҳои сиёсӣ ба вуҷуд омада, дар ҷомеа боварӣ ба якдигар, ҳавасмандӣ ба ҳамкорӣ ба миён омада, дар заминаи тарсу ҳарос ва шубҳа фаъолиятҳои сиёсӣ ё қатъ карда мешаванд ё муваққатан боз дошта мешаванд.

Дар муайян намудани шакли рафтор меъёрҳо аҳаммияти муҳим доранд, ки дар доираи онҳо рафтори субъекти сиёсат бояд шакл гирад.

Меъёрҳо муқаррар мекунанд, ки субъект бояд дар кадом доира фаъолият намояд, кадом қоидаҳоро риоя намояд ва аз кадомаш худдорӣ намояд.

Мафҳуми «рафтори сиёсӣ» дар ҳар ҷойе, ки муносибатҳои сиёсӣ рушд меёбанд, ифодагари сатҳи иштироки мардум дар он мебошад, ки тавассути он муносибати байниҳамдигарии ниҳодҳои сиёсӣ, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, иштироки васеи омма аз иштироки издиҳом хусусиятҳои фарқкунандаи худро низ доро мебошад. На танҳо ҷиҳатҳои манфӣ, ки ба фаъолияти сиёсии издиҳом хос аст, балки ҷанбаҳои мусбати иштироки васеи оммаро низ ба инобат гирифтан зарур аст, ки тавассути онҳо таъмини мардумсолорӣ ва усулҳои демократӣ дар ҷомеа таъмин карда мешаванд.

Олими амрикоӣ У.Милбрайт иштироки сиёсиро на шакли легалӣ ва танзимшаванда ва ғайриқонунӣ ва танзимнашаванда, ки аз ҷониби як қисми ҷомеа бо сабабҳои ахлоқӣ, динӣ ва ғайра инкор мекунанд, тақсим менамояд. Ба шакли якум иштирок дар овоздиҳиро шомил намуда, ширкат дар фаъолияти ҳизбӣ, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа вар обита бо шахсони расмиро хос медонад.

Ба шакли дуюмаш бошад, ширкат дар митингу эътирозҳо, ошубҳо ба муқобили рафтори ғайриқонунии ҳокимият, итоат накардан ба қонунҳои ноадолатона ва қарорҳои сиёсӣ дохил мешавад [5]. Ширкати ғайриқонунӣ дар шаклҳои ғайризӯроварона ва зӯроварона ошкор мешаванд. Аз ин нуқтаи назар рафтор ва иштироки сиёсиро метавон ҳамчунин, аз руйи сатҳи фаъолӣ ва ғайрифаъол низ тасниф намуд. Иштироки фаъолонаи субъект дар равандҳои сиёсӣ метавонад дар шакли фаъолияти лоббистӣ, ширкат дар маъракаи пешазинтихоботӣ, фаъолият дар мақомоти интихоботӣ, инчунин, дар ҳамоишҳои сиёсӣ на намоишҳои эътирозӣ аён гардад. Иштироки ғайрифаъол бошад, ифодагари мавқеи сусти шаҳрвандии субъекти сиёсат буда, он дар шакли иштирок дар рузи овоздиҳи, итоати бечунучаро ба ҳама амалҳои ҳокимият ва ғайраҳо инъикос меёбад. Дар баробари ин таснифот шакли номақбули иштироки сиёсӣ низ маълум аст, ки ба он чунин шаклҳои фаъолият, аз қабили истифодаи зӯроварӣ, технологияҳои ифлос, сарфи назар кардани қонун ва ба фасод кашидани мансабдорон дохил мешавад.

Ба масъалаҳои шаклҳо ва таснифоти иштироки сиёсӣ дахл намуда, пажӯҳишгар М.У.Хидирзода қайд мекунад, ки иштироки фаъоли шаҳрвандон ҷанбаҳои гуногун дорад. Аз ҷумла;

– якум, бо шарофати иштироки фаъол фард баҳри худифодаи эҷодӣ, амалинамоии қобилиятҳои худ, ки метавонанд баҳри ҳалли масъалаҳои зиёди ҷомеа муфид бошанд, имконият пайдо мекунад;

– дуюм, маҳз раванди ширкати фаъол дар ҳаёти сиёсӣ дар фардҳо шуурнокӣ ва фарҳанги баланди сиёсиро ташаккул дода, ҷомеа, ки дорои аъзои бомаърифат аст, асос ва такягоҳи боэътимод дорад;

– сеюм, маҳз дар раванди иштироки фаъоли фард дар ҳаёти сиёсии ҷомеа робитаи байни ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам мешавад;

– чорум, иштироки фаъолонаи фард дар ҳаёти сиёсии ҷомеа шарти муҳимми фаъолияти режими демократӣ баромад мекунад [4].

Таҳлилҳои пешниҳоднамуда вобаста ба табиат ва хусусияти иштироки шахс дар равандҳои сиёсӣ худ нишонаи он аст, ки маҳз татбиқи технологияҳои муайян ин равандро метезонад, суръат мебахшад ё баръакс, баҳри татбиқи самараноки он монеа бунёд мекунад.

Усулҳои таъсиррасонии фардӣ дар намуди «Хона ба хона», «Аз дар ба дар», «Ҳамсол ба ҳамсол», ки дар маъракаҳои интихоботии солҳои охир аз ҷониби технологҳои сиёсӣ васеъ истифода мешавад, собит месозад, ки дар баробари чорабиниҳои оммавӣ таъсиррасониҳои фардӣ низ аҳамияти калон доранд. Дар баробари ин технологҳои сиёсӣ усули таъсиррасонии ҳадафноки «нуқтавӣ»-ро низ истифода бурда истодаанд, ки дар рафти татбиқи онҳо технологияи таъсиррасонӣ ба шахсиятҳои алоҳидаи бонуфузи ҷамоаҳо амалӣ карда мешавад. Тавассути дарёфти нафарони бонуфуз корбарии фардӣ самаранок ва ҳадафнок амалӣ карда, интихобкунандагони боэътимод ташаккул дода мешавад. Ин технология хусусияти хосси худро дошта, то давраи муайян метавонад захираи номзадҳо ва қувваҳои сиёсиро пушида нигоҳ дорад. Чунин назарфиребӣ имкон медиҳад, ки тарафи муқобил қудрати аслии ҷониби дигарро то ба охир ошкор насозад. Дар натиҷа, нобаробарии мавҷуда пушида монда, имконияти ғолибияти номзади аз ин технология самаранок истифода бурда зиёдтар мегардад.

Масъалаи дигар ин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди баргузории маъракаҳои интихоботӣ, аз ҷумла тарғиботу ташвиқот мебошад. Дар ин раванд як қатор масъалаҳои муҳимми давраи интихобот ҳаллу фасли худро меёбанд. Ба ақидаи муҳаққиқон Е.Малкин ва Е.Сучков: «Дар ин раванд ташаккул ва дастгирии имиҷи номзад, таҳияи услуби идоравии маърака ва маводи асосии тарғиботӣ, таҳия, пахш ва ҷойгиркунии бевоситаи рекламаи сиёсӣ дар воситаҳои ахбори омма, таҳия ва омода намудани рекламаи бавосита, таҳия ва чопи рекламаи беруна ва маводи дигари паҳншавандаи рекламавӣ, коркарди таъҷилии мавқеъҳо, изҳорот, муроҷиатнома ва суханрониҳои номзадҳо, ташкили фаъолияти хадамоти матбуотӣ, ташкили кори гурӯҳҳои таъминоти иттилоотии номзад, таъсиси махзани суратҳо ва иттилооти видеоӣ дар бораи номзад, тарғибот тавассути интернет ва таҳияи барномаи пешазинтихоботии номзад амалӣ карда мешаванд» [1]. Амалҳои зикршуда тавассути механизмҳои иттилоотӣ самаранок амалӣ гашта, муваффақияти номзад ва ё қувваи сиёсиро таъмин намуда метавонанд.

Таҳлили пешниҳоднамуда вобаста ба истифодаи технологияҳои гуногун дар раванди баргузории маъракаи интихоботӣ, ки он ҳамчун технологияи ташаккули ҳокимият маънидод карда мешавад, имконият медиҳад, то хулоса намоем, ки:

– технологияи ташаккули ҳокимияти сиёсӣ дар раванди татбиқи сиёсати расмӣ ҳамчун механизми ташаккулдиҳандаи муносибатҳои нави иҷтимоию сиёсӣ маънидод мегардад, ки дар доираи он муносибатҳои ҳокимият – итоат ва идоракунӣ, ташаккул ёфта, низоми сиёсӣ хусусият ва моҳияти худро дар шакли нав муайян мекунад;

– интихобот ҳамчун раванди сиёсӣ моҳияти низомсоз дошта, онро бидуни татбиқи маҷмуи усул ва воситаҳои дақиқи техникию технологӣ ва инсонӣ амалӣ намудан ғайриимкон аст. Дар назар бояд гирифт, ки дар ҳама маъракаҳои интихоботӣ яке аз захираҳои асосӣ инсон мебошад, ки тавассути иштироки фаъоли худ метавонад ҳамчун нишондиҳандаи робитаи ҳокимият ва ҷомеа баромад намуда, вижагиҳои режими мавчудаи сиёсиро дар давлат муайян намояд;

– рушди технологияҳои навини иттилоотӣ раванди маъракаи пешазинтихоботиро бо усул ва василаҳои ҷадид таъмин намуда, корбариро дар ин самт осонтар ва ҳам мушкилтар гардонида истодааст. Моҳияти масъала дар он аст, ки василаҳои технологии таъсиррасонӣ ҷанбаи сохтории технологияҳоро ғанӣ гардонида, ҳамзамон, рушди устувори ҷанбаи маърифатиро тақозо намуда истодааст. Дар натиҷа номзад, қудрати сиёсӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар тими номзад фаъолият менамоянд маҷбуранд дар самти боло бурдани малакаҳои таъсиррасонӣ ва идоракунии раванди интихобот доираи донишҳои худро такмил диҳанд.

Ҷиҳати таҳлили васеи масъалаи мавриди омӯзиш муайян намудани шаклҳои дигари технологияҳои сиёсӣ, аз қабили технологияи таҳлил ва машварати сиёсӣ, технологияи идоракунӣ ва ҳалли низоъҳо дар баробари технологияи ташаккули ҳокимият, технологияи интихоботӣ ва технологияи қабули қарор зарур мебошанд.

Технологияи таҳлил ва машварати сиёсӣ яке аз ҷузъҳои таркибӣ дар амалинамоии ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб ёфта, тавассути он ҳам марҳилаҳои гузаштаи имрӯза ва ояндабинии минбаъда таҳлилу пешбинӣ карда мешавад. Таҳлили сиёсӣ раванди мураккаб буда, баҳри амалӣ намудани он, пеш аз ҳама, муайян намудани масъала зарур аст. Масъалае, ки мавриди таҳлил қарор дода мешавад, бояд аз доираи дигар масъалаҳои ба он монанд ба пуррагӣ ҷудо карда шавад. Сипас дар раванди омӯзиши минбаъда сохтори он муайян карда шуда, дар заминаи истифодаи усули таҳлили паҳлуҳои гуногуни дохилӣ ва робитаҳои берунаҳои он муайян карда мешаванд. Ба ақидаи пажӯҳишгар А.Соловёв: «Мушкилоти махсус аксар вақт дар робита ба он ба амал меоянд, ки таҳлили амалии дар доираи вақти муайян иҷрошаванда маҳдудиятҳои шадиди замониро эҳсос мекунад, ки он ба интихоби технологияҳои оптималии ҳалли мушкилот монеа эҷод менамояд. Масалан, коршиносон маҷбур мешаванд, ки дар вазъияти фавқулода ва пешгӯйинашаванда қарор қабул намоянд, ба таври таъҷилӣ вокунишҳои зарурирро ба таҳдидҳои рақиб коркард намоянд.Аз ин рӯ, суръати азхуднамоии таҳлилии масъала омили муҳим дар роҳи ҳалли он мегардад» [3].

Раванди таҳлили сиёсии масъала, шаклгиронӣ, интихоби методи таҳқиқот ва хулосабарорирро пешбинӣ менамояд. Барои таҳлили сиёсӣ ҷамъоварӣ ва мунтазам навгардонии иттилооти бадастомада аҳамияти усулӣ дорад. Барои таҳияи тавсияи касбӣ, интихоби технологияҳои мувофиқи ҳалли масъала иттилоот бояд ба талаботи зерин

ҷавобгӯй бошад: зарурат, яъне иттилооти пешниҳодшаванда ба масъалаи таҳлилшаванда мувофиқ бошад, басандагӣ барои таъмини самаранокии раванди таҳлил, эътимоднокӣ, яъне он бояд дуруст ва эътимоднок бошад ва саривақтӣ, дар вақти зарурӣ дар ҷойи зарурӣ истифода карда шавад[3].

Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки технологияи таҳлили сиёсӣ дар заминаи мавҷудияти маълумоти зарурӣ ва истифодаи усулҳои муайян амалӣ гашта, самаранокии он баҳри густариши равандҳои сиёсӣ, ташкили дурусти фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҳокимияти сиёсӣ метавонад самарабахш бошад. Дж.Мангейм ва Р.Рич қайд менамояд, ки «ташаккул ва консептуализатсияи масъала истифодаи методҳои таҳлили интихобӣ, контент-таҳлил, мусоҳиба, тестикунонӣ, таҷрибавӣ, ки имкон медиҳанд, заминаи иттилоотии таҳлили сиёсӣ васеъ карда шавад, имконпазир мешуморад. Ҳамзамон бо ин, усул ва воситаҳои тавсифӣ, сифатӣ, таърихӣ, меъёрӣ, сохторию функсионалӣ, системавӣ ва ниҳодиро низ истифода бурдан мумкин аст» [2]. Гуногунии усул ва воситаҳои истифодашаванда дар раванди таҳлили сиёсӣ имконият медиҳанд, ки омӯзиши масъала ҳамаҷониба ба роҳ монда шавад. Ин амал роҳро барои машваратҳои сиёсӣ мекушояд.

Машваратҳои сиёсӣ механизмҳое мебошанд, ки ташаккул ва рушди онҳоро хусусиятҳои марҳалаҳои муайяни рушди ҷомеаҳо пеш гузошт. Қабули қарорҳои сиёсӣ дар асоси яккасардорӣ ва бе машварат бо тими худ дар бисёр мавридҳои ҳассоси сиёсӣ боиси бесамарии онҳо гашта, идоракунии равандҳои сиёсиро мушкил гардонид. Дар мисоли маъракаҳои интихоботӣ ҳатто метавон таҷриба намуд, ки машваратҳои дохилиҳизбӣ яке аз рукнҳои муҳимми муборизаҳои сиёсӣ гаштааст.

Имрӯзҳо ҳам дар таҷрибаи сиёсӣ ошкор намудан мумкин аст, ки машваратҳои сиёсӣ, истифода аз машварату тавсияҳои иқтисоддонҳо, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, психологҳо ва ҷомеашиносон рукни таркибии равандҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад. Ба ақидаи мо, аз диди назариявӣ машварати сиёсӣ ҳамчун технологияи омода намудани субъекти сиёсат барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ аз ташкили маъракаи сиёсӣ ба шумор меравад. Машваратҳои сиёсӣ ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар раванди татбиқи сиёсати хориҷӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Аз диди таъминоти технологӣ ва системанокии худ машваратҳои сиёсӣ марҳилаи омодагӣ, таҳияи тавсияҳо ва татбиқи онҳоро дарбар гирифта, имконият медиҳанд то субъекти сиёсат тавонад ба тамоми саволҳои худ вобаста ба ташкили самараноки раванди минбаъда посух пайдо намояд.

Таҷрибаи сиёсӣ собит намудааст, ки раванди рушди сиёсӣ ва татбиқи муносибатҳои ҳокимият, албатта, бо ҳолатҳои гуногуни буҳронӣ мувоҷеҳ мешаванд. Мо дар чунин ақидаем, ки дар марҳилаҳои зикргардида истифодаи технологияҳои идоракунӣ ва ҳалли низоъ зарур мебошанд, ки тавассути онҳо сатҳи осебрасонӣ ва зарарнокии он пасттар карда шуда, имконияти идоракунӣ баҳри ба самти зарурӣ равона кардани онҳо замина фароҳам меоварад. Зикр кардан ба мавриди аст, ки масъалаи низоъ ва роҳҳои ҳалли он технологияҳои махсусро талаб мекунанд.

Идоракунии низоъ технологияи махсуси худро дошта, дар заминаи он зиддиятҳои мавҷуда ҳал карда мешаванд. Аз ин рӯ, таҳлили технологияи мазкур бодарназардошти ҷанбаҳои назариявию амалӣ дар зербобҳои минбаъдаи рисола оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки дар раванди таҳлили масъалаи технологияҳои сиёсӣ вобаста ба рушди имкониятҳои техники иттилоотӣ таҳавуллоти

ҷиддӣ ба амал омадааст. Пайдо шудани мафҳуми «инжинерияи иҷтимоӣ» бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки дар замони ҷаҳонишавӣ истифодаи технологияҳои сиёсӣ низ мазмун ва шаклҳои нав касб намуда истодааст.

Мафҳуми «инженерияи иҷтимоӣ» мафҳуми сотсиологӣ буда, маҷмуи усулҳои илмҳои иҷтимоии амалиро дарбар мегирад, ки ба тағйири мақсадноки сохторҳои ташкилӣ, ки рафтори одамонро муайян намуда, онро назорат мекунанд, равона карда шудаанд. Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ мафҳуми мазкур дар оғози асри XX1 аз ҷониби ҷиноятқори компютерӣ, ҳоло бошад, мушовир доир ба амният К.Митник истифода шудааст.Ӯ қайд намуда буд, ки аз ҳама ҷойи сусти дилхоҳ низоми амниятӣ ин омили инсонӣ мебошанд [6]. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, дар ҳама ҳолат ва новобаста ба рушди имкониятҳои техникию иттилоотӣ нуқтаи осебпазир инсон боқӣ мемонад ва тамоми технологияҳое, ки дар самтҳои гуногун истифода бурда мешаванд, маҳз тавассути истифодаи омили инсонӣ метавонанд ба ҳадаф расанд.

Дар баъзе маъниҳо инженерияи иҷтимоӣ ҳамчун технологияҳои ифлос истифода мешаванд, вале амалияи имрӯзаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ собит месозад, ки новобаста ба ҷанбаҳои манфии ин амал, аз он ҷумла пинҳонӣ ва бо роҳи фиреб ба даст овардани маълумоти шахсӣ ва идоравӣ, истифодаи фишори психологӣ ва ғайра ин усул дар таҷрибаи васеи амалӣ намудани қабули қарорҳо, таъсиррасонӣ ба раванди фаъолияти сиёсии шахс ва корхона истифода шуда истодааст. Ин ҳама бори дигар собит месозад, ки таҳаввуллоти технологияҳои сиёсӣ дар аксар маврид тамоми сарҳадҳои ахлоқиро убур карда, дар ҳар лаҳза худро ҳақ бароварда метавонад. Аз ин нуқтаи назар, таъмини технологии равандҳои сиёсӣ хусусиятҳои хос касб намуда, субъекти манфиатдори сиёсӣ метавонад аз технологияҳои гуногун дар шакли омехта истифода барад.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаи ҷанбаҳои илмию назариявии технологияҳои сиёсӣ: ташаккул ва таҳаввулоти онҳо дар илм муайян намуд, ки:

– технологияҳои сиёсӣ ҳамчун рукни муҳимми равандҳои сиёсӣ дар ташаккули хусусияти онҳо нақши калон дошта, ҳамчун механизмҳои фаъолгардонӣ ва суръатбахшии зуҳуроту ҳодисот ҷиҳати ба ҳадаф расидани субъектҳои сиёсат нақши муҳим доранд;

– технологияҳои сиёсӣ хусусиятҳои фазо ва вақтро ба инобат гирифта, дар ҳудудҳои муайяни замонӣ амалӣ карда мешаванд. Самаранокии технологияҳои сиёсӣ аз омилҳои гуногун, пеш аз ҳама, омилҳои инсонӣ, вобастагии ҷиддӣ дошта, таъсиррасониҳо дар доираи дигар технологияҳо ҳам ба инсон нигаронида мешаванд;

– технологияҳои сиёсӣ ҳамчун мафҳуми васеъ истифодашаванда дар сиёсат технологияи амалигардонии ҳокимият, қабули қарор, таҳлил ва машварати сиёсӣ, идоракунӣ ва ҳалли низоъ, инчунин, ҷанбаҳои муҳимми дигари фаъолияти ҳокимияти сиёсиро дар бар гирифта, баҳри самаранок татбиқ гардидани онҳо ногузир мебошад;

– рушди технологияҳои иттилоотӣ ва мавқеъ пайдо намудани онҳо дар шаклгирии равандҳои сиёсӣ таҳаввуллоти ҷиддии сохторӣ ва мазмуниро дар технологияҳои сиёсӣ ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, истифодаи усулҳои назарфиребии сиёсӣ ва инженерияи иҷтимоӣ бозгӯйи он ҳақиқате мебошанд, ки дар доираи онҳо усулҳои ғайриахлоқӣ низ дар раванди татбиқи васила ва усулҳо мавқеъ пайдо намуда истодаанд.

АДАБИЁТ

1. Малкин Е.,Сучков Е. Политические технологии. – М.2017.-656с.
2. Мангейм Дж. Б., Рич Р. К. Политология. Методы исследования. М., 1997. – 544с.
3. Соловьев А.И.Политология.Политическая теория, политические технологии. – М., 2003 . -559с.
4. Хидирова М. У. Политическое поведение и его особенности. Душанбе, «Шарқи Озод», 2007. -136с.
5. Milbrath L.W. Political Participation. Chicago: Rand McNally, 1965. –213 P.
6. Кевин Д. Митник; Вильям Л. Саймон. Искусство обмана. — АйТи, 2004. — ISBN 5-98453-011-2.// https://avidreaders.ru. (санаи мурочиат: 23.05.19)

НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕХНОЛОГИЙ: ИХ ФОРМИРОВАНИЕ И ЭВОЛЮЦИЯ В НАУКЕ

САФАРОВ БАХРОМ РАХМАТУЛЛОЕВИЧ,
соискатель отдела политологии Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной Академии наук Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, просп. Рӯдакӣ 33,
тел.: 935231000, e-mail: sbmfa@mail.ru

Политические технологии как важные средства реализации власти и управления имеют прочные теоретические основы, образованные путем разработки и обоснования теоретических основ. Их эффективность во многом зависит от указанного фактора. Политические технологии могут совершенствовать свою сущность исходя из временных и пространственных особенностей. В связи с этим, существующие теоретические концепции имеют важное значение при учете данных особенностей.

Ключевые слова: *политические технологии, технологии управления, оказание влияние, социальная инжинерия, политическое участие, политическое поведение, авторитет, статус, формирование технологий, развитие общества*

SCIENTIFIC AND THEORETICAL ASPECTS OF POLITICAL TECHNOLOGIES: THEIR FORMATION AND EVOLUTION IS SCIENCE

SAFAROV BAHROM RAKHMATULLOEVICH,
Applicant, Department of Political Science, A. Bakhovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law, National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki ave.,
tel.: 935231000, e-mail: sbmfa@mail.ru

Political technologies as an important means of implementing power and control have a strong theoretical foundations, formed through the development and substantiation of theoretical foundations. Their effectiveness depends on the specified factor. Political technologies can improve their essence on the basis of temporal and spatial features. In this regard, the existing theoretical concepts are important when taking into account these features.

Keywords: *political technologies, management technologies, influence, social engineering, political participation, political behavior, authority, status, technology formation, society development.*

УДК323.22/.28: 323.396

СИЁСАТИ КАДРӢ ДАР НИЗОМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ АФЗОИШЁБИИ АҲОЛӢ

МИРЗОЗОДА ИБРОҲИМ ХОЛМУРОД,
унвонҷӯйи Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40;
тел.: 501010605; e-mail: ibragim-83.83@mail.ru

Дар мақолаи мазкур заруриат ва мубрамияти ташаккули сиёсати кадрӣ бо дарназардошти воқеиятҳои замони муосир мавриби омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили равандҳои сиёсӣ зарурати ба талаботи давру замон мутобиқ намудани омода намудани кадрҳоро асоснок намудааст. Инчунин, дар мақола ба сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, самаранокии сиёсати кадрии давлат аз сиёсати ҷавонон вобаста дониста шудааст. Дар мақола алоқамандии сиёсати кадрӣ ва сиёсати ҷавонон нишон дода шуда, дар ин замина баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои инсонӣ асоснок карда шудааст.

Калидвожаҳо: *сиёсати кадрӣ, сиёсати ҷавонон, захираҳои инсонӣ, кадрҳои баландихтисос, хизмати давлатӣ, идоракунии давлатӣ, омода намудани кадрҳо.*

Захираҳои инсонӣ яке аз омилҳое мебошанд, ки дар баробари дигар арзишҳо дар таъмини рушду инкишофи ҳар кишвар нақши муҳим мебозанд. Дар кишваре, ки шумораи аҳолӣ мунтазам афзоиш меёбад ва аксари аҳолиро насли ҷавон ташкил медиҳад, муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нуқтаи назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Дар ин маврид ҷавонон ҳамчун сарчашмаи асосии захираҳои инсонӣ бояд дар маркази диққати давлату ҳукумат қарор дода шаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ин нуктаро дар Паёми соли 2017 таъкид намуда, иброз доштанд, ки: «аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи миллат ва давлат мебошанд» [6].Ин ва дигар масъалаҳои марбут ба ҷавонон имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои муҳимтарини рушди ҷомеа дониста шуда, паҳлуҳои гуногуни он дар ҳошияи сиёсати кадрии давлат мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Инчунин, муайян намудани боҳамалоқамандӣ ва вобастагии байниҳамдигарии сиёсати кадрӣбо сиёсати ҷавонон хеле муҳим мебошад, зеро таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сиёсати ҷавонон унсури муҳимтарини ҳалли масъалаҳои кадрӣ ва воситаи аз байн бурдани буҳронҳои кадрӣ дониста мешавад. Ҳамзамон, сиёсати ҷавонон механизми идоракунии захираҳои инсонӣ ба шумор рафта, самаранокии он барои дар сатҳи лозима истифода бурда тавонистани захираҳои инсонӣ мусоидат менамояд.

Ба сиёсати ҷавонон, ҳамчун бахши стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати давлатӣ, дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Аксари давлатҳои олам, ҳатто кишварҳои абаркудрат, ки аз лиҳози сармояҳои табиӣ

ва дигар навъи сармояҳо иқтидори мудофиавии лозима доранд, ба масъалаи рушди сармояи инсонӣ ва махсусан ба сиёсати ҷавонон таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд [1]. Зарурати дар мадди аввал қарор додани сиёсати ҷавонон, пеш аз ҳама, бо он асоснок карда мешавад, ки тағйироти ҷаҳони муосир рӯ ба афзоиш аст ва дар назди як насл инқилобҳои иттилоотӣ ва технологӣ ба амал омада истодаанд. Дар чунин шароит ҳар як давлат ба кадрҳои баландихтисос, ҷавонони кордону дорои ҷаҳонбинии васеъ ниёзи бештар доранд. Ин ва дигар масъалаҳое, ки барои ташаккули шахсият ва касбияти ҷавонон зарур аст, ба сиёсати ҷавонон ва ислоҳоти он марбут мебошад.

В соответствии с этим, Постановлением Правительства Республики Таджикистан был разработан и утверждён список туристических объектов, при строительстве которых ввоз оборудования, техники и строительных материалов освобожден от налога на добавленную стоимость и таможенные пошлины, а также определен полный и конкретный механизм

реализации налоговых и таможенных льгот для создания туристической инфраструктуры. Перечень объектов представлен в табл. 1.

Таблица 1.

Перечень объектов, строительство которых освобождено от налога на добавленную стоимость и таможенных пошлин

№	Перечень объектов
1.	Гостиницы, в том числе специальные гостиницы (небольшие, гестхаусы, хостелы)
2.	Лечебные санатории, дома отдыха, курорты
3.	Комплексные сервисные центры туризма (туристический комплекс)
4.	Придорожные пункты обслуживания (мотели)
5.	Культурно-развлекательные парки
6.	Культурные исторические и религиозные зоны (музеи, святыни, исторические объекты)
7.	Рыболовная и охотничья инфраструктура для туристических целей
8.	Рестораны с международным брендом
9.	Центры по производству ремесленных изделий
10.	Специальные базы по адаптации высокогорных районов для туристов
11.	Лыжно-туристический комплекс
12.	Учебные центры по альпинизму, катанию на лыжах, экскурсоводству

Источник: Постановление Правительства Республики Таджикистан от 12 апреля 2018 года, №189. www.adlia.tj.

В табл. 1. приведён перечень объектов, которые могут предоставлять различные виды туристических услуг и для развития которых существуют все условия в Республике Таджикистан.

Для продвижения туристических услуг на мировом рынке и проведение рекламных акций можно использовать опыт Анталии (Турция) или санаторно-курортной зоны Иссык-Куль (Кыргызская Республика). В связи с этим необходимо разработать так называемую “ознакомительную карту”, в которую могут быть включены города Нурек и Пенджекент, Горно-Бадахшанская автономная область, а для развития экологического и охотничьего туризма – заповедник “Хатлон” в Дангаринском районе.

Развитию экологического, лечебно-оздоровительного, прогулочного, историко-культурного туризма, альпинизма и охоты в республике способствуют богатые природные и рекреационные ресурсы. Например, высокогорные вершины, включая вершину Сомони с высотой 7495 метров над уровнем моря и горные пейзажи, где можно увидеть четыре времени года, чистые прозрачные и лечебные воды, санаторные и курортные объекты, исторические и культурные памятники наследия и другие достопримечательности [3].

С увеличением численности иностранных туристов, а, соответственно, и доходов от туристической деятельности, всё больше расширяются возможности для усовершенствования туристско-рекреационного комплекса, что делает эту отрасль одной из конкурентоспособных отраслей экономики страны.

Вместе с тем, для совершенствования туристической индустрии, помимо внедрения новых видов туристических услуг, необходимо использовать новую технику, технологию и методы управления туристско-рекреационным комплексом [7].

В связи с этим, специфика туристско-рекреационного комплекса, связанная с многофункциональным и межотраслевым характером социально-экономических отношений,

накладывает определенные требования к формированию системы управления этим комплексом. Под системой управления понимается упорядоченная совокупность взаимосвязанных элементов, обеспечивающих устойчивое функционирование и развитие туризма и рекреации. Она определяется также как форма разделения и кооперации управленческой деятельности, в рамках которой осуществляется процесс управления по соответствующим функциям, направленным на достижение намеченных целей. Если рассматривать весь комплекс управленческо-информационных воздействий на туристско-рекреационную деятельность с широких позиций, то в конечном итоге эти воздействия осуществляются взаимодействующими организациями в лице государственных органов, страховых компаний, банков, регулирующих деятельность туристско-рекреационных предприятий. Эти разнообразные управленческие воздействия реализуются как формально – через законы, постановления, методики, приказы, инструкции и т.п., так и неформально – через социальные и групповые нормы, установки и другие социальные и социально-психологические рычаги. В связи с этим, располагая подобными возможностями, необходимо создать национальную систему управления туристско-рекреационными услугами.

ЛИТЕРАТУРА

1. Концепции развития туризма в Республике Таджикистан на 2009-2019 годы, постановление Правительства от 2 апреля 2009 года № 202. http://www.adlia.tj
2. Рауфи А. Конкурентная экономика / А. Рауфи; под общ. ред. доктора экономических наук, профессора О.Б. Бобоева. –Душанбе: Дониш, 2014. – 608с.
3. Собиров М.С. Экономико-географические особенности территориальной организации туристско-рекреационного комплекса Центрального Таджикистана. Автореф. дис. канд.пед. наук. - Душанбе, 2017.
4. Шарипов Х.Р. Совершенствование организационно-экономических основ функционирования гостиничных предприятий в условиях развития конкурентных отношений. Автореф. дис. канд.пед. наук. - Душанбе, 2018.
5. Программа развития туризма в Таджикистане на 2018-2020 гг., утверждена Постановлением Правительства РТ от 1.03.2018 г., № 80. http://www.adlia.tj
6. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019.
7. Стратегия развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года. www.adlia.tj

ТАШАККУЛЁБИИ СИСТЕМАИ ИДОРАКУНИИ КОМПЛЕКСИ ТУРИСТӢ-РЕКРЕАТСИОНӢ

ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА,
котиби илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025,Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ 40;
e-mail: r_odilova@mail.ru; телефон: 918-64-50-13.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ва навъҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ меафзоянд, ки ин ба афзоиши даромади миллии ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Дар мақола ташаккулёбии системаи идоракунии комплекси туристӣ-рекреатсионӣ, ки ба рушд ва такмили соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, баррасӣ мешавад.

Калидвожаҳо*: санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ, соҳаи сайёҳӣ, инфрасохтори туристӣ, комплекси туристӣ-рекреатсионӣ, системаи идоракунии комплекси туристӣ-рекреатсионӣ.*

FORMING A MANAGEMENT SYSTEM OF TOURIST- RECREATIONAL COMPLEX

ODILOVA RUKHSHONA KOMILOVNA,
Scientific Secretary of the Center for Strategic Research
under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki Str.,
phone: +(992 37) 2276775

The number of tourist companies and the types of tourist and recreational services they provide are increasing every year in the Republic of Tajikistan, which contributes to the growth of the national income of the republic. In this regard, the article considers the formation of a management system for the tourist -recreational complex, which will contribute to the development and improvement of the tourism industry in the republic.

Keywords: *regulatory documents, tourism, tourism infrastructure, tourism - recreational complex, TRC management system.*

УДК: 303.331.332.346.658.

ОЯНДАБИНИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ОДИНАЕВ АМИН ИБРОҲИМОВИЧ,
сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои соҳибкорӣ ва инкишофи бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 40,
тел:(+992) 988-55-26-90; e-mail: o-amin@mail.ru

Дар мақола модели ояндабинии рушди фаълияти соҳибкорӣ дар асоси нишондиҳандаҳои барномаҳои соҳавӣ, маълумоти вазорату идораҳои дахлдор, инчунин, маҷмӯаҳои омори расмӣ таҳия шудааст.

Муаллиф бо дарназардошти таҳдиду хатар ва дигар мушкилоти ҷойдошта, сенарияи рушди фаъолияти соҳибкориро барои давраи то соли 2025 тарҳрези намудааст.

Калидвожаҳо: *модел, сенария, дурнамо, стратегия, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, бахши хусусӣ, бонк, захираҳои қарзӣ.*

Дар натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳлили вазъи кунунии фаъолияти соҳибкорӣ маълум гардид, ки ҳоло сарфи назар аз ҷой доштани тамоюлҳои мусбат дар самти ташкилу пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолнокии он боз як зумра таҳдиду хатар ва масъалаҳои ҳалталабе, ки онҳоро поёнтар ба таври алоҳида зикр хоҳем кард мавҷуд мебошанд, ки дар сурати ҳаллу фасл нагардидани онҳо эҳтимол мушкилоти фаъолнокии соҳибкорӣ ва рақобатпазирии он дар ояндаи дуру наздик метавонад боз ҳам ҳассостар, гардад.

Вазъи баамаломада, дарёфт ва тарҳрезии маделҳои навини таъмини дурнамои рушди ин бахши муҳими иқтисодиётро дар даврaҳои дарозмӯддат тақозо менамояд. Модели ояндабинии рушд бояд дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии баён мегардад, таҳия гардад.

Дар доираи модели рушд сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ бояд барои боз ҳам фароҳам овардани шароити мусоид оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, коҳишдиҳии осебпазирии иқтисодиёти кишвар ба таҳдидҳои эҳтимолии беруна, ҷустуҷӯ ва таҳияи механизмҳои самараноки таъмини рушди бахши хусусусию соҳибкорӣ, дастрасии устувор ба захираҳои қарзӣ-молиявӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, шуғли пурмаҳсул, равона гардад.

Сенарияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ

Бо дарназардошти қабули муқаррароти дар боло зикргардида ва андешидани чораҳо барои дурнамои дарозмуҳлат варианти (сенарияи) асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва аз ин ҳисоб таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар кишвар пешбинӣ мегардад.

Дар раванди пешбинӣ гардидани сенарияи мазкур чунин фарзияҳо ба инобат гирифта шудаанд:

- ҳадафҳои мақсаднок ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ;

- истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда;
- имкониятҳои сармоягузорӣ [1].

Индикаторҳои асосии мақсадноки сенария дар асоси нишондиҳандаҳои дурнамои Барномаҳои соҳавӣ ва маълумоти вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ инчунин маълумоти маҷмӯаҳои омори расмӣ, ҳисоб карда шудаанд.

Сенарияи пешбинигардида ба рушде асос меёбад, ки ба татбиқи самарноки вазъ ва афзалиятҳои барнома ва стратегияҳои давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи милии рушд барои то соли 2030» Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 ва барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои давраи то соли 2020, баланд бардоштани сатҳи ҳавасманди ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, устуворгардонии муколамаи байни давлат бо бахши хусусӣ, таҳкими санадҳои меъёрии-ҳуқуқии амалкунанди танзими фаъолияти соҳибкорӣ, минбаъд давом додани ислоҳоти самаранок доир ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, бартараф намудани монеаҳо, инчунин, иқтидорҳои мавҷудаи бахши воқеъии иқтисодиёт, нисбатан кам кардани сарбории андоз ва содагардонии он, такя мекунад.

Суръати миёнасолонаи рушд ё зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи сенарияи мазкур дар маҷмӯъ 10 дарсадро, ташкил медиҳад.

Мутобиқи ин сенария афзоишёбии солонаи шумораи соҳибкорони инфиродии тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ба ҳисоби миёна 11 фоиз,соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта 3 дарсад ва филиалҳои шахсони ҳуқуқӣ бошанд, 2 дарсадро пешбинӣ менамояд.

Яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба чунин суръати рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ин таҳия ва қабули ***«Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав», таҳия ва қабули «Барномаи давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2021-2030»,*** ҷори намудани имтиёзҳои андозӣ ва кам кардани сарбории андоз, ба ҳисоб меравад.

Самарабахшии ин вариантро мусбат ва муътадил метавон арзёбӣ намуд, зеро раванди таъсисёбии ҷойҳои нави корӣ иловагӣ дар ин давра тамоюли мусбиро ба худ касб намуда, то соли 2025 шумораи умумии таъсиси ҷойҳои корӣ, махсусан, аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, 408189 адад ва соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта бошад,178400 пешбинӣ менамояд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2018 тақрибан, 1,2 то 1,4 маротиба зиёд мебошанд [2].

Самарабахшии дигари ин вариант дар амалӣ гардидани нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии кишвар, аз ҷумла оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, кимиё, маъдан ва хизматрасониҳои нақлиёту алоқа, сайёҳӣ, маорифу тандурустӣ бо такя ба бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ҳисобида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки Пешвои миллат дар ҳама Паёмҳои худ ин нуқтаро ба таври алоҳида таъкид мекунанд, аз ҷумла дар Паёми соли 2016 махсус таъкид намуда буданд, ки бо мақсади вусъат додани шуғли аҳолӣ ва кам кардани шумораи бекорон, хусусан, дар байни ҷавонон, аз ҳисоби рушди соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, кимиё, маъдан ва хизматрасониҳои нақлиёту алоқа, сайёҳӣ ва маорифу тандурустӣҳамасола на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд [3]. Илова бар ин, ин нуқта дар доираи «Стратегияи милии рушд барои то соли 2030» низ ҳамчун афзалияти асосӣ пешбини шудааст.

Дар таъмини рушди босуботи фаъолияти соҳибкорӣ ва инкишофи бахши хусусӣ, омилҳои зиёде метавонанд таъсиргузор бошанд, аммо асоси онро дастрасӣ ба захираҳои

қарзӣ-молиявӣ, ташкил медиҳад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити кунунии рушди иқтисодиёт дарёфти қарз ҷиҳати инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ дар кулли бахшҳои асосии иқтисодиёт, одатан ягона имконият барои ҷорӣ намудани навовариҳо ва дар ин замина зиёд намудани активҳои гардон, маҳсуб меёбад.

Аз таҳлилҳо мушоҳида мегардад, ки солҳои охир дар натиҷаи мусоид гардидани шароити пешниҳоди гарав ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, инчунин, такмил ёфтани қонунгузории кишвар бо мақсади васеъ намудани дастрасии бахши хусусӣ ба воситаҳои қарзии низоми бонкӣ ва аз байн бурдани мухолифати байни санадҳои қонунгузорӣ доир ба масъалаҳои гарав ва муфлисшавӣ, ҳаҷми қарзгузориҳои низоми бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мунтазам тамоюли зиёдшавӣ дошта, соли 2018-ум 1152321 ҳазор сомониро ташкил додааст [4]. Аммо, ин рақам ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест, зеро талабот ба маблағҳои қарз аз ҷониби соҳибкорон зиёд буда, ҳатто низоми бонкии кишвар онро пурра қонеъ гардонида наметавонад. Илова бар ин, фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда ва муҳлати онҳо то ҳанӯз хеле баланд буда, шароити пешниҳоди қарз мураккаб боқӣ мемонад.

Бинобар ин, варианти мазкур, ҳамчунин, мунтазам зиёд гардидани ҳаҷми қарзгузориҳои низоми бонкӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши воқеъии иқтисодиёт, махсусан, соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатро пешбинӣ менамояд.

Мувофиқи ин вариант тақрибан аз 1,2 то 2,5 маротиба афзоишёбии ҳаҷми қарзгузориҳо ва то 2 маротиба зиёд гардидани ҳаҷми қарзҳо ба ҳар як субъекти соҳибкорӣ дар назар дошта шудааст.

Самарабахшии вариати тарҳрезишуда доир ба мунтазам афзоишёбии ҳаҷми қарзгузориҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусбат ҳисобида мешавад, чунки минбаъд давом додани ислоҳоти самаранок дар низоми бонкии кишвар ва таъсиси «***Бонки сонатию содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон***» дар заминаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар назар дорад.

Таҳдиду хатар ва мушкилоти асосӣ

Азбаски инҷо сухан дар мавриди таҳияи Модели рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар меравад, пас ба таври мушаххас нишон додани мушкилоти мавҷудаи соҳа ба миён меояд. Бинобар ин, ҳоло мо масъалаҳои ҳалталабро дар алоҳидагӣ нишон хоҳем дод, аз ҷумла:

- нокифоя будани таъмини шароити фазои соҳибкорӣ, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон;
- соли 2019 мавқеи байналмилалии Тоҷикистон аз руи ҳисобтҳои Бонки Ҷаҳонӣ «Doingbussines – 2019» ҷойи 126-умро ишғол мекунад. Ин рақам аз паст будани рушди ниҳодҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд, ки солҳои охир мавқеи байналмилалии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” аз лиҳози якчанд нишондиҳандаҳо беҳтар гардидааст, аммо корҳо дар самти осон намудани пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ, сода кардани расмиёти қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус, субъектҳои соҳибкории хурд ва дастрасӣ ба қарз беҳбудиро тақозо менамояд;
- зиёд будани ҳаҷми воридоти молу маҳсулот аз хориҷӣ кишвар. мушоҳидаҳо нишон доданд, ки имрӯзҳо дар кишвар талаботи аҳолӣ ба молҳои саноатӣ қариб, ки пурра аз ҷониби молистеҳсолкунандагони хориҷӣ қонеъкарда мешавад. Ин вазъ бе шубҳа ба рушди

фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла соҳаҳои истеҳсолӣ монеа ба вуҷуд меорад;

- мунтазам зиёд гардидани барҳамхурии шумораи соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта. Ин вазъ, агар аз як тараф ба таъмини рушди иқтисоди миллӣ монеа эҷод кунад, аз ҷониби дигар дар саноатикунонии босуръати кишвар, ки ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардидааст, таъсири манфӣ мерасонад;
- ҷарима, тафтишҳои пайдарпай, талаби андоз пеш аз муҳлат ва дигар фишорҳои мақомот;
- дар сатҳи зарурӣ фаъолият накардани муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳои кишвар;
- дар башҳои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат шахсоне таъйин гардидаанд, ки худ ба мафҳуми соҳибкорӣ, роҳҳои ҳавастманд гардонидани он, инчунин, қонунгузории тамзимкунандаи фаъолияти соҳибкориро хуб намедонанд;
- дар сатҳи зарури нагузаронидани семенарҳои омӯзишӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанги соҳибкорӣ, савияи донишҳои иқтисодию молиявии соҳибкорон, таҳия бизнес-нақшаҳо, дастрасӣ ва истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ-молиявӣ, дарёфти бозор, рақобатпазир будани фаъолият ва рафъи таҳдиду хатарҳои эҳтимолӣ;
- талаботи мураккаб оид ба гарави амвол ва истифодаи нокифояи лизинги молиявӣ;
- дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо;
- дар сатҳи зарӯрӣ амалӣ нагардидани баъзе аз бандҳои «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», аз ҷумла оид ба коҳиш додани меъёрҳои фоизи қарзҳое, ки аз ҷониби бонкҳо ва дигар ниҳодҳои молиявӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешниҳод мешаванд;
- маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ-молиявии имтиёзнок ва тӯлонӣ кашол ёфтани барассии лоиҳаи пешниҳодгардида, аз ҷумла дар доираи қарзҳои имтиёзноки Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҳумҳурии Тоҷикистон» (МД ФДСҲҶТ);
- зиёд будани ҳаҷми гарав ва шумораи ҳуҷҷатҳои лозима барои гирифтани қарз, инчунин, ба сифати гарав қабул нагардидани таҷҳизоту иншооти бунёдшаванда ва ҷой доштани омилҳои коррупсионӣ ҳангоми дарёфти қарз;
- баланд будани меъёри фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда ва кам будани муҳлати бозгардонии қарз ва ғайра.

Самтҳои афзалиятноки фаъолият

Бо дарназардошти нақши муҳим доштани бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳалли масоилӣ иқтисодӣ-иҷтимоӣ, тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта, чунин самтҳои асосии фаъолият дар марҳалаҳои миёна ва дарозмуддат муайян шудаанд:

1. Андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ;
2. Мусоидат дар самти кам намудани сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз;
3. Мусоидат доир ба таъмини кафолатнокии муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон;

4. Мусоидат дар ҳалли масъалаҳои ҷарима, тафтишҳои пайдарпай, талаби андоз пеш аз муҳлат ва дигар фишорҳои мақомот;
5. Боз ҳам фаъол гардонидани муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳои кишвар;
6. Таъмини бахшҳои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо мутахассисони соҳибтахассус;
7. Таъмини назорат оиб ба амали гардидани имтиёзу сабукиҳои ва дигар механизмҳои ҳавастмандгардониҳо дар доираи санадҳои меъёрии-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ пешбинигардида;
8. Мусоидат ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо ба соҳибкорон;
9. Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва занҷири арзиши иловашудаи соҳаҳои саноатӣ;
10. Диверсификатсия ва навсозии истеҳсолот, рушди рақобатнокӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар;
11. Таъмини устувории молиявӣ ва дастрасӣ ба қарзҳо;
12. Баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ҳосилнокии меҳнат дар фаъолияти соҳбкорие, ки дар соҳаҳои истеҳсолӣ фаъолият мебаранд;
13. Мусоидат доир ба дарёфти роҳҳои нави ташкил ва инкишоф додани фармоишҳои давлатии хариди мол, ҷори намудани усулҳои нави ташкили истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот;
14. Рушди муносибатҳои суғуртавӣ ва инкишофи системаи миллии суғурта;
15. Фаъол гардонидани ташкили семенарҳои омӯзишӣ дар робита ба баланд бардоштани фарҳанг ва савияи донишҳои иқтисодию молиявии соҳибкорон, таҳия бизнес-нақшаҳо, дастрасӣ ва истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ-молиявӣ, дарёфти бозор, рақобатпазир будани фаъолият, рафъи таҳдиду хатарҳои эҳтимолӣ;
16. Андешидани тадбирҳои судманд доир ба кам кардани ҳаҷми гарав ва шумораи ҳуҷҷатҳои лозима барои гирифтани қарз, инчунин, ба сифати гарав қабул намудани таҷҳизоту иншооти бунёдшаванда;
17. Таҳия ва қабули Кодекси андоз бо дар назардошти пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ дар таҳрири нав;
18. Таҳия ва қабули «Барномаи давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2021-2030»;
19. Ташкили «Бонки саноатию содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи МДФДС назди ҲҶТ.

Натиҷаҳои чашмдошт

Интизор меравад, ки амалисозии тадбирҳои банақшагирифташуда дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба ноилшавии натиҷаҳои зерин замина мегузорад:

- то 1,4 маротиба зиёд гардидани шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории истеҳсолӣ;
- афзоиш ёфтани ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсоли ММД;
- баланд гардидани мавқеи байналмилалии Тоҷикистон аз рӯйи ҳисобти Бонки Ҷаҳонӣ «Doingbussines»;
- гузариши иқтисодиёти кишвар аз аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ;
- афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти воридотивазкунанда ва содиротӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт;
- беҳтар гардидани дастрасӣ ба захираҳои қарзию молиявӣ;

- то зиёда аз 1,3 маротиба зиёд гардидани таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби соҳибкорони тариқи патент ва шаҳодатнома, инчунин, соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта вафилиалҳои шахсони ҳуқуқӣ;
- баланд гардидани маърифати молиявию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон;
- ҷарима, тафтишҳои пайдарпай, талаби андоз пеш аз муҳлат ва дигар фишорҳои мақомот пурра аз байн бурда мешаванд;
- фаъолнокии муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳои кишвар,таъмин мегардад;
- неруи кадрии зарурӣ дар бахшҳои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорони шаҳру ноҳияҳо таъмин мегардад;
- низоми боз ҳам соддакардашудаи андозӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ ҷорӣ мегардад;
- сарбории андоз аз ҳисоби қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав камтар мегардад.

Дар маҷмӯъ, татбиқи афзалиятҳои пешбинигардида ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, бунёди корхонаҳои хурду миёна, таъсиси ҷойҳои нави кории устувор, ба шуғл фаро гирифтани аҳолии қувваи қобили меҳнат, зиёд гардидани номгӯйи истеҳсоли молу маҳсулот кор ва хизматрасониҳо, васеъ истифода гардидани иқтидорҳои мавҷуда, баланд гардидани иқтидори содиротӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва дар маҷмӯъ, ба иҷрои ҳадафҳои дар доираи ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз қабили «Стратегияи милии рушд барои дараи то соли 2030» мусоидат хоҳад кард.

Навъи фаъолият	**Солҳо**							
	2018	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2014**	**2025**
Ҳамагӣ	315890	334232	352574	370916	389258	407600	425942	444284
Соҳибкорони инфиродӣ (СИ)	284716	302355	319994	337633	355272	372911	390550	408189
Соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта (МШҚ)	30801	31498	32195	32892	33589	34286	34983	35680
Филиалҳои шахсони ҳуқуқӣ (ФШҲ)	373	378	383	388	393	398	403	408
Ҳиссаи СИ дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, %	90,13	90,46	90,76	91,03	91,27	91,49	91,69	91,88
Ҳиссаи соҳибкорони МШҲ дар шу-	9,75	9,42	9,13	8,87	8,63	8,41	8,21	8,03

мораи умумии, % субъектҳои соҳибкорӣ								
Ҳиссаи ФШҲдар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, %	0,12	0,11	0,11	0,10	0,10	0,10	0,09	0,09

Ноил шудан ба натиҷаҳои чашмдошт ба он мусоидат мекунад, ки бахши воқеъии иқтисодиёти мамлакат замонавӣ, дорои дараҷаи баланди технология, самарабахш ва дорои рушди бемайлон гашта, қобилияти ҷорӣ намудани навовариҳои самарабахш, таҷдид ва таҷҳизонидани техникӣ мегардад ва минбаъд маҳсулоти рақобатпазири давраи навро бо таъсири ночиз ба муҳити зист истеҳсол намуда, ба душвориҳои шароити нави технологии давраи оянда омода мегардад.

Пешбинии дурнамои миёнасолонаи афзоишёбии субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯйи навъҳои фаъолият, таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта, инчунин, зиёдшавии ҳаҷми қарзгузориҳо ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат барои давраи то соли 2025 дар ҷадвалҳои 1,2 ва 3 ҳамчун замима, оварда шудааст.

Ҷадвали 1

Ҷадвали зерин дурнамои миёнасолонаи афзоишёбии субъектҳои соҳибкориро аз руи намудҳои фаъолият барои давраи то соли 2025 чунин пешбини менамояд:

Манбаъ: Ҷадвал дар асоси малумоти Маҷмӯаи омории солона ва Кумитаи андози назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиб дода шудааст [5].

Ҷадвали 2

Дурнамои миёнасолонаи таъсисӣ ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта барои давраи то соли 2025 чунин пешбинӣ мегардад:

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ (адад)	**Солҳо**							
	2018	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2025**
Соҳибкорони инфиродии тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда	284716	302355	319994	337633	355272	372911	390550	408189
Соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта	154005	157490	160975	164460	167945	171430	174915	178400
Таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳамагӣ:	438721	459845	480969	502093	523217	544341	565465	586589
Ҳиссаи СИ дар таъсиси умумии ҷойҳои корӣ	64,90	65,75	66,53	67,25	67,90	68,51	69,07	69,59
Ҳиссаи	35,10	34,25	33,47	32,75	32,10	31,49	30,93	30,41

соҳибкорон МШҲ дар таъсиси умумии ҷойҳои корӣ								

Манбаъ: Ҷадвал дар асоси маълумоти Маҷмӯаи омории солона ва Кумитаи андози назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиб дода шудааст [6].

Ҷадвали 3

Дурнамои афзоишёбии ҳаҷми қарзгузориҳои ташкилотҳои қарзӣ ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ дар солҳои 2018 - 2025, млн. сомонӣ

	Солҳо							
	2018	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2025**
Кишоварзӣ	855,4	878,5	901,5	924,6	947,6	970,7	993,8	1 016,8
Саноат	2408,3	2 595,5	2 782,6	2 969,7	3 156,9	3 344,0	3 531,2	3 718,4
Хамагӣ	6657,1	3 473,9	3 684,1	3 894,4	4 104,6	4 314,8	4 525,0	4 735,3
Шумори умумии соҳибкорон	315890	334232	352574	370916	389258	407600	425942	444284
Ба ҳар як соҳибкор инқадар рост меояд (ҳазор сомонӣ)	47,45	96,21	95,70	95,24	94,83	94,47	94,13	93,82

Манбаъ: ҷадвал дар асоси маълумоти Бюллетени омори бонкӣ, Душанбе, №12, 2018 тартиб додашудааст.

АДАБИЁТ

1. Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
2. Таҳлилу ҳисобҳои муаллиф;
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонба Маҷлиси Олии аз 22.12.2016;
4. Бюллетени омори бонкӣ, Душанбе, №12, 2018;
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ, Душанбе- 2019;
6. Маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ПРОГНОЗИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

ОДИНАЕВ АМИН ИБРАГИМОВИЧ,
начальник Управления исследований проблем предпринимательства и развития частного сектора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 40,
тел.(+992) 988552690, e-mail: o-amin@mail.ru

В статье разработана модель прогнозирования развития предпринимательства на основе показателей отраслевых программ и данных соответствующих министерств и ведомств, а также данных официальных статистических бюллетеней.

Автор, с учетом угроз, вызовов и других существующих проблем, разработал сценарий развития предпринимательства на период до 2025 года.

Ключевые слова: *модель, сценарий, перспективы, стратегия, предпринимательство, инвестиции, частный сектор, банк, кредитные ресурсы.*

FORECASTING OF DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

ODINAEV AMIN IBRAGIMOVICH,

Deputy Head of Department of Entrepreneurship Issues Research and Private Sector Development, Center for Strategic research under the President of Tajikistan,

734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave.40,

tel.(+992) 988552690, e-mail: o-amin@mail.ru

In the article a model for predicting the development of entrepreneurship based on indicators of industry programs and data from relevant ministries and departments, as well as data from official statistical bulletins is developed.

The author, taking into account threats, challenges and other existing problems, developed a scenario for the development of entrepreneurship for the period until 2025.

Keywords: *model, scenario, perspective, strategy, entrepreneurship, investment, private sector, credit resources.*

УДК 331.1

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА НИЗОМИ ЭЛЕКТРОНИИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАБИБУЛЛОЕВ МУҲРИДДИН ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи "назарияи иқтисодии" Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон,
730455, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5;
тел: (+992)93-802-82-82. e-mail. muhriddin.050190@mail.ru

ХОЛИҚОВ ШОҲРУХҶОН АМИРШОЕВИЧ,
Сармутахассиси Раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
e-mail: Holikov94.sh@gmail.com, тел.: 992 900-61-11-16.

Дар мақола таҳлили вазъи муосир ва низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.Ҷанбаҳои гуногуни раванди рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ карда шуда, таснифоти марҳалаҳои асосии рушди ҳукумати электронӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин, дар мақола вазъи муосири рушди низоми электронии пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудааст. Асосҳои ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои давалтӣ мукаррар карда шуда, омилҳои монеъшаванда ба рушди ин бозор аниқ карда шудаанд. Дар мақола ҳамчунин, тавсияҳои илмию методологӣ доир ба давом додани ислоҳоти низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва баланд бардоштани дастрасии пурраи аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ тариқи онлайн оварда шудааст.

Калидвожаҳо: *хизматрасониҳои давлатӣ, хизматрасониҳои давлатии электронӣ, ҳукумати электронӣ, бозори хизматрасониҳои давлатӣ.*

Дар даҳсолаи аввали асри XXI дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои нави ҳамкории давлат бо аҳолӣ ба вуҷуд омад, ки имконияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро дар шакли нисбатан самаранок бо истифодаи технологияҳои иттилоотии комуникатсионӣ пеш оварда. Имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аксари давлатҳои пешрафта нақшаҳо ва стратегияҳои гузариш ба ҳукумати электрониро қабул намудаанд ва дар онҳо пешравии назаррас дар соҳаи пешиҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи интернет ба вуҷуд омад, ки дастрасии шабакавии хизматрасониҳоро то 45% – 60% боло бурд. Ҳукумати электронӣ аллакай собит намудааст, ки ба зиндагии аҳолӣ таъсири назаррас расонидааст. Ба воситаи он шаҳрвандон имконият пайдо намуданд ба дастрасии зиёди иттилоот аз мақомот даст ёбанд. Илова бар он, ин имконият медиҳад, ки онҳо доир ба самаранок истифода шудани пардохтҳои андозиашон маълумот дошта бошанд ва дар раванди қабули қарорҳои идоракунии давлатӣ иштирок карда, ақидаи худро роҷеъ ба беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои давлатӣ манзур намоянд. Чунин пешрафтҳо фаъолияти нисбатан шаффофи давлатро кафолат намуда, сифати ҳамкорӣ бо давлатро баланд мебардорад. Дар навбати худ ҳукумати электронӣ демократикунонии ҷомеаро кафолат дода, омили муҳим дар

мубориза муқобили ришваситонӣ ба шумор меравад.Чунин афзалиятҳоро ҳукумати дилхоҳ кишвар метавонад дар раванди автоматикунонии фаъолияти давлат ба даст орад.

Аммо қайд кардан зарур аст, ки дар шароити Тоҷикистон нусхабардории кӯркӯронаи унсурҳои бизнеси электронӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба баланд бардоштани сифати ҳамкории давлат бо аҳолӣ кафолат дода наметавонад. Дар ин самт рушди муносибатҳои шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ бо аҳолӣ муҳим аст.

Баъзе унсурҳои ҳукумати электрониро ҳамчунин, дар фаъолияти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида намудан мумкин аст. Махсусан, дар соли 2016 ба Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон 216 нафар шаҳрвандон аз рӯйи масъалаҳои гуногун бо тариқи электронӣ мурочиат намудаанд.

Афзалияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ дар муқоиса ба шаклҳои анъанавии он бартарияти беандоза дорад. Яке аз омилҳои муҳими гузариш ба пешниҳоди электронии хизматрасониҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи рушди алоқаи мобилӣ ва собитӣ дар мамлакат ба шумор меравад. Дар соли 2017 зичии алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,5 нафара аз сад нафар ташкил дод. Бақайдгирӣ ба хизматрасониҳои мобилӣ бошад, аз 100 нафар 69,85 одамро ташкил дод. Новобаста аз дараҷаи баланди воридшавии алоқаи мобилӣ дар мамлакат сатҳи воридшавии хизматрасониҳои фарохи интернети мобилӣ барои 100 нафар сокинон танҳо 18,3 %-ро ташкил медиҳад, ки барои электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ дар мамлакат кофӣ нест.

Нишондиҳандаи муҳимми муайянкунандаи дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ барои аҳолӣ дар мамлакат таъминоти хоҷагии хонагӣ бо компютери ба интернет васл гардида ба шумор меравад. Дар соли 2017 танҳо 14,25 % шаҳрвандон бо компютерҳои фардӣ дар хона таъмин буданд. Аз онҳо 10,3% дар хона ба интернет дастрас буданд. Гурӯҳи асосии аҳолие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интернет таъмин мебошанд, ҷавонон ва аҳолии синну соли миёна ба шумор меравад, ки камтар аз хизматрасониҳои давлатӣ истифода мекунанд.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаи зичии телефон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон *

Алоқаи телефонии собит ба 100 нафар шаҳрвандон, адад	5.4
Алоқаи мобилии телефонӣ ба 100 нафар шаҳрвандон, адад	69,85
Обуна ба алоқаи собити фарогир ба ҳисоби 100 шаҳрванд, адад	0.1
Обуна ба хизматрасониҳои фарогири мобилӣ ба 100 нафар %	18.3
Хоҷагиҳои хонагӣ бо компютер (%)	14.2
Хоҷагиҳои хонагӣ бо дастрасӣ ба интернет дар хона (%)	10.3
Шаҳрвандоне, ки аз интернет истифода мекунанд (%)	20.5

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018. -С. 345

Миқдори пешкашкунандагони шаклҳои нави алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ширкатро ташкил медиҳад, ки миқдори муштариёни хизматрасониҳои интернетии онҳо ба 2514,76 ҳазор нафар баробар аст. Вобаста аз миқдори муштариёни интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро ширкатҳои ҶСП «ТТ-Mobile», ҶДММ «Тсел», ҶДММ «Вавилон - Т» ҶДММ «Вавилон - Мобайл» ва ҶДММ «Таком» ишғол менамояд.Дар солҳои охир камшавии миқдори истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ба 22 % ё 2,5 млн нафар ба

чашм мерасад. Агар дар соли 2015 аз хизматрасониҳои операторони мобилӣ 11,2 млн. шаҳрвандон истифода менамуданд, дар соли 2016 бошад миқдори муштариён 8,7 млн. нафарро ташкил дод. Дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 6,3 млн расид. Дар ин давра ҳамчунин, камшавии миқдори муштариёни фаъол ба чашм мерасад. Дар соли 2017 миқдори муштариёни фаъоли алоқаи мобилӣ 4,4 млн. нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2015 ба 800 ҳазор нафар кам гардидааст. Дар ин марҳала миқдори истифодабарандагони интернет ба 2,6 млн. нафар баробар буд, ки дар муқоиса ба соли 2015 ба 400 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст. Камшавии миқдори муштариёни интернет ба болоравии тарофаҳои ширкатҳои мобилӣ дар солҳои охир зиёдшавии вазнинии андозҳо ба соҳаи телекоммуникатсияи давлат, зарурати аз нав бақайдгирии симкортҳои мобилӣ алоқаманд аст. [2. С 86]

Ҷадвали 2. Миқдори истифодабарандагони хизматрасонии нави алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

	2016		2017	
Номи ширкатҳои хизматрасонӣ	Миқдори истифодабарандагони интернет	Миқдори истифодабарандагони алоқаи мобилӣ	Миқдори истифодабарандагони Интернет	Миқдори истифодабарандагони алоқаи мобилӣ
ҶСП «ТТ-Mobile»	487218	1404366	664592	1110071
ҶДММ «TceLL»	870405	3091928	961621	2672845
ҶДММ «Интерком»	44		52	
ҶДММ «Вавилон - Т»	17923		10560	
ҶДММ «Вавилон - Мобайл»	535927	2184051	568787	903486
ҶДММ «Истэра»	301		260	
ҶДММ «Таком»	448999	1990747	296030	1550717
ҶСП «Телеком технологи»	4105		4105	
ҶДММ «Сатурн- онлайн»	5462		1839	
ҶДММ «ТКМobile»	1500	10000	350	50000
ҶДММ«Тоҷиктелеком»	5483		6567	
Ассотсиатсияи «Тарена»	95			
ҶСП «Тоҷик мобайл»	15			
Ҳамагӣ	2377477	8681092	2514763	6287119

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2017, с.345, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018. -С.333,

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омори расмӣ доир ба ҳаҷми хизматрасониҳои давлатии пешкашкардашуда вуҷуд надорад, аммо дар асоси нишондиҳандаҳои умумии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми тақозо ба навъҳои муҳимми хизматрасониҳои давлатӣ муайян намудан мумкин аст. Дар соли 2017 миқдори аҳолие, ки барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ба мақомоти давлатӣ мурочиат намуданд, 224,1 ҳазор нафар, шаҳодатномаи аҳди никоҳ 78,63 ҳазор нафар ва шиноснома 119,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Имрӯз ин навъи хизматрасониҳо асосан, дар шакли анъанавӣ пешкаш карда мешавад. Хизматрасонии ягонаи давлатӣ, ки барои шаҳрвандон имрӯз тариқи электронӣ ба роҳ монда мешавад, ҳуҷҷатсупорӣ ба маркази ягонаи тестӣ барои супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар соли 2017 46,5 ҳазор нафар довталаб аз хизматрасонии ин марказ истифода намуда, тариқи он ба макотиби олии кишвар дохил гардидаанд.

Ҷадвали 3. Тақозо ба баъзе навъҳои хизматрасониҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Солҳо	2012	2013	2014	2015	2016	2017
Миқдори таваллуд- шудагон, ҳазор	219,3	209,4	229,5	237,5	230,0	224,1
Миқдори никоҳ, ҳазор	97653	96989	95537	76956	72499	78638
Миқдори хатмкунан- дагони муассисаҳои таълимоти миёна, ҳаз. нафар	94,8	107,4	99,2	110,2	111,9	119,4
Миқдори бекорон, ҳазор	54,5	52,3	53,9	55,5	51,1	50
Таъини кумакпулӣ ба бекорон					13199	11578
Сабукрави шахсӣ нисбат ба 1000 нафар аҳолӣ	40	42	43	43	48	44
Хонандагони китобхонаҳои умум, ҳазор нафар	1180,4	1331,8	1078,9	1461,8	1626,7	1484,4
Миқдори шаҳрвандоне, ки барои дарёфти ҷойи кор ба мақомоти шуғл мурочиат намудаанд, ҳазор нафар	63,5	71,2	72,4	72,5	77,3	78,5
Қабули довталабон ма муассисаҳои таълимоти олии касбӣ, ҳазор нафар	38037	40935	31443	38540	42693	46558

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – 480 с.

Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, ки фаъолнокии истифодаи интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишондиҳандаи миёнаи он дар давлатҳои ИДМ паст аст. Ин яке аз сабабҳои асосии сатҳи пасти хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар кишвар ба шумор меравад. Хизматрасониҳои дастрасии васеъ ба интернет, махсусан, барои аҳолии минтақаҳои деҳот, ки аз марказҳо дуртар ҷойгиранд, дастрас намебошад. Ҳалли чунин масъала, пеш аз ҳама, ба таъсиси нуқтаи самараноки мубодилаи IXP дар Тоҷикистон алоқаманд аст, ки он метавонад барои баланд бардоштани сифати интернет дар кишвар ва

ҳамчунин, дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ мусоидат намояд. Мавҷудияти нуқтаи самараноки мубодилаи дастрасии интернет метавонад донишҳои зарурии техникии истифодабарандагонро мукаммал гардонида, сатҳи зарурии алоқаро дар сатҳи мақомоти давлатӣ, ки барои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ махсусгардонида шудаанд, муҳайё созад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи истифодабарандагони интернет аз рӯйи маълумоти Internet Live Stats дар байни 201 давлати дунё ҷойи 114-умро ишғол менамояд, ки дар муқоиса ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, ба мисли Ӯзбекистан (37 ҷой), Қазоқистон (99 ҷой) ва Қирғизистон (106 ҷой) бамаротиб паст аст. [2. С 90]

Масъалаи дигари монеашаванда ба воридшавии интернет ба ҳаёти шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи пасти даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Арзиши баланди интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба арзиши пайвастшавии байналмилалии Тоҷикистон алоқаманд аст. Мувофиқи маълумоти «Ҷамъияти Интернет» дар доираи таҳқиқоти «Таҳлили муҳити мубодилаи трафики Интернет» арзиши пайвастшавии байналмилалӣ дар Тоҷикистон 60–70 долл. ИМА ба ҳар Мбит/с дар як солро ташкил медиҳад, ки нисбати Қазоқистон ва Қирғизистон (10 долл. ИМА ба Мбит/с) ба маротиб баланд аст.

Иҳотаи хизматрасонии алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба алоқаи мобилӣ маҳдуд мебошад. Танҳо 5,3 дарсади аҳолии давлат ба алоқаи собит дастрасӣ доранд. Миқдори муштариёни алоқаи собити васеъ дар соли 2016 танҳо 0,07 дарсади аҳолии кишварро ташкил дод.

Дар ҷадвали зер маълумоти асосии дастрас оид ба дараҷаи дастрасии интернет ва арзиши алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Чӣ тавре аз маълумоти ҷадвал бармеояд, дар Тоҷикистон дастрасии интернет барои аҳолӣ хело паст аст ва арзиши алоқаи собити фарогир хеле баланд аст.

Ҷадвали 4. Дараҷаи пахши интернет ва арзиши алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016

Нишондиҳандаҳо	Қиммат
Миқдори истифодабарандагони интернет , %	18,3
Истифодабарандагони интернети собит / 100 нафар	0,1
Истифодабарандагони интернети мобилӣ /100 нафар	17,0
Суръати миёнаи пайвастшавӣ (Кбит/ с)	3 469
Арзиши моҳонаи обуна барои хизматрасонии алоқаи собити васеъ (долл. ИМА)	58
Арзиши алоқаи собити васеъ (% маҷмӯи даромади миллӣ ба сари аҳолӣ аз рӯйи қобилияти харидории асъор)	26,4

Сарчашма: *Аз тарафи муаллиф бо истифодаи маълумоти Хадамоти алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2017, -480 с. сохта шудааст.*

Нархи хизматрасониҳои алоқаи мобилии васеъ дар ширкатҳои гунонун тақрибан якранг буда, ба ҳисоби миёна чунин аст: 1 ГБ трафики интернет 4 долл. ИМА; бастаи 6 ГБ трафики интернет 12 долл. ИМА, ва бастаи 10 ГБ арзиши интернет 18 долл. ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, новобаста аз воридсозии фаъоли технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ то ҳол аҳолии кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти хариди электронии хизматрасониҳои давлатиро пайдо намудаанд.

Дар аксари ҳолатҳо сомонаҳои давлатӣ танҳо дар шакли электронӣ маълумот доир ба хизматрасониҳои давлатиро пешкаш менамоянд, балки фурӯши онро ба роҳ мемонанд. Истифодабарии шабакаи ҷаҳонӣ барои додани маълумотнома ва дигар ҳуҷҷатгузориҳо, навбатистии электронӣ барои кӯдакистонҳо, гирифтани картаи электронии тиббӣҳоло дар марҳалаи якуми рушди худ қарор дорад.

Аз ин рӯ, зарур аст дастрасии барои беҳтар намудани вазъият чораҳои зарурӣ андешида шавад, то он ки технологияҳои информатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси рушди хизматрасониҳои давлатӣ дар мамлакат гардад. Истифодаи фаъоли технологияҳои нави иттилоотӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ба истеъмолкунандагон имконият медиҳад бештар ба хизматрасониҳои давлатӣ дастёб гарданд.

Илова бар ин, бояд диққати махсус ба машҳургардонии хизматрасониҳои давлатии тариқи сомонаҳо пешниҳодшаванда аз тарафи мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимият ҷудо карда шавад. Ҳамаи ин имкон медиҳад суръати таъсиси ҳукумати электронӣ дар кишвар тезонидашуда, самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ баланд бардошта шавад.

АДАБИЁТ

1. Ҳабибуллоев М.Ҳ. Проблемы формирования и перспективы развития рынка электронных государственных услуг в Республике Таджикистан //Вестник Таджикского национального университета, (научный журнал) Серия: Экономика. Душанбе: Сино , 2017, с.130-133
2. Қодиров Д.Б., Ҳабибуллоев М.Ҳ. Бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:ҳолат ва дурнамои рушд // Монография Душанбе Ирфон 2019, 215 саҳ.
3. Рустамов С. Развитие электронного правительства в Таджикистане, /Общественный Фонд «Интернет» (Таджикистан), Душенбе 2016 [Электронный ресурс]: режим доступа: http://medianet.kz/files/articles/17/e6/43/library2.pdf
4. Хабибуллоев М.Х. Теоретические аспекты предоставления электронных государственных услуг населению //Вестник Таджикского национального университета, (научный журнал) Серия: Экономика. Душанбе: Сино №2, 2017, стр.70-74.

ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕХОДА НА ЭЛЕКТРОННУЮ СИСТЕМУ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ УСЛУГ НАСЕЛЕНИЮ

ХАБИБУЛЛОЕВ МУХРИДДИН ХАБИБУЛЛОЕВИЧ,
Институт туризма, предпринимательства и сервиса Таджикистана, к.э.н., заведующий кафедрой Экономичнской теории,
734055, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад, 48/5,
телефон**: (+992)93-802-82-82**; e-mail: muhriddin.050190@mail.ru

ХОЛИКОВ ШОХРУХДЖОН АМИРШОЕВИЧ,
главный специалист департамента информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 40,
тел.: 992. 900-61-11-16, e-mail: Holikov94.sh@gmail.com

В статье исследованы проблемы переходы на электронную систему предоставления государственных услуг населению. Уточнены различные аспекты процесса развития электронного правительства в Республике Таджикистан. Приведены классификации основных этапов развития электронного правительства и дана оценка современного состояния развития системы электронного предоставление государственных услуг в Республике Таджикистан. Выявлены основы формирования рынка электронных государственных услуг, выделены факторы, препятствующие развитию данного рынка, а также предложены научно-методические рекомендации по продолжению процесса реформирования системы предоставления государственных услуг и повышению широкомасштабной доступности населения в онлайновых государственных услугах.

Ключевые слова: *государственные услуги, электронные государственные услуги, рынок электронных государственных услуг, сфера услуг.*

PROBLEM OF TRANSITION TO ELECTRONIC SYSTEM OF PROVIDING STATE SERVICES TO POPULATION

HABIBULLOEV MUHRIDDIN HABIBULLOEVICH,
Institute of tourism, business and service of Tajikistan, c.e.s., the manager. Chief of Economy theories Department,
734055, Tajikistan, Dushanbe, Borbad Str., 48/5,
Phone: (+992)93-802-82-82; e-mail:muhriddin.050190@mail.ru

KHOLIQOV SHOHRUKHJON AMIRSHOEVICH,
Chief specialist of the Information Support Department, Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 40,
e-mail: Holikov94.sh@gmail.com, phone: 992 900-61-11-16

The article examines the issues of improving the system of providing public services in electronic form. It clarifies various aspects of the development of e-government in the Republic of Tajikistan. Provides the classification of the main stages of the development of e-government and the assessment of the current state of development of the system of e-government services in the Republic of Tajikistan. Besides, the article identifies the foundations of the formation of the market of electronic public services the factors that barriers the development of this market. Finally the author gives the scientific guidelines for continuing the process of reforming the system of public services and increasing the large-scale accessibility of the population in online public services.

Keywords: *the state services, electronic state services, the market of electronic state services, sphere of services.*

УДК 331.5

К ВОПРОСУ О ТРУДОИЗБЫТОЧНОСТИ ЭКОНОМИКИ

АШУРОВ СУБХОНИДИН БУРХОНОВИЧ,
доктор экономических наук, кандидат физико-математических наук, профессор кафедры экономики и управления Технологического университета Таджикистана,
734065, Таджикистан, Душанбе, ул. Н. Карабаева 63/3,
тел. (+992) 919 13 10 10; e-mail: subhon_b@mail.ru

В работе дано новое определение трудоизбыточности экономики, основанное на зависимости темпа прироста количества рабочей силы и аналогичного показателя её компонентов. Впервые введено понятие «степень сверхтрудоизбыточности» и предложен алгоритм вычисления этого показателя. Дано сравнение полученных результатов с соответствующими предыдущими результатами. На основе полученных теоретических положений определена динамика изменения степени сверхтрудоизбыточности текущего периода развития экономики Таджикистана.

***Ключевые слова*:** *экономика, рабочая сила, занятость, трудоизбыточность, степень сверхтрудоизбыточности.*

Вопросы обеспечения занятости имеющейся в обществе рабочей силы, носителем которой является человек как элемент этого общества, всегда находятся в центре внимания экономической теории и практики любой концепции и направленности из-за очевидной социально-экономической важности этих вопросов.

Почти все признанные экономические теории задачу обеспечения занятости имеющейся рабочей силы считают разрешимой в условиях наличия определённой экономической конъюнктуры. Тем не менее, в условиях рыночной экономики, избыток предложения ресурсов труда (рабочей силы) по сравнению со спросом на них может создать препятствие для решения этой задачи. Однако, в соответствии с этими теориями, такая ситуация может лишь затянуть процесс решения этой задачи, но не может быть преградой для него. Иными словами, предполагается, что экономика (при наличии определённой конъюнктуры) в состоянии «реагировать» на излишек предложения ресурсов труда и обеспечить их трудовую занятость путём привлечения инвестиции и расширения сферы производства благ.

Проявление избытка рабочей силы традиционно связывалось и сегодня связывается в основном с демографическим фактором, выраженным относительно высоким уровнем рождаемости по сравнению с темпом роста занятости ресурсов труда. Выражение такого явления обозначилось в литературе, в том числе научной, как «трудоизбыточность».

Трудоизбыточность экономики (и рынка труда в частности) в основном рассматривается как «проблема, требующая своего решения», а не как благо, выраженное отсутствием дефицита на ресурсы (трудовые). Это связано в первую очередь с тем, что использование излишка трудового ресурса, носителем которого является человек, нельзя откладывать на потом, так как данный ресурс является живым и требует своего применения «прямо сейчас», чтобы обеспечить своё существование. Поэтому необходимость «оперативного решения» проблемы трудоизбыточности с одной стороны и определённая ограниченность других экономических ресурсов, необходимых для него, а также наличие временных лагов экономических событий – с другой, порождают определённую трудность в

процессе «оперативного» трудоустройства (обеспечения занятости) излишка рабочей силы.

В связи с этим, проблема регулирования трудоизбыточной экономики (трудоизбыточного рынка труда, в частности) получила свойственное себе направление экономической мысли, породившее впоследствии методологию исследования, а также методы, подходы и механизмы регулирования сферы трудовой занятости населения в условиях трудоизбыточности экономики.

Анализ существующих и доступных научных работ в этом направлении показывает, что «трудоизбыточность» рассматривается многими учёными как «пространственное явление», обозначенное, например, такими терминами, как «трудоизбыточный регион» (мезоуровень), «трудоизбыточная страна» (макроуровень) или группы стран (мегауровень).

Таким образом, главной проблемой трудоизбыточности (рынка труда и экономики), требующей своего решения, является разработка и реализация мер по обеспечению занятости имеющегося излишка рабочей силы (находящегося в настоящее время в составе безработных).

Рассмотрим понятийный аспект данной проблемы. Дело в том, что в существующих источниках (см. [1]) отсутствует чёткое определение трудоизбыточности как экономического явления.

Очевидно, что одно свойство, выражающееся наличием излишка рабочей силы, не сможет корректно определять состояние трудоизбыточности без указания дополнительного индикатора, например, его объёма. Даже указание объёма излишка рабочей силы (например, в долевом отношении к общему объёму рабочей силы) не сможет выразить состояния трудоизбыточности, например, в период экономической депрессии или выхода из него. Более того, в развивающейся экономике почти всегда наблюдается наличие безработных (без учёта естественных безработных), обозначая наличие излишка рабочей силы в текущем периоде развития экономики.

Часто встречающееся в дискуссиях определение трудоизбыточности как «случай, когда прирост количества рабочей силы опережает прирост количества занятых (в том числе, рабочих мест)», также чётко не выражает «традиционно принятую» ситуацию трудоизбыточности, ибо в депрессионном, последепрессионном периоде развития экономики или в развивающейся экономике, как правило, наблюдается «случай, когда прирост количества занятых отстаёт от прироста количества рабочей силы».

Одной их характерных черт трудоизбыточности экономики является сравнительно высокий уровень безработицы в ней. В связи с этим, в некоторых источниках [2,3] авторы «определяют» явление трудоизбыточности уровнем безработицы (например, регион принимается как трудоизбыточный, если в нём уровень безработицы превышает 10%). Однако, высокий уровень безработицы проявляется и в период депрессивности экономики, которая может не быть трудоизбыточной.

В связи с этим, в работе одного из авторов [1] была предпринята попытка дать определение трудоизбыточности экономики, вводя «индикатор трудоизбыточности», который связывает приращения количества занятых с аналогичным показателем рабочей силы. В зависимости от поведения этого индикатора были введены явления «трудоизбыточности» и «сверхтрудоизбыточности». При этом, было введёно в оборот понятие «потенциал экономики по обеспечению занятости имеющейся рабочей силы», характеризующее совокупное состояние экономики, обусловленное существующей конкретной экономиче-

ской конъюнктурой. Более того, было установлено, что в условиях трудоизбыточности в понимании [1] уровень безработицы стабилизируется на конкретном уровне, выше, чем естественный уровень, а при сверхтрудоизбыточности уровень безработицы «непрерывно» растёт.

Тем не менее, в определении понятия «трудоизбыточности», предложенном и использованном в [1], не было удалено особого внимания продолжительности «периода» или «временного интервала» поведения «индикатора трудоизбыточности», что может порождать случаи неточной оценки состояния трудоизбыточности в условиях развивающейся экономики, в которой продолжает расти уровень безработицы.

В связи с этим, проникая более детально в суть предложенного в [1] определения понятия «трудоизбыточности», уточним его с позиции продолжительности периода поведения «индикатора трудоизбыточности» и предложим его в более понятных для внедрения терминах и обозначениях.

Рассматривая продолжительность периода поведения «индикатора трудоизбыточности», вспомним, что Я. Карнаи в своей работе [4], исследуя «дефицит» как экономическое явление в социалистической экономике, рассматривал его в «хроническом» проявлении, ибо «нехронический» дефицит не представляет с собой «сложную проблему», его можно ликвидировать «без особых усилий», а ликвидация «хронического» дефицита требует больших усилий системного характера. В толковом словаре Д.Н. Ушакова слово «хронический» описывается как «длящийся много времени, затяжной».

Исходя из этого, проявление «избытка» необходимо также рассматривать в его «хроническом» проявлении, так как, на самом деле, аналогично случаю «дефицита», «нехронический» избыток (рабочей силы) является экономически «ликвидируемым явлением», а решение проблем, связанных с «хроническим» проявлением избытка рабочей силы требует больших усилий системного характера.

Переходим теперь к изложению нашего подхода к уточнению и развитию предложенного в [1] определения понятия «трудоизбыточности». Для этого, приводим сначала некоторые известные обозначения. Через L, E и U обозначаются соответственно количество рабочей силы, занятых и безработных. По определению $L = E + U$, а $u = U/L$ и $e = E/L$- соответственно уровни безработицы (общей) и занятости рабочей силы.

Пусть в определённом периоде времени количество рабочей силы получает приращение ΔL. Тогда $\Delta L = \Delta E + \Delta U$, где ΔE и ΔU – соответственно приращения количества занятых и безработных. Известно, что выражение $\Delta L/L$ является темпом прироста количества рабочей силы в рассматриваемом периоде. Аналогично, $\Delta E/E$ и $\Delta U/U$–темпы прироста количества занятых и количества безработных. Разницу темпов прироста количества рабочей силы и прироста количества занятых обозначим через

$$\alpha \equiv \frac{\Delta L}{L} - \frac{\Delta E}{E}. \qquad (1)$$

Приведём одно утверждение из работы одного из авторов [4] в этих обозначениях.

Утверждение 1. Пусть в определённом периоде времени количество рабочей силы получает приращение ΔL, при котором приращение количества занятых составляетΔE. Тогда для приращения уровня безработицы справедливо равенство

$$\Delta u = \frac{E}{L + \Delta L}\alpha, \qquad (2)$$

где число α определено равенством (1).

Как было отмечено выше,числоα из (1) выражает разности темпов прироста количества рабочей силы и прироста занятых. Исходя из этого, приведём следующие определения.

Определение 1. Если в развивающейся (или развитой) экономике в долгосрочном периоде темп прироста количества рабочей силы совпадает с темпом прироста количества занятых и уровень безработицы превышает свой естественный уровень, то экономика называется трудоизбыточной.

Замечание. В условиях определения 1 (т.е. при $\alpha = 1$) из равенств (1) и (2) вытекает, что в рассматриваемом периоде уровень безработицы стабилизируется.

Определение 2. Если в развивающейся (или развитой) экономике в долгосрочном периоде темп прироста количества рабочей силы превышает темп прироста количества занятых в μ (≥ 1) раз, т.е.

$$\frac{\Delta L}{L} = \mu \frac{\Delta E}{E}, \tag{3}$$

то экономика называется сверхтрудоизбыточной степени μ.

При $\mu = 1$получаем следующее утверждение.

Утверждение 2. Состояние сверхтрудоизбыточности первой степени в случае, когда уровень безработицы выше, чем естественный, совпадает с состоянием трудоизбыточности.

Доказательство этого утверждения вытекает из того факта, что, во-первых, при $\mu = 1$ из (3) следует, что в рассматриваемом периоде темп прироста количества рабочей силы совпадает с темпом прироста количества занятых. Во-вторых, при $\mu = 1$ из (3) и (1) следует, что$\alpha = 0$,откуда из (2) выводим, что$\Delta u = 0$, т.е. в рассматриваемом периоде уровень безработицы не изменится, т.е. стабилизируется.

Аналогично можно доказать также следующее утверждение.

Утверждение 3. Состояние сверхтрудоизбыточности степени μ в случае $\mu > 1$ совпадает с состоянием сверхтрудоизбыточности, введенном в работе [1].

Доказательство. Из равенств (1)-(3) выводим, что

$$\Delta u = \frac{\Delta E}{L + \Delta L}(\mu - 1),$$

откуда вытекает, что при $\mu > 1$ в рассматриваемом периоде уровень безработицы растёт, а значит, по определению из [1], экономика сверхтрудоизбыточна.

Рассмотрим текущее состояние экономики Таджикистана с позиции трудоизбыточности. Показатели ВВП страны в последние 10 лет свидетельствует об относительной стабилизации экономики страны в ее текущем сегменте развития.

Учитывая, что в Таджикистане не осуществляется регулярный счёт реальных значений количественных показателей общей безработицы, а значит и рабочей силы, далее будем использовать данные Всемирного Банка [6]. В соответствии с этим ресурсом необходимые нам показатели сферы занятости приведены в таблице 1.

Таблица 1. Некоторые показатели сферы занятости Республики Таджикистан в период 1998-2017 годы

	1991	**2000**	**2001**	**2002**	**2003**	**2004**	**2005**	**2006**	**2007**	**2008**
L	1269,1	1511,9	1556,5	1607,6	1664,7	1727,3	1789,7	1849,1	1908,8	1968,9
E	1245,0	1290,9	1334,3	1380,0	1433,8	1495,6	1557,4	1629,7	1698,3	1754,5
	2009	**2010**	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**
L	2032,0	2093,6	2147,7	2202,6	2256,6	2309,1	2360,5	2409,9	2459,2	2510,3
E	1798,3	1850,0	1899,2	1944,8	1989,8	2040,2	2092,6	2145,1	2195,1	2236,1

Источник: [6]

Используя вышеизложенный алгоритм и формулу

$$\mu = \frac{\Delta L}{L} / \frac{\Delta E}{E}$$

для степени трудоизбыточности, которая вытекает из равенства (3), получим данные о значенияхμ, приведённые в таблице 2. При этом, значение μ для года Tподсчитано в сегменте от 1991 года до T-го года включительно, т.е. по «накопительному» принципу. Например, при вычислении значения μ для 2005 года, значения ΔL и ΔE подсчитаны за период от 1991 года до 2005-го года включительно, а значения L и E - за 1991 год.

Таблица 2. Значения степени трудоизбыточности экономики Республики Таджикистан в период 2001-2018 годы

	2001	**2002**	**2003**	**2004**	**2005**	**2006**	**2007**	**2008**	**2009**
μ	3,156	2,46	2,056	1,794	1,635	1,479	1,384	1,347	1,353
	2010	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**
μ	1,337	1,318	1,309	1,301	1,283	1,263	1,243	1,229	1,228

Таким образом, в период 2001-2018 годы наблюдается постепенное снижение степени сверхтрудоизбыточности экономики Таджикистана и ее приближение к единице, т.е. состояние экономики постепенно переходит от сверхтрудоизбыточности к состоянию трудоизбыточности (т.е. сверхтрудоизбыточности степени 1) (см. диаг. 1).



Диаграмма 1. Динамика изменения степени трудоизбыточности экономики Таджикистана в период 2001-2018 годы

Так, в рассматриваемом периоде данный показатель снизился более чем в 2,5 раза и в 2018 году составил 1,23. Следует отметить, что скорость снижения степени сверхтрудоизбыточности также имеет тенденцию к снижению: если этот показатель в период 2002-2006 годы в среднем равнялся -13,93%, то в период 2007-2011 значение этого показателя составило -2,26%, а в период последних 5 лет (2014-2018 годы) –составило -1,13%. Следовательно, процесс перехода состояния экономики от сверхтрудоизбыточности к трудоизбыточности в рассматриваемом периоде замедляется.

Вместе с тем, данный процесс по определению приводит к постепенному снижению общего уровня безработицы (см. диаг. 2).



Диаграмма 2. Динамика изменения общего уровня безработицы в экономике Республики Таджикистан в период 2001-2018 годы

Так, в период 2001-2018 годы уровень общей безработицы уменьшился на 3,4 процентный пункт и в 2018 году составил 10,9%.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ашуров С.Б. Формирование и регулирование рынка труда в трудоизбыточном регионе: теория и практика. –Душанбе: Ирфон, 2012.– 320 с.
2. Кутаев Ш.К. Развитие рынка труда трудоизбыточного региона: теория, методология, практика: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Кутаев Ш.К.; Краснодар, 2010. -40 с.
3. Эскеров Д.Б. Социально-экономические проблемы формирования рынка труда и управления занятостью в депрессивно-трудоизбыточном регионе :на примере Республики Дагестан: диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Эскеров Д.Б.; Санкт - Петербург, 1999. -363 с.
4. Карнаи Я. Дефицит. –М.:Наука, 1990. – 607 с.
5. Ашуров С.Б. Математическое описание состояния макроэкономической трудоизбыточности//Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2012. № 2/2 (82). –С. 197-204.
6. World Bank Open Data/ URL: https://data.worldbank.org/country/tajikistan?view= chart [Last Updated Date: 18.03.2020]

БА МАСЪАЛАИ ҚУВВАБАРЗИЁДИИ ИҚТИСОДИЁТ

АШӮРОВ СУБҲОНИДИН БУРҲОНОВИЧ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, номзади илмҳои физикаю математика, профессори
кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734065, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63/3,
тел. (+992) 919-13-10-10, e-mail: subhon_b@mail.ru

Дар мақола таърифи нави қуввабарзиёдии иқтисодиёт, ки ба таносуби суръати афзоиши қавваи корӣ ва чунин индикатори ташкулкунандаҳои он асос ёфтааст, пешниҳод мегардад. Аввалин бор мафҳуми "дараҷаи қуввабарзиёдӣ" ва алгоритми ҳисобкунии он пешниҳод мегардад. Натиҷаҳои бадастомада ба натиҷаҳои қаблӣ дар ин самт муқоиса карда мешаванд. Дар заминаи муқаррароти назариявии ба даст овардашуда динамикаи тағйирёбии дараҷаи қуввабарзиёдии даври муосири рушди иҷтисодиёти Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: *иқтисодиёт, қувваи корӣ, шуғл, қуввабарзиёдӣ, дараҷаи қаввабарзиёдӣ*

TO THE ISSUE OF THE LABOR REDUNDANCY OF THE ECONOMY

ASHUROV SUBHONIDIN BURHONOVICH,
Doctor of Economics, Candidate of Physics and Mathematics, professor of Department of Economics and Management, Technological university of Tajikistan,
734065, Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev str., 63/3,
tel. (+992) 919 13 10 10, e-mail: subhon_b@mail.ru

A new definition of the labor redundancy of the economy, based on the dependence of the growth rate of labor force and a similar indicator of its components is given in the paper. For the first time, the concept of "degree of super-labor redundancy" was introduced and an algorithm for calculating this indicator was proposed. A comparison of the obtained results with the corresponding previous results is given. Based on the obtained theoretical provisions, the dynamics of changes in the degree of super-labor redundancy of the current period of development of the Tajik economy is determined.

Key words: *economy, labor force, employment, labor redundancy, degree of super labor redundancy.*

УДК: 379.85:33 (575.3)

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР САВДОИ ЧАКАНА

ВАЛИЕВ НИЗОМИДДИН ШАРОБИДДИНОВИЧ,
муовини декан оид ба таълим – эдвайзери омӯзиши ғоибонаи
факултаи иқтисодиёт ваменеҷменти
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,
тел: 918-14-49-14; e–mail:Nizomiddin_Valiev86@mail.ru

Дар мақолаи мазкур таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана нишон дод, ки теъдоди корхонаҳои хурд дар соли 2017 нисбат ба соли 2011 – 132,5%, шумораи кормандон – 118,7%, ҳаҷми даромад аз фурӯши маҳсулот бо ҳисоби млн. сомонӣ – 184,1% ва фонди музди меҳнат, бо ченаки млн. сомонӣ 164,1% зиёд шудааст. Ба андешаи муаллиф, тағйироти рухдода ҳоло ҳам нокифоя буда, дар ин бахш имконияту захираҳои мавҷуда ба таври зарурӣ истифода намешаванд. Хусусан, инфрасохтори соҳибкории хурд дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳо бо суръати паст тағйир меёбад. Бинобар ин, идоракунии ин сектори иқтисодиёт бояд дар оянда такмил дода шуда, ҷалби сармоягузорӣ, аз имтиёзҳои қарзи бонкӣ ва андозгузорӣ ба ин бахш дар деҳоти кишавр, низоми дастгирии давлатӣ, хусусан дар бунёд ва пешбурди корхонаҳои нави истеҳсолию тиҷоратӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ мукаммал ва эҳтиёҷ ба таъдиди назар дорад.

Дар мақолаи пешниҳодшуда тамоюли мусбати рушди соҳибкории хусусӣ дар як қатор соҳаҳои иқтисодиёти кишвар (солҳои 2011 – 2017), муаллиф монеаҳои асосӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳоро дар ин самти афзалиятдор ошкор кардааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон дар ин замина, фикру андеша ва хулосаҳои муаллифи ин мақола низ ба таври мухтасар пешкаш гардидааст, ки аз назари илму амали иқтисодиёти соҳаи соҳибкорӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи дигар пажуҳишгарон қарор гирад.

Калидвожаҳо: *ислоҳоти иқтисодӣ, соҳибкрии хусусӣ, соҳибкори инфиродӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, раванди рушди соҳибкорӣ, омилҳои иқтисодӣ, корхонаҳои хурд, монеъаҳо, хавфу хатар, даромад аз фурӯш, муносибатҳои бозорӣ.*

Дар шароити ба вуҷуд омадани тағйироти муҳим дар раванди татбиқи ғояҳои муносибатҳои бозорӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2012 дар мулоқот бо соҳибкорони кишвар, таъкид карданд, ки рушди соҳибкории хусусӣ ва мусоидати ҳамаҷонибаи ташаккулёбию рушди он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хусусӣ яке аз роҳҳои алтернативӣ дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, зиёд намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад [2].

Мақсадҳои муҳиме, ки муайянкунандаи зарурияти омӯзиши рушди соҳибкории хурди хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд:

- суръат бахшидан ба рушди иқтисоди миллӣ;
- ташкили ҷойҳои нави корӣ барои бекорон ва ҷавонон;
- наздиккунонидани истеҳсоли молҳо ва хизматҳо ба истеъмолкунандагон;
- баланд бардоштани ҳиссаи истеҳсоли молҳои истеъмолии ватанӣ;
- баланд бардоштани суръати тағйиротҳо дар иқтисодиёт ба тағйирёбии ҳаҷми талабот;
- васеъ кардани имкониятҳо барои дар амал ҷорӣ кардани сарчашмаҳои маҳалии ашёи хом.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва таҳлили вазъи кунунии фаъолияти корхонаҳои хурд маълум гардид, ки ҳоло сарфи назар аз ҷой доштани тамоюлҳои мусбат дар самти ташкилу пешбурди соҳибкории хурд ва фаъолнокии он боз як зумра таҳдиду хатар ва масъалаҳои ҳалталабе, ки онҳоро поёнтар ба таври алоҳида зикр хоҳем кард мавҷуд мебошанд. Дар сурати ҳаллу фасл нагардидани онҳо эҳтимол мушкилоти фаъолнокии соҳибкории хурд ва рақобатпазирии он дар ояндаи дуру наздик метавонад боз ҳам ҳассостар гардад.

Рушди соҳибкории хусусӣ дар аксари соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус, дар соҳаҳои савдо, хизматрасонии маишӣ, нақлиёт, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамчун шарти муҳими тадриҷан баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он ҳамчун омили муассири рақобаттавонӣ дар муҳити нави иқтисодӣ мусоидат карда метавонад.

Таъмин намудани инкишофи босуръати фаъолияти соҳибкорӣ ба фикри мо, яке аз самтҳои муҳимми иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои асосии он, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳибкории хусусӣ тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар низоми андозбандии фоида, арзиши иловашуда, пардохти боҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий дар давраи муайян нисбати санҷишҳои зиёди фаъолияти муваффақонаи субъектҳои соҳибкорӣ ба қатори чораҳои муҳиму аввалиндараҷа маҳсуб мешаванд.

Соҳибкории хусусӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав, иноватсияҳо ва ноу-хау дар иқтисодиёт саҳми нишонрас гузошта метавонад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар таъмини рушди бонизоми иқтисодиёт нақши муассир дорад. Намунаи ҷолиби ҳамин андешаро мо дар таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта ба монанди ИМА, Олмон, Ҷопон, Фаронса ва дигар давлатҳо ёфтааст. Аз мамлакатҳои ИДМ, хусусан Ҷумҳурии Қазоқистонро номбар кардан мумкин аст, ки ҳукумати ин давлат дар солҳои охир, дар самти тараққӣ додани соҳибкории хусусӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Натиҷаи ин корҳои ба анҷом расонидашуда беҳтар гардидани фазои сармогузорӣ дар ин мамлакат мебошад, ки ин ҳолат барои ҷалби самоягузориҳои хориҷӣ мусоидат намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам мушкилиҳои монеашавандаро паси сар намуда, барои таъмини рушди соҳибкории хусусӣ дар мамлакат кӯшишу ғайрат менамояд.

Соҳибкории хурди хусусӣ дар амалисозии сиёсати рушди иқтисодӣ нақши муайян мегузорад, аммо солҳои охир дар ин самт тағйироти мусбат ба назар мерасад [3]. Ҳоло соҳибкории хурди хусусӣ ба омили пешбарандаи иқтисодиёт шинохта шудааст. Барои он ки соҳибкорӣ дар мамлакат босуръат рушд намояд, зарур аст ба ин раванд давлат бештар таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Ба андешаи мо механизмҳои асосиии ноил шудан ба суръати рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ин пеш аз ҳама муккамалгардонии санадҳои меъёрию

ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад, ба монанди таҳия ва қабули “Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав”, таҳияи “Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон”, вобаста ба ин бояд таҷрибаи дигар давлатҳои пешрафта оид ба дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар соҳаи савдо бояд ба инобат гирифта шавад. Барои рушди босуръати соҳибкории хурд механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявӣ, андозӣ, иттилоотӣ, қарзӣ ва ташаккули инфрасохтори субъектҳои соҳибкории хурд бояд вобаса ба таҷрибаи дигар кишварҳо пурра омухта ва дар амал татбиқ гарданд.

Дар давоми 6 соли охир шумораи корхонаҳои хурд дар ҷумҳурӣ 32,3% ва дар мувофиқат ба ин шумораи коргарони дар онҳо коркунанда ба миқдори 18,7% афзоиш ёфтааст (ҷадвали 1). Ин дар ҳоле аст, ки ба миқдори кифоя инфрасохтори хизматрасонандаи соҳибкории хурд тараққӣ наёфтааст ва соҳибкории хурд ба бозори сармояҳо ба дараҷаи зарурӣ дастраси надорад.

Ҷадвали 1.

Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2017, дар охири сол [4, с. 229]

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							Тағйироти соли 2017 нисбат ба соли 2011, %
	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	
	Ҷумҳурии Тоҷикистон							
Теъдоди корхонаҳои хурди амалкунанда, адад	3367	3890	4810	5394	5176	4919	4455	132,3
Шумораи кормандони корхонаҳои хурди амалкунанда, нафар	18,7	19,6	27,5	30,2	28,4	21,4	22,2	118,7
Даромад аз фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) дар як сол, миллион сомонӣ	2363,2	2849,9	4271,1	5501,6	6170,9	3793,1	4351,7	184,1
Фонди музди меҳнат (аз ҷумла дуҷоякорон), миллион сомонӣ	133,3	177,9	249,4	318,5	329,1	216,5	218,8	164,1

Зикр кардан зарур аст, ки рушди нокифояи соҳибкории хурд имконияти ташкили ҷойҳои нави кориро маҳдуд месозад. Дар муддати шаш соли охир дар қиёс соли 2017 бо соли 2011 теъдоди корхонаҳои хурд дар Тоҷикистон 1088 адад афзоиш ёфтааст, аммо мутасифона нисбати соли 2016 ин нишондиҳанда (- 464 адад) ё (- 9,4%) кам шудааст (сабабҳои кам шудани шумораи корхонаҳои хурд дар соли 2016 фишори маъмурӣ ва дахолати зиёди ташкилотҳои гуногуни давлатӣ, ҳиссаи зиёди тамаъҷӯи ва фасод, баланд будани сатҳи гаронии андоз ва фоизи қарзи бонкҳо, номукаммалии низоми дастгирии давлатӣ, аз ҷумла набудани қонунҳои махсус оид ба соҳибкории хурди хусусӣ) ва дар мувофиқат ба ин шумораи кормандон 3,5 ҳазор нафар ё 118,7 % афзоиш ёфтааст.

Ба андешаи мо, натиҷаи иҷрои кулли тадбиру чораҳои дар ин солҳо (2011 – 2017) амалкунандаи кишвар ва ноҳияҳои он боиси афзудани теъдоди шаҳрвандоне, ки ба соҳибкории хурди хусусӣ сару кор доранд, дар бозори дохилӣ ба беҳтаршавии фазои рақобати бозорӣ шуданд. Зиёдшавии теъдоди соҳибкорони хусусии инфиродӣ дар навбати аввал ба рушди сектори савдо, хӯроки умумӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон (62,7% дар соли 2011) ва то 64,6 % дар соли 2016 расидааст, гарчанде дар соли 2017 назар ба соли 2011 дар андозаи 5,0 банди фоизӣ кам шудааст.

Таҳлили теъдоди субъектҳои соҳибкории хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки татбиқи пайгирона ва мунтазами чорабиниҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, бешубҳа таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, дар шароити амали низоми иқтисоди бозорӣ, махсусан шуғлнокии шаҳрвандон ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ дар солҳои таҳлилшуда аз 115,2 ҳазор нафар дар соли 2011 то ба 270,1 ҳазор нафар дар соли 2017 расидааст ё 1,5 баробар зиёд шудааст, ки тамоюли воқеан мусбат дар кишвар арзёбӣ мешавад.

Ба соҳаҳои ояндадор (манфиатовар) ва намудҳои фаъолият барои рушди соҳибкории хурди хусусӣ як қатор соҳаҳо ба монанди соҳаи саноат (истеҳсоли молҳои ғизоӣ, саноати сабук, саноати хӯрокворӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди растаниҳои шифобахш); кишоварзӣ**;** савдо**;** хӯроки умумӣ; сайёҳӣ**;** коркарди ашёи хом**;** алоқа (технологияи интернетӣ)**; с**охтумон**;** энергетика**;** нақлиёт**;** ҳунарҳои мардумӣ ва маориф дохил мешаванд. Яке аз соҳаҳое, ки имрӯз дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи назаррас дорад ин фаъолияти соҳибкории хурд дар соҳаи савдо махсусан савдои чакана ба шумор меравад ва аз ин рӯ мегузарем ба таҳлили вазъи савдои дохлӣ дар бозори истеъмолӣ.

Ҷадвали 2.

Динамикаи нишондиҳандаҳои корхонаҳои савдои чакана ва хӯроки оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011 – 2017 [5, с. 18]

Нишон-диҳандаҳо	Солҳо							**Соли 2017 нисбат ба соли 2011, % ва маротиба**
	2011	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	
Ҳаҷми гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо, млн. сомонӣ	7425,5	9013,9	11311,7	12823,9	14377,7	16166,7	18435,2	+ 2,4
Шумораи корхонаҳои савдои чакана, адад	**11528**	**12119**	**11548**	**12983**	**14271**	**15178**	**14708**	**+ 1,2**
Масоҳати дӯконҳои савдо, ҳазор метри	996	1159,3	940,4	1182,1	1374,6	1519,1	2065,5	+ 2,1

мураббаъ								
Шумораи корохонаҳои хӯроки омма, адад	**2686**	**2677**	**2624**	**2656**	**2717**	**2748**	**2757**	**+ 102,6**
Шумораи ҷойҳои нишаст, ҳазор адад.	96,2	106,5	53	126,6	141,3	164,9	169,9	+ 1,7
Шумораи бозорҳо (омехта ва озуқаворӣ), адад	**306**	**308**	**298**	**297**	**297**	**300**	**304**	**- 99,3**
Шумораи фурӯшандаҳо дар онҳо дар як рӯз, ба ҳисоби миёна, ҳазор нафар	70,2	70,6	69,1	70,8	62,9	67,1	68,0	- 96,9
Шумораи бозорҳои фурӯши чорвои зинда, адад	110	107	109	116	122	121	123	+ 1,1
Шумораи бозорҳои фурӯши автомобилҳо, адад	8	8	10	10	10	10	10	+ 1,2
Миқдори нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, адад	1013	1079	1055	1034	1125	1121	931	- 91,9

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар соли 2017 шумораи корхонаҳои савдои чакана дар ҷумҳурӣ 14708 ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2011 – ум 1,2 маротиба зиёд мебошад. Субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар соҳаи хӯроки умумӣ низ фаъолият мекунанд ва онҳо дар соли 2017 – ум ба 2757 адад баробар шуданд, яъне нисбати соли 2011 – ум 2,6% зиёд мебошад. Тағйироти ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ асос тамоюли рушдро касб кардаанд.

Ҷадвали 3

Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурд аз рӯи намудҳои фаъолият, ки мақоми шахси ҳуқуқиро доранд

Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳои хурд	Шумораи корхонаҳои хурд, адад	Шумораи миёнаи кормандони онҳо, нафар	Даромад аз маҳсулоти фурӯхташуда, ҳазор сомонӣ	Фонди музди меҳнат, ҳазор сомонӣ

		01.01.2017	01.01.2018	01.01.2017	01.01.2018	01.01.2017	01.01.2018	01.01.2017	01.01.2018
		4919	**4455**	**21368**	**18916**	**3793137,0**	**4351785,6**	**216503,3**	**218859,3**
Фоиз нисбаи нишондиҳандаи умумии корхонаҳои хурд, %									
	1	72	77	304	279	35473,7	30771,4	2399,8	2377,1
	2	1,5	1,7	1,4	1,5	0,9	0,7	1,1	1,1
	1	128	37	641	156	63324,7	16938,8	5927,7	1945,9
	2	2,6	0,8	3,0	0,8	1,7	0,4	2,7	0,9
	1	364	405	1704	1780	91192,0	131708,4	13639,6	17782,1
	2	7,4	9,1	7,8	9,4	2,4	3,0	6,3	8,1
	1	2	3	6	8	72,1	159,9	240,2	30,1
	2	0,04	0,1	0,02	0,04	0,001	0,003	0,1	0,01
	1	567	495	2347	1932	581484,6	579078,5	50694,0	43260,7
	2	11,5	11,1	11,0	10,2	15,3	13,3	23,4	19,8
	1	1886	1713	7730	7026	2531335,0	3010728,8	58593,3	61900,2
	2	38,3	38,4	36,2	37,1	66,7	69,2	27,1	28,3
	1	232	207	1591	1221	67381,1	74567,6	9963,7	9362,8
	2	4,7	4,6	7,4	6,4	1,8	1,7	4,6	4,3
	1	306	318	1209	1288	100311,1	133016,3	11147,6	14402,5
	2	6,2	7,1	5,6	6,8	2,6	3,0	5,1	6,6
	1	59	46	242	158	49447,3	51647,0	6855,0	5046,9
	2	1,2	1,0	1,1	0,8	1,3	1,2	3,2	2,3
	1	665	616	2438	2420	173482,7	236334,7	34349,1	40864,3
	2	13,5	13,8	11,4	12,8	4,6	5,4	15,9	18,7
	1	162	149	742	749	21361,8	25216,8	4525,8	5860,2
	2	3,3	3,3	3,4	3,9	0,6	0,6	2,1	2,7
	1	184	181	1033	1068	22745,8	30907,1	7687,5	9004,7
	2	3,7	4,1	4,8	5,6	0,6	0,7	3,5	4,1
	1	263	208	1270	831	45696,2	30710,9	9145,0	7021,8

мой ва шахсӣ	**2**	5,3	4,6	5,9	4,4	1,2	0,7	4,2	3,2
Эзоҳ:	**1. шумораи корхонаҳои хурд дар соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт** **2. % нисбати шумораи умумии корхонаҳои хурд**								

Марҳилаи гузариш ба низоми хоҷагидории бозорӣ дар соҳаи савдо ба дигаргуниҳои кулли ноил гашт.

Ба ҳолати муосир ва тамоюли рушди савдо ҳамчун соҳаи махсусгардонидашудаи иқтисоди миллӣ ва намуди фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси таҳлили як қатор нишондиҳандаҳо, амсоли ҳаҷми умумӣ, таркиб ва суръати тағйирёбии гардиши мол, андозаи миёнаи он ба ҳар нафар аҳолӣ, дараҷаи қаноатмандии талаботи пардохтпазирии аҳолӣ ба молҳои озуқаворӣ ва саноатӣ баҳо дода мешавад. Ҳаҷми умумии гардиши молро ба қатори нишондиҳандаи муҳими муайянкунандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ дохил кардан мумкин аст. Ин нишондиҳанда на танҳо тағйироти равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, балки алоқамандии зичро бо вазъи молиявӣ, иҷрои даромади буҷети давлатӣ ва муомилоти пулро инъикос мекунад.

Ҷадвали 4

Тағйирёбии нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии гардиши чаканаи моли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011 – 2017, млн. сомонӣ, бо нархҳои соли 2017 [5]

Нишон-диҳандаҳои иқтисодӣ	**Солҳо**						
	2011	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**
Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар ҳамаи соҳаҳои савдо	**10545,8**	**12222,6**	**14520,5**	**15493,3**	**16361,0**	**17342,6**	**18435,2**
Сектори давлатӣ	146,7	143,2	133,0	133,8	66,9	91,9	66,6
Сектори ғайридавлатӣ, аз он ҷумла:	10339,1	12079,4	14387,5	15359,5	16294,1	17250,7	18368,6
Сектори тиҷоратӣ	569,8	815,9	2051,1	3314,7	3712,4	3976,0	4218,3
Сектори кооперативӣ	143,6	150,2	142,0	134,7	80,2	13,2	2,5
Сектори хусусӣ	9685,7	11113,3	12194,4	11910,1	12501,5	13261,5	13447,8
Вазни хос бо фоиз							
Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар ҳамаи соҳаҳои савдо	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**
Сектори давлатӣ	1,4	1,2	0,9	0,9	0,4	0,5	0,4
Сектори ғайридавлатӣ, аз он ҷумла	98,6	98,8	99,1	99,1	99,6	99,5	99,6
Сектори тиҷоратӣ	5,4	6,7	14,1	21,4	22,7	22,9	26,7
Сектори кооперативӣ	1,3	1,2	1,0	0,8	0,5	0,1	0,0
Сектори хусусӣ	91,9	90,9	84,0	76,9	76,4	76,5	72,9

Дар асоси маълумоти ҷадвали 4 ва таҳлили манбаъаҳои дигари оморӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар таркиби маълумоти гардиши чаканаи мол аз рӯи шакл ва намудҳои савдо дар солҳои 2011-2017 тағйиротҳои назаррас ба миён омадаанд. Пеш аз ҳама, ҳиссаи савдои давлатӣ аз 1,4 %-и соли 2011 то 0,4% дар соли 2017 коҳиш ёфтааст.

Манбаъҳои асосии ташаккули гардиши чаканаи мол дар бозори истеъмолӣ ба бахши давлатӣ 66,6 млн. сомонӣ ва ба сектори ғайридавлатӣ 18368,6 млн. сомонӣ рост омада, вазни қиёсии гардиши мол дар сектори ғайридавлатӣ аз 98,6 % -и соли 2011 то ба 99,6 дарсад дар соли 2017 ташкил додааст.

Ҷадвали 5

Ҳисоби нишондиҳандаҳои динамикаи савдои чаканаи моли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011 – 2017 (млн. сомонӣ) [5]

Нишон-диҳандаҳо	Солҳо			Фарқият (+,-)		Суръати рушд,%	
	2011	2016	2017	Соли 2017 нисбат ба соли 2011	Соли 2017 нисбат ба соли 2016	Соли 2017 нисбат ба соли 2011	Соли 2017 нисбат ба соли 2016
Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар ҳамаи соҳаҳои савдо	**10545,8**	**17342,6**	**18435,2**	**7889,4**	**1092,6**	**174,8**	**106,3**
Сектори давлатӣ	146,7	91,9	66,6	-80,1	-25,3	45,4	72,5
Сектори ғайридавлатӣ, аз он ҷумла:	10339,1	17250,7	18368,6	8029,5	1117,9	177,6	106,5
Сектори тиҷоратӣ	569,8	3976,0	4218,3	3648,5	242,3	7,7 мар.	106,1
Сектори кооперативӣ	143,6	13,2	2,5	-141,1	- 10,7	1,7	18,9
Сектори хусусӣ	9685,7	13261,5	13447,8	3762,1	186,3	138,8	101,4

Дар асоси рақамҳои таҳлилшудаи ҷадвали 5 ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳиссаи бахши хусусӣ сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Чӣ тавре аз рақамҳо маълум аст сектори давлатӣ агар дар соли 2011 – ум ба 146,7 млн. сомонӣ баробар шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 72,5 млн. сомонӣ расидааст ва нисбати соли 2011 – ум 80,1 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст. Сектори хусусӣ бошад дар соли 2011 – ум ба 10339,1 млн. сомонӣ расида, дар соли 2017 – ум ин нишондиҳанда 18368,6 млн. сомонӣ баробар шудааст, ин нисбати соли 2011 ба маблағӣ 8029,5 млн. сомонӣ афзудааст.

Ҳиссаи зиёдтарро дар таркиби гардиши чаканаи мол молҳои ғайрихӯрокворӣ ташкил додаанд, ки он 9291,1 млн. сомониро дар соли 2017 ташкил дода, дар соли 2011 бошад, ин нишондиҳанда ба 3874,8 млн. сомонӣ расид, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2011 – ум 2,4 маротиба зиёд мебошад.

Ҳиссаи молҳои хӯрокворӣ дар таркиби гардиши чаканаи мол сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Соли 2017 маблағи молҳои хӯрокворӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ - 9144,1 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки нисбати ҳаҷми умумии фурӯши мол 49,6 % - ро ташкил медиҳад. Фурӯши молҳои хӯрокворӣ дар соли 2011 – ум 3550,7 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбати ҳаҷми умумии он – 47,8% афзоиш ёфтааст.

Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар савдои чакана ва дигар сарчашмаҳои пайдоиши мол дар кишвар соли 2017 маблағи умумии 18435,2 млн. сомониро ташкил дод. Таносуби молҳои хурокворӣ дар ҳаҷми умумии молҳо 49,6 фоиз ё 9144,1 млн. сомонӣ ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 50,4 дарсад ё 9291,1 млн. сомониро ташкил намуд. Тавре таҳлил нишон дод, ҳаҷми гардиши молҳои ғайрихӯрокворӣ 147,0 млн. сомонӣ зиёд аз супориши

муайяншуда фурӯхта шудааст. Нигаред ба динамикаи ҳаҷми гардиши мол дар солҳои 2000 – 2017, ки муаллиф таҳия кардааст.

Ҷадвали 6

Сохтори гардиши чаканаи мол аз рӯйи гурӯҳи молҳои истеъмолӣ бо нархҳои солҳои дахлдор, млн. сомонӣ [5]

Солҳо	Ҳамаи молҳо	Аз ҷумла:		Ҳамаи молҳо, %	Аз ҷумла ҳиссаи	
		Молҳои хӯрокворӣ	Молҳои ғайрихӯрокворӣ		1. Молҳои хӯрокворӣ, %	2. Молҳои ғайрихӯрокворӣ, %
2000	567,8	331,0	236,8	100,0	58,3	41,7
2001	558,2	332,1	226,1	100,0	59,5	40,5
2002	777,2	447,2	330,6	100,0	57,5	42,5
2003	1003,6	596,1	4075	100,0	59,4	40,6
2004	1434,8	817,8	617,0	100,0	57,0	43,0
2005	1868,9	1048,4	820,4	100,0	56,1	43,9
2006	2219,3	1120,8	1098,6	100,0	50,5	49,5
2007	2732,7	1440,1	1292,6	100,0	52,7	47,3
2008	4701,6	2397,8	2303,8	100,0	50,9	49,0
2009	5565,8	2643,8	2922,0	100,0	47,5	52,5
2010	5997,7	2836,2	3161,5	100,0	47,3	52,7
2011	7425,5	3550,7	3874,8	100,0	47,8	52,2
2012	9013,9	4164,4	4849,5	100,0	46,2	53,8
2013	11311,7	5180,8	6130,9	100,0	45,8	54,2
2014	12823,9	6168,3	6655,6	100,0	48,1	51,9
2015	14377,7	7045,1	7332,6	100,0	49,0	51,0
2016	16166,7	7921,7	8245,0	100,0	49,0	51,0
2017	18435,2	9144,1	9291,1	100,0	49,6	50,4

Чунон ки аз ҷадвали 6 мушоҳида мешавад, тӯли солҳои 2000-2017 дар таркиби гардиши чаканаи моли кишвар ҳиссаи молҳои хӯрокворӣ аз 58,3% дар соли 2000 то 49,6% дар соли 2017 коҳиш ёфтааст ва мутобиқан ҳиссаи молҳои ғайрихӯрокворӣ аз 41,7% дар соли 2000 то 50,4% дар соли 2017 афзоиш ёфтааст.

Дар мақолаи мазкур ба таҳлили комплексии вазъи муосири соҳибкории хурди хусусӣ дар соҳаи савдою хӯроки омма ва дигар бахшҳои ба онҳо наздику пайванди иқтисодиёти миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда ба хулоса омадааст, ки дар ин намуди фаъолияти иқтисодӣ солҳои сипаришуда тағйиротҳои намоён ба амал омаданд. Дар ин давраи таҳлилшаванда, ҳиссаи бахши ғайридавлатии савдои чакана ва хӯроки омма дар соли 2017 ба 99,6% аз рӯи ҳаҷми гардиши чаканаи мол баробар шуд, аз ҷумла бахши хусусӣ ба 72,9% расид. Бояд таъкид кард, ки ин нишондиҳанадаи муҳимми нисбӣ дар соли 2011 мутаносибан 98,6% ва 91,9% - ро ташкил дода буд.

Ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаи соли 2017 нисбат ба соли 2011 рушд намуда, ҳиссаи вилояти Суғд дар соли 2017 аз ҳама бештар – 39,9%, вилояти Хатлон - 24,4%, шаҳри Душанбе – 20,3%, НТҶ – 14,7% ва ВМКБ – 0,7% – ро ташкил дод, ки ин низ аз вазъи муосири рушди бемайлони соҳибкории хусусӣ дар соҳаи савдою хӯроки омма ва сатҳи рушди нобаробар дар минтақаҳои кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Самарабахшии дигари соҳибкории хурд дар амалӣ гардидани нуқтаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии қонунгузори кишвар, аз ҷумла оид ба таъсиси на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории хурд дар

соҳаҳои кишоварзӣ, коркарди маҳсулот, саноати сабук, хӯрокворӣ, масолеҳи сотмон, савдо, хӯроки умумӣ, кимиё, нақлиёту алоқа, сайёҳӣ, маориф ва тандурустӣ бо такя ба бахши хусусӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ ҳисобида мешавад. Илова бар ин, ин нуқта дар доираи "Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030" низ ҳамчун афзалияти асосӣ пешбини шудааст.

Аз баски, инҷо сухан дар мавриди рушди минбаъдаи соҳибкории хурд дар ҷумҳурӣ меравад, пас ба таври мушаххас нишон додани мушкилоти мавҷудаи соҳа ба миён меояд. Бинобар ин, ҳоло мо хусусиятҳо ва масъалаҳои ҳалталаби рушди соҳибкории хурдро дар алоҳидагӣ пешниҳод хоҳем кард, аз ҷумла: номукаммалии низоми андозбандии соҳибкории хурди хусусӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт; сатҳи баланди монополизатсия; муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон; дар сатҳи зарӯрӣ фаъолият накардани муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳои кишвар; инкишоф наёфтани инфрасохтори истеҳсолот ва савдо; дур будани кишвар аз бозорҳои истеъмолии давлатҳои бузург ва роҳҳои бузурги нақлиётӣ, ки барои савдо истифода мешаванд; шароити номусоиди қарздиҳӣ аз сабаби баланд будани меъёри фоизи қарзи бонкӣ ва кам будани муҳлати бозгардонии қарз; беқурбшавии пул ва бенизомӣ дар бозори асъор; мавҷуд набудани институтҳои худмаблағгузорӣ (иттифоқҳои қарзӣ ва ҷамъиятҳои суғуртавӣ); мамониатҳои маъмурӣ (санҷишҳои беасос ва зиёд) нисбати субъектҳои соҳибкории хурди хусусӣ, аз ҷумла дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ; талаботи мураккаб оид ба гарави амвол, истифодаи нокифояи лизинги молиявӣ; дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкории хурд ба биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо; ташаккул наёфтани дастгириҳои андозбандӣ; сатҳи пасти маҳорати касбӣ ва таҷрибаи ночизи соҳибкорон дар соҳаҳои гуногуни тиҷорати имрӯза; надоштани малака ва таҷриба дар бахши таҳияи бизнес-нақшаи асоснокшудае, ки ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд аз ҷониби соҳибкорони амалкунанда ва хусусан соҳибкорони навкор; дар сатҳи зарурӣ нагузаронидани семинарҳои омӯзишӣ доир ба баланд бардоштани фарҳанги соҳибкорӣ, савияи донишҳои иқтисодию молиявии соҳибкорон, дастрасӣ ва истифодаи самараноки захираҳои қарзӣ – молиявӣ, дарёфти бозор, рақобатпазир будани фаъолият ва рафъи таҳдиду хатарҳои эҳтимолӣ ва ғ.

Бо назардошти нақши муҳим доштани соҳибкории хурд дар ҳалли масоилӣ иқтисодӣ – иҷтимоӣ, тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта, ба андешаи мо чунин роҳҳои асосии рушди соҳибкории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ;

2. Мусоидат дар самти кам намудани сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз;

3. Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи соҳибкории хурд;

4. Ба иҷора додани биноҳо ба шартҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурд;

5. Пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ба субъектҳои соҳибкории хурд;

6. Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурди хусусӣ;

7. Дастгирии соҳибкории инноватсионӣ;

8. Таъмини дастгирии иттилоотӣ ва машваратии соҳибкории хурд дар соҳаи савдо;

9. Боз ҳам фаъол гардонидани муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақаҳои кишвар;

10. Баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ҳосилнокии меҳнат дар фаъолияти соҳибкории хурде, ки дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ фаъолият мебаранд;

11. Кам намудани монеањои маъмурї њангоми ташкилу пешбурди соҳибкории хурди хусусӣ дар соҳаи савдо ва хӯроки омма

12. Ҳавасмандгардонии бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ нисбати васеъ намудани имкониятҳои қарздиҳии имтиёзноки субъектҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ

13. Таҳия ва қабули “Барномаи давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2021 – 2030”;

14. Таҳия ва қабули Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

15. Рушди низоми тайёр кардан ва баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони субъектҳои хуруду миёнаи соҳибкорӣ бо дарназардошти талаботи муосири ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ аз рӯи барномаҳои таълимию касбӣ ва ғ.

Таҳлилҳои ба анҷомрасонидаи мо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили инфрасохтори бозорӣ таваҷҷуҳ ба ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла пешбурди ҳамкории давлат ва соҳибкории хурд беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд. Махсусан фаъолияти муассисаҳои моливию қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, биржаҳо ба талаботҳои замони ҳозира бояд мувофиқ гардонида шаванд. Барои соҳибкорон дастрасии сармоя аз сарчашмаҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ таъмин карда шавад ва умуман фазои сармоягузорӣ боз ҳам мусоид гардонида шавад. Таҳлили комплексӣ ва муқоисавии рушди соҳибкории хурди хусусӣ дар савдои чаканаи кишвар шаҳодат дод, ки новобаста аз чораҳои андешидашуда, дар мамлакат то ҳоло шароити мусоидаткунандаи зиёдшавии шумораи корхонаҳои хурд бо дарназардошти рушди устувору самараноки онҳо ба таври пурра ташкил карда нашудаанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/19088 (санаи истифодабарӣ: 15.10.2019)

2. Суханрони дар ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, шаҳри Душанбе аз 19.10.2012 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/3605 (санаи истифодабарӣ: 15.11.2018)

3. Ҷайлоев З.М. Танзими давлатии соҳибкории истеҳсолии хурд дар шароити иқтисоди бозорӣ: дис. ... н.и.и: 08.00.05 / З.М.Ҷайлоев. – Бохтар, 2018. – 166с.

4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: АОПҶТ, 2018.- 479 саҳ.

5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои асосии савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [маҷмӯаи оморӣ], - Душанбе, 2018. – 46

6. Лапуста М.Г. Малое предпринимательство/М.Г.Лапуста.- М.: ИНФРА-М, 2010.-239с.

7. Савицкая Г.В. Анализ эффективности и рисков предпринимательской деятельности: методологические аспекты. - М.: ИНФРА-М, 2010. - 272 с.

8. Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе: Шарқи озод, 2016. -110 с.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», (АМОҶТ 2002 сол, қ.1, саҳ.293; 2005 сол, №7, саҳ.400;2007 сол, №5, саҳ.364; 2008 сол.,№12, қ.2, саҳ.997; 2010 сол, №12, саҳ.817)

АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И РАЗВИТИЯ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ТОРГОВЛЕ

ВАЛИЕВ НИЗОМИДДИН ШАРОБИДДИНОВИЧ,
заместитель декана, эдвайзер по учебной работе
заочного отделения факультета экономики и менеджмента
Таджикского государственного коммерческого университета,
734061, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½.
тел. 918144914, e-mail: Nizomiddin_Valiev86@mail.ru

В данной статье анализ современного состояние развития малого предпринимательства показал, что число малых частных предприятий в 2017 году по сравнению с 2011 годом увеличилось на 132 %, численность работников – на 118%, доход от продажи продукции с учётом млн. сомонӣ – на 184,1 и фонд заработной платы с учётом млн. сомонӣ возрос на 164,1%. По мнению автора, произошедшие изменения до сих пор недостаточны, и в этом направлении недостаточно используются запасы и возможности. В основном инфраструктура малого предпринимательства изменяется с очень малой скоростью, как в республике в целом, так и в регионах. По этой причине, управление этим сектором экономики в дальнейшем должно расширяться, привлечение капиталовложений за счёт привилегии банковского кредита и налогообложения в сельской местности республики, а также процесс государственной поддержки в создании и управлении новых коммерческих и производственных предприятий на основе передового опыта зарубежных стран должны развиваться.

На этой основе, предложения, мысли и заключение автора статьи даны в кратком виде, что с точки зрения научной и практической области предпринимательства экономики должно быть взято во внимание со стороны других исследователей.

Ключевые слова: *экономические преобразования, частное предпринимательство, индивидуальное предпринимательство, предпринимательская деятельность, развитие предпринимательства, экономические факторы, малые предприятия, препятствия, доход от продажи, рыночные отношения.*

ANALYSIS OF THE CURRENT SITUATION AND DEVELOPMENT OF SMALL BUSINESS IN TRADE

VALIEV NIZOMIDDIN SHAROBIDDINOVICH,
Dean's deputy on education and consultation in
Distance Education System, Faculty of Economics
and Management, Tajik State University of Commerce,
734061, Tajikistan, Dushanbe, ½ Dehoti Street,
tel.: 918 – 14 – 49 – 14, e-mail: Nizomiddin_Valiev86@mail.ru

In this article, an analysis of the modern state of small business development showed that the number of small private enterprises in 2017 increased by 132% compared to 2011, the number of employees - by 118%, income from the sale of products taking into account millions of somoni - by 184.1 and the wage fund taking into account millions of somoni increased by 164.1%. According to the author, the changes that have taken place are still insufficient, and stocks and capabilities are underutilized in this direction. Basically, the infrastructure of small businesses is changing at a very low speed, in the republic as a whole and in the regions. For this reason, the management of this sector of the economy should continue to expand, attracting investment through the privilege of bank credit and taxation in the rural areas of the republic, as well as the process of state support in the creation and management of new commercial and industrial enterprises based on the best practices of foreign countries should be developed.

On this basis, the proposals, thoughts and conclusion of the author of the article are given in a short form that from the point of view of the scientific and practical field of entrepreneurship of economics should be taken into account by other researchers.

Keywords: *economic transformations, private entrepreneurship, individual entrepreneurship, entrepreneurial activity, entrepreneurship development, economic factors, small enterprises obstacles, income from sales, market relations.*

УДК 33+311(575.3)

ИСТИФОДАИ УСУЛИ ИНДЕКСӢ ДАР ОМӮЗИШИ СОХТОРИ ТАВАЛЛУД

БАРФИЕВ ҚОБИЛҶОН ХУШВАХТОВИЧ,
декани факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисод, дотсент
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
e-mail**: Kobil_barfiev@mail.ru,** телефон: (+992) 919 -16-98-64

МИРЗОЕВ САЙАЛИ САЙВАЛИЕВИЧ,
дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
e-mail**: sajali@mail.ru,** телефон: (+992) 919 -00-11-02

ОДИНАЕВ МЕҲРУБОН АБДУРАҲМОНОВИЧ,
ассистенти кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
e-mail: mehrubon.01@mail.ru, телефон: (+992) 900-17-17-59

Дар мақола маълумоти оморӣ доир ба вазъи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, инчунин, ҷанбаҳои мусбии тағирёбии равандҳои демографии солҳои охир қайд гардидаанд. Нақш ва аҳамияти усули индекс дар омори демографӣ ошкор карда шудааст. Дар амалияи таҳлили оморӣ равандҳои демографӣ аксаран ба усулҳои дигар, аз ҷумла усули индексӣ, ки имконияти таҳлили сохториро фароҳам меоварад, асос ёфтааст. Аз рӯйи ҷадвале, ки демографи шведӣ Густава Зунберг пешниҳод мекунад, агар навъи сохтори синну соли аҳолиро арзёбӣ кунем, гуфтан мумкин аст, ки гузариши мунтазами аз навъи рушдёбандаи синну солии сохторӣ ба навъи одии (доимӣ) азнавбавуҷудоварӣ сурат мегирад [8]. Нақш ва аҳамияти усули индекс дар омори демографӣ ошкор карда шудааст. Хулосабарорӣ гардидааст, ки вазъи муосири демографӣ хусусиятҳои хоси худро дошта, ба рушди иҷтимоию-иқтисодии ҷомеа бевосита таъсир мерасонад.

Калидвожаҳо: *аҳолӣ, усулҳои индексӣ, сатҳи таваллуднокӣ, таҳлили оморӣ, вазъи демографӣ, сохтори аҳолӣ.*

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ХУСУСИГАРДОНИИ АМВОЛИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ БАХШИ ХУСУСӢ АЗ ТАШАККУЛИ ФАЗОИ МУСОИДИ ФАЗОИ МУСОИДИ СОҲИБКОРИЮ САРМОЯГУЗОРИЮ САРМОЯГУЗОРӢ

ДАВЛАТОВ НАСИМҶОН САИДАҲТАМОВИЧ,
Муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДДТТ
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2,
тел.: (+992) 907-34-43-49,e-mail: nasimjon_davlaton@mail.ru

Дар мақолаи мазкур муаллиф як қатор масъалаҳои ташаккулёбии заминаҳои рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, вобастагии фаъолияти коргоҳу корхонаҳои хусигардонидашуда ва рушди бахши хусусиро аз фазоиди мусоиди соҳибкорӣ нишон додааст.

Хусусан дар робита ба барҳамхурии субъектҳои соҳибкории инфиродӣ нишон дода шудааст, ки соҳибкории хурду миёна ба дастгириҳои давлатӣ ниёз дорад. Зикр мегардад, ки маҳз соҳибкорӣ ба ҳамаи бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ паҳн гардида, суботи низоми иқтисодии мамлакатро таъмин ва паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа хизмат менамояд.

Калидвожаҳо: *хусусигардонӣ, корхонаҳо аз рӯи моликият, соҳибкории инфиродӣ, фазои соҳибкорӣ*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассутии амалисозии ислоҳоти фарогири иқтисодӣ тағйироти зиёди мусбӣ ба вуқӯъ омада, иқтисоди миллӣ аз лиҳози сохтор ва таркиби институтсионалӣ азнавсозӣ гардид ва муносибатҳои иқтисоди беруна устувор шуда, ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ торафт тавсеа ёфта истодааст. Аз ҷумла:

- заминаи меъёрию ҳуқуқии ба ташаккули механизмҳои бозории хоҷагидорӣ мусоидаткунанда фароҳам оварда шуд;
- хусусигардонии моликияти давлатӣ амалӣ карда шуда, рушди бахши хусусӣ оғоз гардид;
- заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди соҳибкориву сармоягузорӣ давра ба давра такмил дода шуд;
- ҷиҳати устуворгардонии макроиқтисодӣ чораҳои муассир андешида шуд;
- озодсозии нархҳо, савдои беруна ва амалиётҳои асъорӣ ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ мусоидат намуд;
- сиёсати молию қарзӣ ва андозу буҷетӣ ва танзими қарзи берунаи мамлакат роҳандозӣ карда шуд;
- ба хотири паст кардани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ амнистияи маблағҳои пулӣ ва молу амволи шахрвандон амалӣ карда шуд;
- ислоҳоти фарогири иқтисодиву иҷтимоӣ амалӣ карда шуд.

Дар давоми солҳои 1991 – 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан ҷараёни хусусигардонии иншооти хурду миёнаи давлатӣ анҷом дода шуд. Дар ин давра 10705 иншооти моликияти давлатӣ, аз ҷумла 9448 иншооти хурд ва 1257 иншооти миёна хусусӣ гардонида шуд [1].

Дар бисёр адабиётҳои иқтисодӣ рушди иқтисодиёти мамлакатҳои оқибмонда ва дарҳоли гузариш қарордоштаро бо ташаккулёбии ҳуқуқи шаҳрвандон ба моликият ва замин алоқаманд менамоянд. Ҳамин тавр, олими машҳури Э.де.Сото дар заминаи таълимоти Адам Симит ҷараёни додани ҳуқуққо ба замин ва моликиятро амалиёти табодули сармояи мурда ба сармояи зинда номгузорӣ кардааст [2].

Дар баробари ин, баъзе аз олимону иқтисодчиёни тоҷик зикр намудаанд, ки аз ҷорисозии механизми моликияти хусусӣ самараи дилхоҳ ба даст наомада, баръакс аз нигоҳи макроиқтисодӣ ҳатто пастравии истеҳсолнокии меҳнат ба вуқӯъ омада, иқтидорҳои истеҳсолӣ бо ҳаҷми нопурра истифода гардиданд [3].

Аз нуқтаи назари мо ҳақ ба ҷониби Э.де. Сото буда, мушкилоти фаъолияти ғайрисамараноки иншооти хусусишудаи мамлакат бештар ба таҳия нагардидани механизмҳои мушаххасси таъминкунандаи фаъолияти пас аз хусусигардонии корхонаҳо вобаста мебошад.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зиёде арзи ҳастӣ доштанд, ки ҳалли фавриро тақозо менамуд. Сабаби объективии ин ба шароити солҳои аввали истиқлолият, ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, мухолифати қонуниятҳои иқтисоди нақшавӣ ва иқтисоди бозорӣ вобаста буда, сабабҳои субъективии он, набудани таҷрибаи кофии фаъолият дар шароити бозорӣ, ноустувории вазъи молиявию асъорӣ, хусусан кашолёбии ба муомилот баровардани пули миллӣ, муддати муайян арзи ҳастӣ кардани монполияи давлатӣ ба содирот ва иҷборан табодул гардидани асъори хориҷӣ аз муомилоти савдои беруна ба асъори миллии ноустувор ба ҳисоб меравад.

Дар ин ҷода ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ва назорати асъор» аз 4 ноябри соли 1995, № 112, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодсозии савдои берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 июни соли 1995 № 261 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодсозии амалиётҳои асъорӣ ва содиротӣ» аз 24 феврали соли 1996, №424 тағйироти куллие ба вуҷуд оварда, бо баимзорасии созишномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ аз 27 июни соли 1997 ва ба муомилот баровардани пулии миллии сомонӣ дар соли 2000 ба рушди босуботи иқтисоди миллӣ замина бахшид.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо собит менамоянд, ки шумораи корхонаҳои хусусӣ ва колективӣ аз 24463 дар соли 2012 то ба 33361 дар соли 2018 зиёд гардида, дар соли 2018 77,2 фоизи шумораи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бахши хусусию коллективӣ рост омадааст [4].

Ҷадвали 1.

Шумораи корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи моликият

Корхонаҳо / Солҳо	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Ҳамагӣ	**32684**	**39824**	**42206**	**42358**	**42347**	**42031**	**43252**
Давлатӣ	7618	8856	9047	9161	9356	9098	8940
Хусусӣ ва коллективӣ	24463	30364	32473	32507	32137	32197	33361
Дигар шакли моликият	603	604	686	690	854	736	951

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. –С.208.

Таҳлили диаграммаи 1. нишон медиҳад, ки дар соли 2013 нисбат ба соли 2013 шумораи корхонаҳои хусусӣ ва коллективӣ наздик ба 20% афзоиш ёфта, дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 кам гардидааст.

Диаграммаи 1. Шумораи корхонаҳо аз рӯи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи маълумоти Агентии омор ба ҳолати 31 декабри соли 2018 дар ҷумҳурӣ 526004 субъекти соҳибкорӣ, аз ҷумла тибқи шаҳодатнома 74422, хоҷагиҳои деҳқонӣ 155809 ва тибқи патент 295772 ба қайд гирифта шудааст [4, 213].

Аз ҷониби дигар, таҳлили фаъолияти намудҳои соҳибкории инфиродӣ нишон медиҳад, ки дар умум 284714 соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2018 фаъолият дошта, 241290 соҳибкори инфиродӣ фаъолияти худро барҳам додааст. Яъне дар ин давра аз шумораи умумии соҳибкорони бақайдгирифташуда 45,9 фоиз фаъолияти худро барҳам додаасанд.

Таҳлили фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва миқдори субъектҳои хоҷагидори фаъолияткунанда дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо муайян намуд, ки дар вилояти Хатлон аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкории инфиродии бақайдгирифташуда 36,3%, дар вилояти Суғд 42,9%, ноҳияҳои тобеи марказ 46,6%, ВМКБ 57,4% ва шаҳри Душанбе 64,3% барҳам дода шудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Шумораи субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда ба ҳолати 31.12.2018 с. дар муқоиса бо 31.12.2017с. (бо адад).



Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018, 2019. –С.208.

Таҳлилҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ асосан саҳми соҳибкории хурд ва хоҷагиҳои кишоварзӣ назаррас буда, ҳолати мазкур ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат ҷавобгӯй намебошад. Аз ҷумла, бо вуҷуди он, ки дар рақамҳои оморӣ тамоюли камшавӣ ба мушоҳида мерасад, вале дар соли 2018 31,5% фаъолияти инфиродии шаҳрвандон ба соҳаи савдо ва хуроки умумӣ рост омода, дар бахши кишоварзӣ бо вуҷуди зиёдшавии шумораи хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки асосан ба таҷдиди хоҷагиҳои калон алоқаманд мебошад, андозаи миёнаи масоҳати замин аз 35,1 гектар дар соли 2012 то ба 14,9 гектар дар соли 2018 кам гардидааст.

Бо дарназардошти он, ки рушди соҳибкории хурду миёна омили пайдоиши табақаи миёнаи аҳолӣ ва инчунин нишондиҳандаи рушди устувори иқтисоди миллӣ хизмат мекунад, зарур аст, ки ба мушкилоти мавҷуда аҳамияти саривақтӣ дода шавад.

Хусусан, механизми маблағгузориҳо ва фармоишҳои давлатӣ бояд дар робита ба мусоидати рушди соҳибкорӣ таҳия ва амалӣ карда шавад.

Соддаву осон кардани дастрасии маблағҳои қарзӣ, додани сабукиҳои андозӣ, бартарафсозии монеаҳои маъмуриву сунъӣ, роҳандозии васеи шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳими таъминкунандаи рушди соҳибкорӣ мебошанд.

Дар марҳалаи шиддат гирифтани хавфу таҳдидҳои глобалӣ ба иқтисоди давлатҳои рушдёбанда иқлими мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ боиси пешрафти бахши хусусӣ ва таъмини устувории рушд ва рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ мегардад. Ҳамзамон бо ин, мушкилоту масаъалаҳои мукаммалсозии муносибатҳои бозорӣ ва ноилшавӣ ба тараққиёти босуботи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар давлатҳои дорои низоми ноустувори иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар ҳалли онҳо ривоҷи соҳибкорӣ тавассути фароҳамсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ нақши калидӣ дорад.

Дар давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтарсозии шарои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ як қатор чораҳои мушаххас амалӣ гардида, марҳала ба марҳала мушкилоту муаммоҳои ҷойдошта ҳаллу фасл гардида истодаанд. Дар баробари фароҳамсозии заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалисозии

хусусигардонии амволи давлатӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ, инчунин бо иқдоми бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2007 инҷониб дар назди Президенти мамлакат бо иштироки соҳибкорону сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, шарикони рушд ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ, инчунин ҷомеаи шаҳрвандӣ шӯрои машваратӣ оид ба беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ самаранок фаъолият дорад.

Бояд зикр намуд, ки маҳз соҳибкорӣ ба ҳамаи бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ паҳн гардида, суботи низоми иқтисодии мамлакатро таъмин менамояд ва дар ҳалли масъалаҳои қонеъсозии талаботи ҷомеа бо молу хизматрасониҳои гуногун, таъсиси ҷойҳои корӣ, болоравии сатҳи некуаҳволии мардум, паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа хизмат менамояд. Яъне рушди соҳибкориву сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки як қатор уҳдадориҳои иҷтимоӣ бар души соҳибкорон вогузор гардад ва ҳамзамон давлат сарчашмаҳои нави даромади буҷетиро пайдо намояд.

Манфиатҳои давлат ва ҷомеа аз рушди соҳибкориву сармоягузорӣ тақозо менамояд, ки фазои мусоиди фаъолият фароҳам оварда шавад. Зеро сатҳи рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди дилхоҳ мамлакат, хусусан дар низоми иқтисодии ноустувор ба вазъи фазои соҳибкорӣ вобастагии мустақим дорад.

АДАБИЁТ

1. Хаёходжаев Ф.М. Проблемы и перспективы привлечения иностранных инвестиций в открытую экономику Республики Таджикистан. - Душанбе: «Ирфон», 2011, -121с.

2. Трудолюбов М. Капитализм - это не «культурное явление», - Э де Сото, Президент Института демократии /'/' Журнал Ведомости 2007г. №174 П 948)

3. Ризокулов Т.Р Теоретико-методологические особенности преодоления стагфляционных процессов в трансформационной экономике. Докторская работа. – интернет: сарчашмаи электроннӣ.

4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. –476.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРИВАТИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА И РАЗВИТИЯ ЧАСТНОГО СЕКТОРА В УСЛОВИЯХ СОЗДАНИЯ БЛАГОПРИЯТНОГО ДЕЛОВОГО И ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА

ДАВЛАТОВ НАСИМДЖОН САИДАХТАМОВИЧ,
Старший преподаватель кафедры мировой экономики Таджикского государственного коммерческого университета,
734061, Таджикистан, Душанбе, ул. Дехоти 1/2,
(+992) 907 344349, e-mail: nasimjon_davlaton@mail.ru

В данной статье автор анализирует ряд вопросов, связанных с развитием предпринимательства в Республике Таджикистан и показывает взаимосвязь приватизированных предприятий и фирм в зависимости от развития частного сектора и благоприятного делового климата.

В частности, в отношении ликвидации субъектов частного предпринимательства показано, что МСП нуждаются в государственной поддержке. Отмечено, что предпринимательство распространяется на все сферы экономической деятельности, способствует стабильности экономической системы страны и снижению социальной напряженности в обществе.

Ключевые слова: *приватизация, собственность предприятий, индивидуальное предпринимательство, предпринимательское пространство.*

SOME ISSUES OF STATE PROPERTY PRIVATIZATION AND PRIVATE SECTOR DEVELOPMENT WITHIN THE CREATION OF A FAVORABLE BUSINESS AND INVESTMENT CLIMATE

DAVLATOV NASIMJON SAIDAHTAMOVICH,
Senior Lecturer, Department of World Economy, Tajik State University of Commerce,
734061, Tajikistan, Dushanbe, 1/2 Dehoti Str.,
ph.: (+992) 907 344349, e-mail: nasimjon_davlaton@mail.ru

In this article, the author analyzes a number of issues related to the development of entrepreneurship in the Republic of Tajikistan and shows the interdependence of privatized enterprises and firms depending on the development of the private sector and a favorable business climate.

In particular, with regard to the liquidation of private business entities, it has been shown that SMEs need government support. It is noted that entrepreneurship extends to all areas of economic activity, contributes to the stability of the country's economic system and helps to reduce social tension in society.

Keywords: *privatization, property of enterprises, individual entrepreneurship, entrepreneurial space.*

УДК:631.1(575.3)

САМТҲОИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ МАМЛАКАТ ДАР ҶОДАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

ПИРИЗОДА ҶАЛИЛ САФАР,
академик, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,
Тоҷикистон, ш. Душанбе,кӯчаи Ҳаёти нав,
тел: (992)907–72–16–80, e–mail: jalil–22@mail.ru

НЕЪМАТОВ БЕҲРУЗ ИКРОМИДИНОВИЧ,
унвонҷӯи Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон,
Тоҷикистон, ш. Душанбе,кӯчаи Ҳаёти нав,
тел: (+992)–901–70–58–75

Дар мақола баъзе ҷанбаҳои рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таъмини амнияти озуқавории Тоҷикистон мавриди омузиш қарор гирифта шудааст. Сатҳи таъмини асосӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2019 ба ҳисоб гирифтаанд. Дар мақолаи мазкур, афзоиши шумораи аҳолӣ ва дар робита ба ин пешниҳодҳо доир ба таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулот барои ҳар як инсон аз болои суръати афзоиши шумораи аҳолӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Калидвожаҳо: *рушди соҳаи боғутокпарварӣ, баҳодиҳи, зинабоғ, обмонии қатрагӣ, масоҳати умумии мева ва буттамевагиҳо, ҳосилнокии содироту воридот, гардиши молҳо, бозор, нарх, коркард.*

Дар оғози асри XXI омилҳои иқтисодӣ ва муҳитию иқлимӣ ба шиддатнок гардидани буҳрони озуқа дар ҷаҳон мусоидат намуданд. Афзоиши табии аҳолии сайёра, зиёд гардидани талабот ба озуқа дар ҷаҳон, дар бисёр давлатҳо аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин нагардидани аҳолӣ бо озуқаи асосӣ дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок, дар 30 соли охир кам шудани захираҳои ҷаҳонии ғалладона то сатҳи буҳронӣ, норасогии захираҳои энергетикӣ, вайрон шудани баробарии муҳити сайёра дар натиҷаи фаъолияти техногении инсоният дар 50 соли охир (гарм шудани ҳарорат дар сайёра) ва дигар омилҳо барои таъмини кафолати дастёбии воқеӣ ба озуқа таъсири манфии худро расонида истодааст.

“Ҳоло танҳо каме беш аз 1 млрд нафар аҳолии ҷаҳон дар давлатҳои инкишофёфта бо даромади зиёд ба ҳар як нафар, 3 млрд бо даромади миёна ва зиёда аз 2 млрд нафар бо сатҳи даромади паст умр ба сар мебаранд. Ҳамзамон, беш аз 800 млн. нафар аҳолии ҷаҳон солҳои охир аз гуруснагӣ азият мекашанд. Тибқи таҳқиқоти ташкилотҳои байналмилалӣ дар сурати то соли 2050 ба 9 млрд нафар расидани шумораи доимии аҳолии кураи замин, теъдоди аз гуруснагӣ азияткашанда ба 1,5 млрд. нафар мерасад”.[1]

Амнияти озуқаворӣ аз ҷузҳои ба дараҷаи кофӣ дастраси воқеӣ будани озуқаи бехавфу ғизонок, дастрасии иқтисодии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба ҳаҷму сифати зарурии озуқа, инчунин, мустақилияти давлат дар таъмини амнияти озуқаворӣ, истифодаи имкониятҳо барои паст намудани таъсири мавсимии истеҳсоли озуқа, иқлим ва дигар тағйирёбиҳо ба таъминоти аҳолии мамлакат иборат мебошад.

Барои таъмини амнияти озуқаворӣ самаранок истифода намудани захираҳои мавҷудаи соҳаи кишоварзӣ дар асоси ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ намудани сохтори он зарур мебошад.[2]

Дар натиҷаи ба даст овардани истиқлолият ва пайи ҳам гузаронидани ислоҳот дар раванди хоҷагидории иқтисодиёти миллии мо бахши хусусӣ пайдо шуд ва ӯ то рӯз мавқеи худро мустаҳкам карда истодааст. Дар ин ҷода дар Стратегияи миллии рушд то соли 2030 таъкид карда шудааст, ки "ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд: …… Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат: – пешбурди ислоҳоти аграрӣ ва обтаъминкунии он; ... – таъмини дастрасии иқтисодӣ ва ҷисмонӣ ба озуқаворӣ бар пояи пешрафти устувори бахши агросаноатӣ; – пешбурди низоми самарабахши равиши бисёрсоҳагӣ ҷиҳати беҳтар намудани ғизохурии мукаммал тавассути ҳамоҳангсозии сиёсат дар соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи арзишҳои ғизо ва сиёсати самараноки маблағгузории онҳо; ... – инкишоф додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва аз байн бурдани мушкилоти дастрасии бозор барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; ... – дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна".[3]

Алалхусус, ин раванд дар соҳаи кишоварзӣ баръало ба чашм мерасад. Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки буҳрони иқтисодиву молиявии умумиҷаҳонии давомёбанда ва муносибатхои бозори тағйирёбандаи маводи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, тағйирёбии иқлим ва истифодаву идораи ноустувори захираҳои табиӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири манфии худро расонида истодааст. Бинобар ин, дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ «Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020» таҳия гардид, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2012, №383 қабул гардид.

Дар Барномаи зерин қайд гаштааст, ки "бо мақсади истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои замин ва об, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996, №522 «Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» қабул гардид ва дар раванди татбиқи он супориши давлатӣ ва нархи маҳсулоти кишоварзӣ озод эълон гардид, ки ин ба соҳибихтиёрии хоҷагидорон барои парвариши маҳсулот мусоидат намуд. .... Саҳми бахши хусусӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ мустаҳкам гардида истодааст".[4]

Дар натиҷа рушди сермаҳсул ва даромадноки соҳаи кишоварзӣ дар асоси истифодабарӣ ва идоракунии устувори оқилонаи захираҳои табиӣ ва гузаронидани ислоҳоти умумии соҳаи кишоварзӣ, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замин имкон дод, ки ҳуқуқи истифодабарии замин якумра, меросӣ, қобили фурӯш, иваз ва бозорӣ гардад ва дар оянда озодии интихоби зироат, диверсификатсияи соҳа, рушди кооперативҳо, ислоҳот ва тағйири ниҳодии сохтори вазоратҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (коллективӣ) ба хоҷагихои хусусӣ ва оилавии истеҳсоли фоиданок, мусоидат ва тақвияти рушди сохтори хусусӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии санадхои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ шуда истодаанд.

Дар натиҷаи ислоҳот ба ҷойи каме беш аз 560 хоҷагии давлатию ҷамоавӣ зиёда аз 170 ҳазор хоҷагии деҳқонию дигар навъҳои хоҷагиҳои шахсӣ таъсис ёфт, ки асоси бахши хусусиро дар соҳа ташкил медиҳанд.

Ба ҳолати имрӯза беш аз 77,0 дарсади заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар истифодабарии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва наздиҳавлигии аҳолӣ қарор дошта, 95 дарсади маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ин бахшҳо истеҳсол карда мешавад. Аз ҷумла, дар соли

2018 97,5 дарсади маҳсулоти чорводории соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби ҳоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ истеҳсол гаштааст.

Ин равандҳо ба мо имкон дод, ки новобаста аз суръати баланди зиёдшавии шумораи аҳолии кишвар, барои ба даст овардани яке аз ҳадафҳои стратегии худ, амнияти озуқаворӣ, наздик шавем.

Бояд қайд кард, ки дар давоми 28 соли Истиқлолияти давлатӣ аҳолии кишвари мо ҳамасола беш аз 2,0 дарсад рушд дошта, дар ин муддат аз 5,3 ба 9,2 миллион расид, ки ин қариб ду маротиба зиёдшавиро ташкил медиҳад.

Айни замон мо ба сари як нафар аҳолӣ 163,8 кг ғалладонагиҳо, 88,6 кг картошка, 210,4 кг сабзавот,71,6 кг меваю ангур, 28,2 кг гӯшт, 107,5 литр шир истеҳсол менамоем (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ, кг

	1991	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**
Ғалладона	54,3	164,8	166,1	163,8	143,5
Картошка	32,3	105,0	103,9	88,6	106,9
Сабзавот	112,1	197,2	202,2	210,4	234,8
Полезӣ	31,2	70,1	68,7	71,4	71,1
Меваҳо ва буттамеваҳо	31,6	35,4	42,1	45,8	49,6
Ангур	21,6	24,1	24,8	25,8	26,7
Гӯшт (дар вазни кушташуда)	13,4	13,2	27,0	28,2	29,0
Шир	104,9	105,2	106,2	107,5	108,9
Тухм, дона	81,1	42,3	39,0	38,6	49,9

Манбаъ: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2019

Ин кӯшишу ғайратҳо имкон дод, ки дараҷаи худтаъминкунии аҳолии кишвар бо маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ ба беш аз 60 дарсад расонида шавад (Ҷадвали2).

Танҳо истеҳсоли тухм, моҳӣ ва равған дар сатҳи паст қарор дорад, ки ин ҳам бошад, дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва истеҳсоли маҳсулотҳои воридотивазкунанда сол то сол ҳалли худро ёфта истодааст.

Ба ин мақсад, айни замон Барномаи амнияти озуқаворииҶумҳурии Тоҷикистон барои панҷ соли оянда дар асоси афзалиятҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (СМР–2030) ва супоришҳо, ки дар паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 баён шудаанд, таҳия гардидааст.

Зарурати таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Барномаи мазкур аз амалӣ намудани сиёсати иқтисодии давлат дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди комплекси агросаноатӣ ва таъҷилан эътино кардан ба хатарҳои беруна ва дохилаи бозори озуқа, иштироки самарабахш дар ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ иборат мебошад.

Барои ба чунин мақсади гузошташуда расидан дар Барнома зарурати пайиҳамии ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд:

– новобаста аз номусоидии боду ҳаво ва тағйирёбии иқлим, дар солҳои охир тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли солонаи маҳсулоти кишоварзӣ;

– устувор ба роҳ мондани истеҳсоли ғалладонагиҳо ҳамчун масоили калидии таъмини амнияти озуқаворӣ;

– баланд бардоштани сатҳи таъминот бо номгӯйи маҳсулоти чорводорӣ аз ҷумла: гӯшт, шир, тухм, моҳӣ, равғани маска ва дигар маҳсулоти коркарди шир;

– ба роҳ мондани истеҳсоли қанд ва равғани рақобатпазири растанигӣ дар дохили кишвар;

– беҳтар намудани сохтор ва сифати ғизо;

–то ба сатҳи на кам аз 70 дарсад расонидани худтаъминнамоии аҳолии кишвар бо маҳсулотҳои асосии кишоварзии ватанӣ;

– таъмини захираи зарурии давлатии ғалладонагиҳо дар сатҳи миллӣ.

Ҷадвали 2.

Дараҷаи таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар соли 2019 мувофиқи меъёрҳои тавсиявӣ

бодарназардошти шумораи аҳолии ҷумҳурӣ 9,1 млн. нафар ба 01.01.2019

№ р/т	Номгӯйи маҳсулот	Меъёри истеъмолӣ, кг дар як сол як нафар	Истеҳсол и маҳсулот ба як нафар аҳолӣ, кг	Дараҷаи таъминот бо маҳсу-лоти истеҳсоли ватанӣ , %
1	Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо	147,7	143,5	97,1
2	Картошка	92,0	106,9	116,2
3	Сабзавот ва полезиҳо	166,1	305,9	184,2
4	Мева, ангур ва буттамева-гиҳо	124,1	76,3	61,5
5	Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	40,8	29,0	71,2
6	Шир ва маҳсулоти ширӣ	115,3	108,9	94,4
7	Тухм, млн. дона	180дона	49,9	27,7
8	Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ	9,0	0,180	2,0
9	Равған (рустанӣ, чарбу)	16,6	0,144	0,9

Ҳисобҳои муаллифон бо истифода аз: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2019

Аз ин бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешрафти минбаъдаи ҷумҳурӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро дар самтҳои таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ тарҳрезӣ намуда, онро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст. Вобаста ба ин, ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои умумии рушд бо назардошти дастрасии иқтисодӣ ба озуқа, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, низоми самараноки идора намудани хатарҳо дар соҳа, самаранок идора намудани равандҳои инноватсионӣ, ҷалби сармоя, рушди неруи инсонӣ ва дар маҷмӯъ, беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулотҳои асосии кишоварзии истеҳсоли ватанӣ пайваста тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодааст.

Таъмини амнияти озуқаворӣ аз самаранокӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ вобастагии калон дорад. Воқеан, кишоварзӣ яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти

Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир аз 18 то 21 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин соҳа истеҳсол гардидааст.

Мутобиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ ҳамасола беш аз 5 дарсад афзоиш ёфта истодааст.

Рушди босуботи соҳаи аграрӣ метавонад амнияти озуқаворӣ ва умуман, амнияти миллиро таъмин намояд. Бинобар ин, рушди бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва ба содирот нигаронидани он яке аз роҳҳои асосии таъмини амнияти озуқавории мамлакат маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин мо зарур мешуморем, ки:

– майдони боғу токзорҳо ба беш аз 250,0 ҳазор гектар расонида шуда, он ба яке аз соҳаҳои сохтормуайянкунандаи кишоварзии кишвар мубаддал гашта, содироти меваи тару тоза ва коркардшуда беш аз 200,0 ҳазор тонна гардад;

– коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили кишвар пурра ба роҳ монда шуда, дар ин асос ҷойҳои нави корӣ бунёд гашта, даромад аз арзиши иловашудаи ин маҳсулот ба буҷаи маҳалҳо ба маротиба афзояд;

– азхудкунии заминҳои нави корами обӣ вусъат ёфта, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ба яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақоми ваколатдор дар ин соҳа ҳисобида шавад;

– бо дарназардошти шароити мусоиди иқлимӣ ҳаҷми истеҳсоли сабзавоти барвақтӣ ба беш аз 600,0 ҳазор тонна расонида шуда, содироти он на кам аз 300,0 ҳазор тоннаро ташкил диҳад;

– ҷиҳати самаранок истифода намудани иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ ба мутаҳидшавии хоҷагиҳои хурд ба кооперативҳо, дарёфти шаклҳои рақобатпазири хоҷагидорӣ, кластерикунонӣ ва усулҳои муосири идоракунии истенҳсолот шароити мусоид фароҳам оварда шавад;

– бо мақсади таъмини аҳоли пойтахт ва маркази вилояту ноҳияҳо бо маҳсулоти чорводорӣ, алалхусус гӯшт ва шир, ба интенсивонии соҳа аҳамияти аввалиндараҷа дода шуда, бунёди фермаҳои гӯштию ширӣ дар атрофи шаҳрҳо амалӣ карда шавад;

– ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва маҳсулнокии чорво ба корҳои илмию таҳқиқотӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода шуда, маблағгузории илми соҳавӣ ба маротиб афзоиш дода шавад;

– ба мақсади афзун намудани содироти маҳсулоти кишоварзии ба талаботи бозори муосир ҷавобгуй, ба бунёди марказҳои логистикӣ (на кам аз 5 марказ), сардхонаю анборҳои ҳозиразамони нигоҳдории маҳсулот (барои беш аз 500,0 ҳазор тонна) ва корхонаҳои муосири коркарди он (дар ҳар як ноҳия на кам аз ду корхона) диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Ин тадбирҳо дар маҷмӯъ, имкон медиҳанд, ки дастрасии аҳолии кишвар бо маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ тибқи меъёрҳои тавсияшуда ба на кам аз 80 дарсад расонида шуда, амнияти озуқавории кишвар таъмин карда шавад.

АДАБИЁТ

1. И.Г.Ушачев Продовольственная безопасность России в рамках глобального партнерства. М.: 2013, – С. 172–173
2. Алтухов А.И. Обеспечение продовольственной независимости страны – основа ее продовольственной безопасности //Экономика сельского хозяйство России. – М. – № 12. – 2015. – С. 2–7.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. Душанбе, 2016, – С. 8– 11
4. Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020, Душанбе, 2011, – С.5.
5. Алтухов А.И., Ушачев И.Г., Бондаренко Л.В., Тарасов В.И., Костяев А.И., Сухов С.М. Концептуальные основы обеспечения продовольственной безопасности России: Коллективная монография. – М.: ГНУ ВНИИЭСХ, 2008. – С. 176.
6. Мадаминов А.А. Проблемаҳои рушди устувори сектори аграрии Тоҷикистон. /Проблемаҳои рушди устувори иқтисодии соҳаи КАС Тоҷикистон. Душанбе, 2006, – С. 19.
7. Пириев Дж. Научные основы перспективного размещения отраслей сельского хозяйства Таджикистана в рыночных условиях, – 2003, –Душанбе, – с. 296.
8. Пириев Дж., Олимов А. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства в новых условиях хозяйствования. –Душанбе, – Докл. ТСХА, № 5–6, 2002, – С.133–137.
9. Сельское хозяйство Республики Таджикистан / Статистический ежегодник – Душанбе, 2019.– с. 352.
10. Ткач А.В. Сельскохозяйственная кооперация. М.: «Дашков и К» 2003. – с. 304.

НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В КОНТЕКСТЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

ПИРИЗОДА ДЖАЛИЛ САФАР,
академик, доктор экономических наук, профессор, директор Института экономики сельского хозяйства Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана,
Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хаёти нав,
тел: (992)907–72–16–80, e–mail: jalil–22@mail.ru

НЕЪМАТОВ БЕХРУЗ ИКРОМИДИНОВИЧ,
соискатель Института экономики сельского хозяйства Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана,
Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хаёти нав,
тел: (+992)–901–70–58–75

В статье рассматриваются некоторые аспекты развития сельского хозяйства республики в контексте обеспечения продовольственной безопасности республики. Расчитан уровень обеспеченности основными продовольственными продуктами, производящимися сельским хозяйством на 2019 год. В статье сделан упор на рост численности населения и в связи с этим даны конкретние предложения по обеспечению опережающего роста производства продукции на одного человека над темпами роста численности населения.

Ключевые слова: *садоводство, оценка, террасирование садов, капельное орошение, общая площадь фруктов и ягод, экспортно– импортная производительность, торговля, рынок, цены, переработка.*

DIRECTION OF AGRICULTURAL DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF FOOD SECURITY

PIRIZODA JALIL SAFAR,
Academician, Doctor of Economic Sciences, Professor, Director of the Institute of Agricultural Economics of the Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan,
Tajikistan, Dushanbe, Khayoti nav Str..
phone: (+992) –907–72–16–80, e–mail: jalil–22@mail.ru

NEMATOV BEHRUZ IKROMIDINOVICH,
applicant of the Institute of Agricultural Economics of the Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan,
Tajikistan, Dushanbe, Khayti nav Str.,
phone : (+992)–901–70–58–75.

The article discusses some aspects of the development of agriculture of the republic in the context of ensuring the food security of the republic. The level of supply with basic food products produced by agriculture for 2019 is calculated. The article focuses on population growth and in connection with this, specific proposals are made to ensure faster growth of production per person over the population growth rate.

Keywords: *gardening, evaluation, garden terracing, drip irrigation, total area of fruits and berries, export–import production, trade, market, prices, processing.*

УДК: 330+338 (575.3)

ИНДЕКСИРОВАНИЕ СТОИМОСТИ УСЛУГ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ ВЕЛИЧИНЫ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В СТРУКТУРЕ ОСНОВНЫХ СРЕДСТВ И УРОВНЯ ДЕВАЛЬВАЦИИ

РАХИМОВ НОЗИМДЖОН КАСЫМОВИЧ,
соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства
Таджикского национального университета,
734025, Таджикистан, Душанбе, ул. С. Айни 37,
тел.: (+992) 938 10 84 84; (+992) 901 31 41 29,
e-mail: r.nozimjon84@mail.ru; r.nozimjon1984@gmail.com

Статья рассматривает влияние девальвационного фактора на эффективность возврата иностранных инвестиций. Приведены примеры отрицательного влияния падение курса валюты на получение дохода, на индексацию амортизации инвестиций. Отображены статистические данные, обосновывающие экономическую значимость иностранных инвестиций. Обоснован тезис разработки механизма индексации стоимости продажи товаров/услуг при наличии инвестиционной составляющей в проекте. Составлена имитационная модель динамики девальвации и влияние данного фактора на срок окупаемости проекта. Предложен ряд рекомендаций по индексации удельного веса стоимости инвестиций в формировании ценовой цепочки товара/услуги. Приведены пункты из соответствующего положения, регламентирующего процесс ценообразования.

Ключевые слова: *индексация, девальвация, возврат инвестиций, ценовая цепочка, удельный вес, диверсификация.*

Фактор непостоянности рынка и быстро изменяющиеся тенденции развития конкурентоспособности между экономическими агентами в русле выхода не только на местные рынки, но и для экспансии внешних рынков обосновывает использования таких внешних ресурсов, как иностранные инвестиции. Использование иностранного капитала (долгосрочный актив) для формирования базы основных средств требует безоговорочного пересмотра некоторых подходов регулирования деятельности совместных предприятий страны. На наш взгляд, при реализации совместных инвестиционных проектов, внешние партнеры изучают два основополагающих критерия оценки местного рынка: *первое – устойчивую нормативно-правовую базу в области защиты прав инвесторов и самих инвестиций; второе – возврат инвестиционных ресурсов, который в свою очередь дифференциируется по таким критериям, как временной ракурс возврата ин-*

вестиций и величина конвертирования плановых ресурсов валюты и получение дохода, т.е. стоимость полученного дохода в местной валюте. Во многом, вопрос срочности возврата инвестиций и высвобождение финансовых ресурсов для возврата инвестиций является определяющей стороной в призме оценки местного рынка, т.к. импульсивные девальвационные скачки отталкивают зарождающиеся начинания в программе привлечения иностранных инвестиций для создания совместных предприятий с использованием элементов инновационной активности.

Таблица 1

Показатели развития МСП и СП

Показатель	**2010**	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**
Количество малых и средних предприятий	2 865	3 367	3 890	4 810	5 394	5 176	4 919	4 455
Количество совместных предприятий	149	157	158	172	190	221	226	373
- СП к МСП в %	*5,2*	*4,7*	*4,1*	*3,6*	*3,5*	*4,3*	*4,6*	*8,4*

Рассчитано автором с данных: официальный сайт НБТ (www.nbt.tj.); статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе, 2014. – с. 196, 225; Статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе, 2018. – с. 198, 230.

Сказанное выше говорит о том, что на местных рынках, как правило, действуют регулирующие законы антимонопольных структур, которые жестко регламентируют процесс ценообразования и создания ценовой цепочки, препятствуя повышению цен продажи продукта/услуг на рынке. К примеру, в пункте 4 *«Положения о порядке регулирования цен на продукцию, товары (услуги), изготавливаемые (оказываемые) хозяйствующими субъектами-доминантами и монополистами»* Антимонопольной Службы при Правительстве Республики Таджикистан от 26 июля 2011 года, №85, говорится следующее: - В целях недопущения, ограничения, устранения конкуренции и ущемление интересов других хозяйствующих субъектов (группы лиц) или физических лиц запрещается действия хозяйствующих субъектов-доминантов и монополистов, в частности:

- повышение, снижение или поддержание цен (тарифов);
- установление (поддержание) цен (тарифов), скидок, надбавок (доплат), наценок, затрат, прибыли или любых других компонентов;

- повышение, снижение или поддержание цен на аукционах и торгах;
- навязывание (поддержание) покупных или продажных цен или других несправедливых условий сделки для получения монопольно высокой прибыли, с целью устранения конкурентов;
- ограничение производства или реализации товаров с целью необоснованного повышения цен;
- изъятие товаров из обращения с целью или результатом которого является создание или поддержание дефицита на рынке либо повышение цен;
- необоснованное повышение (понижение) действующих цен на продукцию, товары (услуги), пользующиеся спросом;
- нарушение установленного нормативными актами порядка ценообразования;
- установление, поддержание монопольно высоких (низких) цен;
- необоснованное экономическими, техническими и иными условиями установление.

Таблица2

Активность иностранных инвестиций РТ

Показатель	**2010**	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**
ВВП, млн. сомони	24707	30071	36163	40526	45607	48409	54479	61094
Иностранные инвестиции, млн. долл. США	459	326	746	1012	909	978	843	1100
Средний курс: $/tjs	*4,3873*	*4,5807*	*4,7615*	*4,7690*	*5,0410*	*6,1488*	*7,4932*	*8,3476*
Иностранные инвестиции, млн. сомони	2015	1491	3554	4826	4584	6012	6314	9186
Иностранные инвестиции к ВВП	*8,2%*	*5,0%*	*9,8%*	*11,9%*	*10,1%*	*12,4%*	*11,6%*	*15,0%*

Расчитанно автором с данных: официальный сайт НБТ (www.nbt.tj.); статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе, 2014. – с. 196, 225; Статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе, 2018. – с. 198, 230.

Республика Таджикистан, к сожалению, не защищена от факторов девальвационного характера, что, в свою очередь, обусловлено относительно слабой банковской системой и отсутствием у регулирующего органа ясной антикризисной стратегии в период активного обесценивания отечественной валюты к основной валюте импорта, т.е. к долл. США. Необходимо также добавить отрицательный торговый баланс и «угрожающую»

зависимость от импорта товаров. Девальвационный диапазон в нашей стране достаточно нестабилен. По данным Национального банка Таджикистана за период с 2010 по 2017 гг. среднегодовой уровень девальвации отечественной валюты к основной валюте импорта в среднем составил 10% (см. рис./таблицу), что не может не беспокоить инвесторов, изучающих привлекательность местного рынка.

Таблица 3

Динамика изменения курса долл. США к сомони

Показатель	**2010**	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**р. знач.**
Средний курс: $/tjs	4,39	4,58	4,76	4,77	5,04	6,15	7,49	8,35	**5,69**
Динамика	-	*1,04*	*1,04*	*1,00*	*1,06*	*1,22*	*1,22*	*1,11*	***1,10***

Посчитано автором на основании: Официальный сайт Национального банка Таджикистана. Курсы валют. Режим ввода - https://nbt.tj/ru/kurs/kurs.php.

В спектре отрицательных плоскостей отечественного рынка, также хотелось бы подчеркнуть сложность индексации стоимости товаров/услуг на уровень девальвации. Процесс увеличения стоимости очень сложен, требует долгого периода обоснования, и местные совместные предприятия *(далее СП)* часто сталкиваются со «стеной недопонимания» со стороны регулирующих органов.

Окупаемость в рамках современной рыночной экономики предполагает, что полученный доход равен или превышает затраты на проект. При этом наращенный чистый доход из минусового в начале проекта переходит в положительное значение [6]. Оценка инвестиционных проектов базируется на таких показателях как: *дисконтированный срок окупаемости (DPB); чистое современное значение инвестиционного проекта (NPV) и внутренняя норма прибыльности (доходности, рентабельности) (IRR)* [5].

Также, нельзя игнорировать такие множители как: ***возврат базовой величины капитальных вложений*** и ***поддержание допустимого уровня отдачи вложенного капитала***.

На наш взгляд, государству необходимо разработать регламент и процедуру индексации стоимости услуг СП, которая должна базироваться не на субъективной оценке регулирующих органов, а формироваться на основе математических моделей и формул, с учетом *уровня девальвации* и *величиной (удельным весом) инвестиционных ресурсов* в себестоимости услуги.

К примеру, в РФ для более объективного построения цены, используют две модели долгосрочного регулирования тарифов: *первая* — RAB (от англ. Regulatory Asset Base), построенная на учете в тарифе дохода на инвестированный капитал. RAB как модель ориентирована на компании с большой инвестиционной программой, нуждающиеся в масштабных заимствованиях. Назначение RAB — создание условий окупаемости вложений инвестора; *вторая* – модель краткосрочного регулирования является методом «затраты плюс», когда тариф рассчитывается исходя из ожидаемых затрат на содержание активов и минимального уровня прибыли [8]. Обе модели базируются на построении определенного алгоритма действий, учитывающих прогнозное изменение переменных, в категорию которых обоснованно можно отнести и волатильность валюты инвестирования. По сути, приведенные модели определения прогнозной стоимости услуги базируются на построении модели индексации.

Современная энциклопедия так определяет понятие «индексация» - *метод поддержания реальной величины денежных обязательств и различных доходов в условиях инфляции; при этом сумма платежей пересчитывается до исполнения обязательств. Используются индексы оптовых цен (при индексации ценных бумаг), розничных цен (для расчетов по заработной плате, пенсиям, пособиям), реже индексы цен экспортных товаров, изменения курса валюты* [1]. Следует учесть тот факт, что в контексте нашей страны изменение курса валют, т.е. девальвация признается, как одно из основных допущений макроэкономического характера, имеющее непосредственное влияние на рост стоимости товаров и услуг. Эмпирический опыт построения прогнозных доходов и использование инструментов инвестиционного анализа показывает, что в основном все прогнозные модели включают в себя составление дисконтированного потока денежных средств, где уровень дисконта определяется на основе формулы «*средневзвешенная стоимость капитала*» (weighted average cost of capital, WACC). Приведенные примеры составления инвестиционного прогноза не учитывают такой фактор, как «девальвация», который, безусловно, влияет на эффективность и срочность возврата иностранных инвестиций.

Как мы знаем, основные инвестиционные ресурсы иностранных партнеров в основном формируют основные средства предприятий, такие как технологические оборудования и программные обеспечения, которые, в свою очередь, часто составляют ≈80% от совокупных инвестиций. В процессе создания ценовой цепочки и определения себестоимости товара/услуги, они также занимают определенный суммарный диапазон.

Таблица 4

Экономические показатели малых и средних предприятий

Показатели	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017
Выручка от реализации МСП, млн. сомони	1836	2363	2850	4271	5502	6171	3793	4352
Выручка от реализации СП, млн. сомони	1735	1804	2361	3179	3283	3818	6395	7042
- в*ыручка СП к МСП, %*	*94,5*	*76,3*	*82,8*	*74,4*	*59,7*	*61,9*	*168,6*	*161,8*
Розничный товарооборот, млн. сомони	7530	10546	12223	14521	15493	16361	17343	18435
- выручка СП к розничному товарообороту, %	*23,0*	*17,1*	*19,3*	*21,9*	*21,2*	*23,3*	*36,9*	*38,2*
Объем платных услуг, млн. сомони	6656	9462	10550	11457	11572	10693	10639	10884
- в*ыручка СП к объему платных услуг, %*	*26,1*	*19,1*	*22,4*	*27,7*	*28,4*	*35,7*	*60,1*	*64,7*

Рассчитано автором с данных: официальный сайт НБТ (www.nbt.tj.); статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе, 2014. – с. 196, 225; Статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. Душанбе, 2018. – с. 198, 230.

Мы предлагаем следующую формулу создания ценовой цепочки в зависимости от уровня девальваций и удельного веса иностранных инвестиций (амортизация инвестиций) стоимости:

$$\boldsymbol{F} = \sum_{t=1}^{i} \boldsymbol{C} + \sum_{t=1}^{i} \boldsymbol{D} + \boldsymbol{R} \qquad (1)$$

Где: $\boldsymbol{F}$ *– цена продажи товара/услуги;* $\boldsymbol{C}$ *– переменные расходы;* $\boldsymbol{D}$ *– постоянные расходы;* $\boldsymbol{R}$ *– наценка (маржа в процентном выражении).*

В свою очередь, по нашему мнению, необходимо раздробить постоянные расходы на: *зависящие от девальвационного восприятия (амортизация инвестиций)* и *не зависящие от девальвационного восприятия,* т.е.:

$$\boldsymbol{D} = \sum_{t=1}^{i} \boldsymbol{J} + \sum_{t=1}^{i} \boldsymbol{S} (2)$$

Где: $\boldsymbol{J}$ *– постоянные расходы, на которые влияет девальвация;* $\boldsymbol{S}$ *– постоянные расходы, на которые не влияет девальвация.*

Таким образом:

$$\boldsymbol{F} = \sum_{t=1}^{i} \mathrm{C}_{\boldsymbol{i}} + \{(\sum_{t=1}^{i} \boldsymbol{S}_{\boldsymbol{i}} + (\sum_{t=1}^{i} \boldsymbol{J}\, \boldsymbol{x}(\boldsymbol{1} + \boldsymbol{t})^{\boldsymbol{n}}))\} + \boldsymbol{R} (3)$$

Где: $\boldsymbol{t}$ *–коэффициент уровня девальвации;* $\boldsymbol{n}$ *– количественный период для расчета.*

Рассмотрим пример в рамках инвестиционного проекта Цементный завод ООО «Мохир Цемент», реализованного в Яванском районе. Назван-

ный инвестиционный проект был реализован в форме Совместного Предприятия.

Общая стоимость проекта составила 153,8 млн. долл. США, из них стоимость отечественных инвестиции – 31,8 млн. долл. США или 300 млн. сомони [9], стоимость иностранных инвестиций – 122 млн. долл. США или 1 151 млн. сомони [10]. Производственная мощность в год составляет 80 млн. готовой продукции (стандартная бумажная тара). При проведении всестороннего анализа проекта, имеет смысл определить также такой знаменатель, как оптимальный срок окупаемости проекта. Оптимальный срок может рассматриваться в качестве сравнительного при отборе приемлемых проектов. В рамках рассматриваемого проекта рассчитывается срок окупаемости и сравнивается с оптимальным сроком Гордона. Для стандартного чистого денежного потока возможно установление приемлемого срока окупаемости, который максимизирует значение чистого дисконтированного дохода по проекту (NPV), — срока окупаемости Гордона [11]. Если срок окупаемости по проекту меньше оптимального, то проект может быть принят. При стоимости капитала проекта 20% и сроке функционирования 4—7 лет оптимальный срок окупаемости находится в интервале 3—4 года [11]. В нашем примере, т.к. проект был реализован в рамках целевого финансирования, стоимость капитала как таковая отсутствует. Таким образом, примем срок окупаемости (возврат инвестиций) в 10 лет. При расчете производства 80 млн. единиц готовой продукции в год отнесем стоимость местных и иностранных инвестиций на единицу продукта (см. таблицу 5).

Таблица 5

Пример расчета амортизации инвестиций

Показатели для расчета	**300 179,3 млн. сомони**	**122 000 тыс. долл. США**	**Иностранные инвестиции, отраженные в млн. сомони по курсу = 9,44**	**Итого, амортизация, млн. сомони**
Амортизация:				
В год, в тыс.	30017,9	122 000,0	1151 680,0	**1 181 697,9**
На единицу, 80 млн. штук	***3,75***	***1,53***	***14,40***	***18,15***

Рассчитано автором на основании эмпирического анализа и данных с интернет-ресурса.

Согласно данным таблицы 5, видно, что величина амортизационных отчислений на единицу составляет: *в сомони – 3,75 сомони; в долл. США –*

1,53 долл. США или эквивалент – 14,40 сомони (курс: долл. США/сомони=9,44), что в итоге составляет – ***18,15 сомони.***

Условно примем следующее допущение – остальные расходы составляют 70% от стоимости итоговых амортизаций (12,70 сомони), а уровень капитализации (наценка на товар) составляет 46% от общих расходов. Таким образом, мы имеем следующую цену продажи – 45,0 сомони [(18,15+12,70)+46%].

В следующей таблице мы отразили величину финансовых расходов для возврата иностранных инвестиций:

Таблица6

Анализ возврата инвестиций в зависимости от девальвационных колебаний

Год	Годовой уровень девальвации (8%), сомони	Амортизация стоимости местных инвестиций в год, млн. сомони	Удельный вес амортизации местных инвестиций	Амортизация иностранных инвестиций в год, млн. долл. США	Необходимо ресурсов для возврата инвестиций, млн. сомони	Ежегодный прирост в млн. сомони	Удельный вес амортизации иностранных инвестиций	Амортизация в год, итого, млн. сомони	На единицу, итого, сомони
2019	9,4	300,2	20,7%	122	1151,6	0,0	79,3%	1451,8	18,15
2020	10,2	300,2	19,4%	122	1243,8	92,1	80,6%	1543,9	19,30
2021	11,0	300,2	18,3%	122	1343,3	99,5	81,7%	1643,4	20,54
2022	11,9	300,2	17,1%	122	1450,7	107,5	82,9%	1750,9	21,89
2023	12,8	300,2	16,1%	122	1566,8	116,1	83,9%	1867,0	23,34
2024	13,9	300,2	15,1%	122	1692,1	125,3	84,9%	1992,3	24,90
2025	15,0	300,2	14,1%	122	1827,5	135,4	85,9%	2127,7	26,60
2026	16,2	300,2	13,2%	122	1973,7	146,2	86,8%	2273,9	28,42
2027	17,5	300,2	12,3%	122	2131,6	157,9	87,7%	2431,8	30,40
2028	18,9	300,2	11,5%	122	2302,1	170,5	88,5%	2602,3	32,53
2029	20,4	300,2	10,8%	122	2486,3	184,2	89,2%	2786,5	34,83
2030	22,0	300,2	10,1%	122	2685,2	198,9	89,9%	2985,4	37,32
Итого, расходы в млн. сомони для приобретение инвестиционных ресурсов						**1533,6**			

Рассчитано автором на основании эмпирического анализа.

Приведенные данные таблицы показывают следующую картину:

1. При среднем уровне девальвации =8% к 2030 году стоимость одного долл. США к сомони составит 22,0 сомони за 1 долл. США;
2. Удельный вес стоимости амортизации местных инвестиций от общей величины, с 20,7% снизится до 10,1%;
3. Стоимость амортизаций общих инвестиций в себестоимости товара с 18,15 сомони вырастет до 37,32 сомони;

4. Стоимость местных финансовых ресурсов для возврата иностранных инвестиций (конвертация) с 1 151,6млн. сомони, вырастут до 2 685,2млн. сомони к 2030 году, т.е. на 233%. Предприятию, за период возврата инвестиций (10 лет) необходимо будет изымать больше финансовых ресурсов из бизнеса для возврата инвестиций (общая величина переплаты составит 1 533,6 млн. сомони).

Дар ҷаҳони муосир ҳифзи саломатии мардум ба яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии миллӣ табдил ёфта, талабот ба тандурустӣ дар маҷмӯи эҳтиёҷоти инсон ҷойи махсусро ишғол мекунад. Саломатӣ, бешубҳа соҳаи ҳаётан муҳим маҳсуб шуда, аз арзишмандтарин сармояҳои инсониест, ки ҳаёти ӯ аз он вобастагӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 таъкид намуданд, ки: **“Барои ҳар як давлат солимии аҳли ҷомеа зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд халқамонро солим нигоҳ дорем ва барои тандурустии он тамоми шароитро фароҳам оварем”**. Аз ин рӯ, соҳаи

тандурустӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати иҷтимоӣ бо фароҳам овардани шароити мусоид зимни амалӣ намудани муносибатҳои оқилона ва таъмини адолатнокӣ дар ҷомеа ба вазъи солимии ҳамаи қишрҳои ҷомеа таъсири муайян мерасонад.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон кишвари мо зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи пешрафти иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш рафта истодааст. Дар тӯли солҳои истиқлоли давлатӣ, роҳбари давлат дар қатори дигар соҳаҳои иҷтимоӣ соҳаи тандурустиро низ самти афзалиятнок шуморида, онро яке аз омилҳои муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидааст. Чунонки, дар солҳои вазнини ибтидои истиқлол тамоми фикру андешаи ӯ, дар баробари таъминсозии сулҳу оромии кишвар, боз ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва дастгирии соҳаҳои мухталифи он, ки барои ҷомеа ва давлат муҳим маҳсуб мешуданд, банд буд.

Бояд гуфт, ки маҳз бо таваҷҷуҳи махсуси Президенти ҷумҳурӣ ба соҳаи тандурустӣ ва маҳз бо шарофати вохӯриҳову суҳбатҳои ошкорои ӯ бо кормандони соҳаи тандурустӣ, имрӯзҳо тибби муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушд қадам гузошта истодааст, ки ин суханрониҳои пурмуҳтавои роҳбари давлат бори дигар ғамхорӣ, чорабиниҳо аз муаммоҳо, фикру нақшаҳои пурсамар ва дурандешонаи он касро нисбат ба халқи тоҷик нишон медиҳанд: **“Ҳадафи стратегии давлату ҳукумат дар соҳаи тандурустӣ бо роҳи ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин намудани солимии аҳолӣ, беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои дарозумрии инсон, паст намудани сатҳи беморӣ, маъюбӣ, фавти модару кӯдак, пешгирӣ кардани бемориҳои гуногуни сироятӣ, баланд бардоштани сифати кумаки тиббиву санитарӣ, назорати бехатарии маводи доруворӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа мебошад” [4].**

Таҳлилҳо собит месозанд, ки тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб ва таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо мутахассисони баландихтисос самти муҳимми сиёсати иҷтимоии кишвар маҳсуб мешавад. Дар солҳои аввали истиқлол қисми зиёди мутахассисони соҳаи тиб, ки мансубияти миллии гуногун доштанд, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла вобаста ба авзои сиёсии давлат ба дигар кишварҳо фирор карданд, ки ин боиси кам гардидани кадрҳои тиббӣ ва халалдор

гардидани сифати хизматрасонии тиббӣ дар мамлакат гардид.

Шумораи табибон оид ба ҳамаи ихтисосҳо ва кормандони миёнаи тиб, тайёр намудани кадрҳои тиббӣ дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои асосии соҳаи тандурустӣ маҳсуб мешаванд, ки воқеъияти вазъи рушди соҳаро метавонанд инъикос намоянд. Барои ҳосил намудани таассурот оид ба соҳаи мазкур дар поён ҷадвалҳо ва диаграммаҳо оварда шудаанд, ки вазъи таъминоти кадриро дар давраи солҳои 1991 то 2018 инъикос менамоянд.

Ҷадвали 1

Шумораи табибони ҳамаи ихтисосҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ [5; 6]

(нафар)

	1991	1995	2000	2005	2010	2015	2016	2017	2018
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**14145**	**12565**	**12972**	**13268**	**15412**	**17797**	**18044**	**18716**	**19085**
ВМКБ	445	455	387	348	442	475	482	491	500
Вилояти Хатлон	2943	2538	2347	2339	2764	3422	3528	3664	3784
Вилояти Суғд	4333	4311	4594	4474	4476	4781	4846	5025	5143
ш. Душанбе	4298	3724	4102	4406	5593	6546	6580	6858	7047
НТҶ	2126	1537	1542	1701	2137	2573	2608	2678	2611
	ба 10 000 аҳолӣ								
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**25,5**	**21,4**	**20,8**	**19,2**	**20,2**	**20,8**	**20,6**	**21,0**	**20,9**
ВМКБ	25,7	24,1	18,6	15,9	21,4	21,9	21,9	22,0	22,0
Вилояти Хатлон	16,8	12,5	10,7	9,9	10,3	11,2	11,3	11,5	11,6
Вилояти Суғд	25,6	24,0	24,2	21,9	19,9	19,0	18,9	19,3	19,3
ш. Душанбе	74,3	72,9	71,2	69,0	76,6	81,6	80,6	82,5	83,3
НТҶ	15,6	11,5	11,3	11,2	12,3	13,0	12,9	12,9	12,3

Чунонки, аз натиҷагирии ҷадвали 1 бармеояд, айни замон дар ҷумҳурӣ шумораи умумии табибон оид ба ҳамаи ихтисосҳо 19085 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 7450 нафарро занҳо ташкил медиҳанд. Афзоиши шумораи табибон нисбат ба соли 2017 қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад, ки он дар вилояти Хатлон ба 3,3 фоиз ё 120 нафар, дар шаҳри Душанбе ба 2,8 фоиз ё 189 нафар, дар вилояти Суғд ба 2,3 фоиз ё 118 нафар, дар ВМКБ ба 1,8 фоиз ё 9 нафар рост омадааст. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, баръакси ин раванд мушоҳида карда мешавад, ки тибқи он ба 2,5 фоиз ё 67 нафар табиб нисбат ба соли 2017 кам шудааст.

Бояд гуфт, ки шумораи умумии табибон дар ҳамаи самтҳои ихтисосҳо нисбат ба солҳои пешин майли зиёдшавиро дорад. Масалан, агар қиёсан ба соли 1995 нигарем афзоиш 1,5 баробар ё ба 6520 нафар, нисбат ба соли 2005 ба 43,8 фоиз ё 5817 нафар, нисбат ба соли 2015 ба 7,2 фоиз ё 1288 нафар ва нисбат ба соли 2017 ба 2,0 фоиз ё 369 нафарро ташкил мекунад.

Диаграммаи 1

Шумораи табибон оид ба ҳамаи ихтисосҳо аз рӯйи ҷинс



Манбаъ: Диаграмма аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои маҷмӯаҳои омории “Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ” – с.2016 ва “Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” - с.2019 тартиб дода шудааст.

Ҷадвали 2

Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ [5; 6]

(нафар)

	1991	1995	2000	2005	2010	2015	2016	2017	2018
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**42804**	**36272**	**32220**	**28877**	**35126**	**46037**	**49434**	**51788**	**53991**
ВМКБ	1578	1577	1832	1313	1763	1839	1918	1939	2000
Вилояти Хатлон	11433	10307	8200	7558	9714	14827	16053	16893	17957
Вилояти Суғд	14118	14609	13004	11799	12733	15114	15997	16659	17393
ш. Душанбе	7598	4415	4055	3654	5385	6712	7654	8072	8419
НТҶ	8077	5364	5129	4553	5531	7545	7812	8225	8222
	ба 10 000 аҳолӣ								
Ҷумҳурии Тоҷикистон									
	77,1	**61,9**	**51,5**	**42,2**	**46,1**	**53,8**	**56,5**	**58,0**	**59,2**
ВМКБ	91,1	83,8	87,9	60,2	85,5	84,6	87,1	86,7	88,2
Вилояти Хатлон	65,3	50,9	40,8	31,1	36,1	48,6	51,4	52,8	54,8
Вилояти Суғд	83,4	81,4	68,2	57,7	56,5	60,2	62,5	63,9	65,4
ш. Душанбе	131,4	86,4	70,3	57,2	73,7	83,6	93,8	97,1	99,5
НТҶ	59,4	40,0	37,5	30,0	31,9	38,3	38,6	39,7	38,9

Аз рақамҳои дар ҷадвали 2 овардашуда бармеояд, ки шумораи умумии кормандони миёнаи тиббӣ дар соли 2018 ҳамагӣ 53991 нафарро ташкил менамояд, ки 45331 нафари онҳоро занҳо ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, ин рақамҳо собит месозанд, ки қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ шумораи кормандони миёнаи тиббӣ нисбат ба соли 2017 рӯ ба афзудан дорад. Масалан, тибқи ин нишондод дар вилояти Хатлон ба 6,3 фоиз ё 1064 нафар, дар вилояти Суғд ба 4,4 фоиз ё 734 нафар, дар шаҳри Душанбе ба 4,3 фоиз ё 347 нафар ва дар ВМКБ ба 3,1 фоиз ё 61 нафар рост омадааст. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, баръакс, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 ба 0,04 фоиз ё 3 нафар корманди миёнаи тиббӣ коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба солҳои пешин ба таври мунтазам рушд ёфта истодааст, ки дар муқоиса бо солҳои 1995, 2005, 2015 ва 2017 зиёдшавӣ мутаносибан ба 48,9 фоиз ё 17719 нафар, 1,5 баробар ё ба 25114 нафар, ба 17,3 фоиз ё 7954 нафар ва 4,3 фоиз ё 2203 нафар рост омадааст.

Диаграммаи 2

Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ

(ҳаз. нафар)

Манбаъ: Диаграмма аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои маҷмӯаҳои омории “Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ” – с.2016 ва “Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” - с.2019 тартиб дода шудааст.

Аз натиҷагирии диаграммаҳои 1 ва 2 бармеояд, ки дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ теъдоди умумии табибон оид ба ҳамаи самтҳои ихтисосҳо ва кормандони миёнаи тиб коҳиш ёфтааст. Аммо баъд аз 10 солаи аввали соҳибистиқлолӣ нишондиҳандаи зерин рӯ ба афзоиш ниҳода, дар 10 солаи дуюм аллакай дар сатҳи афзоиши назаррас қарор гирифта, он то кунун ба таври мунтазам сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

“Масъалаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи тандурустӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумат ба ҳисоб меравад” - иброз намуданд Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил, ки санаи 1 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд.

Дар воқеъ, тӯли солҳои Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи соҳаи маориф ва илм, сатҳу сифати

дониши хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисосу унвондор таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Барои бартараф намудани норасоии кадрҳои соҳаи тандурустӣ низ аз тарафи давлату ҳукумат чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ барои тайёр намудани мутахассисони касбии соҳаи тиб 3 адад муассисаи таълимии тиббии касбии олӣ якҷоя бо дарназардошти факултети тиббию фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Муассисаҳои тиббии таҳсилоти миёнаи касбӣ бошад 25 ададро ташкил медиҳанд, ки дар ҷадвалҳои 3 ва 4 маълумотҳои зерин ба таври мушаххас пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 3

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тиббӣ [5; 6]

(дар аввали соли таҳсил)

(нафар)

	Миқдори муассисаҳо	Шумораи донишҷӯён	аз онҳо, занон	Қабул	Хатм
1991/1992	1	5,9 (ҳаз)	…[1)]	…[1)]	671
1995/1996	1	4504	…[1)]	647	821
2000/2001	2[2)]	3724	1495	564	1055
2005/2006	2[2)]	4542	2003	871	552
2010/2011	1	6231	2592	1221	795
2015/2016	2[3)]	9905	3668	1555	1301
2016/2017	3[3)]	11148	4169	2498	1509
2017/2018	3[3)]	11985	4621	2275	1934
2018/2019	3[3)]	12526	5013	2136	2026

[1)] маълумот нест

[2)] то соли 2006 – Филиали Донишгоҳи давлатии тиббӣ дар ш.Хуҷанд

[3)] Бо дарназардошти факултети тиббию фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавриди зикр аст, ки 1-уми сентябри соли 2016 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон аввалин маротиба дуюмин муассисаи олии касбии тиббӣ ба фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмӣ ва муолиҷавӣ оғоз намуд, ки дар самти ҳарчи бештар тайёр намудани мутахассисони олии касбии тиббӣ нақши муҳим мебозад. Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3 мушоҳида намудан мумкин аст, ки солҳои охир нишондиҳандаҳои аз қабили шумора, қабул ва хатми донишҷӯён нисбат ба солҳои пешин афзуда истодааст. Масалан, дар аввали соли таҳсили 2018/2019 шумораи

умумии донишҷӯён ҳамагӣ 12526 нафарро бо дарназардошти донишҷӯёни факултети тиббию фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкил намуд, ки он нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996 - 2,8 баробар ё ба 8022 нафар, 2005/2006 - 2,8 баробар ё ба 7984 нафар, 2015/2016 - ба 26,5 фоиз ё 2621 нафар ва 2017/2018 - ба 4,5 фоиз ё 541 нафар донишҷӯ зиёд шудааст.

Дар ҷадвали 3 нишондиҳандаҳои қабул ва хатми донишҷӯён ҷолиби диққат мебошад. Чунонки, аз рӯйи маълумотҳои овардашуда дидан мумкин аст, ки дар аввали соли таҳсили 2018/2019 шумораи умумии қалбули довталабон ҳамагӣ 2136 нафарро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли таҳсили 2017/2018 ба 6,1 фоиз ё 139 нафар довталаб кам мебошад, вале нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996, 2005/2006, 2015/2016 бошад, баръакс чанд маротиба афзудааст, ки мутаносибан 3,3 баробар (1489 нафар), 2,5 баробар (1265 нафар) ва ба 37,4 фоиз (581 нафар) зиёдшавиро ташкил намудааст.

Дар аввали соли таҳсили 2018/2019 шумораи умумии хатми мутахассисони омодашуда ҳамагӣ 2026 нафарро ташкил намудааст, ки нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996 - 2,5 баробар (1205 нафар), 2005/2006 - 3,7 баробар (1474 нафар), 2015/2016 - 1,6 баробар (725 нафар) ва 2017/2018 - ба 4,8 фоиз (92 нафар) зиёд шудааст.

Ҷадвали 4

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ [5; 6]

(нафар)

	Ҳамагӣ	Шумораи донишҷуён	аз он ҷумла занон	Қабул	Хатм
1991/1992	10	11,0 (ҳаз.)	…[1)]	…[1)]	3605
1995/1996	11	7697	6380	2421	3932
2000/2001	13	7376	4940	2694	2513
2005/2006	13	12192	9277	3997	2623
2010/2011	15	18958	13067	6034	5159
2015/2016	23	34646	25981	10786	6887
2016/2017	23	37388	27854	11627	8796
2017/2018	23	40095	30376	12976	9980
2018/2019	25	44887	34046	15054	10885
аз онҳо:					
ВМКБ	1	363	345	98	134
Вилояти Хатлон	9	14736	11129	4778	3860
Вилояти Суғд	7	11469	9213	3949	2990
ш.Душанбе	2	8087	5733	2466	1846
НТҶ	6	10232	7626	3763	2055

[1)] маълумот нест

Бояд гуфт, ки дар самти рушди соҳаи тандурустӣ нақши кормандони миёнаи тиб низ аҳамияти хосса дорад. Чунки дар ҳар давру замон табобати самараноки беморон дар беморхонаҳо бевосита аз фаъолияти дуҷониба - табибони касбӣ ва кормандони миёнаи тиб вобастагии калон дорад.

Аз натиҷагирии ҷадвали 4 мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои тайёр намудани кадрҳои миёнаи тиббӣ дар ҷараёни даҳсолаи сеюми соҳибистиқлолии давлат нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ чанд маротиба афзудааст.

Шумораи умумии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ дар аввали соли таҳсили 2018/2019 ҳамагӣ 25 ададро ташкил намуда, он нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996 ва 2005/2006 мутаносибан 2,3 баробар ё ба 14 адад, 1,9 баробар ё ба 12 адад ва нисбат ба солҳои таҳсили 2015/2016 ва 2017/2018 ба 8,7 фоиз ё 2 адад муассиса афзудааст.

Шумораи умумии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ дар аввали соли таҳсили 2018/2019 ҳамагӣ 44887 нафарро ташкил намуда, он нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996 - 5,8 баробар ё

ба 37190 нафар, 2005/2006 - 3,7 баробар ё ба 32695 нафар, 2015/2016 - ба 29,6 фоиз ё 10241 нафар ва 2017/2018 - ба 12,0 фоиз ё 4792 нафар афзудааст.

Дар баробари зиёд шудани миқдори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ афзоши босуръати нишондиҳандаҳои қабул ва хатми донишҷӯён низ ба чашм мерасад. Масалан, шумораи умумии қабули донишҷӯён дар аввали соли таҳсили 2018/2019 ҳамагӣ 15054 нафарро ташкил намуда, он нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996 - 6,2 баробар (12633 нафар), 2005/2006 - 3,8 баробар (11057 нафар), 2015/2016 - ба 39,6 фоиз (4268 нафар) ва 2017/2018 - ба 16,0 фоиз (2078 нафар) афзудааст.

Шумораи умумии хатми мутахассисони миёнаи касбии тиббӣ дар аввали соли таҳсили 2018/2019 ҳамагӣ 10885 нафарро ташкил намуда, он нисбат ба солҳои таҳсили 1995/1996 - 2,8 баробар (6953 нафар), 2005/2006 - 4,1 баробар (8262 нафар), 2015/2016 - 1,6 баробар (3998 нафар) ва 2017/2018 - ба 9,1 фоиз (905 нафар) афзудааст.

Таҳлилҳо дар самти тайёр намудани кадрҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ барои омодасозии мутахассисони тиббии ҳам миёна ва ҳам олии касбӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда истодааст, ки боиси ҷалби ҷавонон ба соҳаи тиб мегардад. Аммо, мутаассифона, таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо собит месозанд, ки солҳои охир сатҳи дониши теъдоди муайяни хатмкунандагони муассисаҳои таълимии тиббӣ аз талаботи имрӯза ва сатҳи стандартҳои муқарраршуда паст меистанд. Ҳатто чунин ҳодисае ҷой дорад, ки табиби дандон дар ҷойи муолиҷаи дандони осебёфта дандони сафеди солимро бо решааш кандааст ва ин гуна мисолҳо зиёданд. Аз бесаводию бетаҷрибагии бархе табибони ҷавон, баъзе беморон ҳангоми зарурӣ ба табибон муроҷиат накарда, худсарона дар такя ба тавсияҳои барномаҳои интернетӣ ё дигар усулҳо худро муолиҷа мекунанд.

Бояд зикр намуд, паст будани сатҳи касбияти мутахассисони соҳаи тиб сабабҳо ва омилҳои мухталиф дошта, таҳлили ҳамаҷонибаро мехоҳад. Аммо, ба андешаи мо яке аз сабабҳои сатҳи пасти мутахассисони ҷавон дар он аст, ки солҳои охир дар раванди таҳсил сатҳи дарсазхудкунии донишҷӯён аз тариқи тест муайян карда мешавад. Чунин тарзи супоридани имтиҳонҳо барои донишҷӯён хеле осон ва қуллай буда, интихоб намудани як ҷавоб аз чанд ҷавоби пешниҳодшуда ягон душворие намеорад. Усули анъанавии супоридани имтиҳонҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки донишҷӯй бо мутолиа ва

омӯзиши адабиёти зарурӣ ба имтиҳон омода шуда, ба андешаронӣ ва суханронии мантиқӣ фикрашро баён мекард, дар муқоиса бо шакли муосири имтиҳонсупорӣ аз тариқи тест афзалият дорад. Илова бар ин, дар натиҷаи беадолатона гирифтани холҳои баланди донишҷӯёни беистеъдод дар имтиҳонҳои тестӣ ба завқ ва майлу хоҳиши донишҷӯёни боистеъдод таъсири манфӣ расонда, ба бетафовутии ин қишри донишҷӯён нисбат ба натиҷаҳои имтиҳонҳо мусоидат мекунад.

Мушкилоти дигаре, ки айни замон ба сатҳи хизматрасонии тибби ватанӣ таъсири манфӣ мерасонад, ин аз даст додани кадрҳои касбии ботаҷрибаи ин соҳа мебошад, ки бо сабабҳои гуногун ҷумҳуриро тарк мекунанд. Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи "фирори мағзҳо", яъне аз кишварҳо рафтани неруҳои ақлонӣ раванди ҷаҳонӣ буда, танҳо хоси Тоҷикистон нест. Вале, дар шароити имрӯзаи ҷумҳурии мо раванди мазкур таҳлил ва муносибати ҷиддиро тақозо мекунад. Хусусан, дар самти тандурустӣ таъсири манфии ин зуҳурот бараъло эҳсос карда мешавад. Айни ҳол тамоми муассисаҳои соҳаи тандурустии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз нарасидани мутахассисони ботаҷриба танқисӣ мекашанд.

Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, рӯзгори мураккаб ва навмедона дар зодгоҳ боиси ба мамлакатҳои бегона кӯч бастани мутахассисони варзида, хусусан насли ҷавон мегардад. Набудани шароити мусоиди кор ва маоши арзанда олимону мутахассисонро маҷбур месозад, ки макони мувофиқтарро интихоб намоянд. Мутахассисони варзидаро бошад, кишварҳои рушдёфта харидорӣ карда, бо шароити хуби корӣ ва маоши мувофиқ таъмин менамоянд.

Масалан, айни ҳол теъдоди зиёди табибони тоҷик дар кишварҳои рушёфта фаъолият мекунанду фикри ба ватан баргаштанро надоранд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки теъдоди зиёди донишҷӯёни тоҷик, ки хоҳиши дар хориҷа таҳсил кардан доранд, ҳамасола меафзояд, вале тақдири минбаъдаи онҳо номуайян мемонад. Албатта, шароити мусоиди таҳсил ва зиндагию меҳнат дар кишварҳои пешрафта онҳоро ба худ ҷалб мекунад ва ин сохторҳои дахлдори давлатӣ ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистонро водор месозад, ки барои аз даст надодани ҷавонони боистеъдод ва ҳимояи "мағзҳо"-и миллат тадбирҳои саривақтӣ андешида шавад [2].

Адабиёт

1. “Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”//маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, соли 2019;
2. Қурбонов А.Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ)//МТС назди Президенти ҶТ.- Душанбе “Ирфон”, 2016;
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2019, шаҳри Душанбе;
4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва кормандони соҳаи тандурустӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва оғози соли нави таҳсил, шаҳри Душанбе, 01 сентябри соли 2018;
5. “Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ”// маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, соли 2016;
6. “Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”//маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ, соли 2019;
7. http://moh.tj/

ЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ РЕСУРСЫ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ЗДОРОВЬЯ НАЦИИ

ХУДОЙДОДОВА ФАРЗОНА ИСЛОМИДИНОВНА,
заместитель начальника Управления
анализа социальных проблем Центра стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 40,
тел.: (+992 37) 227-59-80, (+992) 937 01 06 83,
E-mail: Farzon2705@mail.ru

В статье анализируется и обсуждается вопрос подготовки кадров сферы здравоохранения, являющейся одной из важных задач социальной жизни республики. В первые годы независимости многие медицинские работники различных национальностей по разным причинам, в том числе и в связи с политической ситуацией в государстве, эмигрировали в другие более развитые страны, что привело к снижению медицинских кадров и нарушению качества медицинского обслуживания в стране. В то же время, анализы и наблюдения доказывают, что в

последние годы уровень знаний некоторых выпускников медицинских образовательных учреждений низкий по сравнению с уровнем современных требований и установленных стандартов. Так как в настоящее время этот вопрос является очень важным, в данной статье подробно отражены его различные аспекты.

Ключевые слова: *социальная политика, здравоохранение, медицинские услуги, «утечка мозгов», врачи, средний медицинский персонал, кадры сферы здравоохранения, медико-санитарная помощь и др.*

HUMAN RESOURCES AS AN IMPORTANT FACTOR OF HEALTH OF THE NATION

KHUDOYDODOVA FARZONA ISLOMIDINOVNA,
Deputy head of the Department of
Social Problems Analysis, Center for Strategic Research under
the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki ave.,
tel.: (+992 37) 227-59-80, (+992) 937 01 06 83,
e-mail: Farzon2705@mail.ru

The article analyzes and discusses the issue of training healthcare professionals, which is one of the important tasks of the social life of the republic. In the first years of independence, many medical workers of various nationalities emigrated to other more developed countries for various reasons, including the political situation in the state, which led to a decrease in medical personnel and a violation of the quality of medical services in the country. At the same time, analyses and observations prove that in recent years the level of knowledge of some graduates of medical educational institutions is low compared to the level of modern requirements and established standards. Since this issue is currently very important, this article details its various aspects.

Keywords: *social policy, health care, medical services, "brain drain", doctors, secondary medical personnel, personnel in the health sector, health care, etc.*

УДК:378.4 (470)

ВАЗИФАҲОИ АСОСӢ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,
сармутахассиси Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40.
тел.: (+992 37) 2-27-59-80, (+992) 918-42-91-84,
e-mail: nmarxamat@mail.ru

Дар мақолаи мазкур вазифаҳои асосии соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф ба афзалиятҳои соҳаи мазкур таваҷҷуҳ намуда, паҳлуҳои гуногуни онро тибқи нишондодҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 дар рушди сармояи инсонӣ нишон додааст. Ҳамзамон, вобаста ба афзалиятҳои соҳаи маориф рушди зинаҳои гуногуни таҳсилот дар шароити кунунӣ баррасӣ гардида, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз маълумотҳои оморӣ вазъи соҳаро таҳлил намояд.

***Калидвожаҳо**: маориф, афзалиятҳо, таҳсилот, зинаҳои таҳсилот, таҳсилоти томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна, касбӣ, олӣ, омӯзгорон, кадрҳои омӯзгорӣ.*

Дар рушди сармояи инсонӣ афзалиятҳои соҳаи маориф ба таъмин намудани баробарӣ ва дастрасӣ ба таҳсилот; баланд бардоштани сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот; беҳтар намудани устувории молиявӣ ва самаранокии соҳаи маориф; таъсис ва рушди шабакаи миллии касбии тадқиқотҳои илмию техникӣ бо такя ба технологияҳои каммасрафи захираҳо дар шароити зиёд будани қувваи корӣ ва қӯҳсор будани кишвар; таҳким ва истифодаи самарабахши татбиқи нерӯи илмии кишвар нигаронида шудааст.

[7, с.45]

Ба ҳамагон маълум аст, дар ҳар давру замон, бахусус дар ҷаҳони муосир соҳаи маориф пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муайян мекунад. Айни замон маориф на танҳо омили муайянкунандаи рушди самаранокии иқтисодӣ, балки омили муҳимтарини таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоии кишварҳо ба ҳисоб рафта, нақши он пайваста бо рушди сармояи инсонӣ меафзояд.

Аз ин рӯ, вазифаи асосии соҳаи маорифи кишвар ташаккули шахсияти озод, яъне шахси аз ҷиҳати маънавӣ, ақлонӣ ва ҷисмонӣ рушдёфта бу-

да, рушди сармояи инсонӣ аз он вобаста мебошад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки имрӯз ҳамчун ҷомеаи иттилоотӣ баромад менамояд, дар он техникаю технология босуръат рушд ёфта истодааст. Ин барои рушди соҳаи маориф, аз ҷумла, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва дастрасии он, тайёр намудани мутахассисон дар самтҳои гуногун хеле муҳим мебошад ва дар ин самт илму маориф нақши калидӣ дорад. Чи тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид карда буданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад».[6]

Сарвари кишвар дар суханрониҳои дигари худ низ таъкид карда буданд, ки баланд бардоштани самаранокии истифодаи боигарии кишвар, ки дар сармояи инсонӣ, табиӣ ва моддӣ муаррифӣ мегардад, самти афзалиятноки амалҳо дар стратегияю барномаҳои давлатии рушд барои давраи то соли 2030 маҳсуб мегардад. Ҳадафи асосии давлат дар ин марҳилаи рушд аз он иборат мебошад, ки дар фазои таҳсилоти ватанию ҷаҳонӣ барои таъмини раванди мақсадноки таълиму тарбия ба манфиати шахсият ва ҷомеа шароити мусоид фароҳам созад.

Айни замон вазифаи асосӣ ва афзалиятноке, ки таъмини амнияти соҳаи маорифи кишварро муайян месозанд, дар самтҳои гуногун тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва рушди заминаи моддию техникии соҳа мебошад. Ҷузъи муҳимтарини навсозии соҳаи маориф ҳалли проблемаи таъминот бо кадрҳо ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоию иқтисодии кормандони соҳаи маориф, дар навбати аввал омӯзгорон, инкишофи заминаи моддию техникӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб рафта, фарогирии кӯдакон дар ин зинаи таҳсилот давра ба давра зиёд шуда истодааст. Дар ин самт Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26.12.2018 қайд карда буданд: “Мо пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷидӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро ба маротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем”.[6]

Дар ҳақиқат, рушди зинаҳои таҳсилот, дар умум рушди соҳаи маориф, пеш аз ҳама, аз инкишофи зеҳнии кӯдакон сарчашма мегирад, ки он аз оила ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ вобастагии калон дорад.

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шумораи кӯдакони синни аз 3 то 6 сола ба 1137400 нафар мерасад, ки нисбат ба соли 2015 – 255000 нафар кӯдак зиёд мегардад. Аз ин рӯ, бояд фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд аз 14,5% то ба 40% расонида шавад.

Тибқи маълумоти омории Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ соли 2019 миқдори муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ 659 ададро ташкил медод, ки дар онҳо ҳамагӣ 98030 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд. [8,с.294] Ин миқдор дар муқоиса бо соли 2015 – 81 адад муассисаҳои томактабӣ ва 6006 нафар кӯдак зиёд (дар соли 2015 шумораи муассисаҳои томактабӣ 578 адад ва шумораи кӯдакон 92024 нафар [3,с.12]) мебошад. Шумораи умумии муассисаҳои томактабӣ ва дар он фарогирии кӯдакон дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шакли ҷадвал нишон дода мешавад.

Ҷадвали 1

Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ

	соли 2015		**соли 2019**	
	муассисаҳои томактабӣ	**шумораи кӯдакон**	**муассисаҳои томактабӣ**	**шумораи кӯдакон**
Ҷумҳурӣ	*578*	*92024*	*659*	*98030*
ВМКБ	*22*	*1617*	*26*	*2162*
Вилояти Хатлон	*128*	*15987*	*147*	*15679*
Вилояти Суғд	*237*	*38691*	*270*	*42878*
ш.Душанбе	*122*	*27499*	*135*	*27885*
НТҶ	*69*	*8230*	*81*	*9426*

Манбаъ: ҷадвал аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти омории соҳаи маориф дар соли 2019 ва ҳисоботи солонаи Вазорати маориф ва илмии ҶТ дар соли 2019 тартиб дода шудааст.

Шумораи муассисаҳои томактабии хусусӣ ва Марказҳои хусусии инкишофи кӯдак дар сатҳи ҷумҳурӣ 153 ададро ташкил медиҳад, ки дар он 8200 нафар кӯдак фаро гирифта шудааст.

Айни замон тибқи маълумотҳои омории Вазорати маориф дар муассисаҳои томактабии минтақаҳои гуногуни кишвар 11682 нафар корманди педагогӣ фаъолият менамоянд.[8, с.294] Сатҳи маълумотнокии кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шакли ҷадвал оварда мешавад, ки ба онҳо ҳамаи кормандон (роҳбарони муассисаҳои

таҳсилоти томактабӣ, мушовирон, омӯзгорон, мураббиён, ёрдамчиёни мураббиён) дохил мегарданд.

Ҷадвали 2

Шумораи кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шаҳру деҳоти кишвар

	соли 2014	**соли 2016**	**соли 2018**
Ҳамагӣ, нафар	*5969*	*7964*	*9445*
Сатҳи маълумотнокӣ, бо %			
олӣ	*36,0*	*27,0*	*30,9*
олии нопурра	*6,5*	*6,6*	*6,6*
миёнаи махсус	*46,6*	*30,8*	*27,5*
миёнаи пурра	*10,9*	*35,6*	*34,9*

Ҷадвали 2 б

Соли 2019 (сатҳи маълумотнокӣ, нафар)				
Ҳамагӣ	**олӣ**	**олии нопурра**	**миёнаи касбӣ**	**миёнаи пурра**
10845	*3810*	*802*	*3441*	*2792*

Манбаъ: ҷадвали 2 б аз тарафи муаллиф дар асоси ҳисоботи солонаи Вазорати маориф ва илмии ҶТ дар соли 2019 тартиб дода шудааст.

Таҳлилҳои мазкур нишон медиҳанд, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва фарогирии кӯдакон дар онҳо давра ба давра рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст, вале ҳанӯз ҳам дар ин самт, бахусус дар сатҳи деҳот мушкилоти зиёд мавҷуд аст. Дар аксарият деҳоти дурдаст солҳои зиёд аст, ки биноҳои мавҷудбудаи томактабӣ таъмирталаб ҳастанд ва фарогирии кӯдакон дар онҳо хеле кам ба назар мерасад.

Таъмиру бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва дар онҳо фаро гирифтани кӯдакон бо таълиму тарбия як тарафи масъала мебошад. Тарафи дигар ин маблағгузорӣ ва тайёр намудани мутахассисон дар ин самт, таъмин бо ашёи таълимӣ, мизу курсиҳо, таҷҳизоти варзишӣ ва асбобҳои аёнӣ, ки завқи ҷисмонию зеҳнии кӯдакро бедор месозанд, инчунин таъмин намудан бо маводи ғизоии босифат аз масъалаҳои ҳалталаб мебошанд, ки асосан, дар сатҳи деҳот ба назар мерасанд. Вобаста ба вазъи ҷойдошта дар ин самт аз тарафи Вазорати маориф санҷиш гузаронида шудааст, ки тибқи он як қатор мушкилот муайян гардидаанд. Аз ҷумла, сатҳи пасти фарогирии кӯдакони синну соли томактабӣ бо барномаҳои таҳсилоти томактабӣ; аз

меъёр зиёд будани тарбиягирандагон дар гурӯҳҳои муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳо; мушкилоти дастрасии кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ба таҳсилоти томактабӣ; нарасидани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ дар муассисаҳои томактабӣ; ниёз доштани бинои кӯдакистонҳо ба таъмири асосӣ, ба талаботи ҳолати беҳдоштӣ–санитарӣ ҷавобгӯ набудани баъзе аз муассисаҳои томактабӣ, махсусан дар деҳот; ғайримақсаднок истифода шудани биноҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ дар миқёси ҷумҳурӣ [8, с.294], ки бояд ҳалли худро ёбанд.

Мактаб ё ин ки таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз марҳилаҳои асосии иҷтимоигардии шахс мебошад. Низоми таҳсилоти миёнаи умумии кишвар айни ҳол аз 3 зина, яъне зинаи ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ иборат мебошад. Зинаи аввал, ки таҳсилоти ибтидоӣ мебошад, синфҳои аз 1 то 4 дар бар гирифта, дар он кӯдакони аз 7 то 10 сола ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Дар зинаи дуюм, яъне таҳсилоти асосӣ хонандагон дар синфҳои 5 – 9 таҳсил менамоянд ва зинаи сеюм бошад, таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки мактаббачагони синфҳои 10 – 11 фаро гирифта, дар он таълими равиявӣ ва тахассусӣ пешбинӣ мегардад. Дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ фаъолият менамоянд, ки аз рӯи мавқеи худ онҳо ба мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва литсею гимназияҳо ҷудо мегарданд. Дар муассисаҳои таълимии мазкур муддати таҳсил барои гирифтани маълумоти миёнаи пурра 11 солро дар бар мегирад.

Айни замон (соли хониши 2019/2020) тибқи маълумотҳои Вазорати маориф шумораи муассисаҳои таълимӣ дар кишвар ба 3884 адад мерасад (дар соли хониши 2014/2015 – 3836 ададро ташкил медод), аз ҷумла муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ 315 адад, муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ 442 адад ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 3127 ададро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар кишвар шумораи муассисаҳои таълимии типи нав ба 146 адад мерасад, ки аз ин теъдод 75 ададро гимназия ва 71 адади онро литсейҳо ташкил медиҳанд.

Шумораи мактаб–интернатҳо бошад, 64 ададро ташкил медиҳад, ки дар он кӯдакони ятим, нимятим, бепарастор, кӯдаконе, ки падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятии барои кӯдакон хавфнок, имконияташон маҳдуд, барои кӯдакони аз деҳаҳои навбунёд ва дурдаст, ки муассисаи таълимӣ надоранд, кӯдаконе, ки муҳити носолими оилавӣ доранд ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, фаъолият менамояд. Шумораи таълимгирандагон дар ин муассисаҳои таълимӣ 8275 нафар, аз ҷумла 2501 нафар духтарон мебошанд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ бошад, дар соли 2019 – 60 ададро ташкил медиҳад, ки дар онҳо 23138 нафар хонанда

таҳсил менамояд ва 7965 нафари онҳо духтарон мебошанд. Дар муқоиса бо солҳои пеш шумораи ин муассисаҳо низ зиёд гардида, фарогирии хонандагон меафзояд.

Аз сабаби он ки афзоиши табиии аҳолӣ дар кишвар босуръат боло рафта истодааст, шумораи хонандагон низ дар мактабҳои таҳсилоти миёна сол аз сол зиёд ба назар мерасанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли хониши 2019/2020 ҳамагӣ 2 033 900 нафар хонандагон (980 766 нафар духтарон) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ин шумора дар соли хониши 2018/2019 – 1 970 002 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо 948 722 нафар духтарон мебошанд. Дар муқосиа бо солҳои хониши пештара кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳарсол, тақрибан 63 ҳазор нафар зиёд ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Зиёдшавии шумораи умумии хонандагон дар шакли диаграмма тибқи соли хониш дар аввали соли таҳсил нишон дода мешавад, ки он аз рӯи маълумотҳои оморӣ тартиб дода шудааст.

Диаграммаи 1

Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

(ҳазор нафар)



Манбаъ: диаграммаи мазкур аз тарафи муаллиф тибқи маълумотҳои омории соҳаи маориф тартиб дода шудааст.

Дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ шумораи умумии хонандагон дар соли таҳсили 2019/2020 ба таври зайл мебошад:

- вилояти Хатлон – 752 686 нафар (362 772 нафар духтар);

- вилояти Суғд – 547 926 нафар (267 888 нафар духтар);
- ВМКБ – 38 123 нафар (18 555 нафар духтар);
- шаҳри Душанбе – 205 103 нафар (96 119 нафар духтар);
- НТҶ – 490 062 нафар (235 432 духтар).

Дар соли таҳсили 2019/2020 ба муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 232 208 нафар (112176 духтар) ба синфи 1 фаро гирифта шуд, аз ҷумла, дар ВМКБ 3954 нафар (1904 духтар), вилояти Хатлон 86285 нафар (41665 духтар), вилояти Суғд 61235 нафар (29730 духтар), шаҳри Душанбе 22632 нафар (10703 духтар) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 58102 нафар (28174 духтар)-ро ташкил медиҳад. Шумораи фарогирии хонандагони синфи 1 нисбат ба соли таҳсили 2018/2019 – 2756 нафар зиёд мебошад.[8, с.294]

Тибқи маълумоти оморӣ фарогирии кӯдакон дар синфи 1–4-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли хониши 2018/2019 ҳамагӣ 889 657 нафар мебошад, ки аз инҳо 431 080 нафар духтарон мебошанд. Дар синфи 10–11 бошад, ҳамагӣ 249 426 нафар кӯдакон таҳсил менамоянд, ки аз онҳо 116 016 нафарашон духтарон мебошанд. Аз ин шумора дар шароити деҳот теъдоди кӯдакони ба синфи 1–4 фарогирифташуда ба 631 225 нафар баробар аст, аз ин миқдор 308 715 нафар духтарон ҳастанд. Хонандагони синфҳои 10-11 бошад, 176 760 нафар мебошанд, шумораи духтарон 83 646 нафарро ташкил медиҳанд. Фарқ байни шумораи умумии хонандагони синфҳои 1–4-ум ва синфҳои 10–11-ум 640 228 нафар буда, аз онҳо 315 064 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Аз рӯи ин маълумоти оморӣ фарогирии кӯдакон ба таҳсилот асосан аз синфҳои 1 то 9 хуб ба роҳ монда шуда, дар умум, қариб 99% ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҷадвали 3

Фарогирии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯйи гурӯҳҳои синфҳо (*нафар*)

Соли хониш	***Ҷамъи хонан.***	***Дар синфҳои***			***Фарқ байни син. 1-4 ва 10-11***	***Аз ҷумла, духтарон***			***Фарқ байни син.1-4 ва 10-11***
		1-4	**5-9**	**10-11**		**1-4**	**5-9**	**10-11**	
ҲАМАГ									
2014-2015	1 741 628	686 079	22 269	233 280	452 799	331 378	392 579	106 428	224 950
2018-2019	1970 002	**889 657**	30 916	**249 429**	**640 228**	431 080	401 626	116 016	315 064
Хонандагони шаҳрӣ									

2014-2015	499 320	195 694	36 810	66 816	128 878	91 972	107 757	28 542	63 430
2018-2019	576 785	258 432	45 684	72669	185 763	122 365	113 958	32 370	89 995
Хонандагони деҳот									
2014-2015	1 242 308	490 385	85 459	166 464	323 921	239 406	284 822	77 886	161 520
2018-2019	1 393 217	631 225	585 232	176 760	454 465	308 715	287 668	83 646	225 069

Манбаъ: ҷадвали мазкур аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти омории соҳаи маориф тартиб дода шудааст.

Аз ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки имрӯз фарогирии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то синни 15 солагӣ ё синфи 9 хуб мебошад, зеро дар низоми маорифи кишвар зинаи дуюми таҳсилот, яъне зинаи асосӣ то синфи 9 ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ, хонандагон баъди хатми зинаи дуюми таҳсилот (синфи 9) метавонанд ба ягон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил гарданд.

Албатта, қайд кардан зарур аст, ки қисме аз хонандагон баъди хатми синфи 9 ба ягон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил гардидаанд. Аз ин рӯ, мо ба теъдоди умумии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ назар кардем, ки он ҳамагӣ 86 497 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 53 756 нафар духтарон таҳсил менамоянд. Дар байни инҳо донишҷӯёне низ ҳастанд, ки баъди хатми таҳсилоти умумӣ, яъне хатмкунандагони синфҳои 11 низ таҳсил менамоянд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки теъдоди зиёди хонандагони синфҳои 10-11 ба таҳсил фаро гирифта намешаванд. Ҳамин тариқ, таҳлилҳои боло нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ қисмати зиёди кӯдакон то синни 15 солагӣ, яъне то синфи 9 таҳсилро идома медиҳанд.

Захираҳои кадрии соҳаи маориф, бахусус дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сатҳу сифати таълим ва ҳавасмандии ҳайъати омӯзгоронро тавсиф менамояд. Аз ин рӯ, омӯзгорон яке аз омилҳое мебошанд, ки сифати таълим аз онҳо вобаста буда, насли оянда маҳз тавассути онҳо донишу малакаи хубро ба даст оварда метавонанд. Ҳамзамон, омӯзгор нафаре мебошад, ки ба хонандагон, на танҳо донишу малака меомӯзад, балки дар ташаккули шахсияти онҳо, яъне дар иҷтимоигардии шогирдон низ иштирок мекунад.

Маълумотҳои омории маориф нишон медиҳад, ки айни замон шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 124 593 нафарро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо 74 046 нафар занон мебошанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 5 632 нафар (3 346 зан) дар ВМКБ, 44 423 нафар (23 131 зан) вилояти Хатлон, 38 714 нафар (25 360 зан) вилояти Суғд, 8 863 нафар (6 888 зан) шаҳри Душанбе ва 26 961 нафар (15321 зан) дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд. Аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ 74,1% бо маълумоти олӣ, 24,5% бо маълумоти миёнаи касбӣ ва 1,4% бо маълумоти миёнаи умумӣ ба хонандагон дарс меомӯзанд, ки ба ҳар яки онҳо 16,3 нафар хонанда рост меояд. Таносуби хонандагон ва омӯзгорон аз рӯйи синфҳо дар шакли ҷадвал нишон дода мешавад.

Ҷадвали 5

Ҳиссаи хонандагон ба як нафар омӯзгор

*(солҳои таҳсили 2018/19***)**

	Шумораи омӯзгорон	**Шумораи хонанда-гон**
Ҳамагӣ	*123053*	*1970002*
Синфҳои 1 – 4	*38130*	*889657*
Синфҳои 5 – 11	*84923*	*1080345*
Ба як нафар омӯзгор		
Дар умум	*16,3*	
Синфҳои 1 – 4	*23,3*	
Синфҳои 5 – 11	*12,7*	

Манбаъ: аз тарафи муаллиф тибқи маълумоти омории соҳаи маориф тартиб дода шудааст.

Тибқи ҷадвал маълум мегардад, ки дар синфҳои 1 – 4 ба ҳар як нафар омӯзгор 23,3 нафар хонанда ва дар синфҳои 5 – 9 ва 10 – 11 бошад, ба як нафар омӯзгор 12,7 нафар хонанда рост меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар зинаи аввали таҳсилот сарбории омӯзгорон аз ҳисоби хонандагон зиёд мебошад. Дар натиҷаи дар як синф аз меъёр зиёд ба таҳсил фаро гирифтани хонанда сатҳи дониши хонандагон паст мегардад. Солҳои охир дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар, махсусан дар шаҳрҷойҳо аз 35 то 45 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳол он, ки тибқи талабот бояд дар як синф то 25 нафар хонанда фаро гирифта шавад, зеро он вақти муайяне, ки барои ҳар як фан

ҷудо мегардад ба ҳамин миқдор хонанда рост меояд. Ғайр аз ин, худи омӯзгор низ дар вақти аз меъёр зиёд будани хонанда хастагӣ эҳсос намуда, ба онҳо якхел муносибат намекунад, ки ин боиси рӯҳафтодагии хонанда гардида, барномаи таълимиро аз худ карда наметавонад.

Ҷадвали 6

Эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ дар солҳои 2008 – 2019

	Эҳтиёҷот ба кадр					
	дар соли 2008 [4]	***дар соли 2012***	***дар соли 2015***	***дар соли 2016***	***дар соли 2017[5]***	***дар соли 2019 [8]***
ВМКБ	*255*	*23*	*20*	*-*	*7*	*134*
ш.Душанбе	*68*	*9*	*6*	*5*	*8*	*227*
НТҶ	*1163*	*24*	*93*	*94*	*70*	*1012*
Суғд	*1102*	*0*	*-*	*-*	*-*	*660*
Хатлон	*1012*	*106*	*122*	*138*	*98*	*727*
Ҳамагӣ	**3600**	**162**	**241**	**237**	**183**	**2760**

Доир ба эҳтиёҷоти кадрие, ки дар соли 2019 (2760 нафар) шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудаанд, аз тарафи вазорат бо роҳхат ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои кишвар 4217 нафар мутахассиси ҷавон фиристода шуаанд, ки аз онҳо 2969 нафар ё 70,4% ба ҷойи кор ҳозир гардиданд. Тибқи рақамҳои ба ҷойи кор ҳозир гардидани мутахассисони ҷавони соҳа бояд мушкилоти норасоии кадрҳо дар ин самт ҳалли худро ёбад.

Мутаасифона, ҳамасола дар баробари бартараф намудани мушкилоти норасоии омӯзгорон ва таъмини муассисаҳои таълимии кишвар бо кадрҳои омӯзгорӣ, нафарони зиёде ҳастанд, ки бо сабабҳои гуногун аз кор мераванд. Аз ҷумла, соли 2017 тибқи омори Вазорати маориф, ки шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона 120635 нафарро ташкил медоданд, аз онҳо 8035 нафар (164 нафар фавтиаанд) аз кор рафтаанд. Ин омил боиси мушкилот дар таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорон мегардад, зеро мутахассисони ҷавоне, ки ба ин самт равона мегарданд, ҳавасмандиашон нисбати касби омӯзгорӣ паст мегардад. Аз ин рӯ, барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта, мақомотҳои дахлдор бояд бо ҳар восита кадрҳои ботаҷрибаи соҳаи омӯзгориро ҳавасманд гардонда, сади роҳи аз кор рафтани онҳо гарданд, чунки тарбияи насли наврас маҳз аз омӯзгори ботаҷриба вобаста мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар ҳисоботи Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф (ҳоло Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) соли 2019 нишон дода шудааст, ки тибқи санҷиш дар як қатор муассисаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ норасоии омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ба назар мерасад. Норасоии омӯзгорон асосан, аз фанҳои дақиқ, аз ҷумла, математика, физика, химия, биология ва забонҳои русиву англисӣ мебошанд. Тибқи санҷишҳои гузаронидашудаи хадамот дар аксарият муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо омӯзгорони ғайриихтисос фаъолият менамоянд, ки ин бевосита ба сифати таълим ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ таъсири манфии худро мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Душанбе, 2013 с.
2. Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот, дурнамо. Душанбе: Ирфон, 2019. -406 с.
3. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, 2019. С.12.
4. Маълумоти омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2013.
5. Маълумоти омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2018.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Душанбе – 2016, с.45.
8. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019, Душанбе 2019. 294 с.

ОСНОВНЫЕ ЗАДАЧИ И ПРЕИМУЩЕСТВА СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ В РАЗВИТИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА,
главный специалист Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 40,
тел.: (+992 37) 2-27-59-80, (+992) 918-42-91-84,
e-mail: nmarxamat@mail.ru

В данной статье основные задачи в сфере образования были изучены и проанализированы как приоритетное направление социально–экономической жизни республики. Автор, уделяя особое внимание приоритетам данной отрасли, показал их разнообразные виды в соответствии с показателями национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2020 года в развитии человеческого капитала. В то же время, в зависимости от приоритетов сферы образования, в современных условиях рассматривается развитие различных ступеней образования, и автор попытался проанализировать состояние отрасли, используя статистические данные.

Ключевые слова: *образование, приоритеты образование, уровни образования, дошкольное образование, среднее, профессиональное, высшие учебные заведения, учителя, педагогический кадры.*

MAIN OBJECTIVES AND BENEFITS OF EDUCATION SPHERE IN HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT

NAZIROVA MARHAMAT NAZAROVNA,
Chief specialist of the Department of Analysis of Social Problems
of the Center for Strategic Research under the President
of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki Ave.,
tel.: (+992 37) 2-27-59-80, (+992) 918-42-91-84,
e-mail: nmarxamat@mail.ru

In this article, the main tasks in the field of education were studied and analyzed as a priority direction of socio–economic life of the Republic. The author paid special attention to the priorities of this industry and showed their various types in accordance with the indicators of the national development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2020 in the development of human capital. At the same time, depending on the priorities of the sphere of education, the development of various stages of education is considered in modern conditions, and the author tried to analyze the state of the industry using statistical data.

Keywords: *education, education priorities, education levels, preschool education, secondary, vocational, higher education institutions, teachers, pedagogical staff.*

УДК: 711.52 (575.3)

ҶЕНТРИФИКАТСИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАҒЙИРДИҲИИ МУҲИТИ ШАҲР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

ТАВАЛЛОЕВ МУЗАФФАР ТАВАКАЛШОЕВИЧ,
номзади илмҳои сотсиологӣ, ассистенти
кафедраи сотсиологияи ДМТ,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 93-599-32-32; e-mail: muz_tv83@mail.ru

МАЙСАРА ШАРОФ,
ассистенти кафедраи таърих ва ҷамъиятшиносии
Коллеҷи омӯзгории ба номи Х.Махсумоваи,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ 73,
тел: (+992) 918-25-32-32; e-mail: muz_tv83@mail.ru

Дар мақола муаллиф мафҳуми ҷентрификатсияро, ки дар ғарб хеле маъмул аст шарҳ дода, истифода мебарад ва равишҳои методологии онро номбар намуда, хусусиятҳои онро таҳлил менамояд. Инчунин, муаллиф вазъи кунунии шаҳри Душанберо таҳлил намуда, хулосаҳои назаррас намудааст. Муаллиф саривақтӣ будани сохтмони манзилҳои наву замонавии пойтахтро қайд менамояд.

Дар мақола пешниҳод мешавад, ки барои аҳолии шаҳр бояд, фазои эҷодӣ – яъне ҷой, макон, муҳити эҷодӣ, ки барои ифодаи озоди фаъолияти эҷодӣ ва алоқамандии одамон нигаронида шудааст, ташкил карда шавад, зеро рӯз аз рӯз муҳити шаҳр мавзеҳои озодро аз даст медиҳад.

Калидвожаҳо: *ҷентрификатсия, муҳити эҷодӣ, шаҳр, Душанбе, табақа, урбанистика, сотсиологӣ, меъморӣ, географӣ.*

Марҳилаи муосири рушди шаҳрҳо, тағйирёбии шаҳру шаҳракҳои тамоми кишварҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла, Тоҷикистонро ба амал оварда, ки дигаргуниҳои амиқи сохтори шаҳрсозиро тақозо намуд. Дар шаҳри Душанбе ин раванд бо тамоми шукӯҳу шаҳомати бесобиқа оғоз гардида, идома меёбад.

Албатта, симои пойтахт ба замони имрӯза ҷавобгӯ набуда, тағйироти ҷиддиро талаб менамояд. Аз тарафи дигар пойгоҳҳои зиёди нақлиётӣ (автобаза), корхонаҳои аз фаъоият бозмонда, ки бо мурури замон зарурати худро аз даст додаанд ё муфлис гардидаанд, имконият медиҳад, то дар ҷои онҳо биноҳои наву замонавӣ сохта ба истифода дода шаванд. Гузашта аз ин дар пойтахт манзилҳои зиёди шахсии якошёна ва хонаҳои нообод (баракҳо)-е мавҷуданд, ки қисми онҳо умуман ба талаботҳои санитарию эпидемологӣ ҷавобгӯ нестанд. Ҳавлиҳо бошанд, рӯз аз рӯз бо бузург гаштани фарзандон ва оиладор шудани онҳо тақсим шуда, «ҳавлӣ»

буданашон намондааст. Ин дар ҳолест, ки аксари ин манзилҳо ё ҳавлиҳо бо хати обу корез пайваст нестанд, ки вазъи санитариро ногувор мегардонад.

Ташаббуси пешгирифтаи роҳбарияти шаҳр айни муддаост, ки ин вазъияти ногуворро беҳ мегардонад. Таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки ҳатто шаҳрҳои пешрафтаи саноатиро ба воситаи механизмҳои мушаххаси минтақавӣ ва урбанистикӣ, метавон зуд ва самаранок азнавсозӣ намуд, ки онро ҷентрификатсияи муҳити шаҳр меноманд.

Истифодаи мафҳуми «ҷентрификатсия» дар кишвари мо ба мушоҳида намерасад, ҳатто дар Россия он чандон истифодашаванда нест, гарчанде ин мафҳум истифодашаванда набошад ҳам, аммо ҷой доштани ин раванд аҳёнан ба мушоҳида мерасад. Боиси тазаккур аст, ки тули солҳои охир баъзе маҳалҳо, роҳҳо ё кӯчаҳо ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Ба дигаргуниҳои мазкур, натанҳо аҳолӣ, сайёҳон, ҷӯяндагони муҳити эҷодӣ диққат медиҳанд, балки соҳибкорон низ бетараф набуда, манфиатдор ҳастанд ва ҳатто ҳамчун ташаббускор баромад менамоянд.

Аксар муҳаққиқон аз истифодаи мафҳуми «ҷентрификатсия» худдорӣ менамоянд, зеро он вобаста ба соҳаи омӯзиш маъноҳои гуногунро фаро гирифта, оқибатҳои ҳам мусбат ва ҳам манфиро дар назар дошта метавонад. Мафҳуми «gentrification» соли 1964 аз ҷониби сотсиологи британиягӣ Рут Гласс истифода шудааст, мавсуф зери ин мафҳум тағйиротеро дар назар дошт, ки дар бозори манзил ва сохтори иҷтимоии баъзе навоҳии Лондон мушоҳида намуда буд. Яъне, «намояндагони синфи миёна, болоӣ ва поёнӣ яке паи дигаре ба маҳаллаҳои синфи коргар роҳ меёфтанд. Чун раванди «ҷентрификатсия» дар маҳал оғоз мешавад, зуд амалӣ мегардад, то даме, ки тамоми намояндагони синфи коргар ё аксарият манзили худро тарк менамоянд ва сохтори иҷтимоии маҳал тағйир меёбад», менависад Р.Гласс [1].

Нуқтаи назари сотсиологӣ ба ҷентрификатсия – солҳои аввали пайдоиши мафҳуми ҷентрификатсия таърифҳои он, ҳамчун андешаҳои Гласс бештар тамоюли ба бозори манзил ва барқароркунии иншооти мавҷудбуда, нигаронида шуда буданд. Лекин, то замони мо ин мафҳум васеъ гашта, айни ҳол заминҳои ба мақсадҳои саноатӣ истифодашудаю иншооти ба тарзи замонавӣ бунёдгашта, инчунин маҳалаҳои навтаъсиси истиқоматиро фаро мегирад.

Дар доираҳои илмӣ бошад, ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур, аслан се шарҳи асосиро баррасӣ менамоянд. Масалан, Д. Лей [2,3] муътақид бар

он аст, ки раванди ҷентрификатсия бо сабаби тағйирёбии сохтори саноат дар шаҳрҳои бузург ба амал меояд. Гузариш аз соҳаҳои истеҳсолӣ ба соҳаҳои хизматрасонӣ дар шаҳрҳои бузург ба тағйирёбии якбораи сохтори синфи ихтисосманд меорад, ки дар он «гиребонсафедон» бартарӣ доранд. Бинобар ин, намояндагони «гиребонсафедон» дар нуқтаҳои марказии шаҳр ҷойгир шуда, ба рушди объектҳои нави шаҳр мусоидат менамоянд.

Раванди ҷентрификатсия дар натиҷаи зиёдшавии ҷалби аҳолии даромади нисбатан баланд дошта ба маҳал амалӣ мешавад. Нахуст «gentrifiers» (ҷентрификаторҳо) метавонад ба зиёиёни камбизоат ё худ иттифоқҳои камдаромад тааллуқ дошта бошад, ки диққати сармоягузоронро ба маҳали мазкур ҷалб менамоянд. Баъдан, ташкилкунандагони сохтмон (девелоперҳо) ҷалб мешаванд, ки маҳалро дигаргун намуда, дар навбати худ боиси ҷалби иҷорагирандагон мегарданд, маҳал натанҳо барои аҳолии муқимӣ, балки ба тамоми шаҳрвандон диққатҷалбкунанда мешавад, ҳатто эҳтимол объекти сайёҳӣ ҳам гардад.

Нуқтаи назари меъморӣ ба ҷентрификатсия – дар соҳаи меъморӣ бошад, мафҳуми ҷентрификатсия бештар характери амалӣ дошта, пеш аз ҳама раванди дигаргун намудану беҳтар кардани бино ва ё маҳал мебошад. Ҳамин тариқ ба мақсадҳои саноатӣ камтар истифода намудану зиёд намудани истифодабарӣ бо мақсадҳои хизматрасонӣ, дафтарҳо (офис), рушди манзилҳои истиқоматии сатҳи олӣ, савдои чакана ва тарабхонаҳо, ҷентрификация номида мешавад. Раванди ҷентрификатсия дар соҳаи меъморӣ пеш аз ҳама бо тағйирёбии намуди зоҳирӣ ва беҳтар намудани коршоямии бино ё маҷмӯи биноҳо ва атрофи он алоқаманд аст.

Кристофер Гаффни [3], дар асари худ «Ҷентрификатсия дар омода намудани Рио-де-Жанейро ба бозиҳои олимпӣ» чунин менависад: «Ҷентрификатсия аксар маврид намуна ё нусхаи нави маданиро дар меъморӣ ворид месозад. Масалан, мо онро дар шаклҳои нави меъморӣ ва ё усулҳои бунёди муҳити ҷамъиятӣ дида метавонем. Тағйирдиҳии дизайни биноҳоро метавон, ҳатто аз ҳисоби (витрина) ҷевонҳои намоишии маҳсулоти қаҳвахонаю фурӯшгоҳҳои нав амалӣ намуд. Ин унсурҳои нав, метавонанд баёнгари маълумот дар бораи синф, аслият ва мутаалликият бошанд».

Нуқтаи назари географӣ ба ҷентрификатсия – географҳо бошанд, барои муайян намудани ҷентирфикатсия нуқтаи назари нисбатан васеъро истифода мебаранд. Муҳаққиқони амрикой, Нилл Смит ва Ричард Скаффер – дар маҷаллаи «Annals of the Association of American Geographers»[4,349]

қайд намудаанд, ки ҷентрификатсия ин раванди сиёсати шаҳрдориест, ки бо мақсади мубаддалгардонии минтақаҳои корӣ ва ё озоди шаҳр ба маҳалҳое, ки барои синфи миёна ва болоӣ бо назардошти дурнамои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва физикии шаҳрҳо истифода мешавад.

Чуноне, ки мебинем ҳар як равиш доир ба ҷентрификатсия шарҳи худро дорад: сотсиологӣ – ба тақсимоти синфӣ ё табақавии истиқоматкунандагон; меъморӣ – тағйироти симои зоҳирии маҳал; географӣ – тағйироти сохтори муҳитро ба назар мегирад. Дар ин ҷо якеро беҳтару дигареро бадтар ё пурратару васеътар, дигареро маҳдудтар нагуфта, қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми қабули қарорҳо аз тарафи масъулон: лоиҳакашон, муҳандисон, экологҳо шахсоне, ки дурнамои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеаро ба дӯш гирифтаанд, масъалаи мазкурро ҳаматарафа омӯхта, барои дурнамои рушди шаҳру маҳалҳо қарорҳои муфид қабул намоянд.

Ричард Флорида [5,3-19], дар асари худ «Шаҳрҳо ва синфи эҷодкор. Шаҳр ва иттиҳодияҳо» (Города и креативный класс. Город и сообщества) сабабҳои асосии ҷентрификатсияро чунин қайд кардааст:

- Сармоягузорӣ намудани дигаргунсозиҳо дар маҳал, барпо намудани муҳиту макони ҷолиб барои синфи эҷодкор (синфи креативӣ);
- Вайрону валангор гаштани иншооти саноатӣ, таназзули минтақаҳои саноатӣ, таҷдиди муҳити шаҳр;
- Зарурати тағйирдиҳии муҳити шаҳр, мутобиқгардонии минтақа ба соҳаи хизматрасонӣ, зеро, маҳз саҳми чунин тахассусмандон дар шаҳрҳо меафзояд. Таҷдиди минтақаҳои шаҳр барои эҳтиёҷоти аҳолӣ.

Ҷентрификатсия ин эҳёи минтақаҳои шаҳр аст, ки ба таназзули иҷтимоию иқтисодӣ гирифтор шудаанд, яъне зинда намудани қисми шаҳр. Кам ҳолатҳое мешавад, ки чунин азнавсозиҳо аз рӯи нақшаи стратегӣ бошанд, лекин натиҷаи хоҳишҳои пайдарҳами беҳтар намудани шаҳрҳо буданашон аз эҳтимол дур нест.

Умуман, фаҳмиши ягонаи ин мафҳум вуҷуд надорад, чӣ хеле қайд кардем равишҳои сотсиологӣ, меъморӣ, географӣ доир ба масъалаи мазкур масъалагузориҳои худро доранд, ғайр аз ин, боз равишҳои антропологӣ, иҷтимоӣ-маданӣ, марксистиро қайд мекунанд, ки ҳар яки онҳо мавқеъ ва вижагиҳои худро доранд. Лекин, ба таври оддӣ ҷентрификатсия ин тағйирёбии низоми моликияти шахсӣ, ҳангоме, ки аҳолиии даромади нисбатан баланддошта аҳолии даромади пастдоштаро иваз намуда, ба маҳал сармоягузорӣ мекунад. Ҳамин тариқ, аз паи талаботҳои «аҳолии нав»

бо даромадҳои баланд ё имкониятҳои васеи молидошта, хизматрасониҳои гуногун ба маҳал ворид шуда, маконро аз нигоҳи иқтисодӣ ҷолиб мекунанд.

Дар ғарб калимаи «ҷентрификатсия» урбанистикаи муосирро ифода мекунад. Агар дар Россия ин мафҳум то андозае нофаҳмо бошад, пас дар ғарб аз он ҳарос ҳам доранд. Махсусан шахсоне, ки дар сохторҳои идоранамоӣ фаъолият мекунанд, зеро, масъалаи нобаробарӣ авҷ мегирад. Истифодаи ин мафҳум дар Тоҷикистон ба мушоҳида намерасад, лекин ин равандҳоро мо қисман дар шаклу намудҳои гуногун мушоҳида кардаем ва карда истодаем. Решаи аслии ин калима англиси «gentry» буда, маънои дарборӣ ё табақаҳои болоиро дорад. Таҳтуллафзи ҷентрификатсия ин равандест, ки дар натиҷаи он маҳалро табақаи сарватманд аз худ мекунад. Дар натиҷа синфи доро ё табақаи сарватманд синфи нодор ё табақаи камбизоатро пеш мекунад, албатта бо «розигии» худи камбизоат.

Вазъияти мо чунин аст, ки ин равандро касе пешакӣ ба нақша нагирифтааст ва он характери стихиявӣ дорад. Аҳолии даромади паст дошта, ки шарту шароитҳои манзилии начандон хуб доранд барои беҳтар намудани ин ҳолат, хонаҳои худро дар кӯчаҳои марказӣ, ки талабгорони зиёд доранд, ба фурӯш гузошта дар канорҳо ё маҳалҳои аҳолии начандон накӯаҳвол ё худ навтаъсис манзили зист интихоб мекунанд. Онҳо аз як тараф шароити манзилии худ ва фарзандонашонро хуб кунанд аз тарафи дигар ҳолати равонии худро беҳ мегардонанд. Ба оилаи камбизоат дар байни аҳолии даромади зиёд дошта зиндагӣ намудан фишори рӯҳиро ба вуҷуд меорад. Албатта, дар ин ҳолат мутобиқ шудани ҷавонон, калонсолону пиронсолон ба шароити нав хело мушкил мегузарад.

Умуман, сабабҳои асосии ҷентрификатсияро чунин гуфтан мумкин аст:

- маблағгузорӣ барои рушди маҳалҳои шаҳр, аз сабаби талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва ба замона мутобиқ намудани симои шаҳр;
- озод шудани пойгоҳҳои нақлиётӣ (автобаза), аз байн рафтани корхонаҳои саноатӣ;
- зарурати азнавсозии маҳалҳо, зеро талабот ба хизматрасониҳо зиёд мешаванд ва шаҳр бояд ба он ҷавобгӯ бошад;
- хоҳиши шахсии аҳолӣ вабаста ба талабот ва имконияташон.

Дар ибтидо ҷентрификатсия шаҳрҳои ғарбро фаро гирифта, минбаъд ба тамоми олам паҳн гашт, ки ин равандро метавон дар шаҳрҳои бузурги

тамоми сайёра мушоҳида намуд, аз ҷумла: Кейптаун (ҶАҶ «ЮАР»), Манила (Филипин), Мелбурн (Австралия) ва ғ.

Дар кишварҳои хориҷа ҷиҳатҳои мусбат ва манфии ҷентрификатсияро чунин қайд кардаанд: *Мусбат* - беҳтар намудани шароитҳои манзилии соҳибмулкон; кам шудани ҷиноятқорӣ; хусусиятҳои нав пайдо намудани маҳал; пайдоиши ҷойҳои нави корӣ; зиёдшавии даромад аз андозбандӣ; дастгирӣ ёфтани ободкориҳо; кам гаштани вазнинӣ ба хизматрасониҳо ва инфрасохтор; барқарор намудани моликият, чӣ бо иштироки давлат ва чӣ бо саҳми маблағгузор. *Манфӣ* - гарон шудани нархи манзил; аз даст додани манзили дастрас; устувор набудни нархи амволи манқул; зиёдшавии нархи хизматрасониҳо. Аз номбурдаҳо шояд, баъзе дар шаҳри Душанбе ба мушоҳида расанд, вале як чизе ҳаст, ки дар ин биноҳои замонавӣ аз дари бино берун шудан пас шаҳр аст, яъне гуфтанием, ки мафҳуми «ҳавлии назди бино» қисман аз байн меравад, аз ин рӯ зарурати бунёди «муҳити эҷодӣ» пеш меояд. «Муҳити эҷодӣ» – яъне ҷой, макон, фазои эҷодӣ, ки барои ифодаи озоди фаъолияти эҷодӣ ва алоқамандии одамон нигаронида шудааст.

Ҷентрификатсия ва муҳити эҷодӣ – барои худмуайянкунии касбӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ мавзеъҳои махсус ташкил кардан лозим аст. Дар забони русӣ чунин мавзеъ ё ҷойҳоро «креативные пространства» ном мебаранд. «Креативные пространства» – яъне ҷой, макон, муҳити эҷодӣ, ки барои ифодаи озоди фаъолияти эҷодӣ ва алоқамандии одамон нигаронида шудааст [6,651].

Урбанист ва роҳбари барномаи «Creative Cities» таҳти шиори ЮНЕСКО Саймон Эванс [7], «креативные пространства»-ро ҳамчун «уммумиятҳои соҳибкорони самти эҷодӣ дошта, ки дар як минтақаи маҳдуд кору фаъолият мекунанд», муайян кардааст. Хусусияти фарқкунандаи фазои озод ё муҳити эҷодӣ ин мақсади фаъолияти инсон на дар нақши истеъмолкунанда ва корманди ташкилот, балки созандаи шахсияти худ, ҳамчун маҳсули меҳнати худ аст.

Фазои озод ё муҳити озоди эҷодӣ, ҳамчун як навъи ҷойҳои сеюм баррасӣ мешаванд. Ҷои сеюм (the third place) – қисми муҳити шаҳр, ки бо манзили зист («ҷои якӯм») ё бо ҷои кор («ҷои дуюм») алоқаманд нест. Мисоли чунин ҷой, метавонад қаҳвахона, клуб, боғ, китобхона бошад. Консепсияи («ҷои сеюм») аввалин маротиба дар китоби социологи амрикоӣ Рэй Олденбург [8], баён шудааст. Ба андешаи Р. Олденбург «Ҷои Сеюм» дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократия нақши муҳим мебозад.

Ҷавонон шавқу завқи зиёд доранд, ки чизи навро санҷида бинанд ва дар ҳолати нокоми босаброна хатоҳои худро фаҳмида ислоҳ шаванд.

Фароҳам овардани имконият барои нақшакашӣ, тарҳрезӣ ва амал намудан, онҳоро ба воқеияти мушкили зиндагӣ омода месозад. Мақсади бунёди муҳити озоди эҷодӣ маҳз таъмин намудани аҳолӣ ва махсусан, ҷавонони лаёқатманду эҷодкор (синфи эҷодкор) бо муҳите, ки имкониятҳои омӯзиш, худомӯзӣ, мубодилаи маҳорату малака, санҷиш ва амалинамоии нигоҳи наву тозаи худро ба шаҳр ва олам доранд ва дар зиндагии оянда ин маҳорату малакаю эҷодкорӣ барои дарёфти роҳи ояндаашон кумак мерасонад, бамаврид аст.

АДАБИЁТ

1. ***Glass R.*** London: Aspects of Change. L. : Mac Gibbon & Kee, 1964.
2. Ley ***D.*** Gentrification and the politics of the new middle class // Environment and Planning D: Society and Space. 1994. Vol. 12.
3. ***Gaffney Christopher.*** Gentrifications in pre-Olympic Rio de Janeiro. - L.; N.Y.: Verso, 2015.
4. ***Richard Schaffer & Neil Smith. The*** Gentrification of Harlem? // Annals of the Association of American Geographers.
5. ***Florida, R. L. (2003).*** Cities and the creative class. Cityand Community, 2 (1).
6. Суховская Д. Н. Реализация творческого потенциала населения через креативные пространства города: лофты, зоны коворкинга, арт-территории // Молодой ученый. — 2013. — № 10.
7. Хакимова Е. Р. Креативный кластер как элемент креативного потенциала территории // Актуальные вопросы экономических наук. — 2013. — № 34.
8. Васильева М., Шорохова А. Все статьи автора (Дата обращения: 8 мая 2018). www.dp.ru

ДЖЕНТРИФИКАЦИЯ КАК СПОСОБ ИЗМЕНЕНИЯ ГОРОДСКОГО ПРОСТРАНСТВА И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ

ТАВАЛЛОЕВ МУЗАФФАР ТАВАКАЛШОЕВИЧ,
кандидат социологических наук, ассистент кафедры социологии ТНУ,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17,
тел: (+992) 93-599-32-32; e-mail: muz_tv83@mail.ru

МАЙСАРА ШАРОФ,
ассистент кафедры истории и обществознания
Педагогичекого колледжа имени Х.Махсумовой,
734025, Таджикистан, г.Душанбе, пр.Садриддин А. 17,
тел: (+992) 918-25-32-32

В статье автор разъясняет термин джентрификация, который широко употребляется на западе, указывает его методологические подходы и анализирует его специфику. Также, автор анализирует сегодняшнюю ситуацию города Душанбе, приходит к определенным выводам. Автор, подчеркивает своевременность строительства новых жилых и современных зданий столицы.

В статье предлагается организовывать для городского населения креативные пространства – то есть, места, творческие пространства, которые направлены на свободную творческую деятельность и взаимосвязь людей потому, что день за днем город теряет свои свободные пространства.

Ключевые слова: *джентрификация, креативные пространства, город, Душанбе, страта, урбанистика, социологическая, архитектурная, географическая.*

GENTRIFICATION AS MEANS OF CHANGING URBAN SPACES AND ITS PECULIARITIES

TAVALLOEV MUZAFFAR TAVAKALSHOEVICH,
Candidate of Sociological sciences, assistant of the
Sociology Department of TNU,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.,
tel: (+992) 93-599-32-32, e-mail: muz_tv83@mail.ru

MAYSARA SHAROF,
Assistant at the Department of History and Social Studies, Pedagogical College named after H. Maksumova,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 73 Sadriddin A. Ave.,
tel: (+992) 918-25-32-32

In the article the author explains the term gentrification, which is widely used in the West, indicates its methodological approaches and analyzes its specificity. Also, the author analyzes the current situation in Dushanbe, comes to certain conclusions. The author emphasizes the timeliness of construction of new residential and modern buildings of the capital.

In the article, it is proposed to organize creative spaces for the urban population – that is, the place, the creative space, which is aimed at free creative activity and the relationship of people, because day after day the city loses its free space.

***Keywords**: gentrification, creative spaces, city, Dushanbe, stratum, urbanism, sociological, architectural, geographical.*

УДК 32.019.52

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСӢ

САИДЗОДА ШУҲРАТ ШУКУР,
н.и.с., дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии хуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон
735700. Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17,
тел.: +992 939-38-88-66; e-mail: shuhratst@mail.ru.

ШАЪБОНОВ НОРАЛӢ НОРМИРЗОЕВИЧ,
н.и.с., дотсент, мудири кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734020. Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел. :+992 90-420-46-29; e-mail:noralishabonov@bk.ru

Дар ҷомеаи демократӣ мавзӯи тарбияи сиёсӣ, мутобиқ намудани насли наврас ба муҳити иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ва фаъолнокии онҳо дар ҳаёти сиёсии давлат аҳамияти хоса дорад, ки дар илми сиёсӣ инро иҷтимоишавии сиёсӣ ном мебаранд. Мақола ба мавзӯи назарияи иҷтимоишавии сиёсӣ бахшида шудааст. Дар он моҳият ва пайдоиши мафҳуми иҷтимоишавии сиёсӣ ва консепсияҳои иҷтимоишавии сиёсие, ки аз тарафи олимони хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, баррасӣ карда мешавад. Дар мақола қайд мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ баробари дигар омилҳо таъсири васоити ахбори омма дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ торафт афзун гардидааст. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки давлатҳои миллӣ, ба монанди Тоҷикистонро зарур аст, ки вобаста ба фарҳанги миллӣ модели иҷтимоишавии сиёсӣ коркард намоянд, ки он садди таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба афкори сиёсӣ мардум гардида, ба баланд гардидани сатҳи иштирок ва фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон мусоидат хоҳад кард. Дар охир хулосаи асосии муаллиф доир ба назарияҳои иҷтимоишавии сиёсӣ баён гардидааст.

***Калидвожаҳо**: моҳият ва пайдоиши иҷтимоишавии сиёсӣ, назарияи иҷтимоишавии сиёсӣ, консепсияҳои иҷтимоишавии сиёсӣ, интиқоли арзишҳо аз як насл ба насли дигар, таъсири ҷаҳонишавӣ, низоми сиёсии демократӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Бо аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ тағйироти чашмрас на танҳо дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, инчунин, дар ҳаёти сиёсии давлатҳои тозаистиқлол, ба миён омаданд. Яке аз дигаргуниҳои назаррас дар ин давра гузариш аз як низом ба низоми дигари сиёсӣ ва рӯ овардан ба бунёди ҷомеаи демократӣ мебошад. Муносибатҳои нави иҷтимоию

иқтисодӣ ба шаклгирии ҷанбаҳои иҷтимоӣ, сиёсии ҷомеа ва афроди алоҳида бетаъсир намонд. Шаклгирии нави муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ба ташаккули ҷиҳатҳои нави иҷтимоиву сиёсии дорои арзишҳои хос оварда расонад. Наслҳои нав дар рӯҳия ва талаботи нави замон ташаккул ёфтанд, ки аз хостаҳои наслҳои пешин фарқ мекунанд. Дар ин маврид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар аз 22.12.2016 чунин ишора намудаанд: «Ҷавонони имрӯзаи мо, яъне насли замони истиқлол, аз наслҳои пешина бо савияи илму дониш, маърифату ҷаҳонбинӣ, сатҳи тафаккур ва одобу ахлоқ фарқи куллӣ доранд, ки ин ҳама боиси ифтихори мо мебошад» [7, 506].

Аз назари муҳаққиқон, яке аз аломатҳои ин давра зудтағйирёбии ҷомеа мебошад. Чуноне ки сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев, қайд кардааст: «Шароити бамиёномадаи ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ насли асри XXI-ро аз рӯйи намунаи ҷомеаи зудивазшаванда ташаккул медиҳад. Насли нав дар шароити тағйирёбанда ба ҳаёт ворид гардида, дар таърихи кишварҳои хеш нишонаи амиқ боқӣ мегузорад» [10, 41]. Ин марҳала аз субъектони сиёсӣ, хосса аз давлат, ки ба равандҳои сиёсӣ таъсири фавқулода дорад, масъулияти бештар, чандирӣ ва сари вақт ҳал кардани мушкилоти бамиёномадаро тақозо менамояд.

Дар назди кишварҳои тозаистиқлол масъалаи иҷтимоишавии сиёсӣ, ки ба чигунагии тарбияи сиёсии насли наврас ва омодагии он барои дар оянда идора намудани давлат вобаста аст, қарор мегирад. Бидуни дуруст пеш бурдани иҷтимоишавии сиёсии наврасону ҷавонон пешравии низоми сиёсии давлати демократӣ номумкин аст, зеро иҷтимоишавии сиёсӣ имкон медиҳад, ки дар шахсияти инсон маҷмӯи арзишҳо, шаклу қоидаҳои рафтори дар ҷомеа маъмулбуда ташаккул ёбанд ва ӯро ба субъекти фаъоли ҷомеа табдил диҳанд. Яке аз ҳадафҳои муҳимми ин раванд нигоҳ доштани суботу амнияти ҷомеа мебошад. Иҷтимоишавии сиёсӣ равандест, ки дар натиҷаи таъсири муҳити ҷомеа ва системаи сиёсӣ ташаккули шахсият сурат мегирад. Иҷтимоишавии сиёсӣ барои азхуд кардани арзишҳои сиёсӣ аз тарафи шахс ва гурӯҳи муайяни ҷомеа равона карда шудааст. Мубрамияти мавзӯи иҷтимоишавии сиёсӣ аз чигунагии раванди аз худ кардани меъёрҳо, арзишҳо, қоидаҳои муҳити иҷтимоиву сиёсии ҷомеа вобаста мебошад. Гузашта аз ин, он бо дурнамои самти рушди ҷомеа алоқаманд аст. Яъне давлат кадом самти рушди ҷомеаро ба назар гирифта, раванди иҷтимоишавиро ба он мутобиқ менамояд?!

Иҷтимоишавии сиёсӣ аз он ҷиҳат низ муҳим мебошад, ки баробари торафт солхӯрда шудани як насл, насли ҷавон он арзишу одатҳои

иҷтимоиву сиёсии ҷомеаро азхуд намуда, системаи сиёсӣ ва тарзи рафтор ва қоидаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро ҳифз карда, баробари он арзишҳои наверо мепазирад, ки шароити нав талаб менамояд. Тавассути иҷтимоишавӣ насли нав на танҳо таҷрибаи пешинаи насли калонсол, ҳамчунин, вобаста ба шароит ва талаботи нави ҳаёти сиёсии ҷомеа донишу маҳорату таҷрибаи нави иҷтимоиву сиёсӣ касб менамоянд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ дар шахси алоҳида ташаккул ёфтани ҳуввияти сиёсиву динӣ ва этникӣ дар доираи гурӯҳ, миллат ва ё давлат мебошад. Дар даврaҳои пеш вақте мақоми дин дар давлат ва ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷомеа баланд буд, иҷтимоишавии сиёсӣ зери таъсири назарраси арзишҳои динӣ сурат мегирифт. Он замон дар байни мардум фаҳми муосири миллат, ҳувияти миллӣ, давлати миллӣ мавҷуд набуд. Мансубияти шахс дар доираи як дин маҳдуд мегардид. Ба мисли имрӯза давлатҳои миллӣ мавҷуд набуданд ва ташаккулёбии шахс дар доираи арзишҳои динӣ ва иҷтимоии маҳалле, ки зиндагӣ дошт, сурат мегирифт. Он замон, якум, фаҳмиши имрӯзаи миллати тоҷик, ӯзбек, англис, рус ва ғайра, дар зеҳни мардум маъмул набуд. Дувум, миллат ба маънои дин фаҳмида мешуд. Имрӯз вазъ дигаргун шуд. Илму маориф рушд намуд, маърифати одамон боло рафт, китобҳои сершумори таърихӣ навишта шуда, дастраси омма гардидаанд. Дар шиносномаи шаҳрванд ба кадом миллат тааллуқ доштани ӯ сабт шудааст ва мардум аз кадом миллат будани худро медонанд. Баробари ташаккул ва инкишофи худшиносии шахс рафтору муносибати ӯ нисбат ба ҳодисаву падидаҳо ва ҳаёти сиёсӣ метавонад, тағйир ёбад. Мавқеъ ва ҳувият шахсро водор менамояд, ки нисбат ба кадом масъалаи сиёсӣ чӣ гуна муносибат намояд. Дар чунин ҳолат манфиатҳои шахсӣ, ҳувияти гурӯҳӣ ба чигунагии шакли рафтору муносибати ӯ ба ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ таъсир мерасонад. Дар ҳолати муносиб ё созкор омадани ҳувияти шахс бо ҷомеа, манфиати шахс бо ҷомеа ва давлат тарзи муносибати ӯ бо ҳокимият, сарвари давлат ва системаи сиёсӣ хусусияти созандагӣ ва ягонагӣ пайдо менамояд.

Агар ба таҷрибаи Тоҷикистон назар намоем, бинобар дар солҳои аввали истиқлолият сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, ки омили асосиаш бартарӣ додан ба манфиати гурӯҳ нисбат ба манфиатҳои давлат буд, оқибат ба ҷанги дохилӣ оварда расонид. Аз ин рӯ, муроҷиат ва таъкиди пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳрвандон, махсусан ба ҷавонон, ки онҳо манфиатҳои миллию давлатиро аз манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ боло бардоранд, маҳз ба ҳамин мақсад мебошад: «Ҳар як сокини мамлакат бояд амиқ дарк намояд, ки дар вазъи кунунии бисёр ҳассосу печидаи ҷаҳон мо бояд сарҷамъу муттаҳид ва зираку ҳушёр бошем,

неъмати бузургтарини зиндагии халқамон, яъне истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро дар ҳама ҳолат ҳимоя кунем ва манфиати давлату миллатамонро аз тамоми манфиатҳои дигар боло гузорем». [12].

Дар давлатҳои муосири демократӣ ҳифзу ҳимояи ватан ва манфиатҳои миллӣ вазифаи муҳими ҳар шаҳрванд ба шумор меравад. Чунон ки дар моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст» [5, 17]. Суботи сиёсӣ ва устувории системаи сиёсии ҷомеа ба самаранокии раванди иҷтимоишавии сиёсии ҷомеа мусоидат менамояд. Баръакс, ноустуворӣ, номуайянӣ ва баста будани фазои сиёсии ҷомеа имкон намедиҳад, ки ниҳодҳои иҷтимоишавии сиёсӣ дуруст фаъолият пеш баранд ва раванди ташаккули ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии наврасону ҷавонон ба таври дилхоҳ пеш равад.Самаранокии иҷтимоишавии сиёсӣ барои пурра ворид гардидани насли нав ба ҳаёти сиёсӣ ва аз худ кардани арзишҳо ва қоидаҳои сиёсии ҷомеа мусоидат менамояд.

Олими рус А.И.Шербинин масъалаи таъсири раванди иҷтимоишавии сиёсиро ба таълиму тарбияи шахс мавриди омӯзиш қарор дода, чунин қайд намудааст: «Иҷтимоишавии сиёсӣ дар ҳар як насл одати муайяни дарки олами сиёсиро ташаккул медиҳад. Тарбияи сиёсӣ барои мутобиқнамоии шахс ба шароити муайяне, ки ҳар давра барои нигоҳ доштани мувозинат дар низоми сиёсии ҷомеа муҳим аст, замина ба вуҷуд меорад» [11,172]. Аз назари ин пажӯҳишгар иҷтимоишавии сиёсӣ ва тарбияи сиёсии шахс бо мақсади мутобиқнамоии мардум ба ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ҳифзи суботи низоми сиёсӣ амалӣ карда мешавад.

Омӯзиши раванди иҷтимоишавии сиёсӣ маълум намуд, ки дар ҳар ҷомеа навъҳои гуногуни назарияҳо ва консепсиҳои иҷтимоишавии сиёсӣ муқаррар ва амалӣ карда мешаванд, аммо ҳамаи онҳо вобаста ба шароити нави сиёсии замони муосир таҷдиди назар мехоҳанд. Ҳар як ниҳоди сиёсӣ вобаста ба фарҳанг ва низоми сиёсии ҷомеа натиҷаҳои гуногун ба вуҷуд меорад. Меъёрҳои сиёсӣ, мақсадҳо ва арзишҳои муайяни сиёсӣ дар ҷомеа ба фарҳанги муайян такя намуда, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва макону замон ҳамчун омилҳои муҳим ба ташаккули шахс таъсири назаррас мерасонад.

Мафҳуми иҷтимоишавии сиёсӣ дар нимаи дуюми асри XX дар Аврупо пайдо гардид. Бори аввал мафҳуми «иҷтимоишавии сиёсӣ» соли 1959 аз ҷониби Герберт Хайман [4,106] мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин марҳала паҳн гардидани низоми демократӣ ва

арзишҳои демократӣ зарурати фаъолшавии мардумро дар ҳаёти сиёсӣ ба вуҷуд овард. Бинобар ин, аз ҷониби олимони Ғарб чанд пажӯҳиш оид ба масъалаи иҷтимоишавии сиёсӣ анҷом дода мешавад.

Ҳангоми баррасии масъалаи иҷтимоишавии сиёсӣ олимон ба ҷиҳатҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар яке аз консепсияҳо иҷтимоишавии сиёсӣ ҳамчун натиҷаи муносибати байнишахсӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Ин консепсия дар кори муҳаққиқон Ч.Х. Кули ва Ҷ.Г. Мида ба назар мерасад. Ба андешаи онҳо, ташаккулёбии шахс дар якҷоягӣ бо роҳи таъсиррасонӣ бо муҳити атроф ба вуҷуд омада, худмуайяннамоии шахс бо ҳаммонандкунӣ бо гурӯҳи иҷтимоӣ ва сиёсӣ сурат мегирад [6, 12].

Дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ самти инкишоф ва рафтори шахс ҳамчун модели иҷтимоишавӣ баромад мекунад.Ҷиҳатҳои сиёсии шахс маҳз зери таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа ташаккул ва инкишоф меёбад. Муҳаққиқони илми сиёсӣ Д. Истон ва Ҷ.Деннис иҷтимоишавии сиёсиро ҳамчун таъсири ҷомеа ба шахс бо мақсади дар ниҳоди ӯ ташаккул додани муносибати мусбат ба системаи сиёсӣ муайян намудаанд [3, 79]. Аз рӯйи ин консепсия шахс ҳамчун субъекти ғайрифаъол баромад карда, меъёрҳо ва стандартҳои рафтори сиёсии дар ҷомеа маъмулро қабул менамояд. Чунин раванди таъсиррасонӣ ва назорати шахс аз тарафи давлат имкон медиҳад, шахс ҳамчун субъекти мутобиқшаванда ба муҳити сиёсӣ ташаккул ёбад.

Чунин модел асосан хоси системаҳои сиёсии авторитарӣ ва тоталитарӣ мебошад, ки ҳокимият барои пурра зери таъсир нигоҳ доштани мардум раванди иҷтимоишавии сиёсии шахсро дар рӯҳияи комилан тобеъ будан ба низоми сиёсӣ ба роҳ мемонад. Мутобиқи консепсияи Д.Истон ва Ҷ.Деннис, иҷтимоишавии сиёсӣ раванди таълими модели иҷтимоӣ-сиёсӣ ба шахс буда, тавассути иҷро намудани тарзи рафтори муайяни сиёсӣ шахс вориди низоми сиёсии ҷомеа мегардад. Дар ин консепсия зарурати мустақилона қабул гардидани низоми сиёсӣ, қоида ва қонунҳои он аз тарафи шахс муайян мешавад. Дар ин робита аҳамияти ниҳодҳои иҷтимоишавии сиёсӣ – оила, мактаб, муассисаҳои динӣ, ки дар ташаккул додани тарзи рафтори шахс бо системаи сиёсӣ нақши мусбатро иҷро менамоянд, боло меравад.

Консепсияи дигари иҷтимоишавии сиёсӣ аз ҷониби Эрих Фромм манзур гардидааст, ки мутобиқи он раванди иҷтимоишавии сиёсии шахс аз таҷрибаи андӯхтаи ӯ дар давраи кӯдакӣ, ки зери таъсири таълиму тарбияи оила сурат гирифтааст, аҳамияти калон дорад [9, 48–55]. Ташаккули ҷисмониву маънавӣ ва равонӣ, донишу таҷрибаи андӯхтаи кӯдак ҳамчун пояи асосии инкишоф хизмат менамоянд. Дар марҳалаи баъдинаи

иҷтимоишавии сиёсӣ ҳангоми азхуд кардани донишҳо ва арзишҳои сиёсӣ он дар асоси донишу таҷрибаи дар хурдсолӣ касб намудааш инкишоф меёбад.

Ҳамчунин, олими немис Макс Вебер доир ба нақш ва мақоми омили иҷтимоӣ дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ назарияи худро пешниҳод намудааст. Макс Вебер чунин андеша дорад, ки шуури шахс дар алоқамандӣ бо гурӯҳе, ки ба он муталалиқ аст ва бо дарки нақши иҷтимоии хеш ташаккул ёфта, ба инкишофи ангезаҳои сиёсии ӯ мусоидат менамояд [2, 149]. Мувофиқи ақидаи ин олим, маҳз ба кадом гурӯҳи иҷтимоӣ марбут будани шахс ба ташаккули афкори сиёсӣ, азхуд кардани донишу тарзи рафтори сиёсӣ ва мутобиқшавии ӯ ба муҳити сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Яъне ба кадом табақаи иҷтимоӣ – табақаи аз лиҳози сатҳи зиндагии поён, миёнаҳол ва доро қарор доштан, ба чигунагии раванди иҷтимоишавии сиёсии шахс таъсири назаррас мегузорад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми ба иҷтимоишавии сиёсӣ алоқаманд ин гузариши арзишҳо аз як насл ба насли дигар мебошад. Дар ин робита ду самти иҷтимоишавии сиёсӣ муқаррар карда мешавад. Якум, уфуқӣ – аз калонсолон ба насли наврас; дувум, амудӣ – байни ҳамсолон, ки аз рӯйи системаҳои гуногуни фарҳангӣ, иҷтимоӣ, динӣ амалӣ мегардад. Аксари олимон ба навъи дуюми иҷтимоишавии сиёсӣ диққати бештар медиҳанд. Он аз оғози давраи ҷавонӣ, яъне тақрибан 15-солагӣ оғоз мешавад. Ба андешаи олими рус А.Панарин: «Дар байни охири давраи кӯдакӣ ва оғози калонсолӣ марҳилаи зуд аз бар намудани унсурҳои нави ҷомеа бо сурати афзоиш ва бо дигаргун намудани сарчашмаҳои он мавҷуд аст» [8, 361]. Ин марҳалаест, ки шахс вориди равандҳои сиёсӣ гардида, тарзи рафторҳои маъмули сиёсиро аз бар намуда, аз рӯйи фарҳанги сиёсии муайян рафтор менамояд. Дар ин давра, яъне байни марҳилаи наврасӣ ва ҷавонӣ давраи инкишофи донишҳои сиёсии эмпирикӣ ва таҷрибаи тоза дар дунёи сиёсат ба вуҷуд меояд. Рушди минбаъдаи насли нав мутобиқи талаботи ҷомеа, бардошти муҳити сиёсӣ ва манфиатҳо сурат мегирад.

Ҳар ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои фарҳангӣ ва мақсадҳои сиёсии хеш метавонад дар раванди ташаккули наврасону ҷавонон чунин низоми сиёсиеро тарҳрезӣ намояд, ки ниҳоят меросияти арзишҳои сиёси, фарҳангу одатҳои сиёсии наслҳо таъмин карда, ба сохтмони ҷомеаи модерн мусоидат намояд, зеро интиқоли арзишҳо, фарҳанги сиёсӣ, фарҳанги насли калонсол ба ҷавонон имкон медиҳад, ки суботи сиёсӣ ҳифз карда, устувории низоми сиёсӣ таъмин гардад. Ин ҷо иҷтимоишавии сиёсӣ ҳамчун маҷмӯи таъсиррасонии берунӣ ба шуури шахс тавассути фароҳам намудани шароити сиёсӣ бо воситаи ниҳодҳои сиёсӣ фаҳмида мешавад. Он

консепсияҳое, ки муҳаққиқони Ғарб оид ба иҷтимоишавии сиёсӣ коркард намудаанд, сад дар сад комил ва бе камбудӣ нестанд, зеро дар онҳо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии ҳар ҷомеа ба эътибор гирифта нашудааст. Онҳо бештар дар асоси таҷриба ва донишҳои ҷомеаи худ консепсияҳоро рӯйи кор оварданд, аммо ҳар ҷомеа хусусиятҳои хосси милливу динӣ ва фарҳангиро соҳиб буда, мухтассоти мазкур дар афкору андеша ва фарҳанги сиёсии ҷомеа таъсир мерасонанд. Имрӯз фарқ на танҳо байни ҷомеаҳои Шарқ ва Ғарб, ҳатто арзишҳои бунёдии байни ҷомеаҳои Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо аз ҷиҳати фарҳангу маданият ва таҷрибаи демократӣ наздик ҳастанд.

Дар ИМА афкори хонандагони мактаб аз рӯйи идеаликунонии сиёсӣ ташаккул бахшида мешавад, ки он минбаъд дар рафтору гуфтор ва мафкураи сиёсии ҳар амрикоӣ инъикоси худро меёбад. Аз хурдӣ дар мафкураи ҳар кӯдаки амрикоӣ ҳисси бузург ва идеалӣ будани низоми давлати Амрико, ҳисси ифтихор аз чунин давлат ва бартарияти он нисбат ба дигар давлатҳо ҷой дода мешавад. Дар мактаби миёна хонандагон маълумот доир ба Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, сарварони сиёсӣ ва чеҳраҳои таърихӣ маълумот мегиранд. Иҷтимоишавии сиёсӣ боз ҳам дар коллеҷу донишгоҳҳо, ки дар онҳо яке аз фанҳои муҳими таълимӣ сиёсатшиносӣ мебошад, идома меёбад. Дар ин марҳала унсурҳои нигилизми ҳуқуқӣ ва экстремизм аз шуури сиёсии онҳо берун карда мешавад. Толибилмон аз фанҳои сиёсатшиносии муқоисавӣ, сотсиология, фалсафа ва таърих донишҳое бардошт менамоянд, ки ба интихоби сиёсиашон лозиманд. Натиҷаи ин иҷтимоишавии сиёсӣ америкоикунонӣ, шаҳрвандӣ ватандӯст тарбиятшуда, ки аз таърих ва низоми сиёсии худ ифтихор дорад, ҳисобида мешавад [1, 483].

Раванди иҷтимоишавии сиёсӣ дар ҷомеаҳои дар шароити гузариш қарордошта, ки қоидаву меъёрҳои сиёсӣ барои фаъолияти шахс муқаррар нестанд ва мақоми пешинаи ниҳодҳои иҷтимоишавии сиёсӣ муайян нагардидааст, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаҳои дар шароити гузариш қарордошта дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ дар интиқоли арзишҳо ва фарҳанги сиёсӣ мушкилӣ ба вуҷуд меояд. Барои ин гуна ҷомеаҳо, ягон модели махсуси иҷтимоишавии сиёсӣ пешбинӣ нашудааст. Фарҳангҳои барои ҷомеа бегона мақоми назаррас пайдо намуда, ба афкору андешаи ҷавонон таъсири худро мерасонанд. Дар марҳалаи нав торафт нақши васоити ахбори омма боло рафта, ба раванди ташаккули афкори мардум, хоссатан наврасону ҷавонон, таъсири назаррас мерасонанд. Онҳо шакли муайяни тарзи рафтори сиёсӣ ва баранда будани фарҳанги сиёсии хосеро талқин менамоянд.

Ҳоло мақоми ВАО ҳамчун воситаи шаклдиҳандаи афкори омма на танҳо дар ҳаёти дохилии давлат, ҳамчунин, дар муборизаҳои сиёсиву идеологӣ аз ҷониби давлатҳо мавриди истифодаи васеъ қарор доранд. Сохторҳои қудратӣ ва амниятии давлатҳои абарқудрат барои расидан ба мақсадҳои сиёсии хеш аз навъҳои гуногуни ВАО истифода менамоянд. Тибқи вазифаи сафарбарнамоӣ ВАО тавассути фаъолияти худ одамонро ба сӯйи амалҳо мекашанд, аз дунболи фикру ақида хоса равона менамоянд ва ба сиёсат ворид мегардонанд. Ё худ зери таъсири ВАО одамон муташаккилона дар амалияти сиёсӣ ва фаъолияти сиёсӣ ширкат менамоянд. ВАО имконияти зиёди таъсиррасонӣ ба ақлу ҳуши одамонро доранд ва метавонанд тарзи рафтори онҳоро тағйир диҳанд. Инчунин, оммаро ба самте равона менамоянд, ки ҷиноятқорро мавриди назар намоянд ва ё ҷиноятқоро мавриди муҳокима қарор диҳанд, ки иҷрои ин вазифа ба танҳо бар зиммаи ВАО вогузор шудааст [13,161]. Минбаъд баробари торафт бештар дастрасӣ пайдо намудани шаҳрвандон ба интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири воситаҳои электронии иттилоот дар ташаккули афкори сиёсии омма боз ҳам афзун мегардад.

Яке аз падидаҳои нав дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ таъсири ҷаҳонишавӣ маҳсуб мешавад. Робитаи рӯзафзун байни фарҳангҳои гуногун, ошноӣ бо низоми демократӣ ва фарҳанги сиёсии ҷомеаҳои ғайр, пурзӯр гардидани фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоишавии сиёсӣ, барномаву консепсияҳо оид ба баланд бардоштани мақоми наврасону ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ва талаботи ҳаёти сиёсии кишвар, дар маҷмӯъ, омилҳое мебошанд, ки ҳар яке, дар навбати худ, ба раванди ташаккул ва инкишофи ҷиҳатҳои сиёсии шахс таъсири муайяни худро гузошта истодааст. Дар чунин шароит тарҳрезӣ гардидани консепсияи тарбияи сиёсии ҷавонон такя ба хислати миллӣ, ҷойгоҳи шахс дар ҳаёти ҷомеа, дурнамои рушди давлати миллӣ ва фароҳам намудани шароити лозима баҳри амалисозӣ кори ниҳоят муҳим ва арзишманди сиёсӣ мебошад.

Баъди баррасии масъалаи назариявии иҷтимоишавии сиёсӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ нақши муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ аввалиндараҷа мебошад.

2. Иҷтимоишавии сиёсӣ кори мавсимӣ ва ё ба солҳои муайяне маҳдуд намебошад. Он аз давраи кӯдакӣ оғоз карда, то фарҷоми умри одамӣ идома меёбад.

3. Чигунагии иҷтимоишавии сиёсӣ аз фарҳанги миллӣ, низоми сиёсӣ ва режими сиёсӣ сахт вобаста мебошад. Дараҷаи иштирок ва фаъолнокии

сиёсии шаҳрвандон бо дарназардошти талабот ва бардошти муҳити сиёсӣ паст ва ё баланд мегардад.

4. Ҳар давлат вобаста ба ҳадафу стратегияҳои худ метавонад, консепсияи иҷтимоишавии сиёсиро қабул ва амалӣ созад, зеро таълиму тарбияи сиёсие, ки шаҳрвандон аз рӯи ин ё он барнома фаро гирифта мешаванд, ниҳоят ба инкишофи фарҳанги сиёсии онҳо мусоидат менамояд.

5. Дар низоми давлати демократӣ бидуни тарҳрезии барномаи мушаххаси иҷтимоишавии сиёсӣ боло бардоштани саҳми шаҳрвандон дар инкишоф ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла идоракунии давлатӣ, номумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Алмонд Г., Пауэлл Ҷ., Стром К., Далтон Р. Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор / Сокр. пер. с англ. А.С. Богдановского, Л.А. Галкиной; Под ред. М.В. Ильина, А.Ю. Мельвиля. - М., 2002.

2. Вебер М. Основные понятия стратификации // социс. – 1994, №5. – Стр. 147–156.

3. Истон Д., Деннис Дж. Дети в политической системе: основа политической законности // Вестник МГУ. сер. 18. социология и политология. – 2001, № 3. – Стр. 76–97.

4. Ичилов О. Быть или не быть: политическая социализация в меняющемся мире / Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. – 2013. – №1. – Стр. 106-110.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 саҳ.

6. Кули Ч.Х. Человеческая природа и социальный порядок. – М.: Идея-Пресс, Дом интеллектуальной книги, 2000. – 320 с.

7. Паём ва рисолати созандаи он (Маҷмӯи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000-2016). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 516 саҳ.

8. Панарин А.С. Философия политики. – М.: Новая школа, 1996. – 423 стр.

9. Фромм Э. Характер и социальный процесс // Психология личности. Тексты / Под ред. Ю.б. Гиппе-нрейтер, А.А. Пузырея. – М.: МГУ, 1982. – 285 стр.

10. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. (2-е издание) – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.

11. Щербинин А.И. Что же будет с Родиной и с нами? (Предвзятые заметки о российской политической науке и проблемах политического образования) // Полис: Политические исследования. – 2003, № 4. – С.169–175.

12. Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба муносибати Иди Қурбон. 20.08.2018, шаҳри Душанбе. [Маводи электронӣ]. Сурогаи дастрасӣ: http://president.tj/node/18219). (Санаи мурочиат 28.01.2020 с.)

13. Яќубов Ҷ.К. Назарияҳо, методҳо ва вазифаҳои воситаҳои ахбори омма дар ҷомеаи муосир / Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). – Душанбе: ДМТ, 2018. – саҳ. 155-166.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ

САИДЗОДА ШУХРАТ ШУКУР,
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой политологии ТГУПБ,
735700, Таджикистан, г. Худжанд, 17 микрорайон,
тел.: +992-939-38-88-66, e-mail: shuhratst@mail.ru.

ШАЪБОНОВ НОРАЛИ НОРМИРЗОЕВИЧ,
кандидат политических наук, доцент, заведующей кафедрой политических процессов в Таджикистан ТНУ,
734020, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,
тел.: 90-420-46-29, e-mail:noralishabonov@bk.ru.

В демократическом обществе проблемы политического воспитания, адаптации подрастающего поколения к социально-политической среде и его активное участие в политических процессах имеют особое значение в политической жизни государства, что в политической науке называется политической социализацией. Изучается теория политической социализации. В ней анализируются сущность и возникновение политической социализации и концепций, разработанных зарубежными исследователями. В условиях глобализации, наряду с другими факторами, неуклонно возрастает влияние средств массовой информации, особенно электронных, на процесс политической социализации. Сформировано предложение, что национальным государствам, например Таджикистану, необходимо, исходя из особенностей собственной национальной культуры, разрабатывать оригинальную модель политической социализации, которая способствовала бы снижению негативного влияния глобализации на политическое мыш-

ление, повышению уровня политического участия и политической активизации граждан. В конце отражены основные выводы по теории политической социализации.

Ключевые слова: *сущность и возникновение политической социализации, теория политической социализации, концепции политической социализации, передача политических ценностей от одного поколения к другому, влияние глобализации, демократическая политическая система, Республика Таджикистан.*

THEORETICAL PROBLEMS OF POLITICAL SOCIALIZATION

SAIDZODA SHUHRAT SHUKUR,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Politology Department under the TSULBP,
735700, Tajikistan, Khujand,
tel. +992 939-38-88-66, e-mail: shuhratst@mail.ru

SHABONOV NORALI NORMIRZOEVICH,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Political Processes Department in Tajikistan TNU,
734020, Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave.,
tel.: 90-420-46-29, e-mail: noralishabonov@bk.ru

In a democratic society, the problems of political education, adaptation of the younger generation to the socio-political environment and its active participation in political processes are of particular importance in the political life of the state, which is called political socialization in political science. The theory of political socialization is being studied. It analyzes the essence and emergence of political socialization and concepts developed by foreign researchers. In the context of globalization, along with other factors, the influence of the media, especially electronic ones, on the process of political socialization is steadily increasing. A proposal has been formulated that national states, for example Tajikistan, based on the characteristics of their own national culture, need to develop an original model of political socialization that would help to reduce the negative impact of globalization on political thinking, increase the level of political participation and political activation of citizens. At the end, the main conclusions on the theory of political socialization are reflected.

Keywords: *essence and emergence of political socialization, theory of political socialization, concepts of political socialization, transmission of political values from one generation to another, the impact of globalization, democratic political system, Republic of Tajikistan.*

Адрес редакции: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 40,
тел.: (+992 37) 221-11-00; (+992 37) 221-16-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
E-mail: info@mts.tj

Ба матбаа 20.06.2020 таҳвил гардид. Чопаш 25.06.2020
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 12,75. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 2 (70). Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи хурди МТС-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40